# ПАНДУ ҲИКМАТ

## НАШРИ САВУМИ ТАКМИЛУ ТАСҲЕҲШУДА



Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 тоҷик 7-4 +83.3 (2 тоҷик)
П-23

Мураттиб *Муллоҷон Фозилов*

Муҳаррир *Асрори Раҳмонфар*

П-23 **Панду ҳикмат. Нашри савуми такмилу тасҳеҳшуда.** –Душанбе: «Адиб», 2016, 480 саҳ.

Махзани панду ҳикмате, ки дар даст доред, дар заминаи гуфтаҳои судманди мардуми ҳикматнисор ва суханварони ҳикматнигори форсу тоҷик аз ҷониби донишманди маъруфи тоҷик, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, узви вобастаи АИ РСС Тоҷикистон, шодравон Муллоҷон Фозилов (1914-1977) гирдоварӣ шуда, пеш аз ин ду дафъа ба чоп расидааст.

Китоб барои тамоми табақаҳои ҷомеа, махсусан, аҳли таълиму тарбия, падару модарон, суханвару зиёиён раҳнамои хубе метавонад буд.

ISBN 978-99947-2-460-4

©Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961.
©Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963.
© Нашриёти «Адиб», 2016.

# ЧАНД СУХАН БА ҶОИ САРСУХАН

«Халқ соҳибҳунартарин эҷодкор аст. Эҷодиёти халқ аз навъҳои олитарину ҳикматэсортарин санъат мебошад; он чӣ ки дар лавҳи хотири халқ нақш бастааст, умри дароз мебинад, халқ садҳо сол фаромӯшаш намекунад. Халқ, бемуболиға, ҷӯяндаи тилло, ҷӯяндаи марворид аст; аз ҳар чиз беҳтаринашро ҷудо карда, дар худ нигоҳ медорад ва аз насле ба насле мерасонад; дар давоми даҳсолаҳои зиёде қисми қиматноктарину пандомӯзтарини онро сайқалу ҷило медиҳад» (М.И.Калинин).

Панду ҳикмат ва суханони хирадмандона, ки дар адабиёти даҳониву китобии халқи тоҷик хеле пурбаракат мебошанд, асрҳо инҷониб дар ҳаёти моддӣ ва маънавии халқамон мавқеъи ниҳоятдараҷа бузурге доштаанд. Чӣ тавре ки ҳар як халқ панду ҳикмати аҷдоду бузургони худашро дӯст медорад, халқи тоҷик низ нисбат ба суханони ҳакимонаи гузаштагони худ, ки дар зиндагӣ чун дастурулламал хизмат кардаанд, ҳурмату эҳтироми бағоят самимонае доштааст. Аз ин рӯ, дар муомилоту муошироти зиндагӣ дар мавқеъи муносиб кор фармудани ин ва ё он зарбулмасал ё панду ҳикмати хирадмандон расм гардидааст.

Шумораи зарбулмасалу мақолу панду ҳикмат, ки дар адабиёти халқиву китобии тоҷикӣ маълум ҳастанд, хеле бисёр аст; аммо афсӯс, ки ҳоло ҳам онҳо гирд оварда нашудаанд. Ҷамъ овардан, омӯхтан ва, ниҳоят, дастраси омма гардондани онҳо вазифаи имрӯзаи мо мебошад, зеро аксари он гуфтаҳои ибратбахш ҳанӯз қадру қимати худро дар таълиму тарбияи насли ҷавон гум накардаанд.

Гирдоварандаи ин маҷмӯа дар аснои таҳқиқу омӯзиши забони тоҷикӣ ва танзими луғати он дар осори классикони адабиёти гузаштаву ҳозира ва таълифоти олимони тоҷик ба бисёр зарбулмасалу мақолу ҳикмат дучор омада, дарёфт, ки ҷамъу нашр ва таҳқиқу тадқиқи ҳикмати халқу адабиёти классикиамон ҳанӯз ғайриқаноатбахш мебошад. Аз ин рӯ, бо мақсади ёрӣ расондан ба корҳои амалии та-

шаббускорони ин соҳа ва беш аз пеш дастраси оммаи васеъ гардондани шаммае аз он гавҳари ноёб, ин мухтасар омодаи чоп карда шуд. Албатта, панду ҳикмате, ки дар ин китоб гирд оварда шудаанд, қатраи хурде аз баҳранд.

Хотирнишон бояд намуд, ки дар ҷараёни ҷамъоварии панду ҳикмат аз осори нависандагони адабиёти классикӣ баъзе душвориҳо ба миён меоянд, ки онҳоро ба инобат бояд гирифт.

Аввалан, ба қадри кифоя дастрас набудани аксари асарҳои муаллифони гузашта мебошад, яъне, имрӯз адабиётшиносони тоҷик куллиёт ё асарҳои ҷудогонаи илмии муаллифони гузаштаро хеле кам ба чоп тайёр намудаанд. Албатта, набудани чопи илмӣ кори ба таври мукаммал ҷамъ овардани панду ҳикматро аз асарҳое, ки иборат аз ҳазорҳо ҷилд мебошанд, душвор мегардонад. Дигар он, ки дар вақти ба алифбои ҳозира гардондани ин дурдонаҳо ба вазну маънояшон риоя кардан, хатоҳои котибони бешумори асарҳоро ислоҳ намудан чандон осон нест.

Маҷмӯа аз манбаъҳои зерин гирд оварда шуд:

1.Аз осору куллиёти шоирон, аз қабили «Шоҳнома»-и *Абулқосими Фирдавсӣ*, «Куллиёт»-и *Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ*, «Ҳафт авранг»-и *Абдураҳмони Ҷомӣ* ва дигарон; мунтахаботи классиконе, ки то имрӯз ба табъ расидаанд, монанди «Осори Рӯдакӣ», «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», «Маҷмӯаи шеърҳо»-и *Абӯалӣ ибни Сино*, *Умари Хайём*, *Хусрави Деҳлавӣ*, «Мунтахаби девон»-и *Ҳофизи Шерозӣ*,*Камоли Хуҷандӣ*, *Бадриддини Ҳилолӣ*, *Шамсиддини Шоҳин* ва дигарон.

2. Аз осори илмии баъзе муаллифон, монанди «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и *Садриддин Айнӣ*, «Биноӣ»-и Абдулғанӣ Мирзоев, «Мирзо *Абдулқодири Бедил*»-и Садриддин Айнӣ, «Саййидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-и Абдулғанӣ Мирзоев ва дигарон.

3. Аз осори шоирону нависандагони советие, ки дар ҳаёт нестанд (*Садриддин Айнӣ*, *Абулқосим Лоҳутӣ*, *Пайрав Сулаймонӣ*) ва баъзе мақолаҳое, ки дар журналу

рӯзномаҳо чоп шудаанд.

4. Аз «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ», ки В. Асрорӣ, А. Писарчик, С. Тоҷиддинов, М. Ҳамидҷонова ба табъ расондаанд.

Барои осон шудани истифодаи хонандагони муҳтарам панду ҳикматҳо ба бобҳо ва мавзӯъҳои гуногун ҷудо карда шуданд. Чунин тақсимоти дурдонаҳо, ки аз ҷиҳати маънӣ хеле амиқ мебошанд, як дараҷа шартист. Барои зиёд шуда нарафтани мавзӯъҳо баъзе панду ҳикматҳое, ки миқдоран хеле кам буданд, ба таври шартӣ дар мавзӯъи «Насиҳат» ва боби «Гуногун» оварда шуданд.

Панду ҳикмати шоирону нависандагон мувофиқи хронологияи гӯяндагон оварда шуданд. Дар мавориде, ки панду ҳикмат ва зарбулмасалу мақолҳо аз китобҳои гуногун гирифта шудаанд, танҳо номи китобҳо таъкид ёфтаанд. Пас аз ин як қатор панду ҳикмати лоадрӣ оварда шуданд, ки таъйини муаллифонашон алҳол дастамон надод.

Маҷмӯа таҷрибаи аввалини ҷамъ овардани панду ҳикматҳои шоирону нависандагони адабиёти мо мебошад. Лозим аст, ки панду ҳикмат ва афоризмҳои роҳбарони партия, ҳукумат ва нависандагони забардасти давраамон ба таври бояду шояд дар маҷмӯаҳои алоҳида ва мукаммалтар аз ин гирд оварда шаванд.

Албатта, камбудиву нуқсони ҷойдоштаи маҷмӯа бо ёрии рафиқонаи хонандагони гиромӣ ислоҳ хоҳанд шуд.

Ниҳоят, ба номзади фанҳои филологӣ, муаллими аввалинам Шарифҷон Ҳусейнзода, ки дар ман меҳру муҳаббати омӯхтани забону адабиётро бедор намуда, дар тартиб додани маҷмӯа ёриву маслиҳат расонданд, аз таҳти дил миннатдорӣ изҳор менамоям. Инчунин, ба номзадҳои фанҳои филологӣ Муҳаммадҷон Шукуров, Абдулқодир Маниёзов ва ходимони илмии Институти забон ва адабиёти АФ Тоҷикистон рафиқон С. Салоҳ, Х.Отахонова, С. Сайфуллоев ва М. Азизӣ, ки барои беҳтар шудани сифати китоб мулоҳизаҳои пурқимат гуфтанд, ташаккур баён менамоям.

*Муллоҷон Фозилов*

## БАРОИ НАШРИ ДУВУМИ КИТОБ

Нашри якуми китоб моҳи августи соли 1961 ба амал омада буд. Азбаски адади нашри он на чандон бисёр (7000 нусха) буд, дар зарфи чанд моҳ аз тарафи китобдӯстон харида шуда, тамоман ноёб гардид.

Ба китоб дар газетаву журналҳои марказӣ паси ҳам тақризҳо навишта, камбудиву муваффақиятҳои он ҳаққона қайд карда шуданд. Тақризҳои А.Усмонов (газетаи «Ҳақиқати Ленинобод», аз 11 ноябри соли 1961), Ҳамид Маҷидов («Комсомоли Тоҷикистон», аз 26 ноябри соли 1961), Ҷумъабой Азизқулов («Шарқи Сурх», № 11, соли 1961), Б. Ҳамдам (журнали «Тоҷикистон», № 1, соли 1962) ва, ниҳоят, тақризи Ш.Камол ва Б.Ғанӣ (газетаи «Маориф ва маданият», аз моҳи марти соли 1962) чоп гардиданд.

Тартибдиҳандаи китоб ба ҳамаи тақризнависони худ ва, инчунин, ба рафиқон И. Ализода ва Н. Муллоқандов, ки бодиққат ин китобро хонда, барои беҳтар шудани сифати он таклифҳои пурқимат пешниҳод намуданд, миннатдории худро изҳор мекунад.

Нашри навбатии китоб бодиққат таҳриру тасҳеҳ карда, бар он иловаҳои зиёде аз осори бузургони адабиёти тоҷик-форс, инчунин, аз «Амсолу ҳикам»-и Алиакбари Деҳхудо ва «Суханони бузургон»-и нашри Эрон, дохил карда шуд.

***Гирдоваранда***

# I. МОЯИ ҲАЁТ

## 1. МЕҲНАТ

Дари комгорӣ ба ганҷ андар аст,
Раҳи ганҷ ҷустан ба ранҷ андар аст.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ба ранҷ андар орӣ танатро, равост,
Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост.
Ба ранҷ андар аст, эй хирадманд, ганҷ,
Наёбад касе ганҷ, нобурда ранҷ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Таносонию коҳилӣ дур кун,
Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун,
Ки андар ҷаҳон суди беранҷ нест,
Касеро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бидоред кори ҷаҳонро ба ранҷ,
Ки аз ранҷ ёбад сарафроз ганҷ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Таносон шавад, ҳар ки ранҷ оварад,
Зи ранҷи танаш бори ганҷ оварад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ту коре, ки дорӣ, набурдӣ ба сар,
Чаро даст ёзӣ ба кори дигар?

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар ҳар ки дорад зи ҳар кор нанг,
Бувад зиндагонию рӯзиш танг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агарчанд бифзояд аз ранҷ ганҷ,
Ҳама ганҷи гетӣ наярзад ба ранҷ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама кори бегоҳ бебар бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар чи осон шавад ба охир кор,
Бошад оғозҳои он душвор.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Агар хоҳӣ, ки зиндагонӣ ба осонӣ гузаронӣ, равиши худро бар рӯи кор дор!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ранҷи имрӯзин осудани фардоин бувад ва осудани имрӯзин ранҷи фардоин.

*Унсурулмаолии Кайковус*

То ранҷи кеҳтарӣ бар хештан нанихӣ, ба осоиши меҳтарӣ нарасӣ…

*Унсурулмаолии Кайковус*

Зи осонӣ наёяд шодкомӣ,
Зи беранҷӣ наёяд некномӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ҳар он коре, ки чора-ш пеш созӣ,
Чу коми дил биёбӣ, беш нозӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Нашояд ёфт бе ранҷ аз ҷаҳон ганҷ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Гарат ганҷ бояд, ба тан ранҷ бар,
Ки дар ранҷи тан ёбӣ аз ранҷ бар.

*Асадии Тӯсӣ*

Нашояд беҳӣ ёфт бе ранҷу бим,
Ки беранҷ кас н-орад аз санг сим.

*Асадии Тӯсӣ*

Дил аз дерии кор ғамгин мадор,
Ту некӣ талаб кун, на зудии кор!

*Асадии Тӯсӣ*

Ба коре, ки анҷоми он нопадид,
Мабар даст, к-он ройро кас надид.

*Асадии Тӯсӣ*

Туро чун набошад ғами кори хеш,
Ғами ту надорад касе аз ту беш.

*Асадии Тӯсӣ*

Мафармой коре ба-дон коргар,
К-аз он кор натвонад омад бадар!

*Асадии Тӯсӣ*

Ҳар кас ки ба тобистон дар соя бихусбад,
Хобаш набарад гурсуна шабҳои зимистон.

*Носири Хусрав*

Агар коре кунӣ, музде ситонӣ,
Чу бекорӣ, яқин, бемузд монӣ.

*Носири Хусрав*

Беҳ аз сонеъ ба гетӣ муқбиле нест,
Зи касби даст беҳтар ҳосиле нест.

*Носири Хусрав*

Бар даст магир чун сабуксорон,
Коре, ки ба сарш бурд натвонӣ.

*Носири Хусрав*

Зи касби даст набвад ҳеҷ оре,
Беҳ аз максаб набошад ҳеч коре.

*Носири Хусрав*

Зи кор гардад мардум бузургу номовар.

*Масъуди Саъди Салмон*

Биё, бикаш ҳама ранҷу маҷӯй осонӣ,
Ки кори гетӣ бе ранҷ менагирад соз.

*Масъуди Саъди Салмон*

Дар ҷаҳон касе нест, ки вуҷудаш барои коре ба дард нахурад.

*Низомулмулк*

Биё, ки умр чу боди баҳор мегузарад,
Ба кор бош, ки ҳангоми кор мегузарад!

Амъаки Бухорой

Кор кун, кор, бигзар аз гуфтор,
К-андар ин роҳ кор бояд, кор.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар куҷо роҳатест, сад ранҷ аст,
Зери ранҷ андарун дусад ганҷ аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Айб бошад ба хона-андар мард,
Мардро кору шуғл бояд кард.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Нест бе ранҷ роҳати дунё.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Кард пеш ору гуфт кӯтаҳ кун!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Наштар хурӣ, ар бештар хурӣ ҳалво!

*Афзалуддини Хоқонӣ*

Ба дасти касон кони гавҳар макан,
Агар зиндаӣ, дасту пое бизан!

*Низомии Ганҷавӣ*

Он шуғл талаб зи рӯйи ҳолат,
К-аз карда набошадат хиҷолат.

*Низомии Ганҷавӣ*

Кори пуркарда кай бувад душвор?!

*Низомии Ганҷавӣ*

Як замон кор аст, бигзору битоз,
Кори кӯтаҳро макун бар худ дароз!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Чун зи чоҳе меканӣ ҳар рӯз хок,
Оқибат андаррасӣ дар оби пок.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар ки ранҷе бурд, ганҷе шуд падид.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар ки ҷидде кард, дар ҷидде расид…

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар ки нон аз амали хеш хурад,
Миннат аз Ҳотами Тойӣ набарад!

*Саъдии Шерозӣ*

Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад,
Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард.

*Саъдии Шерозӣ*

То ранҷ таҳаммул накунӣ, ганҷ набинӣ,
То шаб наравад, рӯз падидор набошад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки дона нафишонад ба зимистон дар хок,
Ноумедӣ бувад аз дахл ба тобистонаш.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Мӯр гирд оварад ба тобистон,
То фароғат бувад зимистонаш.

*Саъдии Шерозӣ*

Музд хоҳӣ, ба кор кардан кӯш!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷаве баҳра кардан зи касби ҳалол
Беҳ аз ганҷ бурдан ба ғасби вабол.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Касе, к-ӯ ангабин ҷӯяд, чӣ бок аз неши занбӯраш?!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Кори халқеро ба тадбири ту бозандохтанд,
Чун ту худ тадбири кори худ намедонӣ, чӣ суд?

*Рукниддини Авҳадӣ*

Агар он ганҷи гарон металабӣ, ранҷ бибар,
Гул, мапиндор, ки бе заҳмати хоре бошад!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Чун рӯзгор ҳаст ба тасҳиф рӯзи кор,
Пас, рӯзи кор хонданаш беҳ, ки рӯзгор.

Яъне, ки рӯзи кор кунун аст, кор кун,
К-ин рӯз чун гузашт, дигар нест рӯзи кор.

*Ибни Ямин*

Кор карда намешавад ба сухан…

*Ибни Ямин*

Ҳар киро аз пайи кори дигаре сохтаанд…

*Ибни Ямин*

Ба роҳате нарасид, он ки заҳмате накашид.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Фаровон шуғлҳоро андаке кун,
Зи олам рӯи шуғл андар яке кун!
Агар бошад шаби торик, агар рӯз,
Ба ҳар вақте ки бошад, дил дар ӯ дӯз!
Вагар н-ояд туро ин давлат аз даст,
Нашояд ори бекорӣ ба худ баст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Марди косиб, к-аз машаққат мекунад кафро дурушт,
Баҳри ноҳамвории нафси дағал сӯҳонгар аст.
Соғари роҳат бувад аз касб бар каф обила,
Вақти он кас хуш, ки роҳатёфта з-ин соғар аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу дидӣ кор, рӯ дар коргар ор,
Қиёси коргар аз кор бардор.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Зи кори хом кас суде надорад,
Чу ҳалво хом бошад, иллат орад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Оре, ҳар кас барои корест,
Ҳар шер сазои марғзорест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Яъне, он зинда, к-ӯ кунад ҳаракат,
Ҳаракат чун кунад, барад баракат.

*Камолиддини Биноӣ*

Даст агар дар кор машғул аст, по осуда аст.

*Сайидои Насафӣ*

Бишав танҳо, бирав бар сӯи коре,
Ки аз меҳнат набошад нангу оре!

*Роғиби Самарқандӣ*

Кор мушкил шавад он гоҳ, ки мушкил гирӣ,
Гарш аз аввал шумарӣ осон, осон гузарад.

*Ҳабиби Коонӣ*

…Кори ханҷари бурранда н-ояд аз сӯзан.

*Ҳабиби Коонӣ*

Бе заҳмату кор нон намебояд хӯрд,
Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.
Ноне, ки бувад ҳосили ранҷи дигарон,
Гар ҷон биравад, аз он намебояд хӯрд.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Гар он ки дар бисоти замин коргар набуд,
Дунё набуду илм набуду ҳунар набуд.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Кардан аз фармудан муҳимтар аст.

*«Кимиёи саодат»*

Ҳар ки ба чашми хирад оқибати кор тавонад дид, чун ба-дон расад, андӯҳгин набошад.

*«Таърихи гузида»*

Кори нокарда ба карда машмаред!

*«Таърихи гузида»*

Бирав, кор мекун, магӯ чист кор,
Ки сармояи ҷовидонист кор.

* * *

Кор чу аз рӯи ақл бошаду дониш,
Нарм шавад ҳамчу мум оҳану фӯлод.

* * *

Заминро дона деҳ, то хирман даравӣ,
Тӯтиро шакар деҳ, то сухан шунавӣ!

* * *

Тухми меҳнат ҳар ки корад, ранҷи дил бор оварад.

* * *

Рӯзӣ бо пои худ аз дари касе дарун наёяд.

* * *

Гар ту душвор нагирӣ, ҳама кор осон аст.

* * *

Кори бузург мояи иззат аст, на номи бузург.

* * *

Нӯши сафо бе нӯши ҷафо набошад.

* * *

Касби бозу қуввати ҷону тан аст.

* * *

То дастат мерасад, коре бикун!

* * *

Ранҷ бикашӣ, то ба ганҷ бирасӣ.

* * *

Кори худро худ бикун, то нек ояд кори кас.

* * *

Ҳеч кас нахоҳад, ки кори ту кунад.

* * *

Нӯш хоҳӣ, неш мебояд чашид.

* * *

Корро кӣ кард? Он ки тамом кард.

* * *

Коре, ки на кори туст, зинҳор макун!

* * *

Кор ҷавҳари мардро зиёд мекунад.

* * *

Зери ранҷ бувад ганҷҳои пинҳонӣ.

* * *

Ранҷ чун одат шавад, осудагист.

* * *

Касеро сазад ганҷ, к-ӯ дида ранҷ.

* * *

Корро адо кун, баъд иддао кун!

* * *

Ранҷи сахт калиди бахт аст.

* * *

Коргарро дар кор тавон шинохт.

* * *

Кори нокардаро музд набошад.

* * *

Ранҷи мо–ганҷи мо.

* * *

Русурхии одам кор аст.

## 2.ҲУНАР

Гуҳар кай шуморӣ ту беш аз ҳунар,
Зи баҳри ҳунар шуд гиромӣ гуҳар.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,
Ҳунармандро гавҳар ояд ба кор.
Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад,
Равонат хаме аз ту ромиш барад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҷавонони донандаи богуҳар
Нагиранд бе озмоиш ҳунар.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳунар беҳтар аз гавҳари нобакор,
Ки гирад туро марди донанда хор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу пурсанд пурсандагон аз ҳунар,
Нашояд, ки посух диҳӣ аз гуҳар.
Ҳар он кас, ки ҷӯяд ҳаме бартарӣ,
Ҳунарҳо бибояд ба д-ин доварӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳунар бартар аз гавҳари нопадид.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Мард ба ҳунар ном гирад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Бо мардуми беҳунар дӯстӣ мадор, ки мардуми беҳунар на дӯстиро шояд ва на душманиро.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ҳеч ганҷе беҳ аз ҳунар нест.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Тавонгартар он кас, ки хурсандтар,
Чу волост он, к-ӯ ҳунармандтар.

*Асадии Тӯсӣ*

Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст.

*Носири Хусрав*

Андар ҷаҳон чу беҳунарӣ айбу ор нест,
Бо фахру бо ҳунар зию бе айбу ор бош!

*Сӯзании Самарқандӣ*

Бешӣ зи ҳунар талаб, на аз мол!

*Авҳадии Анварӣ*

Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ!

*Низомии Ганҷавӣ*

Касе, к-ӯ дар ҳунар бардошт ранҷе,
Бихар ҳар нуктаи он кас ба ганҷе!

*Фаридуддини Аттор*

Аз ҳунари хеш кушо синаро,
Моя макун нисбати деринаро!
Оби гуҳарҳои куҳанро маҷӯй,
Дур чу куҳан гашт, шавад зардрӯй!

*Саъдии Шерозӣ*

Агар ҳаст мард аз ҳунар баҳравар,
Ҳунар худ бигӯяд, на соҳибҳунар.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда, ва гар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо, ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад.

*Саъдии Шерозӣ*

Тавонгарӣ ба ҳунар аст, на ба мол, бузургӣ ба хирад аст, на ба сол.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳунар ба чашми адоват бузургтар айб аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳунар пояи мард афзун кунад,
Сар аз ҷайби иқбол берун кунад.
Ҳунарманд ҳар ҷо бувад сарфароз,
Куҷо боҳунар шуд асири ниёз?!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҳунар, к-ӯ масал ҳаст дар тору пуд,
Ҳунармандро сар наёрад фуруд.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҳунар ҳар куҷо афканад сояе,
Чу зилли ҳумояш диҳад пояе.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Тан ба дуди чароғу бехобӣ
Нанифодӣ, ҳунар куҷо ёбӣ?

*Рукниддини Авҳадӣ*

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Ганҷу зар пеши ҳунар чизе нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,
Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ!
Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардумон азиз аст.
Дар мавсими қудрати ҷавонӣ
Нақде ба каф ор, то тавонӣ!

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Рӯ намеорад ба хони ҳеч кас соҳибҳунар,
Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехурад.

*Сайидои Насафӣ*

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,
З-иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд.

*Абдулқодири Бедил*

Ҳар ки бошад қарини аҳли ҳунар,
Зуд ёбад ба ҳар мурод зафар.

*«Калила ва Димна»*

Аҳли ҳунар гар ба шуморе дуранд,
Беҳунарон низ ба коре дуранд.

* * *

Мардро эътибор дар ҳунар аст,
Кон гаронмоя аз паи гуҳар аст.

* * *

Касе, к-ӯ надорад ҳунар дар ҷавол,
Наярзад баҳои шикастасафол.

* * *

Ҳунарпеша бояд ҳунарро ошкору худро пинҳон кунад.

* * *

Ҳунар чу мушк бувад, мушк кай ниҳон гардад?!

* * *

Одамиро нисбат ба ҳунар аст, на ба падар.

* * *

Ҳунарпеша офарандаи зебоист.

* * *

Аз зарри падар ҳунар беҳ.

* * *

Ҳунар аз дониш. дониш аз хониш.

* * *

Дасти беҳунар кафчаи гадоист.

## 3. ИЛМУ ДОНИШ

Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ!

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Донишо, чун дареғам ойӣ аз он-к
Бебаҳоӣ, валек аз ту баҳост.

Бе ту аз хоста мабодам ганҷ,
Ҳамчунин зорвор бо ту равост.

*Шаҳиди Балхӣ*

Донишу хостаст наргису гул,
Ки ба як ҷой нашкуфанд ба ҳам.
Ҳар киро дониш аст, хоста нест,
В-он киро хостаст, дониш кам.

*Шаҳиди Балхӣ*

Касе, к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,
На ӯ бозмонад, на омӯзгор.
Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану бофтан.

*Абӯшакури Балхӣ*

Чу пухта шавад, талх ширин шавад,
Ба дониш сухан гавҳарогин шавад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Сипоҳ андаку раъю дониш фузун
Беҳ аз лашкари гушни бераҳнамун.

*Абӯшакури Балхӣ*

Хирадманд гӯяд, ки таъйиду фар
Ба дониш ба мардум расад, на ба зар.

*Абӯшакури Балхӣ*

То бад-он расида дониши ман,
Ки бидонам ҳаме, ки нодонам.

*Абӯшакури Балхӣ*

Зи доно бипурсид пас додгар,
Ки: «Фарҳанг беҳтар бувад ё гуҳар?».
Чунин дод посух бад-ӯ раҳнамун,
Ки: «Фарҳанг бошад зи гавҳар фузун;

Ки фарҳанг ороиши ҷон бувад,
Зи гавҳар сухан гуфтан осон бувад.
Гуҳар бе ҳунар зору хор асту суст,
Ба фарҳанг бошад равон тандуруст».

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.
Ба ранҷ андар орӣ танатро, равост,
Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост.
Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,
Биёбӣ зи ҳар донише ромише.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба дониш бувад мардро обрӯй,
Ба бедонишӣ, то тавонӣ, мапӯй!
Ба коре, ки зебо набошад, касе
Набояд, ки ёд оварад з-он басе,
Ки худро бад-он хира расво кунад
Ва гарчанд кирдори воло кунад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он мағз, к-ӯро хирад равшан аст,
Зи дониш ба гирди танаш ҷавшан аст.
Кас онро набуррад, магар теғи марг,
Шавад мум аз он теғи пӯлод тарг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба дониш бувад ҷону дилро фурӯғ,
Нигар, то нагардӣ ба гирди дурӯғ.
Зи дониш дари бениёзӣ маҷӯй,
Агарчанд аз ӯ сахтӣ ояд ба рӯй.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки дониш фаромуш кунад,
Забонро зи гуфтор хомуш кунад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ ҷаҳонро бувад хостгор,
Варо дониш ояд, на гавҳар ба кор.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Биёрой дилро ба дониш, ки арз
Ба дониш бувад, чун бидонӣ, биварз!
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба дониш бувад мардро айманӣ,
Бибандад зи бад дасти оҳарманӣ.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Зи гуфтору кирдор беҳтар бувад.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,
Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Дилат дор зинда ба фарҳангу ҳуш,
Ба бад, то тавонӣ, ба гетӣ макӯш!
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар онро, ки дониш бувад тӯша бурд,
Бимирад танаш, ном ҳаргиз намурд.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба ҳар кор кӯшо бибояд шудан,
Ба дониш ниюшо бибояд шудан.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухан санҷу диnoру ганҷе масанҷ,
Ки бар дониши мард хор аст ганҷ!
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касеро зи дониш надидем ранҷ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Магӯ чизе, ки дар дониш нагунҷад,
Хирад ӯро ба як ҷав барнасанҷад.

*Фахриддини Гургонӣ*

На сер ояд аз ганҷу дониш касе,
На кам гардад, ар з-ӯ бибахшӣ басе.
Беҳ аз ганҷи дониш ба гетӣ куҷост?!
Киро ганҷи дониш бувад, подшост!

*Асадии Тӯсӣ*

Касе, к-аш равон шуд ба дониш ҷавон,
Гараш тан бимирад, намирад равон.

*Асадии Тӯсӣ*

Чу дониш надорӣ, ба коре дарун
Набошад туро чора аз раҳнамун.

*Асадии Тӯсӣ*

Ду мард аст марди тавонову доно,
Ҷуз ин ҳар ки бинӣ, ба мардон-ш машмар!
Тавоност бар дониши хеш доно,
На доност он, к-ӯ тавоност бар зар.
Ҳазорон тавон ёфт ханҷар ба дониш,
Яке илм натвон гирифтан ба ханҷар.
Ба дониш тавонӣ расид, эй бародар,
Аз ин кӯи ағбар ба хуршеди ахзар.

*Носири Хусрав*

Аз илм сипар кун бар ҳаводис,
Аз илм қавитар сипар набошад.
Ҳар к-ӯ сипари илм пеш гирад,
Аз захми ҷаҳонаш зарар набошад.

*Носири Хусрав*

Ба дониш шод гардӣ аз дилу ҷон,
Ки бедониш бувад ҷовид ҳайрон.

*Носири Хусрав*

Илму ҳикматро талаб кун, гар тараб ҷӯӣ ҳаме,
То ба шохи илму ҳикмат пуртараб ёбӣ рутаб.

*Носири Хусрав*

Ҷамоли мардумӣ дар ҳилм бошад,
Камоли одамӣ дар илм бошад.

*Носири Хусрав*

Тан ба ҷон зинда-ст, ҷон зинда ба илм,
Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст.

*Носири Хусрав*

Наздики хирад гавҳари баҷоро
Аз дониш беҳ ҳеч кимиё нест.

*Носири Хусрав*

Зебо ба илм шав, ки на зебояст,
Он кас, ки ӯ ба дебо зебо шуд.

*Носири Хусрав*

Дар ҳикмату илм аст ҷамоли тани мардум,
На дар ҳашам асту на ҷалол асту ҷамол аст.

*Носири Хусрав*

Чун паст бувадт қомати дониш,
Чун сарв чӣ суд мар туро боло?

*Носири Хусрав*

То илм наёмӯзӣ, некӣ натавон кард.

*Носири Хусрав*

Марг ҷаҳл асту дониш зиндагӣ.

*Носири Хусрав*

Илм бо кор судманд бувад,
Илми бекор пойбанд бувад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Илм, к-аз баҳри ҳашмат омӯзӣ,
Ҳосилаш ранҷ дону бадрӯзӣ.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Илми беҳилм шамъи бенур аст,
Ҳар ду бо ҳам чу шаҳду занбӯр аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Илм, к-аз ту туро набистонад,
Ҷаҳл аз он илм беҳ бувад бисёр.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Илм, к-аз баҳри боғу роғ бувад,
Ҳамчу мар duздро чароғ бувад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Илми беҳилм хоки кӯй бувад,
Илми боҳилм обрӯй бувад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Илм агар андак бувад, хораш мадор,
З-он ки дорад илм қадри бешумор.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки дорад донишу ақлу тамиз,
Аҳли ақлу илмро дорад азиз.

*Фаридуддини Аттор*

Ҷумла торикист ин миҳнатсарой,
Илм дар вай чун чароғи раҳнамой.

*Фаридуддини Аттор*

Илм чун бар дил занад, ёре шавад,
Илм чун бар тан занад, боре шавад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Даъво макун, ки бартарам аз дигарон ба илм,
Чун кибр кардӣ, аз ҳама нодон фурӯтарӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар чи дорӣ, бидеҳу давлати маънӣ биситон,
То чу ин неъмати зоҳир биравад, он монад.

*Саъдии Шерозӣ*

Банӣ - Одам аз илм ёбад камол,
На аз ҳашмату ҷоҳу молу манол.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар рӯзӣ ба дониш дарфузудӣ,
Зи нодон тангрӯзитар набудӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Мард, ки дониш зи паи об ҷуст,
Даст зи дониш ҳам аз он об шуст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Илм ҳамон аст ба таҳқиқу бас,
К-аз раҳи таҳқиқ барорӣ нафас.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Илм, к-аз аъмол нишонеш нест,
Колбаде дораду ҷонеш нест.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Илмро дузд бурд натвонад,
Бо аҷал низ мурд натвонад.
На ба майли замон хароб шавад,
На ба сайли замин дар об шавад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Илм неру диҳад камолотро,
Ақл иҷобат кунад суолотро.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Илм нур асту ҷаҳл торикӣ,
Илм роҳат барад ба борикӣ.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Илм рӯи туро ба роҳ орад,
Бо чароғаш ба пешгоҳ орад!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Илмро доми молу ҷоҳ масоз,
Бар раҳи худ зи ҳирс чоҳ масоз!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Илм дилро ба ҷои ҷон бошад,
Сари беилм бадгумон бошад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҷавҳари илм ҳамчу зар бошад,
Ки чу куҳна-ст, тозатар бошад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ту ба-дон омадӣ, ки кор кунӣ,
В-аз ҷаҳон дониш ихтиёр кунӣ.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Илм баҳри камол бояд хонд,
На ба савдои мол бояд хонд.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Илм дорӣ, зи кас мадор дареғ,
Бар дили ташнагон бибор чу меғ!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Нест оби ҳаёт ҷуз дониш,
Нест боби наҷот ҷуз дониш!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.
Дар талаби илм камар чуст кун,
Даст зи ашғоли дигар суст кун!
Илм касир омаду умрат ҳақир,
Он чӣ зарурист, ба он шуғл гир!
Ҳар чи зарурист, чу ҳосил кунӣ,
Беҳ, ки иморатгарии дил кунӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бале, ҳикмат он аст пеши ҳаким,
Ки бар роҳи дониш шавад мустақим.
Ба нури дили поки ҳикматпараст
Барад пай ба ҳар чиз аз ин сон, ки ҳаст.
Кашад хома дар дафтари обу гил,
Зи дониш диҳад зевари ҷону дил.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нахуст аз касби дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав!
Вале по сӯи дониш неҳ дар ин роҳ,
Ки илм омад фаровон, умр кӯтоҳ!
Наёбад ҳеч кас умри дубора,
Ба илме рав, к-аз онат нест чора.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дар касби камол боядат ҷаҳд,
Дар беҳталабӣ ба сар барӣ аҳд.
Гирди талабат васеъу давр аст,
Дарёи улум давру ғавр аст.
Қонеъ нашавӣ, ба ҳар чи ёбӣ,
Аз хуб ба хубтар шитобӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу дониш ба сӯи куниш раҳбар аст,
Куниш мояи дониши дигар аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,
Зи бедонишӣ кор гардад дароз.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дилатро ба донишварӣ дор хуш,
Чу донистӣ, он гоҳ дар кор кӯш!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Зи дил сар занад сирри дониш нахуст,
Ки бар дасту по кор гардад дуруст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Кас бе камол ҳеч наярзад, азизи ман,
Касби камол кун, ки азизи ҷаҳон шавӣ!

*Зайниддини Восифӣ*

Дониш чашмаи обест, ки дар кӯҳсор пинҳон аст.

*Рогиби Самарқандӣ*

Дониш рафиқи накӯсириштист.

*Рогиби Самарқандӣ*

То бувад ҷон даруни тан, зинҳор,
З-иктисоби улум даст мадор!
Ба тани хаставу ба мӯи сафед
З-иктисоби фунун машав навмед!
Пирию заъфро баҳона масоз,
Бош дар касби илм дар такутоз!
То ба он дам, ки барнаёмад ҷон,
Тарки касби камол ҳаст зиён.

*Камолиддини Биноӣ*

Эй бародар, ба касби илм гарой,
Пой бар ҷаҳл неҳ, ба илм дарой!
Маърифат ҷуз ба илм натвон ёфт
В-ин сифат ҷуз ба илм натвон ёфт.

*Камолиддини Биноӣ*

Он ки дар касби илм ранҷ барад,
Ранҷ набвад, ки пай ба ганҷ барад.

*Камолиддини Биноӣ*

Ҳаст илм, он чи боқию абад аст,
Ҳар чи ҷуз илм, об дар сабад аст!

*Камолиддини Биноӣ*

Ҳам забонро фасоҳат аз илм аст,
Ҳам баёнро малоҳат аз илм аст.

*Камолиддини Биноӣ*

Илм барҳамдиҳандаи заҳри зиндагӣ ва нурбахши наҷот аст.

*Камолиддини Биноӣ*

Кас надид, он чи ақл нанмояд,
Баста аст он, ки ақл накшояд.
То нагирӣ зи илм хома ба даст,
Сурати ҳеч чиз натвон баст.
Ғайри илм он чи кардаанд рақам,
Нест ҷуз ҷаҳлу ҷаҳл ҷумла адам.
Илм ҳар ҷо кафили тадбир аст,
Ғолибият далели таъсир аст.

*Абдулқодири Бедил*

Ман ҳам аз касби илм хурсандам,
Лек бо мақсадест пайвандам,
К-аз усули мадориҷи ҳикмат
Оламеро барорам аз ғафлат.

*Абдулқодири Бедил*

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,
З-иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд.
Фӯлод ба оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,
Бе илм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд.

*Абдулқодири Бедил*

Фалакҳоро чу нақши по кунӣ паст,
Вале гар донишӣ нагзорӣ аз даст.

*Абдулқодири Бедил*

Зи илму касби обо тӯша андӯз,
Дигар илму забони аср омӯз!
Ҳамон илме, ки дунё созад обод,
Туро созад зи банди ҷаҳл озод.

Тошхоҷаёё Асирӣ

Дониш теғи буранда бошад,
Ҳам ҷондеҳу ҳам кушанда бошад.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Илм ар набувад, вуҷуд лозим набувад,
Ҷаҳл ар набувад, суҷуд лозим набувад.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Гар зиндагӣ истиқлолу озодӣ бошад,
Илму санъат, кору роҳат ҳам шодӣ бошад.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Дониши комил он аст, ки аҳли дониш писандад ва ҳунар фоиқ он, ки душман онро эътироф кунад.

*«Марзбоннома»*

* * *

Ҳар илмро, ки ривоҷ бувад,
Ба қадри эҳтиёҷ бувад.

* * *

Ҳар ки илм бештар дорад, ӯро бузург доред ва ҳар ки аз омӯхтани илм нанг дорад, ӯро мардум машморед.

* * *

Дониш чун чароғ равшан аст, агарчи бисёр чароғҳо аз ӯ барфурӯзад, ҳеч нури ӯ кам нашавад.

* * *

Умрро ба кадом шуғл сарф бояд кард? Ба таҳсили улум.

* * *

Давлатро сарф кунӣ, кам мешавад, илмро сарф кунӣ, зам мешавад.

* * *

Илм чун ҳосил кунӣ, он гаҳ амал холис шавад.

* * *

Роҳи рост чӣ гуна маълум мешавад?
Ба рӯшноии илм.

* * *

Ба ҳикмат ҳалли ҳар мушкил тавон кард.

* * *

Илме, ки ба роҳи рост набарад, гумроҳист.

* * *

Дониш шавад зи озмоиш фузун.

* * *

Мояи бузургӣ илму адаб аст, на аслу насаб.

* * *

Ҳеч неъмат шарифтар аз илм нест .

* * *

Ҳеч зевар чун фарҳанг нест!

* * *

Давлати илмро заволе нест.

* * *

Илм дар хурдӣ–нақш бар санг.

* * *

Дониш чароғи ақл аст.

## 4.АҚЛУ ХИРАД

Хирадманд гӯяд: «Хирад подшост,
Ки бар хосу бар ом фармонравост.
Хирадро тани одамӣ лашкар аст,
Ҳама шаҳвату орзу чокар аст».

*Абӯшакури Балхӣ*

Хирад беҳтар аз чашму биноӣ аст,
На биноӣ, афзун зи доноӣ аст!
Хирад бод ҳамвора солори ту,
Мабод аз ҷаҳон ҷуз хирад ёри ту!

*Абӯшакури Балхӣ*

Хирад подшоҳе бувад меҳрубон,
Бувад дар рама гургро чун шубон.

*Абӯшакури Балхӣ*

Касе, к-ӯ бибинад саранҷом бад,
Зи кирдори бад бозгаштан сазад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи роҳи хирад ҳеч гуна матоб,
Пушаймонӣ орад дилатро шитоб.
Даранг оварад ростиҳо падид,
Зи роҳи хирад сар набояд кашид!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос!
Аз ӯ шодмонӣ, аз ӯ хуррамист,
Аз ӯ ҳам фузунию ҳам з-ӯ камист.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки гардад зи роҳи хирад,
Саранҷом печад ба кирдори бад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳамеша хирадро ту дастур дор,
Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба озодӣ аст аз хирад ҳар касе,
Чунон чун нанолад зи ахтар басе.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Хирад парварад ҷони донандагон,
Хирад раҳ намояд ба хонандагон.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Хирад мояи ҷовидонӣ бувад,
Хирад пояи зиндагонӣ бувад!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Хирад посбон бошаду некхоҳ,
Сараш баргузорад зи абри сиёҳ.

Абулқосими Фирдавсӣ

Диле, к-аз хирад гардад ороста,
Чу ганҷе бувад пурзару хоста.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Раҳонад хирад мардро аз бало,
Мабодо касе дар бало мубтало.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Мадоро хирадро бародар бувад,
Хирад бар сари дониш афсар бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Хирад бояд андар сари марди кор,
Ки тезию тундӣ наёяд ба кор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сари бехирад чун тани беравон.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Наёяд зи марди хирад кори бад,
Хирад хом гуфторҳоро пазад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи сад ангушт н-ояд кори як сар,
На аз сесад ситора кори як х(в)ар.

*Фахриддини Гургонӣ*

Хирад мар ҷаҳонро сари гавҳар аст,
Равонро ба дониш хирад раҳбар аст.

*Асадии Тӯсӣ*

Ҳама чиз зеру хирад аз бар аст.

*Асадии Тӯсӣ*

Мар хирадро ба илм ёрӣ деҳ,
Ки хирад илмро харидор аст.

*Носири Хусрав*

Неку бад з-ӯ бад-он падид ояд,
Ки хирад чун сапед тӯмор аст.

*Носири Хусрав*

Хирад беҳтар бувад аз зар, ки дорӣ,
Ки дар зар кас набинад ҳушёрӣ.

*Носири Хусрав*

Хирадманд аз тавозуъ моя гирад,
Бузургӣ аз карам пироя гирад.

*Носири Хусрав*

Зи бӯю лаззати хуш меваҳоро
Шараф бошад, чунон к-аз ақл моро.

*Носири Хусрав*

Дарахти хирад пирӣ аст, эй бародар,
Дарахташ аён асту бораш ниҳон аст.

*Носири Хусрав*

Эй беҳунару хуб ба чеҳра, хирадат-ку?
Худ шарм наёядт аз ин қомати чун нож.

*Носири Хусрав*

 Obод ба ақл гашт гардун
В-озод ба ақл гашт Луқмон.

*Носири Хусрав*

Ақл аст офтоби дилу адл аз ӯ зиёст.

*Носири Хусрав*

Озод шавад ба ақл банда.

*Носири Хусрав*

Андар ҷаҳон беҳ аз хирад омӯзгор нест!

*Абдулмалики Муиззӣ*

Дар роҳи хирад ба ҷуз хирадро маписанд,
Чун ҳаст рафиқи нек, бадро маписанд!

*Умари Хайём*

Ақлро ҳар ки бо бадӣ омехт,
Лоҷарам ақл ҷасту ӯ овехт.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар киро чашми ақл кӯр бувад,
Набувад одамӣ, сутур бувад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ақл, к-он раҳнамои ҳилаи туст,
Он на ақл аст, он ақилаи туст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ақл таррору ҳилагар набувад,
Ақл дурӯю ҳилавар набувад!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Киро дар хирад рой бошад баланд,
Нагӯяд суханҳои носудманд.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ақл дорӣ, майли бадкорӣ макун,
З-ин ки бигзаштӣ, сабуксорӣ макун!

*Фаридуддини Аттор*

Ғайри фаҳму ҷон, ки дар гову хар аст,
Одамиро ақл ҷони дигар аст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,
Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ақл бояд нурдеҳ чун офтоб,
То занад теғе, ки набвад ҷуз савоб.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Одамиро ақл бояд дар бадан,
В-арна ҷон дар колбад дорад ҳимор.

*Саъдии Шерозӣ*

Ақлу давлат қарини якдигаранд,
Ҳар киро ақл нест, давлат нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Хирад номи он кас ба хок афканад,
Ки худро худ андар ҳалок афканад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ақл шамъ асту илм бедорӣ,
Нафс хобу ҳавас шаби торӣ.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҳар чиро нест бар хирад бунёд,
Пеши днонанда бод бошад, бод.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Беҳтар аз ақл рушноӣ нест.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Равонро бо хирад дарҳам сириштанд,
В-аз он тухме, ки ҳосил буд, киштанд.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Хирадро асар дар дили оқилон
Фузун бошад аз теғ бар ҷоҳилон.
Бимонад мудом он асар дар замир,
Шавад ин ба якчанд дармонпазир.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гар сафеҳе ба ҳукми нафсу ҳаво,
На ба вифқи хирад кунад коре.
Бар ту нафсу ҳаво чу ғолиб нест,
Ҷуз ба роҳи хирад марав боре!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ақл гӯяд ба мардуми нодон:
«Ман ба оби равон ҳамемонам,
Ки ба пастӣ қарор мегирам,
Бар баландӣ макон намемонам!»

*Рогиби Самарқандӣ*

Ақл ҳусну фазилати калом аст.

*Рогиби Самарқандӣ*

Ақл, к-он фавқи тоқати бадан аст,
Теша бар пои хештан задан аст.

*Камолиддини Биноӣ*

Мамлакат аз ақл шавад пойдор,
Кори ту аз ақли ту гирад қарор.

* * *

Аз Арастуи Ҳаким пурсиданд, ки қуввати хирад аз чист? Гуфт: «Ҳама касро қувват аз ғизо бошаду ғизои хирад ҳикмат бошад».

* * *

Он чи бо тадбир тавон кард, ба зӯру зар муяссар нашавад.

* * *

Хубтар аз ақл дар ҷаҳон устоде нест.

* * *

Раъю тадбир аз шуҷоат беҳтар аст.

* * *

Ҳеч давлат беҳ зи ақлу илм нест.

* * *

Ҳама дорӣ, агар хирад дорӣ.

* * *

Ҳар зараре ақлро зиёда кунад.

* * *

Ақлро пайрави лафз накунанд.

* * *

Офати ақл тамаллуқ аст.

* * *

Одамиро ақл мебояд, на зар.

* * *

Фикр пояи ақл аст.

## 5. ЗАБОНУ СУХАН

Шунидам, ки бошад забони сухан,
Чу алмоси буррону теғи куҳан.
Сухан бифканад минбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.

*Абӯшакури Балхӣ*

Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармони дард.

*Абӯшакури Балхӣ*

Суханҳо, ки ҷонро бувад судманд,
Аз он марди беарҷ гардад баланд.
Ва он ганҷи гӯё нагирад камӣ,
Шунудан бувад мардро хуррамӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,
Сухангӯй дар анҷуман хор гашт.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Шунида суханҳо фаромуш макун,
Ки тоҷ аст бар фарқи дониш сахун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Забоне, ки андар сараш мағз нест,
Агар дур биборад, ҳамон нағз нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухан ҳамчу қуфл асту посух калид,
Ба посух бад аз нек ояд падид.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухан монад аз ту ҳаме ёдгор,
Суханро чунон хормоя мадор!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Забонро дил бувад, бешак, нигаҳбон,
Сухан бе дил ба дониш гуфт натвон.

*Фахриддини Гургонӣ*

Чӣ мардум, ки гӯё надорад забон,
Чӣ ороста пайкаре беравон?

*Асадии Тӯсӣ*

Зи захми синон беш захми забон,
Ки ин тан кунад хаставу он равон.

*Асадии Тӯсӣ*

Ҳамчунон чун тани мо зинда ба об асту ҳаво,
Сухани хуб дили мардумро об асту ҳавост.

*Носири Хусрав*

Сухан падид кунад, к-аз ману ту мардум кист,
Ки бе сухан ману ту ҳар ду нақши деворем.

*Носири Хусрав*

Далели ақли мард омад сухан боз,
Чу ояд дар сухан, пайдо шавад роз.

*Носири Хусрав*

Суханҳои накӯро ёд медор
Ва з-он дар пеши худ устод медор!

*Носири Хусрав*

Балои одамӣ бошад забонаш,
Ки дар вай баста шуд суду зиёнаш.

*Носири Хусрав*

Сухани хуб хирадманд пазирад, на ҳаҷар,
Суфаҳо ҷумла зи мардум ба қиёси ҳаҷаранд.

*Носири Хусрав*

Қадру баҳои мард на аз ҷисми фарбеҳ аст,
Бал қадри мард аз сухану илми пурбаҳост.

*Носири Хусрав*

Пархош макун, сухан биёмӯз,
Аз ман чӣ рамӣ, чу хар зи қасвар?!

*Носири Хусрав*

Мушк аст сухан, нофаи ӯ хотири доно,
Маънӣ бувад он мушк, ки аз нофа бароранд.

*Носири Хусрав*

Он ки бувад бар сухан савор, савор ӯст,
Он на савор аст, к-ӯ бар асп савор аст.

*Носири Хусрав*

Тарҷамони дил аст нутқу забон,
Марзбони тан асту суду зиён.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Гӯш сӯйи ҳама суханҳо дор,
Он чи з-ӯ беҳ, даруни ҷон бингор!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан,
Чу зар санҷида, он гаҳ харҷ кардан.

*Низомии Ганҷавӣ*

Забон гӯштин асту теғ оҳанин.

*Низомии Ганҷавӣ*

Нуктае, к-он ҷаст ногаҳ аз забон,
Ҳамчу тире дон, ки ҷаст он аз камон.
Во нагардад аз раҳ он тир, эй писар,
Банд бояд кард селеро зи сар.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Одамӣ махфист дар зери забон.
*Ҷалолиддини Румӣ*

Оламеро як сухан вайрон кунад,
Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад.
*Ҷалолиддини Румӣ*

Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?
Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.
Чу дар баста бошад, чӣ донад касе,
Ки ҷавҳарфурӯш аст ё пилавар?
*Саъдии Шерозӣ*

То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.
Ҳар беша гумон мабар, ки холист,
Шояд, ки паланг хуфта бошад.
*Саъдии Шерозӣ*

Ба нутқ асту ақл одамизода фош,
Чу тӯтӣ сухангӯи нодон мабош!
*Саъдии Шерозӣ*

Машав ғарра бар ҳусни гуфтори хеш,
Ба таҳсини нодону пиндори хеш!
*Саъдии Шерозӣ*

Сухан монад аз оқилон ёдгор!
*Саъдии Шерозӣ*

На ҳама гуфтор зи инсон хуш аст,
Ҳар чи писандида бувад, он хуш аст.
*Хусрави Деҳлавӣ*

Сухан андар даҳони дӯст–гавҳар.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Донӣ, ки сухандон кӣ бувад? Он ки бидонад
Бадро зи накӯ, боз накӯро зи накӯтар.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Сухан шоҳиди ҷилвагоҳи дил аст,
Халосӣ аз он ҷилвагаҳ мушкил аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Сухан мояи сеҳру афсун бувад,
Ба тахсис, вақте ки мавзун бувад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар чи ба дил ҳаст зи поку палид,
Дар сухан ояд асари он падид.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дил, ки лабташна ба оби сухан аст,
Пухтаву хому хароби сухан аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба сухан зинда шавад номи ҳама,
Ба сухан пухта шавад хоми ҳама.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Суханро зеваре ҷуз ростӣ нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Сухан сардафтари девони ишқ аст,
Сухан ганҷинаи султони ишқ аст.
Зи дил файзе, ки ҷӯӣ, ҷуз баён нест,
Забони теғ чун теғи забон нест.
Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,
Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Забон аз булбул омад, гӯш аз гул,
Бибин айши гулу фарёди булбул!

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Намеояд зи шамшер, он чи аз теғи забон ояд.

*Соиби Табрезӣ*

Ба забон захм касе наёзорӣ,
Ки забонзахм мекунад корӣ.
Гар ба рӯи касе занӣ сад мушт,
Беҳ, ки гӯеш як ҳадиси дурушт.

*Камолиддини Биноӣ*

Баски халқ аз забон зиён карданд,
Ҳама сар дар сари забон карданд.

*Камолиддини Биноӣ*

Ҳаст теғи забон зи теғ батар,
К-ин хурад бар тан, он хурад ба ҷигар.

*Мактабии Шерозӣ*

Ҳар сухансанҷе, ки хоҳад сайди маъниҳо кунад,
Чун забон мебояд аввал хилвате пайдо кунад.

*Абдулқодири Бедил*

Чашме, ки надорад назаре, ҳалқаи дом аст,
Ҳар лаб, ки сухансанҷ набошад, лаби бом аст.

*Абдулқодири Бедил*

Бетамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад,
Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад.

*Абдулқодири Бедил*

Ҳар сухан, ки аз сари ҳикмат нест, лаҳву зиллат аст.

*«Таърихи гузида»*

Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,
Омӯхтани сад забонаш осон гардад.

* * *

Ҳар ки сухан бар сухане зам кунад,
Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад.

* * *

Он чи захми забон кунад бо ман,
Захми шамшери ҷонситон накунад.

* * *

Теғ аст забон. кашида ҳамвор,
З-ин теғи кашида сар нигаҳ дор!

* * *

Забони покро, ҳайф аст бисёр,
Ки аз лафзи дурӯғ олуда созӣ.

* * *

Беҳ аз некӯ сухан чизе наёбӣ,
Ки аз доно барӣ бар расми пора.

* * *

Фасона гашту куҳан шуд ҳадиси Искандар,
Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар.

* * *

Ҳар сухане, ки аз фикр холист, лағв аст ва ҳар назаре, ки аз ибрат холист, лаҳв аст.

* * *

Доно ба иморати сухан машғул аст, нодон ба иморати бадан.

* * *

Ҳеч гавҳаре зеботар аз сухани некӯ натавонад буд.

* * *

Захми синон бар тан асту захми сухан бар ҷон.

* * *

Зи ҳарфи ҳақ нашавад ранҷа марди донишвар.

* * *

Он чи дар дил аст, бар забон ояд.

* * *

Калтак ба гӯшт расад, сухан ба устухон.

* * *

Аз захми сухан захми табар беҳ.

* * *

Сухан гувоҳи ҳоли гӯянда аст.

* * *

Сухан оинаи марди сухангӯй аст.

* * *

Забон дар даҳон посбони сар аст.

* * *

Ҳарфи мард зинати мард аст.

* * *

Забон тарҷумони дил аст.

* * *

Нест захми забон дар ҷаҳон салоҳпазир.

* * *

Ҷон азиз аст, валекин ба сухан ҷон нарасад.

* * *

На ҳар ки ҳаст сухангӯй, ҳам сухандон аст.

* * *

Сухани рост тавон донист аз лафзи дурӯғ.

* * *

Гавҳари ҳар кас аз сухани ӯ пайдо шавад.

* * *

Дар сухан комил бошу дар амал омил.

* * *

Аҳмақ риш орад, оқил–сухан.

* * *

Ҳарф мемонаду вақт намемонад.

* * *

Сухан–нардбони раҳ.

* * *

Одамӣ аз забони худ ба болост.

* * *

Ошро намак, одамро сухан.

* * *

Мардумро ба гуфтор шиносанд.

* * *

Сухан шунидан бехи давлат аст.

* * *

Забон дигару дил дигар аст.

## 6. ИШҚУ МУҲАББАТ

Бе ишқ зиндагӣ маҳол аст.

*Афлотун*

То кай нолӣ зи ишқ, то кай нолӣ?
Суд надорад гиристан, чӣ сиголӣ?

*Абӯбакри Хусравӣ*

Ошиқ набувад зи айби маъшуқ огоҳ.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Набошад ишқро ҷуз ишқ дармон,
Нашояд кард сандон ҷуз ба сандон.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ба гетӣ ошиқӣ беғам набошад,
Хушию ошиқӣ бо ҳам набошад.

*Фахриддини Гургонӣ*

Напайванданд бо ҳам меҳру кина,
Чу кин оҳан бувад, меҳр обгина.

*Фахриддини Гургонӣ*

Нагунҷад дар бари ҳам меҳру кина.

*Фахриддини Гургонӣ*

Набояд ишқро ҷуз ишқ дигар.

*Фахриддини Гургонӣ*

Диле, к-аз меҳр бошад бешикебо,
На аз гармо битарсад, на зи сармо.

*Фахриддини Гургонӣ*

Хуршеди сипеҳри безаволӣ ишқ аст,
Мурғи чамани хуҷистафолӣ ишқ аст.
Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,
Ҳар гаҳ ки бимирию наболӣ, ишқ аст.

*Умари Хайём*

Гар ҳаме лаъл боядат, кон кан,
В-ар ҳаме ишқ боядат, ҷон кан!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Меҳр, к-аз иллате бувад, кин аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Меҳр, к-аз ақл бувад, меҳр он аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар ки аз ишқ гашт зинда, намурд.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Гӯянд, ки ҳар чиз ба ҳангом бувад хуш,
Эй ишқ, чӣ чизӣ, ки хушӣ дар ҳама ҳангом?!

*Сӯзании Самарқандӣ*

Ту надонӣ, ки чист лаззати ишқ,
То ба ту ногаҳон фурӯ н-ояд.

*Афзалиддини Хоқонӣ*

Касе, к-аз ишқ холӣ шуд, фасурда-ст,
Гараш сад ҷон бувад, бе ишқ мурда-ст.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ишқ он бошад, ки кам нагардад,
То бошад, аз ин қадам нагардад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Агар бе ишқ будӣ ҷони одам,
Кӣ будӣ зинда дар даврони олам?

*Низомии Ганҷавӣ*

Ишқ бо ному нанг н-ояд рост,
Надиҳад даст ишқу раъноӣ.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳазор гуна адаб ҷон зи ишқ омӯзад,
Ки он адаб натавон ёфтан ба мактабҳо.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Меҳру рафъат васли инсонӣ бувад,
Хашму шаҳват васфи ҳайвонӣ бувад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ишқҳое, к-аз паи ранге бувад,
Ишқ набвад, оқибат нанге бувад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Гургу шеру хирс донад ишқ чист,
Кам зи саг бошад, ки аз ишқ ӯ тиҳист.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Гарчи тафсири забон равшангар аст,
Лек ишқи безабон равшантар аст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳин, макаш ҳар муштариро ту ба даст,
Ишқбозӣ бо ду маъшуқа бад аст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ишқ бар мурда набошад пойдор,
Ишқро бар ҳайии ҷонафзой дор!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Нест маъшуқе зи ошиқ бехабар.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ошиқӣ пайдост аз зории дил.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҷое, ки дарахти ишқ пурбор бувад,
Дур дар назару гуҳар дар анбор бувад;
Он ҷо ҳама кас ёри вафодор бувад,
Ёр он аст, ки дар бало ёр бувад!

*Саъдии Шерозӣ*

Ду ошиқро ба ҳам беҳтар бувад рӯз,
Ду ҳезумро ба ҳам хуштар бувад сӯз.

*Саъдии Шерозӣ*

Чун ошиқию маъшуқӣ омад, маликию мамлукӣ аз миён бархост.

*Саъдии Шерозӣ*

Саре, ки ишқ надорад, кадуи бебор аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Бемори ишқро ба табиб эҳтиёҷ нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Зи ишқ то ба сабурӣ ҳазор фарсанг аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳавас дигару ошиқӣ дигар аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Бошад аз ишқ қуввати мардон.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ман бандаи он касе, ки шавқе дорад,
Бар гардани худ зи ишқ тавқе дорад.
Ту лаззати ишқу ошиқӣ кай донӣ?
Ин бода касе хурад, ки завқе дорад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз садои сухани ишқ надидам хуштар
Ёдгоре, ки дар ин гунбади даввор бимонд.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳаргиз намирад , он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ишқбозӣ кори бозӣ нест, эй дил, сар бибоз,
Варна гӯйи ишқ натвон зад ба чавгони ҳавас.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба ишқ зинда бувад ҷони марди соҳибдил,
Агар ту ишқ надорӣ, бирав, ки маъзурӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар кас, ки ҷон надод, ба ҷонон намерасад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дил дар касе мабанд, ки дилбастаи ту нест!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳеч ошиқ сухани талх ба маъшуқ нагуфт.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Касе, к-аз ишқ давлатманд гардад,
Бияфзояд ҳазорон эътибораш.

*Камоли Хуҷандӣ*

Мискин ошиқ чу бадгумон аст,
Ҳар лаҳза асири сад гумон аст.
Ҳар шубҳа ба пеши ӯ далелест,
Ҳар пашшаи мурда зиндапилест.
Коҳе бинад, гумон барад кӯҳ,
Кӯҳеш ояд ба сина з-андӯҳ.
Ҳаҷре, ки бувад муроди дилбар,
Васл асту зи васл низ хуштар!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳусн зи ҳар чеҳра, ки рух барафрӯхт,
Ишқ аз он шуъла дилеро бисӯхт.

Ҳусн на он аст, ки монад ниҳон,
Гарчи бувад парда ҷаҳон дар ҷаҳон!
Ҳусн, ки дар пардаи масрурӣ аст,
Захми ҳавасхӯрдаи манзурӣ аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ошиқ ба насаб чӣ кор дорад,
К-аз ҳар чи, на ишқ, ор дорад.
Ҳар кас, ки бувад фитодаи ишқ,
Фарзанди дил асту зодаи ишқ.
Ҳарчанд, ки ишқ дарднок аст,
Осоиши синаҳои пок аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дили беишқ тани беҷон аст,
Ҷон аз ӯ зиндаи ҷовидон аст.
Гавҳари зиндагӣ аз ишқ ояд,
Ганҷи поёндагӣ аз ишқ ояд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ишқ мифтоҳи маъдани ҷуд аст,
Ҳар чи бинӣ, ба ишқ мавҷуд аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар кас, ки на бар ризои ҷонон
Дорад ҳаваси лиқои ҷонон,
Дар даъвии ишқ нест содиқ,
Натвон лақабаш ниҳод ошиқ!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Қавме, ки наёмаданд дар ишқ тамом,
Хонанд ҳавои нафсро ишқ ба ном.
Кай шоядашон дар ҳарами ишқ мақом,
Худ ҳаст бар эшон сухани ишқ ҳаром.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дар хиттаи ин хати маҷозӣ
Некӯ ҳунарест ишқбозӣ.

Лекин ҳама кас ба он сазо нест,
Ҳар манзари хуб дилкушо нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар он маъшуқ, к-аз ошиқ нуфур аст,
Ба сурат гарчи наздик аст, дур аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу набвад васли дилбар раъйи дилбар,
Бувад сад бор ҳаҷр аз васл хуштар.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ишқ ҳар ҷо, ки бех маҳкам кард,
Шох аз андуҳу мева аз ғам кард.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Хуштар ба ҷаҳон зи ошиқӣ чист?
Бе мояи ишқ чун тавон зист?
Ҳар к-ӯ ба ҷаҳон на ишқ варзид,
Пою сари ӯ ҷаве наарзид.

*Шоҳини Шерозӣ*

Ошиқ, ки зи сирри ишқ лол аст,
Хомӯшии ӯ баёни ҳол аст.
Дар маслиҳати илоҷи ошиқ
Бемор шавад табиби ҳозиқ.
Маҳҷурии ошиқӣ балоест,
Побастаи ҳаҷр мубталоест.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Васле, ки ба зӯри ҷанг бошад,
Номест, ки ҷумла нанг бошад.
Ошиқ, ки ба васл умедвор аст,
Побастаи қайди интизор аст.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Дарди сари ишқ андаке нест,
Маъшуқию ошиқӣ яке нест.

Ҳар дил, ки дар ӯ зи ишқ ҷӯшест,
Аз нолаи мурғ дар хурӯшест.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Ошиқон ҳарчанд муштоқи ҷамоли дилбаранд,
Дилбарон бар ошиқон аз ошиқон ошиқтаранд.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Чун мастии ишқ гашт комил,
Девона шавад ҳазор оқил.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Нагӯйӣ ишқ кори ҷоҳилон аст,
Зи нодонӣ шиори ғофилон аст.
Басе девонаро оқил кунад ишқ,
Баҷаҳлафтодаро комил кунад ишқ.
Ялон аз ишқ ҷабборӣ намоянд,
Ки зӯри хеш бар ёре намоянд.
Ҳазинонро нишотафзо кунад ишқ,
Назарпӯшидаро бино кунад ишқ.
Хамидақад ҷавон аз ишқ гардад,
Шикастапо давон аз ишқ гардад.
Бахилонро саховатпеша созад,
Заифонро чу шери беша созад.

*Роғиби Самарқандӣ*

Зи берангӣ мазан дам дар муҳаббат,
Ки олам гӯшае аз ранги ишқ аст.

*Зебуннисо*

Касе, ки ошиқи худбину худнамо бошад,
Ҳамеша бар дари маъшуқ чун гадо бошад.

*Зебуннисо*

Шавад хароб биноҳои обу гил охир,
Магар бинои муҳаббат, ки то абад маъмур.

*Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф*

Ишқи дили ман на ишқи Фарҳод бувад,
Кори дили ман на доду фарёд бувад.
Ишқ аст, ки дил зи ҳастияш шод бувад,
Аз ғуссаву кулфату ғам озод бувад.

*Ҳабиб Юсуфӣ*

Ман ошиқи ту, валек Маҷнун нашавам,
Аз халқ ҷудо ба дашту ҳомун нашавам.
Ман, хоҳ ба ишқ, хоҳ дар кору сухан,
Аз маслаки ленинизм берун нашавам.

*Ҳабиб Юсуфӣ*

Арзандатар аз ишқ ба олам гуҳаре нест,
Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Ишқ ҳақиқист, маҷозӣ магир,
Ин думи шерест, ба бозӣ магир!

*«Чор дарвеш»*

То ки аз ҷониби маъшуқа набошад кашише,
Кӯшиши ошиқи бечора ба ҷое нарасад.

* * *

Аз умр чӣ ҳосил аст онро,
К-аш ишқ насӯхтаст хирман.

* * *

Агар сад оби ҳайвон хӯрда бошӣ,
Чу ишқе дарнабурдат, мурда бошӣ.

* * *

Савдои ишқу ошиқӣ офати осоиш ва оромиши хаёл аст, вале агар ишқ дар олам набуд, ҳунару санъат ва зебоӣ ҳам набуд. Ишқ аст, ки башарро аз хокистарнишинӣ раҳоӣ бахшида ва зебоиро ба зиндагонии мо роҳ додааст.

* * *

Маъшуқеро, ки чашм интихоб кунад, чӣ басо, ки маҳбуби дил нашавад, аммо онро, ки дил биписандад, бегумон, нури чашм хоҳад шуд.

* * *

Ишқ оташ аст, агар набошад, хона сард ва торик аст, аммо агар беҷо афтад, хона ва хонумонро месӯзад.

* * *

Аз ҳакиме пурсиданд: «Муҳаббат чист?» Гуфт: «Он ки аз накӯӣ зиёда шавад ва аз ҷафо нуқсон напазирад».

* * *

Ҳақиқаттарини ҳақиқатҳо ишқ аст.

* * *

Маъшуқаи беайб начӯй, ки наёбӣ.

* * *

Бо ишқ агар ҳила кунӣ, мегурезад.

* * *

Гар ба дил завқе надорӣ, синаҷунбонӣ чӣ суд?

* * *

Барои ошиқ Бағдод дур нест.

* * *

Ошиқро сабр мебояд, на лоф.

* * *

Дар хонае, ки ишқ нест, осоиш нест.

* * *

Муҳаббат ду сар дорад.

* * *

Ошиқ ҳамон, ки маъшуқашро хуш кунад.

* * *

Меҳрубонӣ меҳрубонӣ оварад.

* * *

Дар маразиишқ набошад табиб.

## 7.АДЛ ВА ҲАҚ

Макун, эй бародар, ба бедод рой,
Ки бедодро нест бо дод пой!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар кишвар обод дорӣ ба дод,
Бимонӣ ту ободу аз дод шод.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Гар эмин кунӣ мардумонро ба дод,
Худ эмин бихусбию аз дод шод.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар додгар чанд бекас бувад,
Варо ростӣ посбон бас бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба ҳар кор фармон макун ҷуз ба дод,
Ки аз дод бошад равони ту шод.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агарчи ҳақ талх бошад, бибояд шунид.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Дод аз хеш бидеҳ, то аз доддеҳ мустағнӣ бошӣ.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Дод ободонӣ бувади бедод вайронӣ.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Адл аст вориси ҳама осори ақли пок,
Ақл аст офтоби дилу адл аз ӯ зиёст.

*Носири Хусрав*

Ҳар куҷо адл рӯй бинмудаст,
Неъмат андар ҷаҳон бияфзудаст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Адл шамъе бувад ҷаҳонафрӯз.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Адлу инсофу ростӣ бояд,
В-ар хазина тиҳӣ бувад, шояд.
Накунад ҳаргиз аҳли донишу дод
Дили мардум харобу ганҷ обод.

*Саъдии Шерозӣ*

Мапеч, эй писар, гардан аз адлу рой,
Ки мардум зи дастат бипечанд пой!

*Саъдии Шерозӣ*

Зулмат зи зулм дону нур аз адл,
Ин бидону мабош дур аз адл!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Адл бе илм беху бар накунад,
Ҳукм бе адлу илм асар накунад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Адл рахшандатар зи маҳ кунадат.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ба адл кӯш, ки чун субҳи он тулӯъ кунад,
Фурӯғи он биравад то ҳазорфарсангӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба адл ор рӯ, то ки одил шаванд,
Ҳама бо ту дар кор якдил шаванд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Шаҳру деҳ обод ба адл асту бас,
Табъи ҷаҳон шод ба адл асту бас.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Адли ту гар файзрасонӣ кунад,
Бар рамаҳо гург шубонӣ кунад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Адл чун мулкро шавад меъмор,
Ҳеҷ чизи дигар наёяд кор.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Адл, хоҳӣ, ки бар мазид бувад,
Зулм бояд, ки нопадид бувад!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Адлу инсоф дон, на куфру дин,
Он чи дар ҳифзи мулк даркор аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар киро дил ба адл шуд моил,
Тамаъ аз моли халқ, гӯ, бигсил!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Сарриштаи мизони адолат мадеҳ аз даст,
Зинҳор, ки бо ҳар ки гарон аст, гарон бош!

*Соиби Табрезӣ*

* * *

Аввал он бошад, ки бошӣ додгар,
Ҳам зи ақли хеш бошӣ бохабар.

* * *

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд: «Кадом биност, ки ҳаргиз хароб намешавад?» Гуфт: «Адл».

* * *

Ба ҳаққу ҳақиқат завол нест.

* * *

Моҳ ҳамеша зери абр намонад.

* * *

Аз ҳақ то ноҳақ чаҳор ангушт аст.

# II. ҲАЁТ ВА МУБОРИЗА

## 1.ВАТАН

Алоқае дар дунё шадидтар аз меҳр ба Ватан нест.
*Афлотун*

Зи баҳру бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш,
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Кӯи ту хоҳад ин дили овора, не биҳишт,
Мурғи ғарибро зи гулистон ватан беҳ аст.
*Камоли Хуҷандӣ*

Хоки поят дӯст дорад чашми ман,
Нест айб, эй дӯстон, ҳуббулватан.
*Камоли Хуҷандӣ*

Дар роҳи ватан мурдан зиндагист,
Мурдан зиндагонӣ дар бандагист.
*Абулқосим Лоҳутӣ*

Хуни гарми ишқу ихлосу садоқат бар ватан,
Хуни нафрат, хуни кин бо душмани паймоншикан.
*Абулқосим Лоҳутӣ*

Бародарон, ба модари ватан вафо кунем,
Агар ки сар талаб кунад, ба вай фидо кунем.
*Абулқосим Лоҳутӣ*

Мафрӯш обрӯи Ватанро зи тарси ҷон,
Номи абад ба ҳиммати мардӣ харид кун!
*Абулқосим Лоҳутӣ*

Азобе чун азоби дурафтодагони ватан нест.

*«Ҳазору як шаб»*

Ҳар киро ҳубби ватан нест, номус неву ҳар киро номӯс нест, саодат не.

* * *

Ҳифзи ҷон воҷиб асту ҳифзи ватан аз он воҷибтар.

* * *

Қурбони ватан бош, ки қурбонат шаванд.

* * *

Хоки ватан аз мулки Сулаймон хуштар,
Хори ватан аз лолаву райҳон хуштар.

* * *

Шахси беватан–булбули бечаман.

## 2.ХАЛҚ

Агар хоҳӣ беҳтарини халқ бошӣ, чизе аз халқ дареғ мадор!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ба мардум хирадманд номӣ бувад,
Ки мардум ба мардум гиромӣ бувад.

*Асадии Тӯсӣ*

Ҳамеша некхоҳи мардумон бош,
Ба некӣ кӯш в-он гаҳ дар амон бош!

*Носири Хусрав*

Чу мардумзодаӣ, бо мардумӣ бош!
Чӣ бошад дев будан? Одамӣ бош!

*Носири Хусрав*

Рӯзе, ки роҳате нарасад аз ман
Мар халқро, зи умр напиндорам.

*Масъуди Саъди Салмон*

Кӯш, то халқро ба кор оӣ,
То ба хулқат ҷаҳон биёроӣ!

*Низомии Ганҷавӣ*

Умеди халқ баровар, чунон ки битвонӣ,
Ба ҳукми он, ки туро ҳам умеди мағфират аст.
Ки гар зи пой дароӣ, бидонӣ ин маънӣ,
Ки дастгирии дармондагон чӣ маслиҳат аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест,
Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Эй, ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист,
Гӯям аз қавли беҳтарини касон:
«Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ
Беш бошад ба халқ нафъресон!»

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Хидмати халқро муҳайё бош,
Баҳри хизмат ситода бар по бош.

*Камолиддини Биноӣ*

Хоҳӣ, ба халқ рӯ кун, хоҳӣ, хаёли ӯ кун,
Ин олами тамошо бар худ назар набошад.

*Абдулқодири Бедил*

Ҳар кас, ки зи ранҷи халқ роҳат талабад,
Албатта, сазовори сари дор бувад.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,
К-имрӯз чӣ хизмате ба мардум кардӣ?

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Ҳар ки бо мардум насозад дар ҷаҳон,
Зиндагии талх дорад, бегумон.

* * *

Ҳар ки бо халқ бистезад,
Сар ба сар обрӯ резад.

* * *

Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат бош!

* * *

Бигир домани ҷамъиятеву коре соз!

## 3.ЗУЛМУ СИТАМ

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт!

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҳаме дар он чи на озодагист, пеша кунӣ,
Сари ту аз дари он аст, ки зери теша кунӣ.

*Абулҳасани Мунҷик*

Ситамкорaро зинда бар дор кун,
Ду пояш зи бар сарнагунсор кун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳаросон бувад мардуми сахткор,
Ки ӯро набошад касе дӯстдор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бад-он хоста нест моро ниёз,
Ки аз ҷавру бедод омад фароз.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ситам бар ситамкора ояд падид.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Палангу ҷафопеша мардум якест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Набошад ҳеҷ озода ситамгар.

*Фахриддини Гургонӣ*

Гурги даранда гарчи куштанӣ аст,
Беҳтар аз мардуми ситамгор аст.

*Носири Хусрав*

Агар касе худро аз зулм бознатавонад дошт, чӣ зарурат, ки дигаронро бознадорад?!

*Низомулмулк*

Зулм аз ҳар ки ҳаст, нек бад аст,
В-он ки ӯ золим аст, нек бад аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар куҷо зулм рахт афкандаст,
Мамлакатро зи бех баркандаст.
Нест бар золим аз тану зану мол
Ҷуз магар хунаш ҳеҷ чиз ҳалол.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Пашша аз пил кам зияд бисёр,
З-он ки қӯтаҳбақо бувад хунхор.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар куҷо ситам омад, бирафт дод.

*Сӯзании Самарқандӣ*

Қалам даркаш оини бедодро,
Кифоят кун аз халқ фарёдро!

*Низомии Ганҷавӣ*

Аз ситам ҳар, к-ӯ дилеро реш кард,
Он ҷароҳат бар вуҷуди хеш кард.

*Фаридуддини Аттор*

Эй, ки ту аз зулм чоҳе меканӣ,
Аз барои хеш доме метанӣ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Касе, к-ӯ ҷафову ситам мекунад,
Яқин аст, к-ӯ бехи худ меканад.
Намонад ситамгори бадрӯзгор,
Бимонад бар ӯ лаънати пойдор.

*Саъдии Шерозӣ*

Эй забардасти зердастозор,
Гарм то кай бимонад ин бозор?
Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ?
Мурданат беҳ, ки мардумозорӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Заифонро макун бар дил газанде,
Ки дармонӣ ба ҷаври зӯрманде!

*Саъдии Шерозӣ*

Тараҳҳум бар паланги тездандон
Ситамгорӣ бувад бар гӯсфандон.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба озори мазлум моил мабош,
Зи дуди дили халқ ғофил мабош!

*Саъдии Шерозӣ*

Ба бозувони тавонову қуввати сари даст
Хатост панҷаи мискини нотавон бишикаст.

*Саъдии Шерозӣ*

Зери поят гар надонӣ ҳоли мӯр,
Ҳамчу ҳоли туст зери пои пил.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳаргиз касе, ки хонаи мардум хароб кард,
Обод баъд аз он набувад хонумони ӯ.

*Саъдии Шерозӣ*

Тавонгар худ он луқма чун мехурад,
Чу бинад, ки дарвеш хун мехурад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар кас, ки ба зулм кардан омӯхта шуд,
Аз новаки мазлум дилаш дӯхта шуд.
Парвона, ки зад ба шамъ, афрӯхта шуд,
Бар сӯхтагон ҳар ки бизад, сӯхта шуд.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Аз паи зулм он ки сабӯҳӣ кунад,
Нури нишоташ чу шаби тор беҳ.
Шарбати нӯше, ки ба золим диҳад,
Хуни ҳамон золими хунхор беҳ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Зулм торику дилсияҳ кунадат.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Бо аҳли ҷафо вафо раво нест,
Подоши ҷафо ба ҷуз ҷафо нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Золиму одил на яксонанд дар таъмири мулк,
Хук дигар дар шиёри мулку деҳқон дигар аст.

*Алишер Навоӣ*

Нӯше, ки ҳавас мекунӣ аз суфраи золим,
Нешест, ки аз хонаи занбӯр барояд.

*Сайидои Насафӣ*

Аз золимон маҷӯй зи беқувватӣ мадад,
Кай оби теша тарбияти хору хас кунад?!

*Сайидои Насафӣ*

Аз зулм барои хеш маншур магир,
Худро бар аҷзтинатон зӯр магир,

Аз гурснагӣ бимир, аммо зинҳор,
Он дона, ки дорад даҳани мӯр, магир!

*Абдулқодири Бедил*

Бар хеш ситам раво мадор, эй ғофил,
Чашме во кун, ки тангчашмӣ кӯрист.

*Абдулқодири Бедил*

Нек аст ҳар он бад, ки ба бедодгар ояд.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Он ки дар банди дилозорӣ бувад,
Дар уқубат кори ӯ зорӣ бувад.

* * *

Зулм он аст, ки бар бегуноҳе тааддӣ равад, валекин бар золимон зулм кардан айни инсоф бошад.

* * *

Агар касе қабули зулм накунад, зулм аз миён бархезад. Золиме нест, ки ба зулми дигаре гирифтор нашавад.

* * *

Ба раият зулм кардан пояи умри давлати худ кандан аст.

* * *

Бунёди зулм андак бувад, андак-андак бисёр шавад.

* * *

Чароғи ситамгар то бомдод насӯзад.

* * *

Решаи бедод бар хокистар аст.

* * *

Озордиҳанда ҷуз озор набинад.

* * *

Хонаи золим хароб аст.

* * *

Дарахти зулм бақо надорад.

## 4. МУБОРИЗА ВА ОЗОДӢ

Дилу пушти бедодгар бишканед,
Ҳама беху шохаш зи бун барканед!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бурида беҳ он сар, к-аз бадӣ натобад сар.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Аз ситамгорон бигиру бо накӯкорон бихӯр,
Бо ҷаҳонхорон биғалту бар ҷаҳондорон битоз!

*Абулнаҷми Манучеҳрӣ*

Хуш ояд табъи мор ошӯфтанро,
Нашояд мор ҷуз сар кӯфтанро.

*Носири Хусрав*

Паи чоҳкан дар таҳи чоҳ зан,
Сари роҳзан бар сари роҳ зан!

*Заҳири Форёбӣ*

Неъмате беҳтар аз озодӣ нест.

*Афзалиддини Ҳоқонӣ*

Мурғ, к-ӯ андар қафас зиндонӣ аст,
Меначӯяд растан, аз нодонӣ аст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Даст бар пушти мор молидан
Ба талаттуф на кори ҳушёр аст,
К-он бадахлоқи бемурувватро
Санг бар сар задан сазовор аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Нафси золим мисоли занбӯр аст,
Ки ҷаҳонаш зи даст менолад.

Сабр кун, то биюфтад рӯзе,
Ки ҳама пой бар сараш молад.

*Саъдии Шерозӣ*

Накунӣ дафъи золим аз мазлум,
То дили халқ нек бихрошанд;
То ту бар сайди гург пардозӣ,
Гӯсфандон ҳалок мебошанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷаҳонсӯзро кушта беҳтар чароғ,
Яке беҳ дар оташ, ки халқе ба доғ!
Чу андар саре бинӣ озори халқ,
Ба шамшери тезаш биёзор ҳалқ!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷаҳонпешагонро бидеҳ сар ба бод,
Ситам бар ситампеша адл асту дод.

*Саъдии Шерозӣ*

Бихур мардумозорро хуну мол,
Ки аз мурғи бад канда беҳ парру бол!

*Саъдии Шерозӣ*

Сари гург бояд ҳам аввал бурид,
На чун гӯсфандони мардум дарид.

*Саъдии Шерозӣ*

Оҳи дили мазлум ба сӯҳон монад,
Гар худ набурад, бурандаро тез кунад.

*Саъдии Шерозӣ*

Рӯзгор ҳайфу раво надорад, ҳар оина доди мазлумон бидиҳад ва дандони золимон бишканад.

*Саъдии Шерозӣ*

Дили дармондагон ба даст овар,
Ба ситампешагон шикаст овар!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Адлро рӯ ба чархи воло кун,
Зулмро дар чаҳи адам ҷо кун!
Дасти золим чаро наёрӣ баст,
Ки наёрад ба кори халқ шикаст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар он, к-ӯ кашад теғи номеҳрубонӣ,
Шавад куштаи теғи номеҳрубонон!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Теғ аз золимон мадор дареғ,
Адлро дор дар ҳимояти теғ!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Золим пӯшад либоси хунбофтаро,
То зер кунад хасми забунёфтаро.
Бо сангдилони шуълахӯ сахтӣ кун,
Бардор ба оҳан оҳани тофтаро!

*Абдулқодири Бедил*

Сарв сарсабз аст аз он рӯ, ки озод аст ва қумрӣ, ки гирифтор, ҳамвора дар фарёд аст.

* * *

Зиндагӣ озодии инсону истиқлоли ӯст,
Баҳри озодӣ ҷадал кун, бандагӣ даркор нест!

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Озодии судманд он бошад бас,
К-аз вай нарасад зиён ба озодии кас.

* * *

Ҳеҷ калимае ба андозаи озодӣ азҳонро мутаваҷҷеҳи худ насохтааст ва ба ҳеҷ калимае маонии мухталиф монанди калимаи озодӣ дода нашудааст, ҳатто барои иддае озодӣ иборат аз ин аст, ки ҳақ доштa бошанд мусаллаҳ шаванд ва зӯр бигӯянд.

* * *

Бузургтарин пирӯзӣ он аст, ки навъе рафтор кунем, ки муборизон қавитар аз он бошанд, ки дар шурӯъи кори мубориза будаанд.

* * *

Зинда бод миллате, ки барои зинда доштани озодӣ зиндагиро дӯст дорад!

* * *

Инсон озод халқ шудаасту маҷбур ба убудият нест.

* * *

То ҷон бар хатар нанињӣ, бар душман зафар наёбӣ.

* * *

Ҳар ки золимеро аз банд бираҳонад, худ дар банд бимонад.

* * *

Бар золимон раҳм набояд кард, ки он бар нафси худ зулм аст.

* * *

Инсон аз модар озод зоида шудааст.

* * *

Сари мор кӯфта беҳ.

* * *

Озодӣ ободист.

* * *

Тавбаи гург марг аст.

* * *

Озодӣ андар беҳоҷатист.

## 5.ДӮСТИИ ХАЛҚҲО

Банӣ-Одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

*Саъдии Шерозӣ*

Як гули мақсуд дар ин бӯстон
Чида нашуд бе мадади дӯстон.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷумла бадан, ҷумлаи аъзо яке,
Сурати навъию ҳаюло яке.

*Алишери Навоӣ*

Ҳар ҷо мӯе хилофи мардум бошад,
Сарриштаи рабти оламе гум бошад.

*Абдулқодири Бедил*

Агар халқ ба халқ ҳамроҳ шавад, давлат аст.

* * *

Инсон бародари инсон аст.

## 6.ҶАНГ ВА СУЛҲ

Дар ҷанги душманон аз камии лашкари худ набояд андешид, ки хаймаи бисёрро оташи андак тавонад сӯхт.

*Анӯшервон*

Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,
Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.

*Абӯшакури Балхӣ*

Касе нест бе озу бе ному нанг,
Ҳамон оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ту гар пеши шамшер меҳр оварӣ,
Сарат гардад озурда аз доварӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Набояд, ки бошед бо сози ҷанг,
На з-ин бора ҷӯяд касе ному нанг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Аз оташ набинӣ ҷуз афрӯхтан,
Ҷаҳоне чу пеш оядаш сӯхтан.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба пеши бародар бародар ба ҷанг
Наёяд, агар бошадаш ному нанг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи ҷанг оштӣ, бегумон, беҳтар аст,
Нигаҳ кун, ки говат ба чарм андар аст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Наёяд зи пайкор ҷуз кори бад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Хуш аст ин нукта аз гетишиносон,
Ки бошад ҷанг дар наззора осон.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ба ҷанг андар хирадманди накӯрой
Бимонад оштиро лахтаке ҷой.

*Фахриддини Гургонӣ*

Набояд, то набошад ҷурм, узре,
На сулҳе, то набошад корзоре.

*Носири Хусрав*

Сулҳ ҷудо кун зи ҷанг, з-он ки на некӯ бувад
Дастгаҳи шишагар пойгаҳи козарӣ.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Мурoде, ки дар сулҳ гардад тамом,
Чӣ бояд суйи ҷанг додан лагом?!

*Низомии Ганҷавӣ*

Потиҳӣ гаштан беҳ аст аз кафши танг,
Ранҷи ғурбат беҳ, ки андар хона ҷанг.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Агар пилзӯрӣ ва гар шерчанг,
Ба наздики ман сулҳ беҳтар, ки ҷанг!
Агар сулҳ хоҳад адӯ, сар мапеч,
Вагар ҷанг ҷӯяд, инон бармапеч!

*Саъдии Шерозӣ*

Чун хайли ту сад бошаду хасми ту ҳазор,
Худро ба ҳалок маспур, ҳуш дор!
То битвонӣ, баровар аз хасм димор,
Чун ҷанг надонӣ, оштӣ айб мадор!

*Саъдии Шерозӣ*

Чу пархош бинӣ, таҳаммул биёр,
Ки саҳлӣ бибандад дари корзор.

*Саъдии Шерозӣ*

На дониш бошад он касро, на фарҳанг,
Ки вақти оштӣ пеш оварад ҷанг.

*Саъдии Шерозӣ*

Вақте дили дӯстон ба ҷанг озоранд,
Чандон ки на ҷои оштӣ бигзоранд.

*Саъдии Шерозӣ*

Бо мардуми саҳлгӯй душвор магӯй,
Бо он, ки дари сулҳ занад, ҷанг маҷӯй!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳаме то бароя ба тадбир кор,
Мудорои душман беҳ аз корзор.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу бо ту хасм шавад сифла, он на аз хирад аст,
Ки дар хусумати вай макру ҳила соз кунӣ.
Ҳазор ҳила тавон сохт в-аз ҳама он беҳ,
Ки ҳам зи сулҳу ҳам аз ҷангаш эҳтироз кунӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чун шавад ёр бо ту ҷангандеш,
Ҷуз ҷудоӣ магир бо вай пеш.
Ҷид макун дар хусумати бисёр,
Андаке рӯи оштӣ бигзор.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бувад майдони мардӣ сулҳхоҳӣ,
Ба сидқи ин диҳад дунё гувоҳӣ.
Набошад ҷанг ҷуз нангу табоҳӣ,
Ту з-ин роҳи хато доман фурӯ чин.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Сулҳ дар ҳама дунё лашкар дорад,
Ҷанг ба ҳама дунё хатар дорад.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Сулҳро бахшад зафар
Рамзи ҳамдастии башар.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Кунад оқил андар раҳи сулҳ сайр,
Ту ин роҳ мерав, ки ассулҳу хайр!

* * *

То сулҳ тавон кард, дари ҷанг макӯб!

* * *

Оташ чу барафрӯхт, бисӯзад тару хушк.

* * *

Сулҳи душман ба вақти ҳоҷат зарур аст.

## III. ХИСЛАТҲОИ НЕКИ ИНСОНӢ

### 1.НЕКӢ

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ!
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ!

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Некбахт он, ки ӯ бидоду бихӯрд,
Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ба некӣ шавад чашм равшан туро,
Зи ҳар бад бувад нек ҷавшан туро.

*Абӯшакури Балхӣ*

Агар нек бошӣ, бимонад-т ном,
Ба тахти кайӣ-бар бувӣ шодком.
Ва гар бад кунӣ, ҷуз бадӣ надравӣ,
Шабе дар ҷаҳон шодмон нағнавӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.
Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.
Ҳама хок доранд болину хишт,
Хунук он, ки ҷуз тухми некӣ накишт!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба некӣ гарою маёзор кас,
Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ харидори некӣ шавад,
Нагӯяд бадӣ, то бадӣ нашнавад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама некувӣ пеша кун, гар тавон,
Ки бар кас намонад ҷаҳон ҷовидон!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба ҷое ба кас гар ту некӣ кунӣ,
Мазан бар сараш, то дилаш нашканӣ!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу некӣ намоянд, подош кун,
Намон, то шавад ранҷи некон куҳун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бикӯшеду хубӣ ба кор оваред,
Чу дидед сармо, баҳор оваред!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба гетӣ ба ҷуз тухми некӣ макор!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Неку бад ҳар ду тавон кард, валекин, бешак,
Нек душвор тавон кардану бад сахт осон.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Бар накӯкорӣ ҳаргиз накунад халқ зиён.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Агар хоҳӣ, ки некӯтарин ва писандидатарини мардумон бошӣ, он чӣ ба худ准 написандӣ, ба кас написанд!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Агар хоҳӣ, ки мардумон туро накӯгӯй бошанд, накӯгӯи мардумон бош!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Бикун некиву дар дарёш андоз,
Ки рӯзе дар канорат оварад боз.

*Фахриддини Гургонӣ*

Пушаймон нагардад кас аз кори нек,
Накӯтар зи некӣ чӣ чиз аст век?

*Асадии Тӯсӣ*

Ба гетӣ ҷуз аз дасти некӣ мабар,
Ки ояд яке рӯз некӣ ба бар.

*Асадии Тӯсӣ*

Накӯкори бо чеҳраи зишту тор
Фаровон беҳ аз некии зишткор.

*Асадии Тӯсӣ*

Ба корафтода коромӯз мебош,
Ба ҳар дилсӯхта дилсӯз мебош!

*Носири Хусрав*

Ту гар тавфиқ дорӣ, ҳам бар он бош,
Накӯхоҳу ба кас роҳатрасон бош!

*Носири Хусрав*

Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накӯхоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.

*Носири Хусрав*

Азизо, гар ба худ хорӣ нахоҳӣ,
Макун коре, ки бозорад табоҳӣ!

*Носири Хусрав*

Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош,
Ба сахтӣ чораи бечорагон бош!

*Носири Хусрав*

Касе, к-ӯ бо ту некӣ кард як бор,
Ҳамеша он накӯӣ ёд медор!

*Носири Хусрав*

Накӯӣ ҷомаи туст, он ҳамепӯш,
Ҳамеша дар накӯномӣ ҳамекӯш!

*Носири Хусрав*

Ва гар гӯӣ, накӯ гӯ, эй бародар,
Ки некӯгӯй бонафъ асту безар!

*Носири Хусрав*

Ба дасти ману туст некахтарӣ,
Агар бад наҷӯем, некахтарем.

*Носири Хусрав*

Накӯӣ гар кунӣ, миннат манеҳ, з-он
Ки ботил шуд зи миннат ҷуду эҳсон!

*Носири Хусрав*

Зи некон бош, андар некӯвӣ кӯш,
Макун некии кас аз дил фаромӯш!

*Носири Хусрав*

Мурувват нест, ар афтодаеро
Ба раҳ бинию худ маркаб биронӣ.

*Носири Хусрав*

Илоҷи дардмандон кун ба ҳар дард,
Ки ҳар кас, к-ӯ ҷароҳат кард, бад кард.

*Носири Хусрав*

Мадад деҳ, то ки Ҳақ ёри ту бошад,
Ҳама олам мададгори ту бошад!

*Носири Хусрав*

Некӣ кун, агар туро дастрас аст,
К-ин олам ёдгори бисёр кас аст .

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Роҳати мардум талаб! Озор чист?
Ҷуз хиҷолат ҳосили ин кор чист?
Рӯзи неъмат гар ту пардозӣ ба кас,
Рӯзи меҳнат бошадат фарёдрас.

*Фаридуддини Аттор*

То ту бошӣ дар замона додгар,
Зердастонро накӯ дор, эй писар!

*Фаридуддини Аттор*

Гар ҳамехоҳӣ, ки бошӣ дар амон,
Рав, накӯӣ кун ту бар халқи ҷаҳон!

*Фаридуддини Аттор*

Қуввати некӣ надорӣ, бад макун,
Бар вуҷуди худ ситам беҳад макун!

*Фаридуддини Аттор*

Накӯӣ бар бадон кардан вубол аст,
Надонанд ин сухан ҷуз ҳушмандон.
Зи баҳри он, ки бо гургон накӯӣ
Бадӣ бошад ба ҳоли гӯсфандон.

*Саъдии Шерозӣ*

Мукофоти бадӣ кардан ҳалол аст,
Чу беҷурм аз касе озурда бошӣ.
Бадӣ бо ӯ раво бошад, валекин
Накӯӣ кун, ки бо худ карда бошӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Нахоҳӣ, ки бошӣ парокандадил,
Парокандагонро зи хотир маҳил!

*Саъдии Шерозӣ*

Чу мебинӣ, ки нобинову чоҳ аст,
Агар хомӯш биншинӣ, гуноҳ аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Нахоҳӣ, ки нафрин кунанд аз пасат,
Накӯ бош, то бад нагӯяд касат!

*Саъдии Шерозӣ*

Фурӯмондагонро дарун шод кун,
Зи рӯзи фурӯмондагӣ ёд кун!

*Саъдии Шерозӣ*

Зинҳор, ки чун мегузарӣ бар сари маҷрӯҳ,
Аз вай хабаре пурс, ки чун мегузаронад.

*Саъдии Шерозӣ*

Нахоҳӣ, ки бошад дилат дардманд,
Дили дардмандон баровар зи банд!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки дар ҳоли тавоноӣ накӯӣ накунад, дар вақти нотавонӣ сахтӣ бинад.

*Саъдии Шерозӣ*

Некӣ бар бадон бадӣ бар некон аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки дар ӯ сирати некӯ бувад,
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чу некию бадӣ бечустуҷӯ нест,
Накӯӣ кун, ки бад кардан накӯ нест!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҳар чи варзиш кунӣ, ҳамонӣ ту,
Некӯӣ варз, агар тавонӣ ту!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Имрӯз, ки бозорат пурҷӯшу харидор аст,
Дарёбу бинеҳ ганҷе аз мояи некӯӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар, к-ӯ накошт меҳру зи хубӣ гуле начид,
Дар раҳгузори бод нигаҳбони лола буд.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Беҳи некӣ бинишону раҳи таҳқиқ биҷӯй!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Сафҳаи даҳр бувад дафтари умри ҳама халқ,
Инчунин гуфт хирадманд, ки андеша гумошт:
«Хуррам он кас, ки бар ин дафтари пок аз ҳама ҳарф
Рақами хайр кашиду асари хайр гузошт».

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Эй, ки ҳиммат ба сӯи он дорӣ,
Ки шавӣ шуҳра дар накӯкорӣ,
Ғайр аз инат мабод андеша,
Ки камозорият шавад пеша.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба гетӣ мазан ҷуз ба некӣ нафас,
Ки ин аст оини некону бас!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Хуш он кас, ки оби рухи худ нарехт,
Ба некаш рух оварду аз бад гурехт.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нек кун, то нек пеш ояд туро,
Бад макун, то бад нафарсояд туро!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Роҳату ранҷ чун бувад гузарон,
Ранҷ каш баҳри роҳати дигарон.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Абр бояд, ки ба саҳро борад,
З-он чӣ ҳосил, ки ба дарё борад?

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Некӣ омӯз аз ҳама, аз кам зи худ, охир, чӣ айб?
Ростӣ дар ҷадвали заргар зи чӯбин мистар аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гираҳ, то метавонӣ, боз кун аз кори муҳтоҷон,
Чу бекорон ба нохун гардани худро махор ин ҷо!

*Соиби Табрезӣ*

Некии кас зи кори ӯ пайдост,
Соли нек аз баҳори ӯ пайдост.

*Камолиддини Биноӣ*

Ба некувон некӯӣ кун, ки бадкирдорро кирдори бади вай кифоят кунад.

*«Кимиёи саодат»*

Касоне, ки бадро писандидаанд,
Надонам, зи некӣ чӣ бад дидаанд?

* * *

Накӯикунандагонро ҳама мардумон дӯст медоранд.

* * *

Кори некӯ кардан аз пур кардан аст.

* * *

Аз некӯкорӣ касе хиҷолат набарад.

* * *

Некӣ роҳ ба хонаи соҳиби худ барад.

* * *

Некӣ кун, номат дар ҷаҳон монад.

## 2. ДИЛ БА ДАСТ ОВАРДАН

Чу ранҷонидани кас ҳаст осон,
Ба даст оварданаш набвад ба-дон сон.

*Носири Хусрав*

Сад Каъбаи обу гил ба як дил нарасад.
Каъба чӣ равӣ?! Бирав, дилеро дарёб!

*Умари Хайём*

Ба даст овардани дунё ҳунар нест,
Якеро, гар тавонӣ, дил ба даст ор!

*Саъдии Шерозӣ*

То дили дӯстон ба даст орӣ,
Бӯстони падар фурӯхта беҳ.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз баҳри дили яке ба даст овардан
Матбӯъ набошад дигаре озардан.

*Саъдии Шерозӣ*

То тавонӣ, диле ба даст овар,
Дил шикастан ҳунар намебошад.

*Саъдии Шерозӣ*

Дар ҳолати осонӣ дилҳо ба даст ор, то дар ҳангоми душворӣ ба кор оянд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар чи зарур асту чу ҳосил кунӣ,
Беҳ, ки иморатгарии дил кунӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бигзар аз шеваи дилозорӣ,
Ҷаҳд кун, то диле ба даст орӣ!
Гар тавонӣ, диле ба даст овар,
На ки бар қалби дил шикаст овар!
Бар дили аҳли дил шикаст мадеҳ,
Дил нигаҳ дору дил зи даст мадеҳ!
Ваҳм кун, ваҳм кун, зи дил кун ваҳм,
Ҷои ваҳм аст дил, сухан кун фаҳм!

*Камолиддини Биноӣ*

Сар чӣ орӣ ба дастор, эй писар,
Гар тавонӣ, дил ба даст ор, эй писар!

* * *

Дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи акбар аст,
Аз ҳазорон Каъба як дил беҳтар аст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

* * *

Дил ба даст ор, то касе бошӣ!

## 3.ОДАМ ВА ҚАДРИ ОДАМӢ

Ҳар он, к-ӯ гузашт аз раҳи мардумӣ,
Зи девон шумар, машмараш одамӣ!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама судмандӣ зи мардум шавад,
Чу ӯ гум шавад, некуӣ гум шавад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар хоҳӣ, ки қадри ту барҷой бошад, қадри мардумони некӯ бишинос!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Асли мардумӣ камозорист.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Мардуми беқадрро зинда машмор!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Некдил бош, то некбин бошӣ!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ҷуз камозорӣ набошад мардумӣ, гар мардумӣ,
Чун биёзорӣ маро, ё нестӣ мардум магар?

*Носири Хусрав*

Гурги дарранда надаррад дар биёбон гургро,
Гар ҳаме даъво кунӣ дар мардумӣ, мардум мадар!

*Носири Хусрав*

Дар замона зи ҳар чи ҷонвар аст,
То нашуд пухта одамӣ, батар аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Гӯшт бар гови варза некӯтар,
Зинати мард дониш асту ҳунар.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ба мардум даромез, агар мардумӣ,
Ки бо одамӣ хӯ гирифт одамӣ!

*Низомии Ганҷавӣ*

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.
Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият?
Хуру хобу хашму шаҳват шағаб асту ҷаҳлу зулмат,
Ҳаявон хабар надорад зи ҷаҳони одамият.
Ба ҳақиқат одамӣ бош, вагарна мурғ бошад,
Ки ҳамон сухан бигӯяд ба забони одамият.

*Саъдии Шерозӣ*

Суде накунад фарохнои бару дӯш,
Гар одамиӣ, ақлу ҳунар парвару ҳуш!
Гов аз ману ту фарохтар дорад чашм,
Хар аз ману ту дарозтар дорад гӯш!

*Саъдии Шерозӣ*

Одамизоди некмаҳзар бош,
То туро бар давоб фазл ниҳанд!
Ту ба ақл аз давоб мумтозӣ,
Варна эшон ба қувват аз ту биҳанд!

*Саъдии Шерозӣ*

Шарафи одамӣ чу аз илм аст,
Ҳар ки доност, бандаи ӯям.
В-он ки бе илм мансабе ҷӯяд,
Мансаби ӯст мабразе гӯям.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Аз ҳусн нафис нест мардум,
Аз ҷавҳари мардумӣ нафис аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Одамӣ аст аз паи коре бузург,
Гар накунад, ӯст ҳиморе бузург.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Он ки надорад сифати мардумӣ,
Нест бари одамиён одамӣ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Мардумӣ аз мардумият лозим аст,
Уд, ки бӯяш набувад, ҳезум аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Майли ту ҳар сӯ, ки ба пайванд тохт,
Одамӣ аз дев бибояд шинохт.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ман онро одамӣ донам, ки дорад сирати некӯ,
Маро чӣ маслиҳат бо он, ки ин габр асту он тарсо.

*Салмони Соваҷӣ*

На ба мансаб бувад баландии мард,
Балки мансаб шавад ба мард баланд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гар туӣ одам, машумор одамӣ,
Он ки надорад зи ғами кас ғаме.

*Алишер Навоӣ*

Одамиро бар либосу суфу атлас фахр нест,
Дида бошӣ, ин қумош аксар сутуронро ҷул аст.

*Абдулқодири Бедил*

Қимати мард на бо симу зар аст,
Қимати мард ба илму ҳунар аст.

*Абдулқодири Бедил*

Одам он аст, ки ҷоҳу ҳашамаш хар накунад.

*Абдулқодири Бедил*

Миқдори ҳар дарахт падидояд аз самар.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Одамият чист?!-- Худро дур аз шар доштан,
Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан!

*Тошхоҷаи Асирӣ*

Гавҳари қимат зи гавҳарҳо ба олам одам аст,
Дар ҷаҳони ту ба ҳар одам баҳои олам аст.

*Ҳабиб Юсуфӣ*

Қимати ҳар одамӣ ба андозаи ҳиммати ӯст.

*«Таърихи гузида»*

Мулло шудан чӣ осон,
Одам шудан чӣ мушкил.

* * *

Одамӣ ба сират аст, на ба сурат, инсоният ба камол аст, на ба ҷамол.

* * *

Инсоният ба сурат нест, бо сафост.

* * *

Одам аз санг сахттар, аз гул нозуктар аст.

* * *

Мардум аз мардум камол ёбад.

* * *

Одам бо умед зинда бошад.

* * *

Одам ба одам хуш аст.

* * *

Қавитари мардум он бошад, ки ба таскини хашм қудрат дорад.

* * *

Одам ба одам ғанимат аст.

* * *

Ҳар киро виҷдон нест, инсон нест.

## 4. ОЛИМӢ ВА ДОНОӢ

Бад-он кӯш, то зуд доно шавӣ,
Чу доно шавӣ, зуд воло шавӣ.
На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар аст он, ки донотар аст.

*Абӯшакури Балхӣ*

Хирадманд гӯяд, ки марди хирад
Ба ҳангоми хеш андарун бингарад.
Шавад некӣ афзун, чу афзун шавад,
В-аз оҳӯи бад пок берун шавад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Аз хотири пурилм сухан н-ояд ҷуз хуб,
Аз поксабӯ пок бурун ояд оғор.

*Носири Хусрав*

Шамс чун пайдо шавад, офоқ аз ӯ равшан шавад,
Мард чун доно шавад, дил дар бараш дарё шавад.

*Носири Хусрав*

Ҳама аз Одамем мо, лекин
Ӯ гиромитар аст, к-ӯ доност.

*Масъуди Саъди Салмон*

Ғӯл бошад, на олим он, ки аз ӯ
Бишнавӣ гуфтугӯ нангарӣ кирдор.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Илмхон ҳамчун илмдор набувад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Доно беҳ агар наёварад ёд
З-он ғам, ки мухолифаш шавад шод.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ду оқилро набошад кину пайкор,
На доное ситезад бо сабукбор.
Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,
Хирадмандаш ба нармӣ дил биҷӯяд.

*Саъдии Шерозӣ*

Марди хирадманди ҳунарпешаро
Умр ду боист дар ин рӯзгор,
То бо яке таҷриба омӯхтӣ,
Бо дигаре таҷриба бурдӣ ба кор.

*Саъдии Шерозӣ*

Дуруштӣ нагирад хирадманд пеш,
На сустӣ, ки нозил кунад қадри хеш!

На мар хештанро фузунӣ ниҳад,
На якбора тан дар мазаллат диҳад!

*Саъдии Шерозӣ*

Вуҷуди мардуми доно мисоли зарри тилост,
Ки ҳар куҷо, ки равад, қадру қиматаш донанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Олим он кас бувад, ки бад накунад,
На бигӯяд ба халқу худ накунад.

*Саъдии Шерозӣ*

Накарданд рағбат ҳунарпарварон
Ба шодии хеш аз ғами дигарон.

*Саъдии Шерозӣ*

Доноро аз нодон нафрат аст, нодонро аз доно ваҳшат.

*Саъдии Шерозӣ*

Доно чун таблаи аттор аст: хомӯшу ҳунарнамой ва нодон чун табли ғозӣ: баландовозу миёнтиҳӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Оқил он аст, ки аз ҳар калом панд гираду асари он бар дил расонад.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар оқилӣ, як ишорат бас аст!

*Саъдии Шерозӣ*

Асли кас аз кас набошад кам, чу ҷумла з-одаманд,
Лек ҳар кас ҷавҳари илм аст, вологавҳар аст.
Ноз аз илму ҳунар бояд, на аз аслу насаб,
Гарчи беасл аст олим, ҳам ба гавҳар бартар аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Олими бекор наёбад баре,
Гарчи ба сад ҳила барорад саре.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Хирадманд кӯшад, к-аз оташ раҳад,
На худро ба сӯзанда оташ диҳад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҳайф бошад дили доно, ки мушавваш бошад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чист зарри ноб? Рангин гашта хоке з-Офтоб.
Ҳар ки кард афсар зи зарри ноб, хокаш бар сар аст.
Гар надорад симу зар доно, манеҳ номаш гадо,
Дар бараш дил баҳри дониш, ӯ шаҳи баҳру бар аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бад-ин нукта донову бихрад шудам,
Ки доно ба нодонии худ шудам.
Бигӯям надонам, ки ин эътироф
Зи доноии худ бувад маҳзи лоф.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар нукта, к-ояд аз лабу дандон, чу гавҳар аст,
Хуш он, ки сохт ганҷи гуҳар дурҷи синаро.
Донодил аз ҷавоҳири ҳикмат хазинаест,
Аз хештан мадор ҷудо ин хазинаро!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳамон беҳ, ки нодон ба доно равад,
Ки аз донишаш кор боло равад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Доно сухани хулоса гӯяд,
Озори даруни худ наҷӯяд.

*Шоҳини Шерозӣ*

Зи доноён сухан пайваста бинйӯш,
Макун ҳаргиз ҳадиси аблаҳон гӯш!
Зи доноён бимонад ёдгорӣ,
Вале нодон кашад сад ҷавру хорӣ.

*Роғиби Самарқандӣ*

Сад ҳайф, ки мулло ба ҷадал моил шуд,
Пиндошт, ки «олим шудаам», ҷоҳил шуд.

*Абдулқодири Бедил*

Зи ҳарфи ҳақ нашавад ранҷа марди донишвар.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Доно ба чашми нодон ҳақиртар аз он бошад, ки нодон ба чашми доно.

*«Марзбоннома»*

Гарчи доно бошию аҳли ҳунар,
Хешро камтар зи ҳар нодон шумар!

* * *

Ҳаким он аст, ки ба ҷаҳли худ муқир бошад ва ҷоҳил он аст, ки ба илми худ мағрур.

* * *

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд, ки тавонгартар кист? Гуфт: «Он, ки ақлаш комил бошад».

* * *

Аз Суқрот пурсиданд, ки бо кадом кас унс гирифтан лоиқтар аст? Гуфт: «Бо одами оқилу дурандешу некрой».

* * *

Хирадманд толиби камол бошад, нодон хоҳони мол.

* * *

Оқил ба фазлу ҳунар нозад, на ба молу зар.

* * *

Оқил ду бор фиреб нахурад.

* * *

На некӯ бувад марди доно хамӯш.

## 5.ДӮСТ ВА ДӮСТӢ

Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеч талхӣ нест бар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Вақти нокомӣ тавон донист ёр.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Магар дӯстӣ, к-он бимонад ҷавон.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ду чиз аз дил андӯҳ берун барад:
Рухи дӯсту овози марди хирад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Бувад дӯст мар дӯстро чун сипар,
Беҳ аз дӯст мардум кӣ бошад дигар?

*Абӯшакури Балхӣ*

Ҳар он дӯст, к-аз баҳри суду зиён
Бувад дӯст, душман бувад, бегумон.

*Абӯшакури Балхӣ*

Киро н-озмудиш, ёри ту гашт,
Манол, ар гуноҳе бар ӯ баргузашт.

*Абӯшакури Балхӣ*

Бародар бародар бувад, дӯст беҳ,
Чу душман бувад, берагу пӯст беҳ.

*Абӯшакури Балхӣ*

Чӣ нохуш бувад дӯстӣ бо касе,
Ки моя надорад зи дониш басе.

*Абӯмансури Дақиқӣ*

Бародар-т чандон бародар бувад,
Куҷо мар туро бар сар афсар бувад.
Чу пажмурда шуд рӯи рангини ту,
Нагардад касе гирди болини ту.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳамон дӯстӣ бо касе кун баланд,
Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Гаронмоятар кист аз дӯстон,
К-аз овози ӯ дил шавад бӯстон?!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар дӯст бо дӯст гирад шумор,
Набояд, ки бошад миёнҷӣ ба кор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст!

*Абӯалӣ ибни Сино*

Чӣ бувад рӯзе фирӯзтар аз рӯзи висол?
Чӣ бувад фоле фархундатар аз дидани дӯст?

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Дӯстонро биёфтӣ ба мурод,
Сари душман бикӯфтӣ ба гувоз.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Дӯст набояд зи дӯст дар гила бошад.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Дӯстро зуд душман тавон кард, аммо душманро дӯст гардондан душвор бувад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Чаро дӯст хонӣ касеро, ки душмани дӯсти ту бувад?

*Унсурулмаолии Кайковус*

Киро пайванд гардад ошноӣ,
Набошад ҳеҷ дарде чун ҷудоӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ҳама вақте тавон ҷустан ҷудоӣ,
Валекин ҷуст натвон ошноӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Аз бадхоҳ бадтар аст ёри нодон.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ба сад сол як дӯст ояд ба даст,
Ба як рӯз душман тавон кард шаст.

*Асадии Тӯсӣ*

Ғами он касе хӯрдан оин бувад,
Ки ӯ бар ғамат низ ғамгин бувад.

*Асадии Тӯсӣ*

Задан чӯби сахт аз яке дӯстдор
Беҳ аз бӯсаи душмани зиштkор.

*Асадии Тӯсӣ*

Киро дӯст дорию коми ту ӯст,
Ҳар оҳӯшро ҳамчунон дор дӯст!

*Асадии Тӯсӣ*

Чу дастат расад, дӯстонро бипой,
Ки то дар ғам оранд меҳрат ба ҷой!

*Асадии Тӯсӣ*

Насиҳат бишнав, ар талх ояд аз ёр,
Ки дар охир ба ширинӣ расад кор.
Чу касро ёри дигар ёр гардад,
Ба ҳар озор кай безор гардад?!
На бар ҳазл аст кори ёру ёрӣ,
Ки сидқу эътиқод омад ба ёрӣ.
Ба ёрӣ–дар фаровон кор бошад,
На ҳар, к-аш ёр хонӣ, ёр бошад.
Дило, ёре талаб, гар метавонӣ,
Чунон ёре, ки бар вай ҷон фишонӣ.

*Носири Хусрав*

Аз қарини бад ҳазар бояд-т кард,
К-аз қарини бад биёлояд қарин.

*Носири Хусрав*

Касеро марди оқил дӯст хонад,
Ки ӯ дар неку бад бо дӯст монад.

*Носири Хусрав*

Саге, к-аш бо ту пайванд аст ҷонӣ,
Беҳ аз ёре, ки дорад саргаронӣ.

*Носири Хусрав*

Чу ёбӣ дӯсте, сахташ нигаҳ дор,
Ба сустӣ доманаш аз даст магзор!

*Носири Хусрав*

Кадомин дӯст, к-ӯ аз дӯст нозад,
Чу кор афтад, ба ҷон ҷонро бибозад.

*Носири Хусрав*

Куҷо он дӯст рози дил бипӯшад,
Ба кори дӯстон бо ҷон бикӯшад.

*Носири Хусрав*

Туро гар дӯсте бояд сазовор,
Хирадро кори худ кун дар ҳама кор.

*Носири Хусрав*

Беҳини дӯстонро он касе дон,
Ки ӯ роҳат намояд сӯи эҳсон.

*Носири Хусрав*

Набошад дӯст ҷуз оинаи дӯст,
Ба ҷону дил ҳам он ину ҳам ин ӯст.

*Носири Хусрав*

Фикандан дӯстӣ бо кас салим аст,
Вафо бурдан ба сар коре азим аст.

*Носири Хусрав*

Бибояд фарқ кардан душман аз дӯст,
Ки донистан зи душман дӯст некӯст.

*Носири Хусрав*

Ҳар дил, ки асири меҳнати ӯст, хуш аст,
Ҳар сар, ки фидои сари он кӯст, хуш аст;
Аз дӯст ба новаки ғам озурда машав,
Хуш бош, ки ҳар чи ояд аз дӯст, хуш аст!

*Умари Хайём*

Дӯстият мабод бо нодон,
Ки бувад дӯстиш офати ҷон.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Аз ёр ба ҳар захме афгор набояд шуд,
Аз дӯст ба ҳар ҷавре безор набояд шуд.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ёри ҳамкоса ҳаст бисёре,
Лек ҳамдард кам бувад ёре.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Дӯстонро ба гоҳи суду зиён
Битавон диду озмуд тавон.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Дар миёни дӯстон гаҳ ҷанг бошад, гоҳ сулҳ,
Дар мизони ахтарон гаҳ нафъ бошад, гаҳ зарар.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Бад касе дон, ки дӯст кам дорад,
З-он батар, чун гирифт, бигзорад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Дӯстро кас ба як бадӣ нафрӯхт,
Баҳри кайке гилем натвон сӯхт.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

То ту ёри хеш бошӣ, ёр натвон доштан.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Басо коре, ки аз ёре барояд,
Бибояд ёр, то коре барояд.

*Низомии Ганҷавӣ*

Душмани доно, ки ғами ҷон бувад,
Беҳтар аз он дӯст, ки нодон бувад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Он ки бо ту рӯзи ғам будаст ёр,
Рӯзи шодӣ ҳам бипурсаш зинҳор!

*Фаридуддини Аттор*

Мар туро ҳар кас, ки ёри ғам бувад,
Чун расад шодӣ, ҳамон ҳамдам бувад.

*Фаридуддини Аттор*

Биё, то қадри якдигар бидонем,
Ки то ногаҳ зи якдигар намонем!

Каримон ҷон фидои дӯст карданд,
Сагӣ бигзор, мо ҳам мардумонем !
Ғаразҳо тира дорад дӯстиро,
Ғаразҳоро чаро аз дил наронем?
Гаҳе хушдил шавӣ аз ман, ки мирам,
Чаро мурдапарасту хасми ҷонем?
Чу баъд аз марг хоҳӣ оштӣ кард,
Ҳама умр аз ғамат дар имтиҳонем.
Кунун пиндор, мурдам, оштӣ кун,
Ки дар таслим мо чун мурдагонем.
Чу бар гӯрам бихоҳӣ дод бӯса,
Рухамро бӯса деҳ, акнун ҳамонем!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Дӯстӣ бо мардуми доно накӯст,
Душмани доно беҳ аз нодони дӯст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Дило, ёрон се қисманд, ар бидонӣ,
Забонианду нонианду ҷонӣ.
Ба нонӣ нон бидеҳ, аз дар биронаш,
Навозиш кун ба ёрони забонӣ!
Валекин ёри ҷониро ба даст ор,
Ба ҷонаш ҷон бидеҳ, ар метавонӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Дӯст он аст, ки маъйиби дӯст
Ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд,
На ки чун шона бо ҳазор забон
Дар қафо рафта мӯ ба мӯ гӯяд.

*Саъдии Шерозӣ*

Оини бародарию шарти ёрӣ
Он нест, ки айби ман ҳунар пиндорӣ.
Он аст, ки гар хилофи шоиста равам,
Аз ғояти дӯстим душман дорӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу дӯстони туро бар ту дил биёзорам,
Чӣ ҳусни аҳд бувад пеши некмардонам?
Вале ҳақиқати даъвии дӯстӣ он аст,
Ки душманони туро бар ту дӯст гардонам.

*Саъдии Шерозӣ*

Дӯст машмор он, ки дар неъмат занад
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ёр он бувад, ки сабр кунад бар ҷафои ёр,
Тарки ризои хеш кунад дар ризои ёр.

*Саъдии Шерозӣ*

Дунё хуш асту мол азиз асту тан шариф.
Лекин рафиқ бар ҳама чизе муқаддам аст!

*Саъдии Шерозӣ*

Душмани доно баландат мекунад,
Бар заминат мезанад нодони дӯст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба назди ман он кас накӯхоҳи туст,
Ки гӯяд: «Фалон чоҳ дар роҳи туст!»

*Саъдии Шерозӣ*

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дареғ аст рӯй аз касе тофтан,
Ки дигар нашояд чу ӯ ёфтан.

*Саъдии Шерозӣ*

Гар ҳунаре дорию ҳафтод айб,
Дӯст набинад ба ҷуз он як ҳунар.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар муроди насиҳаткунони мо ин аст,
Ки тарки дӯст бигӯям, тасаввурест муҳол.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳазор захми паёпай гар иттифоқ афтад
Зи дасти дӯст, нашояд, ки интиқом кунанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷудоӣ то наяфтад, дӯст қадри дӯст кай донад?
Шикастаустухон донад баҳои мумиёиро.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз дасти дӯст ҳар чи ситонӣ, шакар бувад,
В-аз дасти ғайри дӯст табарзад табар бувад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки бо душманон сулҳ кунад, сари озори дӯстон дорад.

Бишӯй, эй хирадманд, аз он дӯст даст,
Ки бо душманонат бувад ҳамнишаст.

*Саъдии Шерозӣ*

Дӯсти ҳақиқӣ он аст, ки айби туро бар рӯи ту бигӯяд, то душворат ояду аз он бигардӣ ва аз қафои ту бипӯшад, то бадном нашавӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Яке дӯстеро, ки замонҳо надида буд, гуфт: «Куҷоӣ, ки муштоқ будам?» Гуфт: «Муштоқӣ беҳ, ки малӯлӣ».

*Саъдии Шерозӣ*

Дӯстеро, ки ба умре фарочанг оранд, ба як хато нагзоранд.

*Саъдии Шерозӣ*

Душман чӣ кунад, чу меҳрубон бошад дӯст?!

*Саъдии Шерозӣ*

Дӯстони вафодор беҳтар аз хешанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Озурдани дӯстон ҷаҳл аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Чун ба ҷанг ояд ду ёр, он беҳ, ки як кас тан занад,
То таноби дӯстӣ аз ҳеч роҳе нагсалад.
Бигсалад он ресмон, к-аз ҳар ду ҷониб зӯр ёфт,
В-ар яке сусташ гузорад, ҳеч гоҳе нагсалад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Гар шумарӣ дӯст, касеро шумор,
К-ӯ бувад андар ғаму шодит ёр.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Касеро дӯст бояд гуфту ҳамдам,
Ки бошад ҳамдам андар шодию ғам.
На ёр, ағёр гӯ онро, ки ҳар бор
Ба шодӣ ёр бошад, дар ғам ағёр.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҳазорон офарин бар ошное,
Ки битвон ёфт з-ӯ бӯи вафое.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ёр чунон бош, ки номат баранд,
Бӯи саломат зи саломат баранд!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Дӯстие бояд аз он гуна ҷуст,
К-он абадуддаҳр бимонад дуруст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Дӯст, ки дар шодию ғам нест дӯст,
З-ӯ чӣ шавӣ шод, ки худ ғам ҳам ӯст?!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ёри ғаразҷӯй фаровон бувад,
Он ки кашад бори ту, ёр он бувад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ёр чу дар кор набошад, ғам аст,
Кор, ки бе ёр барояд, кам аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Дӯст магӯ он ки зи ҳампӯстӣ
Боз надонад адаби дӯстӣ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҳар ки саломе кунадат, ёр нест,
Ҳар садаферо дури шаҳвор нест.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Он ки айби ту гуфт, ёри ту ӯст,
В-он ки пӯшида дошт, мори ту ӯст.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Хона дар кӯи бахтёрон кун,
Дӯстӣ бо латифкорон кун!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҷон фидои ёрони мувофиқ кунед!

*Убайди Зоконӣ*

Ба қавли душманон баргаштӣ аз дӯст,
Нагардад ҳеч кас бо дӯст душман!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Бо дӯстон музоиқа дар умру мол нест,
Сад ҷон фидои ёри насиҳатниюш кун!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи рӯи дӯст маро чун гули мурод шукуфт,
Ҳаволаи сари душман ба санги хора кунам.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз ҷон тамаъ буридан осон бувад, валекин
Аз дӯстони ҷонӣ мушкил бувад буридан.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Завқи ҷаҳон надорад бе дӯст зиндагонӣ,
Бе дӯст зиндагонӣ завқи ҷаҳон надорад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳазор душманам ар мекунад қасди ҳалок,
Гарам ту дӯстӣ, аз душманон надорам бок.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Боғи биҳишту сояи тӯбову қасри ҳур
Бо хоки кӯи дӯст баробар намекунам.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Агар рафиқи шафиқӣ, дурустпаймон бош,
Ҳарифи ҳуҷраву гармобаву гулистон бош!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба оламе нафурӯшем мӯе аз сари дӯст.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дами дӯст ман муғтанам мешуморам,
Нишоте, ки бе ӯст, ғам мешуморам.

*Камоли Хуҷандӣ*

Саҳни бӯстон завқбахшу суҳбати ёрон хуш аст.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дило, гар оядат рӯзе ғаме пеш,
Чу ёре бошадат ғамхор, ғам нест!
Барои рӯзи меҳнат ёр бояд,
Вагарна рӯзи роҳат ёр кам нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дидани дӯст дӯстро гаҳ-гаҳ
Чеҳраи дӯстӣ биёрояд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар он кас, ки дар дӯстӣ рост нест,
Бад-ӯ душманӣ ҷуз каму кост нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нописандӣ гар расад аз ёри равшандил, чӣ бок?
Нест айбе оби соферо, ки хошоковар аст!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба ҳар кас раҳи ошноӣ мапӯй,
Зи ҳар ошно рӯшноӣ маҷӯй!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Барои дӯст ҷонатро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Он ки ӯро нест ёди дӯстон,
Кун фаромӯшаш, набудат дӯст он!

*Зайниддини Восифӣ*

Хуштар зи рафиқи меҳрубон чист?
Бе ҳамдаму ёр чун тавон зист?!
Бо ҳамдаму ёр зиндагонӣ
Бошад чу ҳаёти ҷовидонӣ.

*Шоҳини Шерозӣ*

Аз дӯст ҳар ҷафо, ки расад, ҷои миннат аст,
Зеро ки нест ҳеч вафо чун ҷафои дӯст.
*Бадриддини Ҳилолӣ*

Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест,
Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.
*Бадриддини Ҳилолӣ*

Касе, к-аз дӯстӣ берун ниҳад пай,
Дар оини вафо саг беҳтар аз вай.
*Бадриддини Ҳилолӣ*

З-он сияҳдил, к-аз ҳуқуқи ошноӣ ғофил аст,
Беҳтар аст он саг, ки пои ошно нагрифтааст.
*Соиби Табрезӣ*

Касе, ки айби маро мекунад ниҳон аз ман,
Агар чу чашм азиз аст, душман аст маро.
*Соиби Табрезӣ*

Фироқи дӯст агар андак аст, андак нест,
Даруни дида агар ним мӯст, бисёр аст.
*Соиби Табрезӣ*

Он ки бошад тамом дар ёрӣ,
Рӯ натобад ба рӯзи душворӣ.
Гар балое расад ба ёронаш,
Меҳнате пеши дӯстдоронаш.
Сипари он бало кунад худро…
Дар ҷаҳон ёр инчунин бояд,
Ёри ғамхор инчунин бояд.
Ҳамчунин ёр агар ба даст ояд,
Ҷон фидояш агар кунӣ, шояд.
*Камолиддини Биноӣ*

Ёри бад ғайри кори бад накунад.
Чӣ кунад бад, ки кори худ накунад?

Нек бо бад кучо раво бошад?!
Бо бад ар бад кунӣ, бачо бошад?!

*Камолиддини Биноӣ*

Рафиқ аз каф мадеҳ, душман агар хоҳӣ забун гардад.

*Сайидои Насафӣ*

Рафиқӣ кун ту бо ёрони ҷонӣ,
На ёре, к-ӯ бувад ёри забонӣ.

*Рогиби Самарқандӣ*

Зиндагӣ бо дӯстон айш асту танҳо оташ аст,
Шох аз булбул ҷудо масруфи гулхан мешавад.

*Абдулқодири Бедил*

Тоза созад гулбуни уммедро пайғоми дӯст,
Бишкуфонад ғунчаи дилро насими номи дӯст.
Гар ғубори хотире аз дӯстон бинӣ, маранҷ,
К-аз дуои душманон беҳтар бувад дашноми дӯст.

*Зебуннисо*

Зиндагӣ бе рафиқҳо марг аст,
Шахси бедӯст шохи бебарг аст.
Дӯстӣ баҳри мард тазйин аст,
Нек оини зиндагӣ ин аст.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Аз душманони дӯст ҳазар гар кунӣ, равост,
Бо дӯстони дӯст туро дӯстӣ накӯст.
Андар ҷаҳон бар ду гурӯҳ эминӣ мабод:
Бар дӯстони душману бар душманони дӯст.

*«Калила ва Димна»*

Онро, ки дӯст нест, ромиш нест.

*«Марзбоннома»*

Мушкилӣ ояд ба сари дӯстон,
Аҳлиашон зуд бигардад аён.

* * *

Рафиқи аҳли ғафлат ҳар касӣ, аз кор мемонад,
Чу пое хуфт, пои дигар аз рафтор мемонад.

* * *

Дар миёни дӯстон масрур бош,
Гар хирад дорӣ, зи душман дур бош!

* * *

Бо касе ошно намегардам,
Чун шудам ошно, намегардам.

* * *

Итоби дӯст хуш бошад, валекин
Мар онро низ поёне бибояд.

* * *

Дӯстиро чунин касе бояд,
Ки аз ӯ кори баста бикшояд.

* * *

Ҳазор аз баҳри май хӯрдан бувад ёр,
Якеро баҳри ғам хӯрдан нигаҳ дор!

* * *

Ҳар ки дӯсти беайб ҷӯяд, дӯсташ ғам бувад ва ҳар ки ба дӯст баҳри хитобе итобе кунад, душманаш бисёр бошад ва ҳар ки аз дӯстон чашм андозад, ки дар таҳсили фавоид ӯро бар нафси худ муқаддам доранд, пайваста ранҷур бошад.

* * *

Ёрию дӯстӣ бо ёрони мувофиқ ва дӯстони содиқ кун, ки дӯстии дӯстони кисаву коса ва ёрии ёрони пиёлаву наволаро бақое набошад.

* * *

Аҳмақ касест, ки дӯст надошта бошад, аҳмақтар аз вай касест, ки дӯсташро аз даст бидиҳад.

* * *

Нишони дӯсти содиқ чист?! Он ки дар некӣ ёрии ту кунад ва аз бадӣ туро монеъ ояду боздорад.

* * *

Аз ҳакиме пурсиданд, ки «бародар беҳтар аст ё ёр?» Гуфт: «Бародар, агар ёр бошад».

* * *

Чӣ чиз аст, ки андӯҳро бибарад? Ду чиз: яке рафиқи мувофиқ, дигаре дидани рӯи дӯстони содиқ.

* * *

Ҳайф бошад ба душворӣ ёре ба даст овардан ва ба осонӣ аз даст додан.

* * *

Ба ҳақиқат дӯст набошад, ки дӯст фаромӯш кунад дар бало.

* * *

Касеро дӯст мадон, ки роҳати худро дар озори мардум донад!

* * *

Ба дӯст ҷафо кардан ба душман вафо кардан аст.

* * *

Дӯстӣ кун, ки муҳаббат аз муҳаббаит хезад!

* * *

Дӯст он аст, ки бо ту рост гӯяд, на он ки дурӯғи туро рост ангорад.

* * *

Дӯстӣ бесабаб мешавад, душманӣ бесабаб намешавад.

* * *

Дӯст он аст, ки бигирёнад; душман он аст, ки бихандонад.

* * *

Маломати дӯстон беҳ, ки шамотати душманон.

* * *

Ёр дӯст бошад, гулхани мо гулшан аст.

* * *

Ёрро бояд имтиҳон кардан, то охир пушаймонӣ набошад.

* * *

Ёри корафтодаро ёрӣ ҳам аз ёрон расад.

* * *

Ёри некро дар рӯзи бад шиносанд.

* * *

Ёри шотир бош, на бори хотир.

* * *

Ҳар чи аз дӯст мерасад, некӯст.

* * *

Радди душман қабули дӯст аст.

* * *

Хонаи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб!

* * *

Дӯстро ба суду зиён имтиҳон кунанд.

* * *

Дӯстон тоҷи сару душманон зери по.

* * *

Ҳар дӯст, ки вафо накард, душман беҳ аз ӯ.

* * *

Он ҷо, ки дӯстист, такаллуф чӣ ҳоҷат аст?

* * *

Аз бародари сангдил ҷӯраи ҷонӣ беҳ.

* * *

Ҳамроҳи касе бош, ки ҳамроҳи ту бошад.

* * *

Аз дӯст шикоят макун, ки меҳри бегона равад.

* * *

Барои касе бимир, ки бароят таб кунад.

* * *

Чашми дӯст – ба сар, чашми душман–ба по.

* * *

Ёр аҳл аст, кор саҳл аст.

* * *

Дӯстӣ– бо рафту омад.

* * *

Як ёри ёр беҳ аз сад бародари носозгор.

* * *

Бародарӣ–баробарӣ.

* * *

Ошнодорӣ беҳ аз пулдорист.

* * *

Дӯст бош, безарар бош!

* * *

Ошноӣ рӯшноист.

* * *

Рафиқ бошӣ, мувофиқ бош!

## 6. ДАЛЕРӢ ВА УСТУВОРӢ

Андар балои сахт падид ояд
Фазлу бузургмардию солорӣ.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Шуҷоъ он, ки дилро шикебо кунад,
Ба ошуфтан-андар мудоро кунад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Далере, ки тарсад зи пайкори шер,
Зани зоҷ хонаш, махонаш далер!

*Абулмуайяди Балхӣ*

Раво нест баргаштан аз корзор,
Агар ҷон сипорем дар кор зор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Далерӣ зи ҳушёр будан бувад,
Диловар сазои ситудан бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ту пирӯзӣ, ар пешдастӣ кунӣ,
Сарат паст гардад, чу сустӣ кунӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бикун шерӣ он ҷо, ки шерӣ сазад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба рӯзи маърака з-ин пурдилию пурҷигарист,
Ки як савора шавад пеши лашкари ҷаррор.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Шамшери кӯтоҳ ба дасти диловарон дароз гардад.
*Унсурулмаолии Кайковус*

Зи душман кай ҳазар ҷӯяд ҳунарҷӯй?!
Зи дарё кай бипарҳезад гуҳарҷӯй?!
*Фахриддини Гургонӣ*

Гарам сангосиё бар сар бигардад,
Дил он дил нест, к-аз дилбар бигардад.
*Низомии Ганҷавӣ*

То накунӣ ҷои қадам устувор,
Пой манеҳ дар талаби ҳеч кор!
*Низомии Ганҷавӣ*

Чун шер ба худ сипаҳшикан бош,
Фарзанди ҳисоли хештан бош!
*Низомии Ганҷавӣ*

Дар ҷаҳон, донӣ, кӣ гардад муътабар?
Он, ки ӯро бок набвад аз хатар.
*Фаридуддини Аттор*

Гардан манеҳ, ар хасм бувад Рустами Зол,
Миннат макаш, ар дӯст бувад Ҳотами Той!
*Саъдии Шерозӣ*

Касе устуворӣ на кораш бувад,
Ҳама кор ноустувораш бувад.
Гаронсанг бояд чу пӯлод гашт,
Хас аст он, ки бозичаи бод гашт.
*Хусрави Деҳлавӣ*

Қавидил шав, ки дар майдони мардӣ,
Гар аз куштан битарсӣ, кушта гардӣ!
*Бадриддини Ҳилолӣ*

Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст,
Агар рӯбаҳ далер афтод, шер аст.

*Бадриддини Ҳилолӣ*

Бебокӣ кун, шикеби мардон ин аст,
Сар бар каф гир, зеби мардон ин аст!
Ҳайф аст, чу зан ба рахти гулгун нозӣ,
Хунгарм бикӯш, зеби мардон ин аст!

*Абдулқодири Бедил*

Ҷуръатӣ кун пеши мардон дар набард,
То бароядд номат аз мардони мард.

*Абдулқодири Бедил*

Аввалин шарти мард фидокорист,
Ҳар зафар зодаи азму подорист.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Ҳар ки дар корҳо ҷасур бувад,
Аз надомат ҳамеша дур бувад.

* * *

Агар бахт ҷӯӣ, марди майдон бош!

* * *

Дил қавӣ бошад, чу доман пок бошад мардро

* * *

Шуҷоат ба кирдор аст, на ба гуфтор.

* * *

Далерию суботкорию вафо фазилати мард аст.

* * *

Далерӣ сарбози ҳаёт аст.

## 7. КӮШИШ, АЗМ ВА ҲИММАТ

Зи кӯшиш макун ҳеч сустӣ ба кор,
Ба гетӣ ҷуз ӯ нест парвардагор!
Чу кӯшиш набошад, тани зӯрманд
Наёрад сар аз орзуҳо ба банд…

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу хоҳӣ, ки ганҷе ба бор оядат,
Бикӯшӣ, чу дар пеш кор оядат.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба манзил расид он, ки пӯянда буд,
Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу кӯшиш зи андоза андар гузашт,
Чунон дон, ки кӯшанда навмед гашт.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи ҳиммат чун ту дар олам баландӣ,
Сазад, к-аз ҳарза бисёре нахандӣ.

*Носири Хусрав*

То наёбӣ муроди хеш, бикӯш!

*Масъуди Саъди Салмон*

Ҳар киро шуд ҳиммати олӣ падид,
Ҳар чи ҷуст, он чиз шуд ҳолӣ падид.

*Фаридуддини Аттор*

Мантиқи мулки ҷаҳонҳо ҳиммат аст,
Болу парри мурғи ҷонҳо ҳиммат аст.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки ҷӯё шуд, биёбад оқибат.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

*Саъдии Шерозӣ*

Зи ғайрат ба даст оядат ному нанг,
Зи ғайрат муроди худ орӣ ба чанг.

*Саъдии Шерозӣ*

Бе азми дурусту саъи комил
Касро нашавад мурод ҳосил.

*Саъдии Шерозӣ*

Бикӯш имрӯз, то гандум бипошӣ,
Ки фардо бар ҷаве қодир набошӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Таваққуъ мадор, эй писар, гар касӣ,
Ки бе саъй ҳаргиз ба ҷое расӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Мардон ба саъю ранҷ ба ҷое расидаанд,
Ту, беҳунар, куҷо расӣ аз нафспарварӣ?!

*Саъдии Шерозӣ*

Дар амал кӯшу ҳар чи хоҳӣ, пӯш!

*Саъдии Шерозӣ*

Ба кон канданояд зар аз кони танг
В-аз ин кон ба ҷон кандан ояд ба чанг.
Касе дорад аз илми олам фароғ,
Гаҳ ӯ чун қалам хӯрд дуди чароғ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Нашавад мард пухта бе сафаре,
То накӯшӣ, набошадат зафаре.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Паси зону манишину ғами беҳуда махур,
Ки зи ғам хӯрдани ту ризқ нагардад каму беш.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Қадам бурун неҳ, агар майли ҷустуҷӯ дорӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Агар боғайратӣ ту, мард бошӣ,
Вагар беғайратӣ, номард бошӣ.

*Убайди Зоконӣ*

Бикӯш, то ба каф орӣ калиди ганҷи вуҷуд,
Ки бе талаб натавон ёфт гавҳари мақсуд!

*Камоли Хуҷандӣ*

Ҳиммати ҷӯянда ҳар чи буд, ҳамон ёфт.

*Камоли Хуҷандӣ*

Ҳаст ҳиммат чу мағзу кор чу пӯст,
Кори ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст.
Ҳиммати мард чун баланд бувад,
Дар ҳама кор арҷманд бувад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Кӯшиш бикуниву ҳар чи битвон донист,
Донӣ, пас аз он ҳар чи надонӣ, бикунӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу варзиш нест бас мушкил бувад кор,
Чу варзиш шуд, набошад кор душвор.

*Алишери Навоӣ*

Инони азм ба ҳар ҷонибе, ки бартобӣ,
Макун ба дасти тараддуд инони худро суст,

Ки кас ба манзили мақсуд раҳ намеёбад,
Магар ба саъйи тамому дигар ба азми дуруст.
Ҳар он, ки пои талаб дар тариқи азм ниҳод,
Ба тахтгоҳи бузургӣ расад ба гоми нахуст.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Ҳар тарҳ, ки афканӣ чу мардон,
Ҷаҳде бикуну тамом гардон!
Яъне, аламе, ки барфарозӣ,
Бояд, ки дигар нагун насозӣ!

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Мебош ба ҷидду ҷаҳд дар кор,
Домони талаб зи даст магзор!
Ҳар чиз, ки дил бар он бароял,
Гар ҷаҳд кунӣ, ба дастат ояд.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Зи ғайрат гар яке мардонагӣ кард,
Ту гӯйӣ ҷоҳиле девонагӣ кард.
Магӯ ҷоҳил, ки ҷои ҳайрат аст ин,
Беҳ аз сад оқили беғайрат аст ин.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Зи ҳиммат бар сари шерон равад мӯр,
Зи ҳиммат нӯш гардад неши занбӯр.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Рӯзӣ насиби кас ба нишастан намешавад,
Бояд чу осиё зи паи обу дона рафт.

*Сайидои Насафӣ*

Бе гуфтугӯй ризқ муҳайё намешавад,
Ин қулф бе забони талаб во намешавад.

*Сайидои Насафӣ*

Дар таҷрибагоҳи олами сулҳу набард
Ҳиммат ҳалли кадом мушкил, ки накард?!
Ҷаҳди инсон бар ин миён наёмад варна
Гардунро низ бар замин меовард.

*Абдулқодири Бедил*

То мард ба ранги лаъл дилхун нашавад,
Дар мулки вафо қиматаш афзун нашавад.
Ҳар санги табиати нагардад ёқут,
Ҳар қатраи об дурри макнун нашавад.

*Абдулқодири Бедил*

Ёрон, худро даме ба худ боз диҳед,
Нақше, ки нуҳуфтаед, пардоз диҳед!
Дил аз бари мо дур нарафтаст ҳанӯз,
Ин ойинаро ба сайқал овоз диҳед!

*Абдулқодири Бедил*

Ранҷи ҷаҳон ба ҳиммати мардон роҳат аст,
Гар бор мекашӣ, камарат устувор печ.

*Абдулқодири Бедил*

Саъй дар ғайри мавқеъ бадтар аз коҳилист.

*«Таърихи гузида»*

Саъй нокарда дар ин роҳ ба ҷое нарасӣ,
Музд агар металабӣ, тоати устод бибар!

* * *

Кор саъб омад, ба ҳиммат барфурӯз,
Гӯй тез омад, зи чавгон даргузашт.

* * *

Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор
Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд.

* * *

Ҷаҳди касе, ки бештар аст, кораш аз ҳама пештар аст.

* * *

Ба ҷон кандан ояд бурун зар зи санг.

* * *

Осон гардад, бар он чи ҳиммат бастӣ.

* * *

Ғайрат нишонаи мардист.

* * *

Аз ҳаракат - баракат.

* * *

Ҷӯянда ёбанда аст.

## 8.РОСТӢ ВА РОСТКОРӢ

Росту дуруст гӯй, агарчи талх бошад.

*Анӯшервон*

Ба каҷжию норостӣ кам гарой,
Ҷаҳон аз паи ростӣ шуд ба пой.

*Абӯшакури Балхӣ*

Бо дили пок маро ҷомаи нопок равост,
Бад мар онро, ки дилу ҷома палид асту палишт.

*Абулҳасани Кисоӣ*

Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пеша нест,
Зи каҷжӣ батар ҳеч андеша нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама равшанӣ дар тан аз ростист,
Зи торию каҷжӣ бибояд гирист.
Зи нерӯ бувад мардро ростӣ,
Зи сустӣ каҷӣ зояду костӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама ростӣ ҷӯю мардонагӣ,
Зи ту дур бод озу девонагӣ!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар пеша дорад дилат ростӣ,
Чунон дон, ки гетӣ ту оростӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу бо дил забонҳо бувад ростӣ,
Бибандад зи ҳар сӯ дари костӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ битобад сар аз ростӣ,
Кажӣ гирадаш кору ҳам костӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бузург он касе, к-ӯ ба гуфтори рост
Забонро биёрост, кажжӣ нахост.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама бурдборӣ кунад ростӣ,
Ҷудо кун дил аз кажжию костӣ!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама некномӣ буду ростӣ,
Кӣ кард, эй писар, суд аз костӣ?!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба ҳар кор – дар пеша кун ростӣ,
Чу хоҳӣ, ки нагзоядат костӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи кажжӣ наҷӯяд касе ростӣ,
Гар аз ростӣ пур кунад остӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки ҷӯяд ба дил ростӣ,
Надорад ба дод-андарун костӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба гуфтори хуб ар ҳунар хостӣ,
Ба кирдор пайдо кун он ростӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар хоҳӣ аз ҳар ду сар обрӯй,
Ҳама ростӣ кун, ҳама рост гӯй!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу бо ростӣ бошию мардумӣ,
Набинӣ ҷуз аз хубию хуррамӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки бо ту нагӯяд дуруст,
Чунон дон, ки ӯ душмани ҷони туст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Раҳи растагорӣ зи деви палид
Ба кирдори хубӣ наёяд падид.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳақ гӯй, агарчи талх бошад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Барояд коми дил, чун дил бувад рост.

*Фахриддини Гургонӣ*

Киро нест дар дӯстӣ ростӣ,
Бияфшон ту аз гарди ӯ остӣ!

*Асадии Тӯсӣ*

Дилатро рост кун, гар росткорӣ,
Ки ҳаст аз росткорӣ растагорӣ!

*Носири Хусрав*

Ростӣ шуғли некбахтон аст,
Ҳар киро ҳаст , некбахт он аст.
Дил зи баҳри чӣ дар кажӣ бастӣ?
Ростӣ пеша кун, зи ғам растӣ!
Гар кажиро шақоват аст асар,
Ростиро саодат аст самар.
Ҳар ки ӯ пеша ростӣ дорад,
Накди маънӣ дар остӣ дорад.
То дар ин риштае, ки маскани туст,
Нафас ар каҷрав аст, душмани туст.

Ростӣ кун, ки андар ин раста
Нашавӣ ҷуз ба ростӣ раста!
Нақши каж маҳв кун зи тахтаи дил,
То шавад кашф бар ту ҳар мушкил.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳеҷ каҷ ҳеҷ рост напзирад,
Рост каҷро ба рост баргирад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Дар каҷи ман макун ба айб нигоҳ,
Ту зи ман роҳи рост рафтан хоҳ!

*Абулмаҷди Саноӣ*

Рост бошу мадор аз кас бим.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Найшакар аз ростӣ он нӯш ёфт,
Аз каҷӣ гул хор дар оғӯш ёфт.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ба роҳи рост тавонӣ расид дар мақсуд,
Ту рост бош, ки ҳар давлате, ки ҳаст, турост.

*Саъдии Шерозӣ*

Напечад сар аз ростӣ ҳушманд,
Ки аз ростӣ ном гардад баланд.

*Саъдии Шерозӣ*

Мазан дам ба ҷуз ростӣ зинҳор,
Ки дорад фазилат ямин бар ясор.

*Саъдии Шерозӣ*

Дило, гар кунӣ ростӣ ихтиёр,
Шавад халқи дунё туро дӯстдор.

*Саъдии Шерозӣ*

Ки дар гулбуни ростӣ хор нест,
Беҳ аз ростӣ дар ҷаҳон кор нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Зи норостӣ нест коре батар,
К-аз ӯ номи некӯ шавад бесамар.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар по барнадорӣ аз раҳи сидқ,
Сар аз гардуни гардон барфарозӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба сидқу иродат миён баста дор,
Зи томоту даъво забон баста дор!

*Саъдии Шерозӣ*

Ту пок бошу мадор аз кас, эй бародар, бок,
Зананд ҷомаи нопок козурон бар санг.

*Саъдии Шерозӣ*

Кас надидам, ки гум шуд аз раҳи рост.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба ростгӯӣ маъруф шав, агар вақте
Дурӯғе аз ту равад, ҷумла рост хонандаш.
На дар дурӯғзанӣ шуҳра шав, ки дар ҳама ҷо
Агарчи рост бигӯӣ, дурӯғ донандаш.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Агар хоҳӣ накӯ бошӣ, накӯ бош,
Ҳамеша росткору ростгӯ бош!

*Хусрави Деҳлавӣ*

То ту бошӣ, зи ростӣ магзар,
Макаш аз хатти росткорон сар!
Ростӣ варзу растагорӣ бин,
Ёр шав халқрову ёрӣ бин!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ростӣ кун, ки ростон растанд,
Дар ҷаҳон ростон қавидастанд.
Росткорон баландном шаванд,
Каҷравон нимпухту хом шаванд.
*Рукниддини Авҳадӣ*

Суханро зеваре чун ростӣ нест,
Ҷамоли Маҳ ба ҷуз нокостӣ нест.
Аз он субҳи нахустин бефурӯғ аст,
Ки лофи равшанӣ аз вай дурӯғ аст.
Ба санъат гар биёрой дурӯғе,
Нагирад з-он чароғи вай фурӯғе.
Рухи гулгунаро гулгуна бояд,
Ки аз гулгуна гулрангӣ фазояд.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Якдилу якҷиҳату якрӯ бош
В-аз дурӯёни ҷаҳон яксӯ бош!
Аз каҷӣ хезад, ҳар ҷо халалест,
«Ростӣ-растӣ!» чӣ некӯ масалест.
Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин!
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Агар з-он, ки гӯйӣ сухан, рост гӯй,
Ба ҷуз ростӣ зевари он маҷӯй!
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Даруну бурунро ба ҳам рост соз,
Зи каҷбоз беҳтар бувад ростбоз.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Рост рав, рост, ки сарвар бошӣ,
Дар ҳисоб аз ҳама бартар бошӣ!
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳарфе, ки ниҳӣ, ба ростӣ неҳ,
К-аз ҳар ҳунар аст ростӣ беҳ!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Аз каҷӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Аз каҷ чӣ эътибор, агар каҷ намудаанд?
Бар рост чист таъна, агар рост гуфтаанд?

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дил агар сидқписанд аст,
Бар ҳама халқ баланд аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳамеша росткорон растагоранд,
Ки ғайр аз ростӣ коре надоранд.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ба роҳи рост рав, то метавон рафт.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Росте гӯ, ки бошадаш нафъе,
Зараре гар расад, кунад дафъе.
Ба сухан то тавон наёрӣ рӯй,
Ва гар орӣ, ба ғайри рост магӯй!

*Камолиддини Биноӣ*

Гар шудӣ рост, аз бало ҷастӣ,
Масал аст ин, ки «ростӣ–растӣ».

*Камолиддини Биноӣ*

Ростонро баду бало нарасад,
Марди каҷрав ба ҳеҷ ҷо нарасад.

*Камолиддини Биноӣ*

Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,
Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад.

*Сайидои Насафӣ*

Сарв меояд ба истиқболаш аз боғи мурод,
Ростиро ҳар ки месозад асои хештан.

*Сайидои Насафӣ*

Ростӣ кун, ки ба манзил нарасад каҷрафтор!

*Зайниддини Восифӣ*

Он бувад марди ростгору карим,
Ки карам бар ҷавону пир кунад.
Накунад пил разм бо пашша,
Шер ҳам раҳм бар фақир кунад.

*Аҳмади Дониш*

Ту дар кори худ ростӣ бар ба кор,
Ки ҳам раста гардиву ҳам растагор.

* * *

Дам аз ростӣ гар занӣ субҳвор,
Зи торикии ҷаҳл гирӣ канор.

* * *

Ҷуз ҳадиси рост бо мардум магӯ,
То нагардад оби рӯят оби ҷӯ.

* * *

Ростии хеш ниҳон кас накард,
Бар сухани рост зиён кас накард.

* * *

Ҳар даме, ки бигзарад, лахте аз зиндагонии туст; он лаҳзаро ҷуз барои растагории худ ба кор мабанд!

* * *

Инсон аз кадом амал маҳбуби дилҳо шавад? Аз ростмуомилагӣ ва шукуфтарӯйӣ.

* * *

Дасти иродат дар домани риндони покиза занед, то растагор шавед!

* * *

Наҷот дар ростӣ аст ва ҳалокат дар дурӯғ.

* * *

Зи ҳарфи ҳақ нашавад ранҷа марди донишвар.

* * *

Агар дурӯғ мераҳонад, рост раҳонандатар аст.

* * *

Биё, каҷ бинишинему рост гӯем!

* * *

Хонаам коза бошаду дилам тоза.

* * *

Ростӣ раҳоӣ бахшаду дурӯғ хорӣ орад.

* * *

Роҳи ростро хатар нест, каҷрав ҳамеша дар хатар аст.

* * *

Онро, ки ҳисоб пок аст, аз муҳосиба чӣ бок аст?

* * *

Раҳи рост бирав, агарчи дур аст.

* * *

Ростгӯро ҳамеша роҳат дар пеш аст.

* * *

Растагорӣ дар ростист.

* * *

Аз рост наранҷанд.

* * *

Ростиро завол нест.

## 9. ҲАЛИМӢ, ХОКСОРӢ ВА НАРМӢ

Шикебоӣ андар ҳама корҳо
Беҳ аз шӯшаи зар ба харворҳо.

*Абӯшакури Балхӣ*

Шикебоӣ андар дили танг неҳ,
Шикебоӣ аз ганҷи бисёр беҳ.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ба нармӣ чу гардан ниҳад рӯзгор,
Дуруштию гармӣ наёяд ба кор.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ба нармӣ барорад басе чиз мард,
Ки он барнаёяд ба ҷангу набард.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ба ҳар кор чарбӣ бибояд нахуст,
Набояд ба оғоз пайкор ҷуст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Фурӯтан бошед, то бисёрдӯст бошед.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ҳам аз нармӣ басе дил ром гардад,
Зи тундӣ пухтаҳо бас хом гардад.

*Носири Хусрав*

Ҷамоли мардумӣ дар ҳилм бошад,
Камоли одамӣ дар илм бошад.

*Носири Хусрав*

Ба нармӣ гар сухан ронӣ, ҳамерон,
Ки аз тезӣ ба ранҷ ояд дилу ҷон.

*Носири Хусрав*

Теғи ҳилм аз теғи оҳан тезтар,
Бал зи сад лашкар зафарангезтар.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Фурӯтан бувад ҳушманди газин,
Ниҳад шохи пурмева сар бар замин.

*Саъдии Шерозӣ*

Чун ба нармӣ тамом гардад кор,
Роҳи тундӣ чаро касе сипарад?

*Хусрави Деҳлавӣ*

Шохи бемева кашад сар ба қиём,
Шохи пурмева шавад хам ба салом.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Зи оҳандилӣ бигсилу мум бош,
Паноҳи асирони мазлум бош!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Рафъат дар фурӯтанист.

*«Таърихи гузида»*

Ба нармӣ кун ба назди халқ оҳанг,
Зи зӯри об дорад гардише санг.

* * *

Раҳ наёбад бад-ӯ пушаймонӣ,
Ҳар ки бошад ба вақти хашм ҳалим.

* * *

Ҳилм сармояи камол бувад,
Сабаби иззату ҷалол бувад.

* * *

Тавон сохт коре ба нармӣ чунон,
Ки натвон ба тиру камон сохтан.

* * *

То хоксории ту баҷост, сарварӣ ҳам баҷост.

* * *

Дарахти пурмева доим сарбатаъзим аст.

## 10. ЛУТФУ ЭҲСОН ВА ТАВОЗУЪ

Тавозуъ мар туро дорад гиромӣ,
Зи кибр ояд бадӣ дар некномӣ.

*Носири Хусрав*

Гузар аз тундию аз тундхӯӣ,
Тавозуъ пеша гиру тозарӯӣ!

*Носири Хусрав*

Он аст каримтабъ, к-ӯ зи эҳсон
Бар аҳли вафою фазл хӯ дорад.

*Носири Хусрав*

Аз тавозуъ бузургвор шавӣ
В-аз такаббур залилу хор шавӣ.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Эҳсон ҳама халқро навозад,
Озодонро чун банда созад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Карам кун, на пархошу киноварӣ,
Ки олам ба зери нигин оварӣ!
Чу коре бароян ба лутфу хушӣ,
Чӣ ҳоҷат ба тундию гарданкашӣ?

*Саъдии Шерозӣ*

Тавозуъ кунад, ҳар ки ҳаст одамӣ,
Назебад зи мардум ба ҷуз мардумӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Дило, ҳар ки бинҳод хони карам,
Бишуд номдори ҷаҳони карам.

*Саъдии Шерозӣ*

Гар аз дӯст чашмат ба эҳсони ӯст,
Ту дар банди хешӣ, на дар банди дӯст.

*Саъдии Шерозӣ*

Тавозуъ сари рафъат афрозадат,
Такаббур ба хок - андар андозадат.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар ганҷи Қорун ба даст оварӣ,
Намонад, магар он чӣ бахшӣ, барӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Карам мояи шодмонӣ бувад,
Карам ҳосили зиндагонӣ бувад.
Карам номдори ҷаҳонат кунад,
Карам комгори замонат кунад.

*Саъдии Шерозӣ*

Карам пой дорад, на дайҳиму тахт,
Бидеҳ, к-аз ту ин монад, эй некбахт!

*Саъдии Шерозӣ*

Бандаи ҳалқабагӯш ар нанавозӣ, биравад,
Лутф кун, лутф, ки бегона шавад ҳалқа ба гӯш!

*Саъдии Шерозӣ*

Бо дӯст ва душман тариқи эҳсон пеш гир, ки дӯстонро меҳру муҳаббат бияфзояд ва душманонро кину адоват кам шавад.

*Саъдии Шерозӣ*

Касе, ки бо ту кунад лутф, хоки пояш бош!

*Саъдии Шерозӣ*

Зи нахват пок кун андешаи хеш,
Тавозуъ кун ба ҳар кас пешаи хеш!
Чу хӯша хешро аз саркашӣ пос
Надорад, сар ниҳад аз зарбати дос.
Чу худро дона бар хок афканад хор,
Зи хокаш мурғ бардорад ба минқор.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Файзу ҳаловат аз дили бекибру кин талаб,
Занбӯрро аз хона барор, ангубин талаб!

*Абдулқодири Бедил*

Фахри ҷумла корҳо нон додан аст,
Дар ба рӯи дӯстон бикшодан аст.

* * *

Он ки кори некмардон мекунад,
Бо заифон лутфу эҳсон мекунад.

* * *

Ҳар киро одат шавад ҷуду карам,
Дар миёни халқ гардад муҳтарам.

* * *

Гар тавозуъ пеша гирӣ, эй ҷавон,
Дӯст дорандат ҳама халқи ҷаҳон.

* * *

Тавозуъ медиҳад аз рӯшноӣ
Басе бегонагонро ошноӣ.

* * *

Тавозуъ пешаи бузургон аст ва такаббур шеваи фурӯмоягон.

* * *

Саховат дар зиёд додан нест, дар бамавқеъ додан аст.

* * *

Инсон бандаи эҳсон аст.

* * *

Эҳсони хасис – достони хасис.

## 11. МАРДӢ ВА ҶАВОНМАРДӢ

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

На мардӣ бувад хира ошӯфтан,
Базерандаровардаро кӯфтан.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҷавонмардию ростӣ пеша кун,
Ҳама некувӣ - андар андеша кун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Мардон надоранд мардӣ нуҳуфт.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Нагардад ҷавонмард пархошҷӯй.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Мард ба ҳунар ном гирад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Агар хоҳӣ, ки бартар аз мардумон бошӣ, фарохнону намак бош!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Агар хоҳӣ тамоммард бошӣ, он чи ба худ написандӣ, ба дигарон написанд!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Саховат пеша кун ту аз каму беш,
К-аз он бегонагон гарданд чун хеш.

*Носири Хусрав*

Ҷавонмардӣ саодатро далел аст,
Зи ҳар кас ин сифат н-ояд, бахил аст.

*Носири Хусрав*

Зи хони дигарон бахшиш ба ҳад кун,
Ҷавонмардӣ зи хону нони худ кун!

*Носири Хусрав*

Макрамат кун, ки бигзарад ҳама чиз,
Макрамат пойдор дар дунёст.

*Масъуди Саъди Салмон*

Мард бояд, ки айби худ бинад,
Ба раҳи зӯру ғайба наншинад.
Ту агар айби худ ҳамедонӣ,
Наӣ аз ома, бал ҷаҳонбонӣ!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар ки ӯ мард бувад, бок надорад зи ғаме,
Ҳар ки ӯ шер бувад, маст нагардад зи табе.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Лофи сарпанҷагию даъвии мардӣ бигзор,
Оҷизи нафси фурӯмоя, чӣ мардӣ, чӣ занӣ.
Гарат аз даст барояд, даҳане ширин кун,
Мардӣ он нест, ки муште бизанӣ бар даҳане.

*Саъдии Шерозӣ*

Мардӣ на ба қувват асту шамшерзанӣ,
Он аст, ки ҷавре, ки тавонӣ, накунӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки фарёдраси рӯзи мусибат хоҳад,
Гӯ: «Дар айёми саломат ба ҷавонмардӣ кӯш!»

*Саъдии Шерозӣ*

Мард бояд, ки дар кашокаши дахр
Санги зерини осиё бошад.

*Саъдии Шерозӣ*

Мардӣ на ин аст, ки ҳамла оварад, мардӣ он аст, ки дар вақти хашм худро ба ҷой бидорад ва пой аз ҳадди инсоф берун ниҳад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷавонмардӣ ба даст омӯз худро,
Ки назди ҳамгинон миқдор ёбӣ.
Ба дасти дод бояд шуд ҷавонмард,
Ҷавонмарди забон бисёр ёбӣ!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Таҷриба кардам зи ҳар андешае,
Нест накӯтар зи сахо пешае.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Касеро, ки мардӣ бувад андаке,
Агар сад кунад, з-он нагӯяд яке.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биёмӯз
Зи мардони ҷаҳон мардӣ биёмӯз!
Дарун аз кини кинҷӯён нигаҳ дор,
Забон аз таъни бадгӯён нигаҳ дор!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҷавонмардӣ ду чиз аст, эй ҷавонмард,
Бигӯям, гӯш неҳ, то гӯямат рост:
Яке он, к-аз рафиқон даргузорӣ,
Агар як лаҳза бинӣ сад каму кост.
Дувум он, к-аз ту н-ояд ҳеч гоҳе,
Чунон коре, ки бояд узри он хост.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард,
Хуш он кас, к-ӯ ҷавонмардӣ ба ҷон кард.
Ба ҷон чун эҳтиёҷи ёр бишнохт,
Ҳаёти худ фидои ҷони ӯ сохт.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

На ба мансаб бувад баландии мард,
Балки мансаб шавад ба мард баланд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бода пур хӯрдану ҳушёр нишастан саҳл аст,
Гар ба давлат бирасӣ, маст нагардӣ, мардӣ!

*Соиби Табрезӣ*

Мард, ки дар кор набошад ҷасур,
Дур бувад аз ҳама лаззот, дур.

*Эраҷ Мирзо*

Мард бояд, ки худ падар бошад,
Боиси фахри сад писар бошад.

* * *

Мард бояд, ки ҳар куҷо бошад,
Иззати хештан нигаҳ дорад.

* * *

Ҷавонмардӣ пеша кунеду аз бухл дур бошед ва суҳбат ба ноаҳлон мадоред ва ҳоҷат аз ҷавонмардон хоҳед ва кирдори нек аз мардум дареғ мадоред ва дӯстонро аз айби эшон огоҳ кунед!

* * *

Он кадом кас аст, ки агар сад айб дошта бошад, бар вай айб нагиранд? Марди сахӣ.

* * *

Мард, то аз душман эмин нагардад, ҳаросон бошад.

* * *

Худро мард донӣ, дигаронро шер дон!

* * *

Мард он аст, ки лаб бандаду бозу бикушояд.

* * *

Зӯр касест, ки дар вақти ҷаҳл худдорӣ кунад.

* * *

Мардон назананд лофи мардӣ.

* * *

Мардро мардӣ нишон медиҳад.

* * *

Аз мардӣ то номардӣ як қадам аст.

* * *

Мард агар аз қавлаш бигардад, аҳмақ аст.

* * *

Мард бояд дар ҷаҳл сухан нагӯяд.

* * *

Ҷои мардон дар майдон.

## 12. АҲДУ ВАФО

Вафо чун дарахте бувад мевадор,
Куҷо ҳар замоне нав ояд ба бор?!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чӣ некӯтар аз мо вафодор дӯст?
Вафодорӣ аз дӯстон бас накӯст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар хоҳӣ, ки ба қавли ту кор кунанд, ба қавли худ кор кун!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Макун қасди ҷафо, гар бовафоӣ,
Зи сагтабъӣ бувад гургошноӣ!

*Носири Хусрав*

Фикандан дӯстӣ бо кас салим аст,
Вафо бурдан ба сар кори азим аст.

*Носири Хусрав*

Бегона агар вафо кунад, хеши ман аст,
В-ар хеш ҷафо кунад, бадандеши ман аст.
Гар заҳр мувофиқат кунад, тарёк аст,
Вар нӯш мухолифат кунад, неши ман аст.

*Умари Хайём*

Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун!

*Низомии Ганҷавӣ*

Ҳар чи омад ба дасти марди карим,
Ҳама дар пои дӯстон афшонд.
Он чи андӯхт сифлатабъи лаим,
Баъди марг аз барои душман монд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Кинахоҳӣ равиши эҳсон нест,
Ҳар ки эҳсон накунад, инсон нест.
Машав аз варзиши беэҳсонӣ
Хориҷ аз доираи инсонӣ!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Паст шав, паст, то баланд шавӣ,
Баҳра бифкан, ки баҳраманд шавӣ.
Дона аввал фитод паст ба хок,
Баъд аз он сар кашид бар афлок.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гар уруҷи нафс хоҳӣ, боли ҳиммат баркушой,
К-он чи дар парвоз дорад эътибор, аввал пар аст!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Тавозуъ кун, ки ёбӣ арҷмандӣ,
Фурӯтан шав, ки бинӣ сарбаландӣ!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Карам бар халқ ҷуз сарфи дирам нест,
Дирам аз дасти бадхӯён карам нест.

*Абдулқодири Бедил*

Эй оинахӯ, зи сина софӣ магзор,
Аз таври вафои табъ вофӣ магзор!
Як бор зи ҳар ки дида бошӣ эҳсон,
То зиндаӣ, аз саъй талофӣ магзор!

*Абдулқодири Бедил*

Ҳар ки аз гуфтори худ бошад малул,
Қавли ӯро дигаре накнад қабул.

*Фаридуддини Аттор*

Бегона вафо кунад, беҳ аз хеши ман аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки бо аҳди худ вафо накунад,
Нашавад дӯструю донишманд!

*Саъдии Шерозӣ*

Вафодорӣ куну миннатшиносӣ,
Ки бадфарҷомӣ орад носипосӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Аҳд нобастан аз он беҳ, ки бибандию напоӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Майли касе кун, ки валоят кунад,
Ҷон сипари тири балоят кунад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҳар ки дар мазраъи дил тухми вафо сабз
накард,
Зардрӯӣ кашад аз ҳосили худ гоҳи дарав.

*Ҳофизи Шерозӣ*

То тавонӣ, дили ушшоқ ба даст орӣ беҳ,
Ҷониби ёри вафодор нигаҳ дорӣ беҳ.

*Камоли Хуҷандӣ*

Макун ваъда, вагар кардӣ, вафо кун,
Тариқи бевафоиро раҳо кун!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нашояд ҳар замон ёре гирифтан,
Зи ёрон ҳар дам озоре гирифтан.
Гуле, к-ӯ ҳар замон бошад ба ҷое,
Намеояд аз ӯ бӯи вафое.
Гулистони ҷамолу гулшани рӯй
Бувад беобуранг аз гармии хӯй.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ёре, ки дар ӯ вафо набинӣ,
З-ӯ чашм бибанд, то набинӣ.
Дар мавсими айш ёр бояд,
Бе ёр ҷаҳон чӣ кор ояд?!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Суҳбати он кас, ки ба сидқу сафост,
Домани ӯ гир, к-аз аҳли вафост.

* * *

Аз уҳдаи аҳд агар бурун ояд мард,
Аз ҳар чи гумон барӣ, фузун ояд мард.

* * *

Мангар ту бад-он, ки зӯфунун ояд мард,
Дар аҳд нигоҳ кун, ки чун ояд мард.

* * *

Ё магӯ он чи менахоҳӣ кард,
Ё вафо кун бад-он чӣ мегӯӣ.

* * *

Вафоро нигаҳ дору сарро бидеҳ

* * *

Диле, ки ба вафо равад, ба ҷафо наравад.

* * *

Ҳеч хиёнат бадтар аз бевафоӣ нест.

# IV. ХИСЛАТҲОИ БАДИ ИНСОНӢ

## 1. БАДӢ КАРДАН

Макун бад ба кас, гар нахоҳӣ ба худ!
*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Макун бад, ки бинӣ ба фарҷом бад,
Зи бад гардад андар ҷаҳон ном бад.
Нагирад туро даст ҷуз некувӣ,
Гар аз марди доно сухан бишнавӣ.
Ҳар он кас, ки андешаи бад кунад,
Ба фарҷом бад бо тани худ кунад.
Ҷаҳонро набояд супурдан ба бад,
Ки бадкешро, бегумон, бад расад.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Магард эҷ гуна ба гирди бадӣ,
Ба некӣ биёрой, агар бихрадӣ!
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ту тухми бадӣ, то тавонӣ, макор,
Чу корӣ, барат бад диҳад рӯзгор.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи бад кардан омад ба ҳосил зиён,
Агар бад кунӣ, ғам барӣ аз миён.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ки ҳарчанд бад кардан осон бувад,
Ба фарҷом аз ӯ дил ҳаросон бувад.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ту подош бо некувӣ бад кунӣ,
Чунон дон, ки бад бо тани худ кунӣ.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба дил андар андешаи бад мадор,
Бадандешро бад бувад рӯзгор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Макун бад бо касею бад маяндеш,
Кучо чун бад кунӣ, бад оядат пеш.

*Фахриддини Гургонӣ*

Бадӣ гарчи кардан тавон бо касе,
Чу некӣ кунӣ, беҳтар ояд басе.

*Асадии Тӯсӣ*

Макун бад, ки чун бад туро кор буд,
Пушаймонӣ аз пас надорад-т суд!

*Асадии Тӯсӣ*

Чу бад хоҳӣ ба кас, аз ғам бикоҳӣ,
Набинӣ ҳеч бад, гар некхоҳӣ.

*Носири Хусрав*

Берӯйӣ агар ба рӯи касе орӣ,
Бешак, ба рӯят ояд берӯйӣ!

*Носири Хусрав*

Бадӣ мори гурза-ст, аз ӯ дур бош,
Ки бад бадтар аз мори гурза газад!

*Носири Хусрав*

Доно накашад сар аз мукофот,
Бадкарда бадӣ кашад ба поён.

*Носири Хусрав*

Ки бардаранд сагон, ҳар киро нагардад саг,
Лагад зананд харон, ҳар киро набошад хар.

*Маъсуди Саъди Салмон*

Ҳар ки бадкорӣ кунад, ногаҳ ниҳад бар хок сар,
Ҳар ки бадаҳдӣ кунад, ногаҳ диҳад бар бод чон!

*Абдулмалики Муиззӣ*

Бадхоҳи касон ҳеч ба мақсад нарасад,
Ӯ як накунад, то ба худаш сад нарасад!

*Умари Хайём*

Бад бад аст, арчи некдон бошад,
Саг саг аст, арчи посбон бошад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар ки ӯ баддил асту бадкор аст,
Гарчи зинда-ст, кам зи мурдор аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Бо баду нек вақти доду ситад
Накунад ҳеч нек ҳаргиз бад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар бад, ки ба худ намеписандӣ,
Бо кас макун, эй бародари ман!
Гар модари хеш дӯст дорӣ,
Дашном мадеҳ ба модари ман!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар чи бар нафси худ напсандӣ,
Низ бар нафси дигаре мапсанд!

*Саъдии Шерозӣ*

Бадандеши мардум ба ҷуз бад надид,
Бияфтоду оҷизтар аз худ надид.

*Саъдии Шерозӣ*

Бадандешро лафз ширин мабин,
Ки мумкин бувад заҳр дар ангабин.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу бад кардӣ, машав эмин зи бадгӯй,
Ки бадро кас нахоҳад гуфт некӯй!

*Саъдии Шерозӣ*

Макун бад, ки бад бинӣ аз ёри нек,
Нарӯяд зи тухми бадӣ бори нек.

*Саъдии Шерозӣ*

Мурувват набошад бадӣ бо касе,
Ки з-ӯ некувӣ дида бошӣ басе.

*Саъдии Шерозӣ*

Макун бад ба фарзанди мардум нигоҳ,
Ки фарзанди хешат барояд табоҳ.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз бадон некувӣ наёмузӣ,
Н-ояд аз гург пӯстиндӯзӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу мева сер хӯрдӣ, шох машкан!

*Саъдии Шерозӣ*

Чу поят гирад аз барги гул озор,
Ба раҳ мапсанд дар пои касон хор!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чу напсандӣ ғуборе бар дили хеш,
Хазон дар гулситони кас маяндеш!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҳар чи ки бар хеш надорӣ раво,
Бар дигаре низ набошад даво.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чу бар худ надорӣ раво наштаре,
Макаш теғ бар гардани дигаре!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Он ки кирдори бад раво бинад,
Худ зи кирдори худ ҷазо бинад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чу бад гуфтӣ, озод маншин басе,
Ки рӯзе туро низ гӯяд касе!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Мадор аз бадон чашми некӣ, аз он-к
Шакар кас нахӯрд аз найи бӯрё.

*Ибни Ямин*

Агар бад кунӣ, чашми некӣ мадор,
Ки гар хор корӣ, суман надравӣ.

*Ибни Ямин*

Зи бад дур бошу ба некӣ бикӯш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар ислоҳи халқи ҷаҳон боядат,
Дил аз ҳар бадӣ баркарон боядат.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чоҳкан осудагӣ зи чоҳ надорад.

*Эраҷ Мирзо*

Аз бадӣ дур будан сари ҳамаи некӯиҳост.

*«Таърихи гузида»*

Бад мекуниву нек тамаъ медорӣ,
Некӣ набувад ҷазои бадкирдорӣ.

*«Калила ва Димна»*

Сад бор бадӣ кардию шарми ту наёмад,
Некӣ чӣ бадӣ дошт, ки як бор накардӣ?!

* * *

Баду некӣ ба ҷои душману дӯст,
Ҳар яке дар маҳалли худ некӯст.

* * *

Дарахти бад аз бех барканда беҳ!

* * *

То бад накунӣ, зи бад маяндеш!

* * *

Бадкирдор бадандеш бувад.

* * *

Бадхоҳ ҳеҷ ба матлаб нарасад.

* * *

Бад ҳамаро бад донад.

## 2. МАРДУМОЗОРӢ ВА ДИЛОЗОРӢ

Ҳар чи он бар тани ту заҳр бувад,
Бар тани мардумон мадор ту нӯш!

*Маънавии Бухорой*

Маёзор касро, ки озодмард
Сар андар наёрад ба озори мард.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Маи лаъл хур, хуни дилҳо марез,
Ту хокӣ, чу оташ машав тунду тез!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бипарҳез, аз ҳар чи нокарданист,
Наёзор онро, ки н-озарданист.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Беозорию хомушӣ баргузин,
Кӣ гӯяд, ки нафрин беҳ аз офарин?!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чаро душман нахонӣ касеро, ки ҷавонмардии хеш дар озори мардумон донад?

*Унсурулмаолии Кайковус*

Агар хоҳӣ, ки аз ранҷидагӣ дур бошӣ, он чи наравад, марон!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Агар хоҳӣ, ки бебим бошӣ, беозор бош!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ҳама касро бипечад дил зи озор,
Ҳама касро ҷафо сахт ояд аз ёр.

*Фахриддини Гургонӣ*

Гар бихоҳӣ, к-ат наёзорад касе,
Бар сари ганҷи камозорӣ нишин!

*Носири Хусрав*

Маранҷон кас, махоҳаш узр аз он пас,
Ки бадкорӣ бувад ранҷондани кас!

*Носири Хусрав*

Макун коре, ки на кори ту бошад,
К-аз он бар ҳар дил озори ту бошад.

*Носири Хусрав*

Фузун хоҳӣ бақо, дилҳо маёзор,
Ки доим дерзӣ бошад камозор!

*Носири Хусрав*

Имрӯз озори кас маҷӯй, ки фардо
Ҳам зи ту, бешак, ба ҷони ту расад озор.

*Носири Хусрав*

То битвонӣ, хаста магардон касро,
Бар оташи хашми хеш маншон касро!
Гар роҳати ҷовидон тамаъ медорӣ,
Меранҷ ҳамешаву маранҷон касро!

*Фаридуддини Аттор*

Хотири касро маранҷон, эй писар,
Варна хӯрдӣ захм бар ҷон, эй писар!

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки дар банди дилозорӣ бувад,
Дар уқубат кори ӯ зорӣ бувад.

*Фаридуддини Аттор*

Нашнавидам, ки мурғи рафта зи дом
Бозгардиду сирри гуфта ба ком.
Мурғи ваҳшӣ, ки рафт бар девор,
Кӣ тавонад гирифт аз сари бор?
Рафтагонро ба лутф бозоранд,
На ба ҷангаш батар биёзоранд!

*Саъдии Шерозӣ*

Гар хирадманд зи авбош ҷафое бинад,
То дили хеш наёзораду дарҳам нашавад.
Санги бадгавҳар агар косаи заррин шиканад,
Қимати санг наяфзояду зар кам нашавад.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу хашм оядат бар гуноҳи касе,
Таҳаммул кун андар уқубат басе!
Ки саҳл аст лаъли Бадахшон шикаст,
Шикаста нашояд дигар бор баст!

*Саъдии Шерозӣ*

Эй забардасти зердастозор,
То ба кай гарм монад ин бозор?!
Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ?!
Мурданат беҳ, ки мардумозорӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Агар дӯст бар худ наёзурдамӣ,
Кай аз дасти душман ҷафо бурдамӣ?
Ба ночор душман бидаррид-ш пӯст,
Рафиқе, ки бар худ биёзурд дӯст.

*Саъдии Шерозӣ*

Дили зердастон набояд шикаст,
Мабодо, ки рӯзе шавӣ зердаст!

*Саъдии Шерозӣ*

Мабар бар сари нотавон дасти зӯр,
Ки рӯзе ба пояш дарафтӣ чу мӯр!

*Саъдии Шерозӣ*

Говону харони борбардор
Беҳ з-одамиёни мардумозор!

*Саъдии Шерозӣ*

Писандида-ст бахшоиш, валекин
Манеҳ бар реши халқозор марҳам!

*Саъдии Шерозӣ*

Касоне, ки бадро писандидаанд,
Надонам, зи некӣ чӣ бад дидаанд?!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки касеро наранҷонад, аз касе натарсад. Каждум, ки ҳаметарсад, ҳамегурезад аз феъли хабиси хеш; гурба дар хона эмин аст аз беозорӣ ва гург дар саҳро саргардон аз бадфеълӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Озори дили заифон саҳл нагиред, ки мӯрон ба иттифоқ шери жаёнро оҷиз гардонанд ва пашшаи бисёр пили дамонро аз пой дароранд.

*Саъдии Шерозӣ*

Саг аз мардуми мардумозор беҳ!

*Саъдии Шерозӣ*

Касе, к-аз ранҷи мардум гум набошад,
Ба назди мардумон мардум набошад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Набояд дӯстонро дил шикастан,
Ки чун бишкаст, натвон бозбастан.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Саг бар он одамӣ шараф дорад,
Ки дили мардумон биёзорад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Хоҳӣ, ки зи ҳар сӯ назаре сӯи ту бошад,
Зинҳор, маранҷон дили соҳибназаронро!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Чун зи озори дил хабар дорӣ,
Дил зи озор беҳ, ки бардорӣ.
Чун дар озурдагӣ надорӣ тоб,
Пас, дар озори дигарон маштоб!

Кори девон бувад дилозорӣ.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Дил, ки ранҷид аз касе, хурсанд кардан мушкил аст,
Шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст.
Шишаи бишкастаро пайванд кардан метавон,
Мурғи аз каф ҷастаро побанд кардан мушкил аст.

* * *

Касе, к-ӯ пеша кард озори мардум,
Ба маънӣ бадтар аст аз мору каждум.

* * *

То тавонӣ, диле ба даст овар,
Дил шикастан ҳунар намебошад.

* * *

Аз дилозор ҳама безор.

## 3.ДУШМАН ВА ДУШМАНӢ

Он киро донам, ки ӯям душман аст
В-аз равони пок бадхоҳи ман аст,

Ҳам ба ҳар гаҳ дӯстӣ ҷӯям-ш ман,
Ҳам сухан б-оҳистагӣ гӯям-ш ман.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Маялфанҷ душман, ки душман яке
Фузун аст, дӯст ар ҳазор, андаке.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Мухолифони ту мӯрон буданд, мор шуданд,
Баровар аз сари мӯрони моргашта димор!
Макун даранг аз ин бешу рӯзгор мабар,
Ки аждаҳо шавад, ар рӯзгор ёбад, мор.

*Масъуди Марвазӣ*

Зи душман гар айдун биёбӣ шакар,
Гумон бар, ки заҳр аст, ҳаргиз мах(в)ар!

*Абӯшакури Балхӣ*

Зи душман макун дӯстӣ хостор
Вагарчанд хонад туро шаҳриёр.
Дарахте бувад сабзу бораш каб аст,
Агар пой гирад, сар ояд ба даст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи душман наёяд ба ҷуз душманӣ
Ба фарҷом, ҳарчанд некӣ кунӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Искандар гуфт, ки на ман манфиат ҳама аз дӯстон ёбам, балки аз душманон низ ёбам, аз он ки агар дар ман феъли зишт бувад, дӯстон бар мӯҷиби шафқат бипӯшанд, то ман надонам ва душман бар мӯҷиби душманӣ бигӯяд, то маро маълум шавад, он феъли бад аз хештан дур кунам; пас, аз душман манфиатёфта бошам.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ҳар ки душманро хор дорад, зуд хор гардад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Чу гетиро ба осонӣ тавон хӯрд,
Чӣ бояд бар ҳама кас душманӣ кард?

*Фахриддини Гургонӣ*

Зи душман кай ҳазар ҷӯяд ҳунарҷуй,
Зи дарё кай бипарҳезад гуҳарҷӯй?!

*Фахриддини Гургонӣ*

Куҷо душмансириште дӯст бошад,
Ки мағзи дӯстӣ бепӯст бошад.

*Носири Хусрав*

Наёяд душманӣ аз марди оқил,
Нашояд дӯстӣ бо марди ғофил.

*Носири Хусрав*

Мадон мар хасмро хурд, эй бародар,
Ки сӯзад оламе як зарра озар.

*Носири Хусрав*

Мабош эмин зи ҳар роҳе ту гоҳе,
Ки душман барканад кӯҳе ба коҳе.

*Носири Хусрав*

Хуш ояд табъ мар ошӯфтанро,
Нашояд мор ҷуз сар кӯфтанро.

*Носири Хусрав*

Зарарҳои душманӣ бисёр ва адоват мутлақо аз ҳама кас бо ҳама кас номуборак аст.

*Низомулмулк*

Дар ҷавори худ адӯро раҳ мадеҳ,
Аз барои он, ки душман дур беҳ.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки аз душман набошад барҳазар,
Оқибат бинад аз ӯ ранҷу зарар.

*Фаридуддини Аттор*

Дар миёни дӯстон масрур бош,
Гар хабар дорӣ, зи душман, дур бош!
*Фаридуддини Аттор*

Ҳар киро бошад аз ту бими газанд,
Сурати амн аз ӯ хаёл мабанд!
Каждумон халқро, ки неш зананд,
Ағлаб аз бими ҷони хеш зананд.
*Саъдии Шерозӣ*

Душман агар дӯст шавад чанд бор,
Соҳиби ақлаш нашуморад ба дӯст.
*Саъдии Шерозӣ*

Чу душман ба аҷз андар омад зи дар,
Набояд, ки пархош ҷӯйӣ дигар.
*Саъдии Шерозӣ*

Магӯ андӯҳи хеш бо душманон,
Ки «лоҳавл» гӯянд шодикунон.
*Саъдии Шерозӣ*

Аз душмани заиф андеша кун, ки дар вақти бечорагӣ ба ҷон бикӯшад. Гурба агарчи заиф аст, агар бо шер дарафтад, ба зарурат бизанад ба чангол ва чашмонашро барканад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки душмани кӯчакро ҳақир мешуморад, бад-он монад, ки оташи андакро муҳмал мегузорад.
*Саъдии Шерозӣ*

Душман чун аз ҳама ҳилате фурӯ монад, силсилаи дӯстӣ биҷунбонад, пас аз он гаҳ ба дӯстӣ корҳо кунад, ки ҳеҷ душман натавонад.
*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар киро душман пеш аст, агар накушад, душмани хеш аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Душман ба лутф дӯст нагардад, балки тамаъ зиёда кунад.

*Саъдии Шерозӣ*

Сари душман равон аз тан ҷудо кун,
Вагарна, рав, сари худро фидо кун!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Бар сари хасм агар зафар ёбӣ,
Он чи мақсуди туст, дарёбӣ.

*Абдураҳмони Мушфиқӣ*

Аз душман уммедворӣ хатост.

*Шамсиддини Шоҳин*

Мезанад хасм туро, гар ки ту ӯро назанӣ,
Меканад решаат, ар решаи ӯро наканӣ.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Дар кори хасм хуфта набошӣ ба ҳеч ҳол,
Зеро чароғи дузд бувад хоби посбон.

*«Калила ва Димна»*

Чашми душман ҳама бар айб афтад.

*«Кимиёи саодат»*

Чун лаҷуҷе дар миён пайдо шавад,
Банда аз шумии ӯ расво шавад.

* * *

Душмани хурд аст балои бузург,
Ғафлат аз ӯ ҳаст хатои бузург.

* * *

Чу тоби ҳамлаи душман надорӣ,
Ҳамон беҳ, ки ба чашми ӯ натобӣ.

* * *

Ҳоҷати худро махоҳ аз душманон,
З-ин батар хорӣ набошад дар ҷаҳон.

* * *

Хешро аз назди душман дур дор,
Ёри нодонро зи худ маҳҷур дор!

* * *

Душмане дорӣ, аз ӯ эмин мабош,
Зери сақфи бесутун сокин мабош!

* * *

Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон!

* * *

Душманон се фирқаанд: душман ва душмани дӯст ва дӯсти душман.

* * *

Гург бо гӯсфанд ошноӣ надорад.

* * *

Аз душман ғофил мабош!

## 4. ЛАИМӢ ВА ПАСТӢ

Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, кайфар барӣ.
Сифла табъи мор дорад, бехилоф,
Ҷаҳд кун, то рӯи сифла нангарӣ!

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Макун хештан саҳмгин, чоплус,
Ки баста бувад чоплус аз фусӯс.

*Абушакури Балхӣ*

Дари оз бошад дили сифламард,
Ту бо сифлагон, то тавонӣ, магард!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бадандешро хор натвон шумурд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Фурӯмоятар аз он кас набошад, ки касеро ба ӯ ҳоҷате бошад ва тавонад, ки раво кунад ва накунад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Аз гуруснагӣ мурдан беҳ, ки аз нони сифла сер шудан.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Зи душман бадтар он касро ҳамебин,
Ки дар бад мар туро кардаст талқин.

*Носири Хусрав*

Мардуми сифла ба сони гурсуна гурба
Гоҳ бинолад ба зору гоҳ бичаррад.

*Носири Хусрав*

Бипарҳез, эй бародар, аз лаимон,
Бино кун хона дар кӯи каримон!

*Носири Хусрав*

Ҳеч донӣ, аз чӣ бошад қимати озодмард?
Бар сари хони лаимон даст кӯтаҳ кардан аст!
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Талаби суҳбати хасон накунӣ,
Такя бар аҳди нокасон накунӣ!
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Саг сулҳ кунад ба устухоне,
Нокас накунад вафо ба ҷоне.
*Низомии Ганҷавӣ*

Гар ту бинӣ нокасеро дастгоҳ,
Ҳоҷати худро аз ӯ ҳаргиз махоҳ!
*Фаридуддини Аттор*

Бар дари нокас қадам ҳаргиз мабар,
В-ар бибинӣ ҳам, мапурс аз вай хабар!
*Фаридуддини Аттор*

Илму молу мансабу ҷоҳу қирон
Фитна орад дар кафи бадгавҳарон.
*Ҷалолиддини Румӣ*

Сагеро луқмае ҳаргиз фаромуш
Нагардад, гар занӣ сад навбаташ санг
Ва гар умре навозӣ сифлаеро,
Ба камтар тундӣ ояд бо ту дар ҷанг.
*Саъдии Шерозӣ*

Ало, то нашнавӣ мадҳи сухангӯй,
Ки андак моя нафъе аз ту дорад.
Агар рӯзе муродаш барнаёрӣ,
Дусад чандон уюбат баршуморад.
*Саъдии Шерозӣ*

Бибин он беҳамиятро, ки ҳаргиз
Нахоҳад дид рӯи некбахтӣ:
Таносой гузинад хештанро,
Зану фарзанд бигзорад ба сахтӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Хари Исо агар ба Макка равад,
Чун биёяд, ханӯз хар бошад.

*Саъдии Шерозӣ*

Бар сияҳдил чӣ суд гуфтан ваъз?
Наравад мехи оҳанин дар санг.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳадиси ишқ аз он баттол манйӯш,
Ки дар сахтӣ кунад ёрӣ фаромӯш.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷазои мардумӣ ҷуз мардумӣ нест,
Ҳар он, к-ӯ ҳақ надонад, одамӣ нест!

*Саъдии Шерозӣ*

Чу бо сифла гӯӣ ба лутфу хушӣ,
Фузун гардадаш кибру гарданкашӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Мапиндор, агар сифла Қорун шавад,
Ки табъи лаимаш дигаргун шавад.

*Саъдии Шерозӣ*

Сари сифларо рӯи болиш манеҳ,
Сари мардумозор бар санг беҳ.

*Саъдии Шерозӣ*

Сифларо қувват мадеҳ чандон, ки муставлӣ шавад,
Гургро чандон, ки дандон тезтар, хунрезтар.

*Саъдии Шерозӣ*

Тан ба бечорагию гурсунагӣ
Бидеҳу даст пеши сифла мадор!

*Саъдии Шерозӣ*

На мунъим ба мол аз касе беҳтар аст,
Хар ар ҷул зи атлас бипӯшад, хар аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар аблаҳе мушкро ганда гуфт,
Ту маҷмӯъ бош, ӯ пароканда гуфт!

*Саъдии Шерозӣ*

Аз девони зери замин чандон ба ҳазар набояд буд, ки аз девони рӯи замин, яъне одамиёни бад.

*Саъдии Шерозӣ*

Сифла зи душман батар аст, эй азиз,
К-ӯ набувад бар дили худ рост низ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ба дандон рахна дар пӯлод кардан,
Ба нохун роҳ дар хоро буридан;
Фурӯ рафтан ба оташдон нагунсор,
Ба пилки дида оташпора чидан;
Ба фарқи сар ниҳода сад шутур бор,
Зи машриқ ҷониби мағриб давидан,
Басе бар Ҷомӣ осонтар намояд,
Ки бори миннати дунон кашидан.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба сад воя муҳтоҷ ҷон костан
Беҳ аз ҳоҷат аз нокасон хостан.
Зи хоҳиш бад-эшон марез оби рӯй,
Мадор оби рӯро кам аз оби ҷуй!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чун лаиме бо ҳазорон айбу ор,
Рӯзу шаб дар халқи олам ошкор,
Бинад андак айб аз соҳибкарам,
Барнаёрад ҷуз ба таъну лаън дам.
Он ба айби ин шавад яксар забон
В-ин ба зикри он наёлонад даҳон.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Лаим агар ба шутур бахшадат ато, маситон,
Ки ин зи одати аҳли карам бурун бошад.
Қилодае, ки зи миннат ба гарданат бандад,
Ҳазор бор зи бори шутур фузун бошад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Инон ба дасти фурӯмоягон мадеҳ зинҳор,
Ки дар масолеҳи худ сарф мекунанд туро.

*Собири Табрезӣ*

Мешавад дар луқмаи аввал зи ҷони хеш сер,
Бар сари хони лаимон ҳар ки меҳмон мешавад.

*Собири Табрезӣ*

Қавме, ки занонро бифурӯшанд ба шир,
Ё ин ки ризо диҳанд дар хизмати пир,
Дайюсонанду нози исмат доранд,
Бар занҷалабони бехирад таъна магир!

*Абдулқодири Бедил*

Ҳар сифла барои худ кару фар дорад,
Оби рухи иззаташ кӣ бовар дорад?
Ҳарчанд баланд гашта бошад девор,
Хоки таҳи пост, он чи бар сар дорад!

*Абдулқодири Бедил*

Одами бад чун каждум
Заҳр мезанад ба мардум.

* * *

Бад ба ситоиши аблаҳон нек нагардад ва нек ба накӯҳиши муонидон бад нашавад.

* * *

Бадхоҳон ба ҳеҷ матлаб нарасанд.

* * *

Ба каримон овез, аз лаимон гурез!

* * *

Номард занад ҳамеша лофи мардӣ.

* * *

Хоин ҳамвора хоиф аст.

## 5.НОДОНӢ ВА ҶОҲИЛӢ

Зеҳ доноро гӯянд, ки донад гуфт,
Ҳеч нодонро донанда нагӯяд зеҳ!

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Бедонишон душмани донишанд.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҳама чизҳоро писандад хирад,
Магар нохирадмандию хӯи бад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Таносоиву коҳилӣ дур кун,
Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун!
Ки андар ҷаҳон ганҷи беранҷ нест,
Касеро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Тани марди нодон зи гил хортар,
Ба ҳар некувӣ носазовортар.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи нодон бинолад дили сангу кӯҳ,
Азеро надорад бари кас шукӯҳ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи мурда батар, ҳар ки нодон бувад,
Ҳама зиндагониш зиндон бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Тани мурда чун марди бедониш аст,
Ки нодон ба ҳар ҷой беромиш аст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Оре, ба ҷоҳилӣ натавон кард меҳтарӣ!

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Агар хоҳӣ, ки бар дилат ҷароҳате нарасад ва ҳеҷ марҳам напазирад, бо ҳеҷ нодон мунозара макун!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Коҳилӣ шогирди бадбахтист.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Бипарҳез аз нодоне, ки худро доно шумарад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Бувад мурда ҳар кас, ки нодон бувад,
Ки бедонишӣ мурдани ҷон бувад.

*Асадии Тӯсӣ*

Тани мурдаву ҷони нодон якест.

*Асадии Тӯсӣ*

Дарахти унси нодон бар наёрад,
Ҳузураш ҷуз, ки дарди сар наёрад.
Зиён пайдо кунад, гар суд хоҳад,
Биёрад шар, агар беҳбуд хоҳад.

*Носири Хусрав*

Хашми худро чунки ронад ҷоҳиле,
Ҷуз пушаймонӣ надорад ҳосиле.

Бегумон, аз кибр хезад душманӣ,
Ҳосил ояд хорӣ аз коҳилтанӣ.

*Носири Хусрав*

Зи доно мӯйи арзад як ҷаҳоне,
Наярзад сад сари нодон ба ноне.

*Носири Хусрав*

Зи нодон дӯстӣ доно наҷӯяд,
Ки душманро касе чун дӯст гӯяд?!

*Носири Хусрав*

Бузургӣ ҷуз ба доноӣ мапиндор,
Ки нодон ҳамчу хоки роҳ шуд хор.

*Носири Хусрав*

Наёбад марди ҷоҳил дар ҷаҳон ком,
Надорад бӯю лаззат меваи хом.

*Носири Хусрав*

Агар доно бувад хасми ту беҳтар,
Ки бо нодон шавӣ ёру бародар.

*Носири Хусрав*

Туро гар кӯдаке ёр асту оқил,
Беҳ аз пире бувад нодону ҷоҳил.

*Носири Хусрав*

Саодат ихтилоти зиракон аст,
Зи нодон гар расад суде, зиён аст.

*Носири Хусрав*

Агар чилсоларо ақлу адаб нест,
Ба таҳқиқаш нашояд одамӣ хонд.

*Носири Хусрав*

Ду нодон гарчи бошад ёру ҳамдам,
Зи ногаҳ душманӣ ҷӯянд бо ҳам.

*Носири Хусрав*

Бибур аз ҷоҳил, арчи хеш бошад,
Ки ранҷи вай зи роҳат беш бошад.

*Носири Хусрав*

Ҳарчанд ки бар минбар нодон бинишонанд,
Ҳаргиз нашавад ҳамбар бо доно нодон.

*Носири Хусрав*

Ҷуз бадӣ н-орад дарахти ҷаҳл чизе баргу бор,
Барканаш зуд аз дилат з-он пеш, к-ӯ боло кунад!

*Носири Хусрав*

Ба ҳам донову нодон кай бувад хуш?
Куҷо дамсоз бошад обу оташ?

*Носири Хусрав*

Зи нодону зи ноҷинсу зи нокас
Ба шаб бигрезу мангар ҳеч бар пас!

*Носири Хусрав*

Касе чун умр бо нодон ба сар бурд,
Нашуд доною нодон мурду хар мурд.

*Носири Хусрав*

Макун бо аҳли ҷаҳл, эй ёр, суҳбат,
Ки з-он суҳбат расӣ ҳар дам ба меҳнат.

*Носири Хусрав*

Зи ҳар бадӣ биҷаҳӣ, чун зи ҷаҳли худ биҷаҳӣ.

*Носири Хусрав*

Бадтар аз коҳилӣ надонаш чиз,
Коҳилӣ кард Рустамонро ҳез.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Хуфта бедор кардан осон аст,
Ғофилу мурда ҳар ду яксон аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Коҳилиро ҳар ки созад пешае,
Ояд аз хорӣ ба пояш тешае.

*Фаридуддини Аттор*

Нашнавад аз дӯст аблаҳ пандро,
Аз ҷаҳолат бигсалад пайвандро.

*Фаридуддини Аттор*

То ки аҳмақ боқӣ аст андар ҷаҳон,
Марди муфлис кай шавад муҳтоҷи нон?!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Қатра бо қулзум чу истеза кунад,
Аблаҳ аст ӯ, риши худ бармеканад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ибтило ранҷест, к-он раҳм оварад,
Аҳмақӣ ранҷест, к-он захм оварад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Нодон ҳама ҷо бо ҳама кас омезад,
Чун ғарқа ба ҳар чи дид, даст овезад.
Бо мардуми зиштном ҳамроҳ мабош,
К-аз суҳбати дегдон сиёҳӣ хезад.

*Саъдии Шерозӣ*

Баландовоз нодон гардан афрохт,
Ки доноро ба бешармӣ бияндохт.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,
Хирадмандаш ба нармӣ дил биҷӯяд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки бо донотар аз худ баҳс кунад, то бидонанд, ки доност, бидонанд, ки нодон аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар ҷоҳиле ба суханварию шӯхӣ ғолиб ояд, аҷаб нест, ки сангест, ки гавҳар ҳамешиканад.

*Саъдии Шерозӣ*

Нодонро беҳ аз хомӯшӣ чизе нест, вагар ин маслиҳат бидонистӣ, нодон набудӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷоҳилон чун ба делел аз хасм фурӯ монанд, силсилаи хусумат биҷунбонанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Одамиро батар аз иллати нодонӣ нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Аҳмақро ситоиши хеш хуш ояд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷаҳлу кӯрит сар ба чоҳ кашад,
Илму бандагӣ ба Моҳ кашад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҷӯши ҷоҳил чу оташи хошок,
Бардамад зуду зуд гардад хок.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Чун ҷомаи чармин шумарам суҳбати нодон,
Зеро ки гарон бошаду тан гарм надорад.

*Ибни Ямин*

Оҳ-оҳ аз дасти саррофони гавҳаршинос,
Ҳар замон хармуҳраро бо дур баробар мекунанд.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳоли нодонро беҳ аз нодон намедонад касе,
Гарчи дар дониш фузун аз Бӯалӣ Сино бувад.
Таъни нобино мазан, эй дам зи биноӣ зада,
З-он ки нобино ба кори хештан бино бувад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ду ҷоҳил ба ҳам муттаҳид нестанд,
Раҳи ақлро муътақид нестанд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу нодон зи доно кунад саркашӣ,
Набинад зи даврони гетӣ хушӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳамон беҳ, ки нодон ба доно равад,
Ки аз донишаш кор боло равад!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Боде, ки зи пои ҷаҳл хезад,
Дар дидаи ақл хок безад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Даъвии дониш кунӣ аз ҷоҳилӣ,
Ҳосили таҳсили ту беҳосилӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Басе беҳтар бувад нодони хомӯш,
Зи доное, ки дар гуфтан занад ҷӯш.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Дафтар зи касе бувад, ки хонад,
Нодон вароқу сабақ чӣ донад?!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Зи доноён бимонад ёдгорӣ,
Вале нодон кашад сад ҷавру хорӣ.

*Рогиби Самарқандӣ*

Нодон ҳамчу дег дар ҷӯш аст, ҳарзагӯ чу оташ дар хурӯш.

*Рогиби Самарқандӣ*

Айши сад доно зи як нодон мунағғас мешавад,
Рабти мисраъ барҳам аст он ҷо, ки ҳарфе кӯр шуд.

*Абдулқодири Бедил*

Пеши лояъқил зи дониш дам задан девонагист.

*Зебуннисо*

Аҳвал агар якеро ду хонад, оина дар муқобилаш дор, то чорпойии худро ба шаҳодати мушоҳида донад ва остини рад бар эътиқоди худ афшонад.

*Шамсиддини Шоҳин*

Обмӯрӣ агар аз боғ калон аст, гила аз кундии хор ва пастии девор аблаҳии боғбон аст.

*Шамсиддини Шоҳин*

Дар байни тӯда ғафлат агар ҳукмрон набуд,
Не шаҳ, на шайх соҳиби ин устухон набуд.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Эй бехабар, аз бехирадон шиква чӣ лозим?
Одам набувад он, ки зи ҳайвон гила дорад.

* * *

Гуле, ки бӯй надорад, ба вай чаман ҳайф аст,
Касе, ки фаҳм надорад, ба вай сухан ҳайф аст.

* * *

Он бувад аблаҳтарини мардумон,
К-аз паи нафсу ҳаво бошад равон.

* * *

Кӯтаҳназаронро набувад ҷуз ғами хеш,
Соҳибназаронро ғами бегонаву хеш.

* * *

Ба нодон магӯ гапи ҳақоиқ,
Ки ҳар гӯш нест ба сухан лоиқ.

* * *

Кадом мараз аст, ки табиб ба илоҷи он фурӯ монад? Ҳамоқат ва аблаҳӣ.

* * *

Доно донаду пурсад, нодон надонаду напурсад.

* * *

Ҳар ки аблаҳтар бувад, ба хештан некӯгумонтар бошад.

* * *

Нодон сухан гӯяду доно қиёс кунад.

* * *

Аз инъоми нодон дашноми доно беҳтар аст.

* * *

Ҷавоби аблаҳон хамӯшист.

* * *

Ҷоҳилро бар олим баҳсе нест.

* * *

Нодон ба кори худ ҳайрон аст.

* * *

Нодонро зинда мадон.

* * *

Нодон адӯи доност.

* * *

Кӯрӣ беҳ аз нодонист.

* * *

Аз нодонӣ дармонӣ.

* * *

Дод аз дасти нодонӣ!

* * *

Ҷаҳл хоб асту илм бедорӣ.

## 6. БЕСАВОДӢ

Бад-он кас, ки ҷонаш зи дониш тиҳист,
Ситезиданат мояи аблаҳист.

*Шокири Бухороӣ*

Ба дониш шод гардӣ аз дилу ҷон,
Ки бедониш бувад ҷовид ҳайрон.

*Носири Хусрав*

Аз ин бедонишон бигсил ҳарифӣ,
Зарифонро талаб кун, гар зарифӣ!

*Носири Хусрав*

Ҷони беилм бенаво бошад,
Мурғи бепар на бар ҳаво бошад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Кори беилм бору бар надиҳад,
Тухми бемағз бас самар надиҳад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Дили беилм чашми бенур аст,
Марди нодон зи мардумӣ дур аст.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Он кас, ки ба лавҳу хат напардохт,
Ҳаргиз сияҳ аз сафед нашнохт.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Марди беилм чист?! Ҳайвоне,
Ҷисми беҷон чу нақши айвоне.
На зи атвори дунявӣ воқиф,
На бар асрори ухравӣ ориф;
На хабар аз ҳақоиқи мавҷуд,
На асар аз дақоиқи мақсуд,

На зи воҷиб хабар, на аз мумкин,
Дарки инҳош амри номумкин.
Қалби беилм ҳаёте нест,
Қолиби ҷаҳлро саботе нест.

*Камолиддини Биноӣ*

Дуруштӣ чист? Мижгон нокушудан,
Зи ғафлат душмани таҳқиқ будан.
Ба занг оростан оинаи хеш,
Фурӯ рафтан ба доғи кинаи хеш.

*Абдулқодири Бедил*

Бесаводӣ боиси бадбахтии заҳматкашон аст.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

## 7. САБУКӢ

Сари мардумӣ бурдборӣ бувад,
Сабуксар ҳамеша ба хорӣ бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сабуксор шодӣ намояд нахуст,
Ба фарҷоми кор андуҳ ояд дуруст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳаргиз ба некувӣ нарасад марди сабуксор.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Кас аз бодсорӣ диловар мабод,
Ки бидҳад сар аз бодсорӣ ба бод.

*Асадии Тӯсӣ*

Акл дорӣ, майли бадкорӣ макун,
З-ин чу бигзаштӣ, сабуксорӣ макун!

*Фаридуддини Аттор*

Сабуксар кай кунад андешаи нағз?
Бале, ҷавзи сабукро кай будвад мағз?

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ба сабуксар нашояд эмин буд,
Ки сабуксар ба сар дарояд зуд.

* * *

Ҳар ки оҳанги сабуксорӣ кунад,
Аз вай оби рӯй безорӣ кунад.

## 8. МУНОФИҚИВУ ДУРӮҒГӮЙ

Дурӯғ арзи озарм камтар кунад,
Вагар рост гӯӣ, кӣ бовар кунад?

*Абӯшакури Балхӣ*

Касеро куҷо мағз бошад басе,
Гавожа набояд забон бар касе.
Дурӯғозмоӣ набошад зи рой,
Ки аз рой бошад бузургӣ ба ҷой.
Макун дӯстӣ бо дурӯғозмой,
Ҳамон низ бо марди нопокрой.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Забонро магардон ба гирди дурӯғ,
Чу хоҳӣ, ки тоҷи ту гирад фурӯғ.
Забонат хирад боду дастур шарм,
Сухан гуфтанат чарбу овоз нарм.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Дурӯғ он, ки берангу зишт асту хор,
Чи бар пойкору чи бар шаҳриёр.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба гирди дурӯғ эч гуна магард,
Чу гардӣ, бувад бахтро рӯй зард.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки ӯ пеша гирад дурӯғ,
Ситамгорае хонамаш бефурӯғ.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар ҷуфт гардад забон бо дурӯғ,
Нагирад зи бахти сипеҳрӣ фурӯғ.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касеро, ки бошад забони дурӯғ,
Чароғи дилашро набошад фурӯғ.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки бо ту нагӯяд дуруст,
Чунон дон, ки ӯ душмани ҷони туст!
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки ронад сухан бар гизоф,
Бувад бар сари анҷуман марди лоф.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Забон чарбгӯёву дил пурдурӯғ
Бари марди доно нагирад фурӯғ.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба каҷжӣ туро роҳ ториктар,
Суви ростӣ роҳ бориктар.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Маёмез бо мардуми каҷжгӯй,
Ки ӯро набошад сухан ҷуз ба рӯй.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба гирди дурӯғ он ки гардад басе,
Аз ӯ рост бовар надорад касе.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба гетӣ намонад ҳамон марди лоф,
Ки бипроканад хоста бар гизоф.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳунар бояд аз коркарда, на лоф,
Ки бечора бошад худованди лоф.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар дурӯғи ту некӯст, рост некӯтар.

*Абулқосими Унсурӣ*

Бешармӣ набувад бадтар аз он, ки ба чизе даъво кунад, ки надонад ва он гоҳ дурӯғгӯй бошад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Дурӯғи ба рост моно беҳ, ки рости ба дурӯғ моно.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Дурӯғ озмудан зи бечорагист,
Нагӯяд киро дар ҳунар борагист.
Дурӯғ аз буна обрӯ бистурад,
Нагӯяд дурӯғ он, ки дорад хирад.

*Асадии Тӯсӣ*

Забоне, ки бошад бурида зи ҷой,
Аз он беҳ, ки бошад дурӯғозмой.

*Асадии Тӯсӣ*

Дурӯғу гизофа марон дар сахун,
Ба ҳар тундие, он чи хоҳӣ, макун!

*Асадии Тӯсӣ*

Макун каззобро ҳаргиз каромат,
Ки аз каззоб дур афтад саломат.

*Носири Хусрав*

Ҳар он касро, ки гуфтораш дурӯғ аст,
Зи рӯи ақл рӯяш бефурӯғ аст.

*Носири Хусрав*

Макун фаҳшу дурӯғу ҳазл пеша,
Мазан бар пои худ зинҳор теша!

*Носири Хусрав*

Мунофиқро мадон ёри мувофиқ,
Мунофиқро мунофиқ дон, мунофиқ!

*Носири Хусрав*

Аз каҷӣ беҳ, ки рӯй бартобед,
Растагорӣ зи ростӣ ёбед!

*Низомии Ганҷавӣ*

Лоф аз сухани чу дур тавон зад,
Он хишт бувад, ки пур тавон зад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Он ки каззоб асту мегӯяд дурӯғ,
Нест ӯро дар вафодорӣ фурӯғ.

*Фаридуддини Аттор*

Бо мунофиқ ҳар ки ҳамраҳ мешавад,
Манзили ӯ дар таги чаҳ мешавад.

*Фаридуддини Аттор*

Ту малоф аз мушк, к-он бӯи пиёз
Аз дами ту мекунад макшуф роз.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Якеро, ки одат бувад ростӣ,
Хатое равад, даргузоранд аз ӯ.
Ва гар номвар шуд ба қавли дурӯғ,
Дигар рост бовар надоранд аз ӯ.

*Саъдии Шерозӣ*

Душман чу бинӣ нотавон,
Лоф аз бурути худ мазан!
Мағзест дар ҳар устухон,
Мардест дар ҳар пираҳан.

*Саъдии Шерозӣ*

Дурӯғ одамиро кунад бевиқор,
Дурӯғ одамиро кунад шармсор.

*Саъдии Шерозӣ*

Зи каззоб гирад хирадманд ор,
Ки ӯро наёрад касе дар шумор.

*Саъдии Шерозӣ*

Дурӯғ, эй бародар, магӯ зинҳор,
Ки козиб бувад хору беэътибор.

*Саъдии Шерозӣ*

Фиребандаро пой дар пай манеҳ,
Чу рафтию дидӣ, амонаш мадеҳ!

*Саъдии Шерозӣ*

Гар рост сухан гӯию дар банд бимонӣ,
Беҳ з-он ки дурӯғат диҳад аз банд раҳоӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Дурӯғ гуфтан ба зарбати шамшер монад, ки агар
Низ ҷароҳат дуруст шавад, нишон бимонад.

*Саъдии Шерозӣ*

Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз падари мурда малоф, эй ҷавон,
Гар на сагӣ, чун хушӣ аз устухон?

*Саъдии Шерозӣ*

Чун зи ҷоми бехудӣ ратле кашӣ,
Кам занӣ аз хештан лофи манӣ.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Хуш бувад, гар маҳаки таҷриба ояд ба миён,
То сияҳрӯй шавад, ҳар ки дар ӯ ғаш бошад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар ростию вафодорӣ муболиға накунед, то ба қулинҷ ва дигар амроз мубтало нашавед!

*Убайди Зоконӣ*

Асари кизб бувад ҳеҷкасӣ,
Ба касӣ гар расӣ, аз сидқ расӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба санъат гар биёрой дурӯғе,
Нагирад з-он чароғи вай фурӯғе.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нест ҷуз берунӣ дар ҷои иқомат ҳалқаро,
Роҳ дар дилҳо наёбад, чун бувад гуфтор каҷ.

*Соиби Табрезӣ*

Он ки ба дурӯғгӯӣ мансуб гашт, агар рост гӯяд, аз ӯ бовар надоранд.

*«Марзбоннома»*

Он айбе, ки аз як дурӯғ гуфтан биншинад, ба ҳазор рост барнахезад.

*«Марзбоннома»*

Ҳаргиз дурӯғ магӯй ва ба роҳи норостӣ мапӯй, ки қозиб ҳамеша хор ва беэътибор бошад.

* * *

Аз дурӯғ бипарҳез ва аз ғаразу ҷидол бигрез!

* * *

Хонаи дурӯғгӯ оташ гирифт, ҳеҷ кас бовар накард.

* * *

Дурӯғгӯю ҳазлпеша бизанад ба пои худ теша.

* * *

Дурӯғгӯро то дари хонааш бод расонид.

* * *

Лоф кори аҷлоф аст.

* * *

Пеши дурӯғгӯ ҳама кас беҷавоб аст.

* * *

Чароғи дурӯғ фурӯғ надорад.

* * *

Безабонӣ беҳ аз дурӯғгӯӣ.

* * *

Дуруғгӯ ҳар ҷо залил аст.

* * *

Дурӯғгӯ худ худро расво кунад.

* * *

Дурӯғ шеваи мунофиқон аст.

## 9.ПАЙМОНШИКАНӢ

Чу паймоншикан бошию тезмағз,
Наёяд зи пайкори ту кори нағз.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Надонӣ, ки мардони паймоншикан
Ситуда набошанд дар анҷуман.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Макун ёрии марди паймоншикан,
Ки паймоншикан хок дорад кафан.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Гунаҳкор гашт он, ки бишкаст аҳд,
Гузин кард ҳанзал, бияндохт шаҳд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

## 10. НОСИПОСӢ

Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз ӯ оби пок,
Нашояд фикандан дар ӯ сангу хок.

*Асадии Тӯсӣ*

Ҳар ки дарё ба туф ғубор кунад,
Моҳӣ аз тоба кай шикор кунад?!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Зи хони ҳар касе олойӣ ангушт,
Дар озори вай ангуштон макун мушт!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар кас, ки намак хурад, намакдон шиканад,
Дар маҳфили риндони ҷаҳон саг беҳ аз ӯст.

* * *

Саги ҳақшинос беҳ аз мардуми ҳақношинос.

## 11. ТАРСОНЧАКӢ, БУЗДИЛӢ

Ба душман ҳар он кас ки бинмуд пушт,
Шавад з-он сипас рӯзгораш дурушт.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сипаҳбад, ки ҷонаш гиромӣ бувад,
На пирӯз гардад, на номӣ бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи марг ар битарсӣ, бинеҳ теғу тарг,
Ки ҷанг он кунад, к-ӯ натарсад зи марг.

*Асадии Тӯсӣ*

Агарчи дузд бо сад даҳра бошад,
Чу бонгаш барзанӣ, безаҳра бошад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Наёяд зи тарсандагон ҳеҷ кор.

*Низомии Ганҷавӣ*

Тарсон бувад марди кӯтоҳбин.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Якеро, ки дидӣ чу дар ҷанг пушт,
Бикуш, гар адӯ дар масофаш накушт.

*Саъдии Шерозӣ*

Диле, к-аз ҳайбати оҳе биларзад,
Бари соҳибдилон коҳе наярзад.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Хатар дар замона касе оганад,
Ки ӯ хештан дар хатар афканад.

* * *

Ҳар ки аз мухотира тарсад,
Ба дараҷаи бузургӣ нарасад.

* * *

Ҳаросанда мардум наярзад ба ҳеҷ.

* * *

Ҳар ки тарсид, мурд, ҳар ки натарсид, бурд.

* * *

Буздилро хатар ёр аст.

* * *

Тарс бародари марг аст.

* * *

Сад калоғро як санг.

* * *

Дили тарсандаро оҳу паланг аст.

* * *

Тарсончак чор чашм дорад.

* * *

Агар тарсӣ, яке ҳазор намояд.

* * *

Аз саг пурсиданд: «Чаро аккос мезанӣ?» Гуфт: «Метарсам».

## 12. ХИЁНАТ

Зи чизи касон даст кӯтоҳ кун,
Равонро сӯи ростӣ роҳ кун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба чизи касон даст ёзад касе,
Ки баҳра надорад зи дониш басе.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи хоин дур бош, эй дӯст, ҳамвор,
Ки хоинро набошад дил ба як бор.

*Носири Хусрав*

Аз хиёнатгарист бадномӣ
В-аз бадӣ ҳаст бадсаранҷомӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

Аз раият касе, ки мол рабуд,
Гил зи пай баргирифту бом андуд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки хиёнат варзад, дасташ дар ҳисоб биларзад.

*Саъдии Шерозӣ*

Войи шубоне, ки кунад кори гург,
Ҳамчу саги зард шавад ёри гург.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

То нагардӣ пеши мардум шармсор,
Он чи худ нанҳода бошӣ, бармадор.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Лозим набувад дуздӣ бо сад найранг,
Аз баҳри замони пирӣ ё мавқеи танг.
Сармоя ба сандуқи умумӣ бояд,
То пиру ҷавон хуранд рӯзи якранг.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Барбод равад, ҳар он чи аз бод ояд.

* * *

Тухмдузд шутурдузд мешавад.

* * *

Хиёнатгар саломат намемонад.

## 13.ФИТНА ВА КИНА

Ҳар он кина, к-аз дил бувад хоста,
Набинад-ш ҳаргиз касе коста.

*Абӯшакури Балхӣ*

Зи баски оташи фитна ба дил барафрӯзӣ,
Сиёҳрӯю ғализӣ чу факзи оташдон.

*Абӯмансури Дақиқӣ*

Дили хеш агар дур дорӣ зи кин,
Меҳону кеҳонат кунанд офарин.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар хоҳӣ, ки камдӯст набошӣ, кина мадор!
*Унсурулмаолии Кайковус*

Напайванданд бо ҳам меҳру кина,
Чу кин оҳан бувад, меҳр обгина.
*Фахриддини Гургонӣ*

Дил зи ғаллу ғаш ҳамеша пок дор,
То тавонӣ, кина дар сина мадор!
*Фаридуддини Аттор*

Сияҳчолу мард андар ӯ бастапой
Беҳ аз фитна аз ҷой бурдан ба ҷой.
*Саъдии Шерозӣ*

Миёни ду тан оташ афрӯхтан
На ақл асту худ дар миён сӯхтан!
*Саъдии Шерозӣ*

Кин аз ҳама кас фитнасамар мебошад,
Лек аз уқало тундасар мебошад.
Он дуд, ки аз чароғи равшан хезад,
Аз ҳар дуде сиёҳтар мебошад.
*Абдулқодири Бедил*

Чароғи кинаро афрӯхтан нест,
Фурӯғаш як қалам ҷуз сӯхтан нест.
*Абдулқодири Бедил*

Шарори кина ҳар ҷо шуълакор аст,
Агар куҳсор бошад, пунбазор аст.
*Абдулқодири Бедил*

Ҷаҳонсӯз аст барқи кина, ҳуш дор,
Мабодо домани кас гирад ин хор!
*Абдулқодири Бедил*

Дар миёни ду кас душманӣ маяфкан, ки эшон чун сулҳ кунанд, ту дар миёна шармсор бошӣ.

* * *

Кинаи касеро дар дили худ ҷой мадеҳ, ки роҳати дилу танро барҳам занад.

* * *

Беҳуда кинаи ҳеҷ кас ба дил магир!

* * *

Фитна дар хоб аст, бедораш макун!

* * *

Тани фитнаангез дар гӯр беҳ.

* * *

Соҳибғараз маҷнун аст.

* * *

Кинаварро осоиш нест.

* * *

Кина – зангори сина.

## 14. ҲАСУД ВА ҲАСАД

Набувад чора ҳасудони дағоро зи ҳасад,
Ҳасад он аст, ки ҳаргиз напазирад дармон.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Агар зи дард битарсӣ, ҳасад макун, ки ҳаким
Масал занад, ки ҳасад ҳаст дарди бедармон.

*Абулқосими Унсурӣ*

Агар хоҳӣ, ки беандоза андӯҳгин набошӣ, ҳасуд мабош!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Сар битоб аз ҳасаду гуфтаи пурмакру дурӯғ,
Чӯби чормағз махар, ҷомаи пуркесу уреб!

*Носири Хусрав*

Ҳасадро сӯи ҷону дил мадеҳ бор,
Ки ҳосидро набошад ҳеҷ миқдор!

*Носири Хусрав*

Тӯдаи макру ҳасад мапӯй, азерок
Ҳар ки ба роҳи ҳасад равад, ба сар ояд.

*Носири Хусрав*

Ҳар касе, к-ӯ ҳосиди кайҳон бувад,
Он ҳасад худ марги ҷовидон бувад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Булҳикам номаш буду Бӯҷаҳл шуд,
Эй басо аҳл аз ҳасад ноаҳл шуд.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Тавонам он, ки наёзорам андаруни касе,
Ҳасудро чӣ кунам, к-ӯ зи худ ба ранҷ - дар аст?!
Бимир, то бираҳӣ, эй ҳасуд, к-ин ранҷест,
Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст!

*Саъдии Шерозӣ*

Кунад ҳароина ғайбат ҳасуди кӯтаҳдаст,
Ки дар муқобила гунгаш бувад забони мақол.

*Саъдии Шерозӣ*

Бурдан ҳасад аз ҳоли касон таври хирад нест,
Зинҳор, ки аз таври хирад дур набошӣ.
Аз халқ тамаъ ҳамчу ҳасад мояи ранҷ аст,
Бигсил тамаъ аз халқ, ки ранҷур набошӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Агар ёбад рафиқат сарбаландӣ,
Ҳасад бар вай мабар, гар ҳушмандӣ!

*Роғиби Самарқандӣ*

Дар дарун оташи ҳасад мафрӯз,
Ки ҳасад оташест мардумсӯз!
Ҳар куҷо оташе ҳасуд афрӯхт,
Аҳли он хонаро ба хона бисӯхт.

*Камолиддини Биноӣ*

Хислате нест аз ҳасад бадтар,
Марди ҳосид бувад зи бад бадтар.

*Камолиддини Биноӣ*

Ҳасадро дар заифӣ саҳл машмор,
Дами ханҷар зи борикист хунхор.

*Абдулқодири Бедил*

Ҳасуд одами мағрури ҷаҳлу нодон аст,
Ки доимӣ ба дилаш дуди кина печон аст.

*Тошхоҷа Асирӣ*

Агар ҳасуд набошад, ҷаҳон гулистон аст.

*Тошхоҷа Асирӣ*

* * *

То набошӣ дар ҷаҳон андӯҳгин,
Аз ҳасад дар рӯзгори кас мабин.

* * *

Роҳате набвад ҳасуди шумро,
Козиби бадбахтро набвад вафо.

* * *

Ҳасад он ҷо, ки оташ афрӯзад,
Хирмани ақлу офият сӯзад.

* * *

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд, ки «кадом оташ аст, ки фурӯзандаи худро месӯзад?» Гуфт: «Ҳасад».

* * *

Ҳасуд аз неъмати халқ бахил аст ва бегонаро душман.

* * *

Ҳасуд бузургӣ набинад.

* * *

Ҳасуд ҳаргиз наёсуд.

## 15. ХАСИСӢ ВА МУМСИКӢ

Луқма б-андоза хур, эй марди ҳарис,
Гарчи бошад луқма ҳалвою хабис.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Мардаке ғарқ буд дар Ҷайҳун,
Аз Самарқанд буд, пиндорам.
Бонг мекарду зор менолид,
Ки «дареғо кулоҳу дасторам!»

*Саъдии Шерозӣ*

Дунон нахуранду гӯш доранд,
Гӯянд: «Умед беҳ, ки хӯрда».
Рӯзе бинӣ, ба коми душман
Зар мондаву хоксор мурда.

*Саъдии Шерозӣ*

Бо тиҳичашмон чӣ созад неъмати рӯи замин?
Серӣ аз хирман набошад дидаи ғирболро.

*Саъдии Шерозӣ*

Рӯдаи танг ба як нони ҷавин пур гардад,
Неъмати рӯи замин пур накунад дидаи танг.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба барфоб раҳмат макун бар хасис,
Чу кардӣ, мукофот бар ях навис!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳарис ба ҷаҳоне гурусна асту қонеъ ба ноне сер.

*Саъдии Шерозӣ*

Тангдастонро дасти далерӣ баста ва панҷаи шерӣ шикаста.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Аё марди ҳарис, дар хушдилӣ кӯш,
Чӣ дар банди зариву ранҷи омол?
Ба ҷамъи мол чун умрат ҳама рафт,
Магар дар гӯр хоҳӣ хӯрд ин мол!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Гар даромад тавонгаре бар ту,
Баҳри рӯзӣ макун ба ӯ пайванд!
Мумсикиро кафили худ машмор,
Мудбириро худои худ мапсанд!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Соҳиби ҳирсро зи хони карам
Файзи эҳсон намерасад ҳаргиз.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Иззат талабӣ, дил аз хасисон во гир,
Дар сояи шафқати бузургон ҷо гир!

*Абдулқодири Бедил*

Судхор аз пули худ нон шиканад гар ба масал,
Шиша сандон шиканад, отала дандон шиканад.

На худ хӯрам, на кас диҳам,
Сарфа кунам, сагон баранд.

## 16. ТАМАЪ ВА ҒАРАЗ

Зи чизи касон сар бипечед низ,
Ки душман шавад дӯст аз баҳри чиз.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Тавонгар бувад, ҳар киро оз нест,
Хунук он, ки аз оз анбоз нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу хурсанд бошӣ, таносон шавӣ,
Чу оз оварӣ, з-ӯ ҳаросон шавӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Гар озода дорӣ танатро зи ранҷ,
Тани марди беоз беҳтар, ки ганҷ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Нигар, то нагардад ба гирди ту оз,
Ки оз оварад хашму биму ниёз!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бихур он чи дорию бешӣ маҷӯй,
Ки аз оз коҳад ҳаме обрӯй.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Тавонгар шуд он кас, ки хурсанд гашт,
Аз ӯ озу темор дар банд гашт.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу бастӣ камар бар дари роҳи оз,
Шавад кори гетит яксар дароз.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Парастандаи озу ҷӯёи кин
Ба гетӣ зи кас нашнавад офарин.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Дили марди томеъ бувад пур зи дард,
Ба гирди тамаъ, то тавонӣ, магард!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу донанда мардум шавад озвар,
Ҳаме дониши ӯ наёяд ба бар.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бар он дил, ки аз оз шуд дардманд,
Наёяд-ш панди хирад судманд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Баде дар ҷаҳон бадтар аз оз нест,

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар хоҳӣ, ки аз шумори озодмардон бошӣ, тамаъро ба худ роҳ мадеҳ ва дар дил ҷой макун!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Зи тамаъ аст кӯтаҳзабон марди оз,
Чу шуд тамаъ кӯтаҳ, забон шуд дароз.

*Асадии Тӯсӣ*

Ҳар он сар, ки ӯ озро афсар аст,
Ба хок андар аст, ар зи Маҳ бартар аст.

*Асадии Тӯсӣ*

Ба гетӣ-дар он аст дарвештар,
К-аз оз аст бар дил гиреҳ бештар.

*Асадии Тӯсӣ*

Накӯтар бувад номи зуфтӣ басе,
Зи хоне, ки бо тамъ бинҳад касе.

*Асадии Тӯсӣ*

Тамаъ орад ба мардон рангзардӣ,
Тамаъро сар бибур, гар марди мардӣ!

*Носири Хусрав*

Озодагию тамаъ ба ҳам н-ояд,
Ман кардаам озмун ба сад марра.

*Носири Хусрав*

Некхӯ гаштӣ, чу кӯтаҳ кардӣ аз ҳар кас тамаъ,
Пешрав гаштӣ, чу кардӣ оқилонро пайравӣ.

*Носири Хусрав*

Озод шавӣ чун алиф агарчанд,
Имрӯз ба зери тамаъ чу долӣ.

*Носири Хусрав*

Агар бо саг нахоҳӣ ҷуст пархош,
Тамаъ бигсил зи хуну гӯшти мурдор!
*Носири Хусрав*

Зуд бияфкан зи дилат банди оз,
То шавӣ аз бандагӣ озод зуд.
*Носири Хусрав*

Тамаъ дар ҳар чи бастӣ, пойбастӣ,
Чу даст аз ҷумла шустӣ, рав, ки растӣ!
*Носири Хусрав*

Тамаъ дорӣ, саги ҳар тиракешӣ,
Чу бурридӣ тамаъ, султони хешӣ!
*Носири Хусрав*

Гар бикорӣ озмунро тухми оз,
Гар бирӯяд, барнаёрад ҷуз муҳол.
*Носири Хусрав*

Тамаъ бисёр кардан хорӣ орад.
*Носири Хусрав*

Гардан аз бори тамаъ лоғару борик шавад.
*Носири Хусрав*

Зишт бор аст, эй бародар, бори оз!
*Носири Хусрав*

Машав он ҷо, ки донаи тамаъ аст,
Зери дона нигар, ки доми балост!
*Масъуди Саъди Салмон*

Марди қонеъ на марди лӯс бувад,
К-аз тамаъ гурба чоплӯс бувад.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Шери пурзӯр на аз пояи хорист ба банд,
Саги таммоъ на аз баҳри азизист ба дар.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ту, ки дар банди ҳирсу оз шудӣ,
Ҳамчу зар дар даҳони гоз шудӣ.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар ки бар хашму оз қоҳиртар,
Ӯст бар хасми хеш қодиртар.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар киро бошад тамаъ, алкан шавад,
Бо тамаъ кай чашми дил равшан шавад?!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ғаразҳо тира дорад дӯстиро,
Ғаразҳоро чаро аз дил наронем?

*Ҷалолиддини Румӣ*

Чун ғараз омад, ҳунар пӯшида шуд,
Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯи дида шуд.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Набояд бастан андар чизи кас дил,
Ки дил бардоштан корест мушкил.

*Саъдии Шерозӣ*

Лаб ба ҳар туъма маёлой, ки дандон шиканад
Бар сари хоки фурӯмоя зи полудаи қанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Қаноат сар афрозад, эй марди ҳуш,
Сари пуртамаъ барнаёяд зи дӯш.

*Саъдии Шерозӣ*

Дидаи аҳли тамаъ ба неъмати дунё
Пур нашавад, ҳамчунон ки чоҳ ба шабнам.

*Саъдии Шерозӣ*

Тамаъ банду дафтар зи ҳикмат бишӯй,
Тамаъ бигсилу ҳар чӣ хоҳӣ бигӯй!

*Саъдии Шерозӣ*

Гардани бетамаъ баланд бувад.

*Саъдии Шерозӣ*

Гар ҳаст обрӯй, чу дасти тамаъ занӣ,
Аз обрӯи хеш, рав, он дастро бишӯй!
В-он кас, ки шуст дасти тамаъ з-оби ҷӯи халқ,
Аз оби хеш даст нашӯяд ба ҳеҷ рӯй.
Аз оби ҷӯй даст бишӯ, з-обрӯ машӯй,
Зеро ки обрӯй набошад чу оби ҷӯй.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ба дил донаи ҳирс чандон макор,
Ки охир пушаймонӣ орад ба бор!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Тамаъро бар ҳама дар рӯи зард аст,
Хайи пешонӣ оби рӯи мард аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Канори ҳавз, дило, пур кучо тавонӣ кард
Ту аз тамаъ, ки се ҳарфи миёнтиҳӣ афтод.

*Салмони Соваҷӣ*

Тамаъро се ҳарф аст тиҳӣ,
Аз он нест мар томеонро беҳӣ.

*Салмони Соваҷӣ*

Дар ҳар диле, ки иззи қаноат ниҳод пой,
Аз ҳар чи буд, ҳирсу тамаъро бибаст даст.

Ҳар ҷо, ки арз кард қаноат матоъи хеш,
Бозори ҳирсу маъракаи озро шикаст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Тамаъу адл оташу обанд,
Ҳар ду як ҷо қарор кай ёбанд?
Чун бикӯбад тамаъ дари маскан,
Адл берун гурезад аз равзан.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Тамаъ аз халқ гадойӣ бошад,
Гар ҳама Ҳотами Тойӣ бошад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ғараз он ҷо ки бор бикшояд,
Дӯстиро маҷол танг ояд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳаст зери фалаки гарданда
Қонеъ озодаву томеъ банда.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар ҷо тамаъ вуҷуд надорад, бахил нест.

*Соиби Табрезӣ*

Аз маломат накунад аҳли тамаъ андеша,
Дили ин тоифаро рӯинатан сохтаанд.

*Сайидои Насафӣ*

Ба кунҷи хонаи худ мурдан аз ғам
Беҳ аз кардан тамаъ аз дасти одам.

*Рогиби Самарқандӣ*

Мадеҳ роҳ соҳибғараз пеши хеш,
Зи соҳибғараз мешавад сина реш,
Ки ӯ ҷумла найрангу макру фан аст,
Бурундӯстдору дарундушман аст.

* * *

Беҳтар аз савлати он кас думи саг,
Ки бар ӯ баҳри тамаъ ҷунбад раг.

* * *

Тамаъро аз се ҳарфи бенуқат карданд таҳрираш,
Нуқатро шарм меояд, ки дар гирди тамаъ гардад.

* * *

То шавӣ озоду мақбул, эй азиз,
Бетамаъ мебош, агар дорӣ тамиз!

* * *

Тамаъро набояд, ки чандон кунӣ,
Ки соҳибкарамро пушаймон кунӣ.

* * *

Чун ту тамаъ аз ҷаҳон буридӣ,
Донӣ, ки ҳама ҷаҳон кариманд.

* * *

Ҷоҳ асту қадру манфиа онро, ки тамаъ не,
Изз асту садру мартаба онро, ки оз нест.

* * *

Тамаъ мебарад аз рухи мард об,
Сияҳрӯй шуд, то гирифт Офтоб.

* * *

Хорӣ зи тамаъ хезаду иззат зи қаноат.

* * *

Томеъ ҳамеша шарманда аст.

* * *

Охири тамаъ хорист.

* * *

Озманд пайваста наёзманд бувад.

## 17. ХУДПИСАНДӢ ВА ХУДБИНӢ

Машав ғарра з-оби ҳунарҳои хеш,
Нигаҳ дор бар ҷойгаҳ пои хеш!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу бар дониши хеш меҳр оварӣ,
Хирадро зи ту бигсалад доварӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи нури рӯз гурезад ҳамеша зулмати шаб,
Чу фахр пайдо гардад, нуҳуфта гардад ор.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Машав ғарра ба зӯри бозуи хеш,
Ки бошад зӯрбозуҳо аз ин беш!

*Носири Хусрав*

Машав худбин, ки он бошад ҳалокат,
Ва з-он тира бимонад ҷони покат!

*Носири Хусрав*

Ҳазар аз молдори пуртакаббур,
Ки мабраз гандатар гардад, чу шуд пур.

*Носири Хусрав*

Душман, чу накӯҳол шавӣ, гирди ту гардад,
Зинҳор, машав ғарра бад-он чарбзаниҳош.

*Носири Хусрав*

Ғарра машав ба рӯзи тавоноӣ,
К-охир заифӣ аст тавоноро.

*Носири Хусрав*

Бар ҳусну ҷавонӣ, эй писар, ғарра машав!
Бас ғунчаи ношукуфта бар хок бирехт.

*Умари Хайём*

Агар ҳушмандӣ, чи андак, чи беш,
Машав ғарра бар рою тадбири хеш!

*Адиб Собири Тирмизӣ*

Ҳар ки гашт аз кибр боло гарданаш,
Дӯстон гарданд охир душманаш.

*Фаридуддини Аттор*

Кибр зишту аз гадоён зишттар.
*Ҷалолиддини Румӣ*

Ин боди буруту нихват андар бинӣ,
Он рӯз, ки аз амал бияфтӣ, бинӣ.
*Саъдии Шерозӣ*

Дар ҳеҷ кас ба чашми ҳақорат назар макун,
То дар ту ҳам ба дидаи таҳқир нангаранд.
*Абдуллоҳи Ансорӣ*

Тухми такаббур мафишон синаро,
Пушт мадеҳ суҳбати деринаро!
*Хусрави Деҳлавӣ*

Кибр мӯҷиби нафрати мардумон аст.
*Хусрави Деҳлавӣ*

Машав ғарра бар зӯри бозуи хеш,
Нигаҳ дор вазни тарозуи хеш.
*Рукниддини Авҳадӣ*

Фахре, ки аз василати дунҳиммате расад,
Гар ному нанг дорӣ, аз он фахр ор дор.
*Рукниддини Авҳадӣ*

Бо мардуми нек бад намебояд буд,
Дар бодия деву дад намебояд буд.
Мафтуни маоши худ намебояд шуд,
Мағрур ба ақли худ намебояд буд.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи сеҳри ғамзаи фаттони хеш ғарра мабош,
Ки озмудаму суде надошт мағрурӣ.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Некномӣ хоҳӣ, эй дил, бо бадон суҳбат мадор,
Худписандӣ, ҷони ман, бурҳони нодонӣ бувад.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар маҳфиле, ки Хуршед андар шумори
зарра-ст,
Худро бузург дидан шарти адаб набошад.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Машав мағрури ҳусни хубрӯён,
Ба зулфи дилкашу рӯи нигорӣ,
К-аз онҳо гирадат дил соли дигар,
Чунон к-имсол аз хубони порӣ!
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Худписандони нописандида
Мӯи афзуниянд дар дида.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Макун гарданфарозӣ, то насозад даҳр помолат,
Ки най охир зи ҷурми саркашиҳо бурё гардад.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Машав ғарраи ҳусни гуфтори хеш,
Назар кун, ки чун аст кирдори хеш!
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Басо мард, к-ӯ дам зи тадбир зад,
Вале бар худ аз учби худ тир зад.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Мағрур машав ба ҳашмати хеш,
Медор нигоҳ иззати хеш!
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Такаббур сарбаландонро кунад паст,
Тавозӯъ зердастонро забардаст.
*Бадриддин Ҳилолӣ*

Кибр онро, ки расмвор шавад,
Шак маёвар дар ин, ки хор шавад!

Доим аз кибр барҳазар мебош,
Бо тавозуъ фикандасар мебош!

*Камолиддини Биноӣ*

Шарм дор, эй саркаш, аз лофу ғурур,
Нест боли шуълаат ҷуз барги коҳ!

*Абдулқодири Бедил*

Машав мағрури ақлу дониши хеш,
Бинеҳ оинаи тадбир дар пеш.

*Роғиби Самарқандӣ*

То тавонӣ, ба гирди кибр магард,
Мутакаббир, баре зи кибр нахур.

* * *

Такаббур одамиро хор созад,
Такаббур кӯҳро аз бар гудозад.

* * *

Худписандӣ далели нодонист,
Охири вай фақат пушаймонист.

* * *

Ман-манихо пешаи шайтон бувад.

* * *

Худситоӣ нест расми мардуми соҳибкамол.

* * *

Аз худ нарав, ки ёронат аз ту раванд.

* * *

Худситоӣ мояи бемоягон аст.

* * *

Худписанд писанди халқ набошад.

* * *

Мағрур – аз ҷамоат дур.

* * *

Худбин мабош, дурбин бош!

* * *

Шеваи кибру худписандӣ бунёд надорад.

## 18. ТАНБАЛӢ ВА БЕКОРӢ

Пой дорӣ, чун кунӣ худро ту ланг,
Даст дорӣ, чун кунӣ пинҳон ту чанг.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Мард ҳама ҷо ба сари кор беҳ,
Шахси муаттал хиҷилу хор беҳ.
Баҳраи мақсуд чу беранҷ нест,
Коҳили бекор ба бегор беҳ.
З-он тани коҳил, ки гули нозук аст,
Хоркаши сӯхта сад бор беҳ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Нашояд ҳеҷ мардум хуфта дар кор,
Ки дар поён пушаймонӣ диҳад бор.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Зи лавҳи соя ҷуз ин ҳарф сархате надамид,
Ки помоли ҷаҳонанд аҳли бекорӣ.

*Абдулқодири Бедил*

Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

*Садриддин Айнӣ*

Кор кун!-- Беморам.
Ош хӯр!– Тайёрам.

* * *

На бел задам, на поя,
Ангур мехурам дар соя.

* * *

Он ки рӯзгораш ба танбалӣ гузашт, дучори усрат ва парешонӣ гашт.

* * *

Дар хӯрдан наҳанг, дар кор кардан бузи ланг.

* * *

Офтоб ба зардӣ афтад, танбал ба ҷардӣ.

* * *

Аз зиндаи бекор мурда беҳтар аст.

* * *

Ба хӯрдан тайёру ба кор бемор.

* * *

Ба танбал кор фармо, панд бишнав.

* * *

Беморӣ беҳ аз бекорӣ.

## 19. МАЙХӮРӢ

Ба андоза - бар ҳар касе май хӯред,
Зи оғоз фарҷоми худ бингаред!
Чу майтон ба шодӣ шавад раҳнамун,
Бихуспед, то тан нагардад забун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба пирӣ ба мастӣ маёзед даст,
На некӯ бувад пири бодапараст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба пиру ҷавон аз май ояд гуноҳ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Май душмани масту дӯсти ҳушёр аст,
Андак тарёку беш заҳри мор аст.
Дар бисёраш мазаррати андак нест,
Дар андаки ӯ манфиати бисёр аст.

*Абӯалӣ ибни Сино*

Нӯшидани бисёрро одат магиру гӯш кун,
Аз бода қонеъ шав ба кам, гоҳею андак нӯш кун!

*Абӯалӣ ибни Сино*

Агар шароб надонӣ хӯрд, заҳр аст ва агар бидонӣ хӯрдан, подзаҳр.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ба андоза беҳ ҳар ки ӯ май хӯрад,
Ки чун хӯрдӣ, афзун, бикоҳад хирад.
Махӯр бода чандон, к-ат орад газанд,
Машав маст, аз ӯ хуррамӣ кун писанд!

*Асадии Тӯсӣ*

Агар аҳлӣ, мадеҳ девонаро май,
Ба қадри ақли ҳар кас гӯй бо вай.

*Носири Хусрав*

Чун бода хурӣ, зи ақл бегона машав,
Мадҳуш мабошу ҷаҳлро хона машав!
Хоҳӣ, ки майи лаъл ҳалолат бошад,
Озори касе маҷӯю девона машав!

*Умари Хайём*

Накунад доно мастӣ, нахурад оқил май,
Нениҳад марди хирадманд сӯи пастӣ пай.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Хӯрдани май заҳмати хумор наярзад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Бодаро бар хирад макун ғолиб!

*Афзаладдини Ҳоқонӣ*

Дӯстӣ ҳаргиз макун бо бодахор,
Аз чунин кас хештанро дур дор!

*Фаридуддини Аттор*

Шароб аз паи сурхрӯӣ хуранд,
В-аз он оқибат зардрӯӣ баранд.

*Саъдии Шерозӣ*

Бода кам хӯр, хирад ба бод мадеҳ!
Хешро ёди ӯ ба ёд мадеҳ!
Ҳушёрӣ ту, беҳ ки беҳушӣ,
Ҳушёрӣ ту, бода кам нӯшӣ.
Май бутунаш кашад сар аз бӯстон,
Банд рӯят кунад ба гӯристон.
Бода дар хоку банг дар анбон,
Гар на девонаӣ, машав ҷунбон!
Маи сурхат намадфурӯш кунад,
Банги сабзат гилемдӯш кунад.
Дилсиёҳӣ диҳанду рухзардӣ,
Биҳил ин сурху сабз, агар мардӣ.
Бангат он иштиҳо диҳад ба дурӯғ,
Ки чу моуласал билесӣ дӯғ.
Май чунонат кунад ба нодонӣ,
Ки бузи модаро парӣ хонӣ.
Биҳил он обро, ки тар гардӣ,
Махур ин сабзаро, ки хар гардӣ.
Таркашон кун, ки дӯстони баданд,
З-он ки ин ҳар ду душмани хираданд.
Ҷуд нек асту ҷуди мастон бад,
Ҳушёрӣ зи майпарастон бад.
Маст нодим шавад ба ҳушёрӣ,
Ту зи мастон тамаъ чӣ медорӣ?!
Чанд гӯӣ, ки бода ғам бибарад?
Дину дунё, бибин, ки ҳам бибарад!
Гарчи ғамсӯзу ғуссакоҳ аст ӯ,
З-ӯ бирам, к-оби зери коҳ аст ӯ.
Гарчи обе тунук намояд саҳл,
Пой дар вай манеҳ ту аз сари ҷаҳл.
Ту дар обӣ, чунин далер марав,
Бар канораш расӣ, чу шер марав!
Барҳазар бош аз оби оташранг,
Ки тафаш аждаҳост, тоб наҳанг.
Оташи бода бармакун з-ин пас,
Ки туро оташи ҷавонӣ бас.

Май, ки оташ надида, ҷӯш кунад,
Чун ба оташ расад, хурӯш кунад.
Май чу оташ бар оташат резад,
Менадонӣ, чӣ фитна ангезад?
З-ин ду оташ чу дег барҷӯшӣ,
Гар ба якбора чун Сиёвушӣ.
Завқи покон зи хамру мастӣ нест,
Ҷоҳи некон зи кибр ҳастӣ нест.
Гоҳ мастию гаҳ харобӣ ту,
Кас надонад, ки аз чӣ бобӣ ту.
Чун накардӣ харобӣ ободон,
Бар харобӣ чӣ мешавӣ, нодон?!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Маст гӯяд ҳама беҳуда сухан,
Сухани маст ту бар маст магир!
Ҳар ки ӯ гирад бар даст шароб,
Ҳар чи гӯяд, бар даст магир!

*Ибни Ямин*

Ободии майхона зи вайронии мост.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Мастӣ сифати мардуми озода набошад.

*Камоли Хуҷандӣ*

Накӯӣ кас надид аз май ба олам,
Бувад шодии ӯ пайваста бо ғам.
Шари дунё саросар дар шароб аст,
Фаровон хонумон аз вай хароб аст.
Махур! Гар мехӯрӣ, зинҳор кам хӯр,
Ки аз кам хӯрданаш камтар бувад шӯр.
Зи пурхории май бадном гардӣ,
Табаҳ бар чашми хосу ом гардӣ.

*Шоҳини Шерозӣ*

Шару шӯри ҷаҳон андар шароб аст,
Шароб аст он, ки дониш з-ӯ хароб аст.

*Шоҳини Шерозӣ*

Марди оқил сазад, ки май нахурад,
То ба охир фиреби вай нахурад.
Ақл, к-ӯ ҳомили амонати туст,
То ки бархост, дар сиёнати туст.
Бода чун ақлро кунад зоил,
Башарият ба шар шавад моил.
Рӯ ба ҷаҳл оварад зи дониши худ,
Бад надонад зи неку нек зи бад.
Бода чун бар димоғ чира шавад,
Шуъла мирад, чароғ тира шавад.
Ба табоҳӣ кашад димоғи туро,
Пуф кунад шуълаи чароғи туро.
Ҳар димоғе, ки масти роҳ шавад,
Ганда чун батни мустароҳ шавад.
Бода дар ҳар саре, ки ҷо гирад,
Ақл аз ӯ пои хеш во гирад.

*Камолиддини Биноӣ*

Эй бародар, маёр рӯ ба шароб,
Баҳри андӯҳу меҳнат аст ин об.
Душмани ақлу хасми ҷон ин аст,
Хонавайронкуни ҷаҳон ин аст.

*Камолиддини Биноӣ*

Бода бо он ки гармбозор аст,
Судаш андак, зиён-ш бисёр аст.

*Камолиддини Биноӣ*

Хору хасро менишонад шуъла бар хоки сиёҳ,
Оқибат аҳли ҳавасро мекунад расво шароб.

*Абдулқодири Бедил*

То рухат садаву ҷамил бувад,
Май махур, гарчи салсабил бувад!
Писароне, ки бодахоҳ шаванд,
Аз маи сурх рӯсиёҳ шаванд.

* * *

Писаронро кунад ду кор хароб:
Ҳаваси зинату ҳавои шароб.
Вой бар он писар, ҳазорон вой,
Ки бувад майпарасту худорой!

* * *

Ба бода даст маёлой, к-он ҳама хунест,
Ки қатра-қатра чакидаст аз дили ангур.

* * *

Шароб ар хар хурад, полон бибахшад.

* * *

Шиша ба мастӣ мебарад,
Мастӣ ба пастӣ мебарад.

* * *

Девона, гурез маст омад.

* * *

Охири мастӣ–сарпастӣ.

* * *

Маст куҷою шарм куҷо?!

* * *

Мастӣ субҳ надорад.

## 20.АЙБ ВА АЙБҶӮӢ

Чу айби тани хеш донад касе,
Зи айби касон ӯ нагӯяд басе.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Мардум айби хеш натавонад донист.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Айб оварад айбҷӯянда мард.

*Асадии Тӯсӣ*

Макун мадҳи худу айби дигар кас,
В-агар гӯяд касе, гӯ: «З-ин сухан бас!»

*Носири Хусрав*

Макун айби касон, то метавонӣ,
Ки ту, эй дӯст, айби худ надонӣ.

*Носири Хусрав*

Гар битарси з-он, ки дигар кас биҷӯяд айби ту,
Чашмат аз айби касон лахте бибояд хобанид.

*Носири Хусрав*

Мард бояд, ки айби худ бинад,
Бар раҳи зӯру ғайба наншинад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Гар касе айби ту кунад, бишнав
В-он чӣ айб аст, ҷумлагӣ бидрав.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Дида зи айби дигарон кун фароз,
Сурати худ бину дар ӯ айб соз!

*Низомии Ганҷавӣ*

Ту агар айби худ ҳаме донӣ,
Наӣ аз ома, бал ҷаҳонбонӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ҳар ки гӯяд айби ту андар ҳузур,
Менамояд роҳат аз зулмат ба нур.

*Фаридуддини Аттор*

Гар ба айби хештан доно шавӣ,
Кай ба айби дигарон бино шавӣ?!

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар киро бинӣ шикоят мекунад,
К-он фалон кас росттабъу хӯйбад.
Ин шикоятгар, яқин, хеши бад аст,
Ки аз он бадхӯй бадгӯ омадаст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Айб бошад, к-ӯ набинад ҷуз, ки айб,
Айб кай бошад равони поки ғайб?

*Ҷалолиддини Румӣ*

Нокасонро фаросатест азим,
Гарчи ториктабъу бадхӯянд.

Чун ду кас машварат баранд ба ҳам,
Гӯяд: «Ин айби ман ҳамегӯянд!».

*Саъдии Шерозӣ*

Касе ба ҳамду санои бародарони азиз
Зи айби хеш набояд, ки бехабар бошад,
Зи душманон шунав, эй дӯст, то чӣ мегӯянд,
Ки айб дар назари дӯстон ҳунар бошад.

*Саъдии Шерозӣ*

Гарат айбҷӯӣ бувад дар сиришт,
Набинӣ зи товус ҷуз пои зишт!
Сафое ба даст ор, эй тирарӯй,
Ки нанмояд оинаи тира рӯй!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар он кас, ки айбаш нагӯянд пеш,
Ҳунар донад аз ҷоҳилӣ айби хеш.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки айби дигарон пеши ту оварду шумурд,
Бегумон, айби ту пеши дигарон хоҳад бурд.

*Муслиҳиддини Саъдии Шерозӣ*

Агар марди некӣ, ба кас бад магӯй,
Бипарҳез аз ҳосиди айбҷӯй!

*Саъдии Шерозӣ*

Айби худро аз дӯстон мапурс, ки бипӯшанд, тафаҳҳус кун, ки душманон чӣ мегӯянд?

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳикмати неку бад чу дар ғайб аст,
Айб кардан зи зиракон айб аст.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Номаи айби касон, гирам, ки бархонӣ чу об,
Ним ҳарф аз номаи худ барнамехоҳӣ, чӣ суд?

*Рукниддини Авҳадӣ*

Он ки айби ту гуфт, ёри ту ӯст
В-он ки пӯшида дошт, мори ту ӯст.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Эй хуш он, ки ба айббинии хеш
Пешвои ҳунарварон гардад,
Айби ӯ пеши дидаи дили ӯ
Пардаи айби дигарон гардад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чун лаиме бо ҳазорон айбу ор
Рӯзу шаб дар халқи олам ошкор,
Бинад андак айб аз соҳибкарам,
Барнаёрад ҷуз ба таъну лаън дам.
Он ба айби ин шавад яксар забон
В-ин ба зикри он наёлояд даҳон.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нашуста зи худ ҳарфи айб аз нахуст,
Зи ту айбшӯӣ наёяд дуруст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Айби худ мепӯшад аз чашми халоиқ айбпӯш.

*Соиби Табрезӣ*

Айб дар дигарон чӣ металабӣ?
Чун ту дорӣ ҳар он чи металабӣ.

*Камолиддини Биноӣ*

Ту, ки айб аз адад бурун дорӣ,
Бар забон айби халқ чун орӣ?!

*Камолиддини Биноӣ*

Агар айби касе аз кас шанидӣ,
Чунон кун: он сухан ҳаргиз надидӣ.
Ҳар он кас айби мардум бо ту гӯяд,
Бидон, бо дигарон айби ту ҷӯяд.

*Рогиби Самарқандӣ*

Айб ар кунадат рафиқ дар рӯ,
Мамнун бишаву маранҷ аз ӯ.
В-ар айби рафиқро бидонӣ,
Бепарда бигӯй, на ниҳонӣ.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Одамӣ ба айби хеш нобино бувад.

*«Кимиёи саодат»*

Ҳар ки беайб набошад, вайро маломат нарасад ва ҳеҷ кас беайб набувад.

*«Кимиёи саодат»*

Зиёнкортар айбе айби худ нодидан аст.

*«Таърихи гузида»*

Айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон,
Бошад андар ҷустани айби касон.

* * *

Бечорагӣ айб нест, дуздӣ айб аст!

* * *

Зиёнкортар аз тамоми зиштиҳо айбест, ки ба соҳибаш пӯшида бошад.

* * *

Кӯри худ мабошу бинои мардум.

* * *

Айби худ аз дӯстон мапурс, ки бинанду нагӯянд, аз душманон биҷӯй, ки набинанду гӯянд.

* * *

Мардумро дар ғайбат ҳамой гӯй, ки дар рӯй тавонӣ гуфт.

* * *

Айби худро аз бегонагон пурс, ки дӯстон нагӯянд.

* * *

Айби худро гуфтан даҳони душманон бастан аст.

* * *

Айби худ дар пеш ору баъд айби дигарон.

* * *

Айби мардум пардозӣ, айби худ надонӣ.

* * *

Айбе, ки аз як дурӯғ гуфтан биншинад, ба ҳазор рост барнахезад.

* * *

Айби худро донистан беҳтар аз ғайб донистан аст.

* * *

Айби худ наёфтан болотарини айбҳост.

* * *

Айби худро донӣ, мардӣ!

* * *

Айбро кӣ кунад? Маъюб.

* * *

Хандаро кӣ кунад? Лабкаҷ!

## 21. ҒАЙБАТ

Рав, забон аз ғайбати мардум биванд,
То набинӣ дасту пои худ ба банд!

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки аз ғайбат забонаш баста нест,
Онҷунон кас аз уқубат раста нест.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки бад андар дигаре гуфт, аз суҳбати ӯ бипарҳез,
ки дар пеши ту ҳамчунин тибат кунад ва аз қафо ғайбат.

*Саъдии Шерозӣ*

Эй бародар, манеҳ ба ғайбат рӯй,
Ки бувад рӯсиёҳ ғайбатгӯй!

*Камолиддини Биноӣ*

Гӯш манеҳ бар лаби ғайбатгарон,
То ту ҳам анбоз набошӣ дар он!

* * *

Ғайбати кас, то битавонӣ, нагӯй,
З-он ки зи ғайбат биравад обрӯй.

* * *

Нони худатро мехурӣ, ҳарфи мардум чаро мезанӣ?

* * *

Ғайбати худро шунидан беморист, нашунидан–даво.

## 22.БАХИЛӢ

Бахилӣ макун ҳеҷ, агар мардумӣ,
Ҳамоно, ки кам бошӣ аз одамӣ!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Эй писар, ҳаргиз махур нони бахил,
Кам нишин дар умр бар хони бахил!

*Фаридуддини Аттор*

Бахил арчи бошад тавонгар ба мол,
Ба хорӣ чу муфлис хурад гӯшмол.

*Саъдии Шерозӣ*

Каримон зи амвол бар мехуранд,
Бахилон ғами симу зар мехуранд.

*Саъдии Шерозӣ*

Зар аз маъдан ба кон кандан бадар ояд ва аз дасти бахил ба ҷон кандан.

*Саъдии Шерозӣ*

Бухлу дӯстӣ бо ҳам набошанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Сӯи хеш ту бухлро раҳ мадеҳ,
Ки дасти кушодаст аз баста беҳ!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар фурӯмоя, к-ӯ бахил шавад,
Назди халқи ҷаҳон залил шавад.

*Камолиддини Биноӣ*

Андешаи бухл аз яқин маҳҷурист,
Бо халқ ҳасад зи файзи маънӣ дурист.
Бар хеш ситам раво мадор, эй ғофил,
Чашмат во кун, ки тангчашмӣ кӯрист!

*Абдулқодири Бедил*

Бош аз бухли бахилон баркарон,
То набошӣ аз шумори аблаҳон.

* * *

Тавбаи бад худ куҷо маҳкам бувад?!
Мар бахилонро мурувват кам бувад!

* * *

Агар аз фарқ то қадам ҳунарӣ,
Чун бахилӣ, зи хоки раҳ батарӣ.

## 23. ПУРХӮРӢ

Туро хӯрди бисёр бигзоядат
Ва гар кам хурӣ, рӯз бифзоядат.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Набошад фаровонхуриш тандуруст,
Бузург он, ки ӯ тандурустӣ биҷуст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама дарди тан дар фузун хӯрдан аст.

*Асадии Тӯсӣ*

Об арчи ҳама зулол хезад,
Аз хӯрдани пур малол хезад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Иллати мардум зи пурхорӣ бувад,
Хӯрдани пур тухми беморӣ бувад.

*Фаридуддини Аттор*

Таом афзун махур ногоҳу носоз,
Ки он афзун туро, бешак, хурад боз.

*Фаридуддини Аттор*

Бо он ки дар вуҷуд таом аст ҳаззи нафс,
Ранҷ оварад таом, ки беш аз қадар бувад.

*Саъдии Шерозӣ*

Макун раҳм бар марди бисёрхор,
Ки бисёрхор аст бисёр хор!
Чу гов ар ҳамебоядат фарбеҳӣ,
Чу хар тан ба ҷаври касон дардиҳӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

На чандон бихур, к-аз даҳонат барояд,
На чандон, ки аз заъф ҷонат барояд!

*Саъдии Шерозӣ*

Макун, гар мардумӣ, бисёрхорӣ,
Ки саг з-ин мекашад бисёр хорӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Кашад марди пурхора бори шикам
Вагар дарнаёбад, кашад бори ғам.

*Саъдии Шерозӣ*

Лавзина, ки созвори ҷон аст,
Дар меъда, чу пур хурӣ, зиён аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Бихур чандон, ки нанҳад хонаи тан
Зи бешию камӣ рӯ дар харобӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Зани пурбор бошад марди пурхор,
К-аз ӯ сад нохушӣ зояд ба як бор.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ғизои кам шифоангез бошад,
Бале асли даво парҳез бошад.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Танӯри меъдаро пурдуд кардӣ,
Сафои дил ғуборолуд кардӣ.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Мурдагонро агар кунанд савол,
К-аз чӣ додед умри худ ба завол?
Ҳама гӯянд: «иллати мурдан
Буд моро балои пурхӯрдан».

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Дар пеши табиб омад он аблаҳи лур,
Яъне: «Шикамам ҳамеша дорад қур-қур.
Ҳар чиз, ки мехурам, намегардад ҳазм».
Фармуд: «Авал ҳазм кун, он гоҳ бихӯр!».

*Абдулқодири Бедил*

Дар риёзат нафси бадро гӯш мол,
То наяндозад туро андар залол.

* * *

Нафси бадро ҳар ки сераш мекунад,
Бар гунаҳ кардан далераш мекунад.

* * *

Нафси бадам зиён кард, дар байни ом бадном кард.

## 24.ПОРАХӮРӢ ВА РИШВАТХОҲӢ

Ҳар он ҷо, ки пора шавад дар дарун,
Шавад устуворӣ зи равзан бурун.

Абдуллоҳи Ансорӣ

Чун нон пора-пора шавад ҳоким,
Гар ҳукм кард боре бе пора.

*Носири Хусрав*

Чун диҳад қозӣ ба дил ришват қарор,
Кай шиносад золим аз мазлуми зор?!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳама касро дандон ба туршӣ кунд шавад, магар қозиро, ки ба ширинӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

## 25. СУХАНЧИНӢ

Ҳам аз наммом парҳез, эй бародар,
Ки аз наммом ҷон афтад дар озам!

*Носири Хусрав*

Суханчинро надеҳ наздики худ ҷой,
Ки дар як дам кунад сад фитна барпой.

* * *

Ба ғаммоз гардад ҷаҳон сарнагун,
Ки нопокҷон асту кинадарун.

* * *

Чу ғаммозро дидӣ, андар замон
Ба теғи сиёсат бибурраш забон!

* * *

Суханчинро макун наздики худ ром,
Ки бад гӯяд туро ҳам дар саранҷом.

* * *

Суханчин шарики шайтон асту душмани инсон.

# V. ПАНДИ ҲАЁТ

## 1. ЗИНДАГӢ

Касе, к-ӯ бувад судаи рӯзгор,
Набояд ба ҳар кораш омӯзгор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки дар биму андӯҳ зист,
Бад-он зиндагонӣ бибояд гирист.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чунон бояд тариқӣ зиндагонӣ,
Ки баъд аз мурдани худ зинда монӣ.

*Абулқосими Унсурӣ*

Чунон зӣ хирадманду доною род,
Ки то бар бадат кас набошанд шод.

*Асадии Тӯсӣ*

Чунон зӣ, ки зикрат ба таҳсин кунанд,
Чу мурдӣ, на бар гӯр-т нафрин кунанд.
Набояд ба расми бад оин ниҳод,
Ки гӯянд: «Лаънат бар ӯ, к-ин ниҳод!»

*Саъдии Шерозӣ*

Марг беҳтар, ки зиндагонии талх!

*Саъдии Шерозӣ*

Пас аз мурдан он кас алам барфарохт,
Ки ӯ қимати зиндагонӣ шинохт.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Пеш аз он, к-ат аҷал кунад дар хоб,
Хештанро ба зиндагӣ дарёб!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Чунон зиндагӣ кун ту андар ҷаҳон,
Ки чун мурда бошӣ, нагӯянд мурд.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳастӣ ҷуз ҷонканию хун хӯрдан нест,
Аз олами маргу айш он бурдан нест.
Дар халқ буруни халқ будан ғалат аст,
Суҳбат бо зиндагист, бо мурдан нест.

*Абдулқодири Бедил*

Зиндагӣ бо дӯстон айш асту танҳо оташ аст,
Шохи аз гулбун ҷудо маҳруқи гулхан мешавад.

*Абдулқодири Бедил*

Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест,
Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест!

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Ҷавонӣ бар сари кӯч аст, дарёб ин ҷавониро,
Ки кас ҳаргиз намебинад дубора зиндагониро!
Хамидапушт аз он гаштанд пирони ҷаҳондида,
Ки андар хок меҷӯянд айёми ҷавониро.

* * *

Ҷаҳон хуш аст, валекин ҳаёт мебояд,
Агар хаёт набошад, ҷаҳон чӣ кор ояд?!

* * *

Умр агар хуш гузарад, зиндагии Нӯҳ кам аст,
Вар ба нохуш гузарад, ними нафас бисёр аст.

* * *

Умри андак дар амру роҳат беҳтар, ки зиндагонии бисёр дар хавфу даҳшат.

* * *

Агар касе ба зиндагӣ муътақид бошад, аз марг наметарсад.

* * *

Зиндагиатро муназзам кун қадам ба қадам!

* * *

Ҳаёт маҳаки одам аст.

## 2. ИТТИФОҚӢ ВА АҲЛӢ

Зи доно ту нашнидӣ ин достон,
Ки баргӯяд аз гуфтаи бостон,
Ки: «Гар ду бародар ниҳад пушт-пушт,
Тани кӯҳро бод монад ба мушт».

*Абулфазли Байҳақӣ*

Чу ҳампушт бошеду ҳам якзабон,
Яке кӯҳ кандан зи бун метавон.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ду тан на чун як тан бошад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Бувад бо зиракон зиндон гулистон,
Чу зиндон аст бо ноаҳл бӯстон.

*Носири Хусрав*

Ду дил як шавад, бишканад кӯҳро,
Парокандагӣ орад андӯҳро.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ба мардум даромез, агар мардумӣ,
Ки бо одамӣ хӯгар аст одамӣ!

*Низомии Ганҷавӣ*

Ҳар ки ӯ бо дӯстон якдил бувад,
Ҷумла мақсуди дилаш ҳосил бувад.

*Фаридуддини Аттор*

Дӯстони сахтпаймонро зи душман бок нест,
Шарти ёр он аст, к-аз пайванди ёраш нагсалад.
Сад ҳазорон ҳайти якторо набошад қуввате,
Чун ба ҳам бартофтӣ, Исфандиёраш нагсалад.

*Саъдии Шерозӣ*

Пашша чун пур шуд, бизанад пилро,
Бо ҳама тундиву салобат, ки ӯст.
Мӯрчагонро чу бувад иттифоқ,
Шери жаёнро бидаронанд пӯст.

*Саъдии Шерозӣ*

Назар кун дар ин мӯи борики сар,
Ки борикбинанд аҳли назар.
Чу танҳост, аз риштае камтар аст,
Чу пур шуд, зи занҷир маҳкамтар аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Давлат ҳама з-иттифоқ хезад,
Бедавлатӣ аз нифоқ хезад.

*Саъдии Шерозӣ*

Набинӣ, ки чун бо ҳам оянд мӯр,
Зи шерони ҷангӣ бароранд шӯр!

*Саъдии Шерозӣ*

Ду дӯст бо ҳам агар якдиланд дар хама кор,
Ҳазор таънаи душман ба ним ҷав нахаранд.

*Ибни Ямин*

Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт,

*Ҳофизи Шерозӣ*

Як-як ангушт агар диҳӣ ба касе,
Ки бувад зӯри ӯ кам аз ту басе,
Тобад ангушти ту чунон ба шитоб,
Ки дар он тофтан равад зи ту тоб!
Вар ба ҳар панҷ тобияш панҷа,
Даст аз тофтан кунӣ ранҷа.
Ҷамъро ҳаст қуввати муътод,
Ки набошад муяссар аз оҳод.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Миёни ду кас маънии зиракӣ
Бувад мояи иттиҳоду якӣ.
Ҳама зиракон з-он ба ҳам дӯстанд,
Яке мағзро гашта сад пӯстанд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ду ҷоҳил ба ҳам муттаҳид нестанд,
Раҳи ақлро муътақид нестанд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Аз қудрати иттифоқ ғофил нашавӣ,
Дандонҳо сангро ба ҳам мешикананд.

*Абдулқодири Бедил*

Васли инсон гули муроди ҳама,
Боиси фарқу иттиҳоди ҳама.

*Абдулқодири Бедил*

Аз ҳампуштии душманон андеш, на аз бисёрии эшон!

*«Марзбоннома»*

Чун ҷамъ шаванд панҷ ангушт,
Гарданд ба фарқи душманон мушт.
Ҳар панҷ зи ҳам ҷудо бимонад,
Ҳар тифл шикастанаш тавонад.

* * *

Агар ду ёри мувофиқ ду дил яке созанд,
Фалак ба як тани танҳо чӣ метавонад кард?

* * *

Ришта то яктост, онро зӯри золе бигсалад,
Чун дуто шуд, оҷиз ояд аз гусастан Золи Зар.

## 3. КИТОБ, МАКТАБ, ХАТ ВА САВОД

Китоб аз даст додан сустроист,
Ки ағлаб хӯи мардум бевафоист.

*Саъдии Шерозӣ*

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Бувад бемузду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушодӣ.
Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,
Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дур.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ
Сад роҳате асту ҳаргиз озоре нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бикун з-ин корхона дар кутуб рӯй,
Хаёли хешро деҳ бо кутуб хӯй!
Зи доноён бувад ин нукта машҳур,
Ки дониш дар кутуб, доност дар гӯр.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бо гӯшу забон чӣ хуш бувад фаҳми китоб,
З-ин хомӯши гӯё, ки китоб асту китоб.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Воқеан, нест ҷуз китоб анис,
Гуфтаанд: –«Ал-китобу хайру ҷалис».

*Камолиддин Биноӣ*

Сари савдои кас набуд маро,
Ҷуз кутуб ҳамнафас набуд маро.

*Камолиддин Биноӣ*

Илм сайд омаду китобат қайд,
Беҳ, ки дар қайд баста бошад сайд.

*Камолиддин Биноӣ*

Сад хона китоб хондию нест ба ёд,
Бояд, ки китобхона дар сина бувад!

*Тошхоҷа Асирӣ*

Савод мояи илм асту илм айни ҳаёт.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,
Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб.
Як нуктаи мухтасар зи мактаб гӯям:
Одам нашавад касе, магар аз мактаб.

*Садриддин Айнӣ*

Беҷон ҷасадро қадре набошад,
Ҷисм аст инсон, ҷон аст мактаб.

*Садриддин Айнӣ*

Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ,
Ки мусоҳиб бувад гаҳу бегоҳ.
Беҳҷатафзои ҷону роҳати дил,
Ҳар чи дилхоҳи туст, аз ӯ ҳосил.
Инчунин ҳамдами латиф кӣ дид,
Ки наранҷидаву наранҷонид?

* * *

Ҳусни хат беҳ зи ҳусни дилдор аст,
Ҳамчу Моҳе, ки дар шаби тор аст.

* * *

Ҳар гулеро хазон бувад дар пай,
В-ин гулистон ҳамешагулзор аст!

* * *

Китоб мӯнис ва ғамгусори авқот аст, ки ҳузну андӯҳро бар суруру шодмонӣ табдил медиҳад.

## 4.ХОНДАН ВА ОМӮХТАН

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд!

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Туро гарчи дониш ба гардун расад,
Зи донои дигар шунидан сазад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Биёмӯз, то бад набошад – рӯз,
Чу парвона мар хештанро масӯз!

*Абӯшакури Балхӣ*

Биёмӯз, ҳарчанд битвониё
Магар хештан шод гардониё!

*Абӯшакури Балхӣ*

Ҳунарманд бо мардуми беҳунар
Ба фарҷом ҳам хок дорад ба сар!
Валекин аз омӯхтан чора нест,
Ки гӯяд, ки донову нодон якест!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Маёсой аз омӯхтан як замон,
Зи дониш маяфкан дил андар гумон!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба омӯхтан чун фурӯтан шавӣ,
Суханҳои донандагон бишнавӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,
Ки ёбӣ зи хар донише ромише.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи хар донише чун сухан бишнавӣ,
Аз омӯхтан як замон нағнавӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чӣ гӯӣ, ки коми дил афрӯхтам,
Ҳама, ҳар чи боистам, омӯхтам!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Замоне маёсой аз омӯхтан,
Агар ҷон ҳаме хоҳӣ афрӯхтан!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар ки омӯзиши рӯзгор ӯро нарм ва доно накунад, дар омӯзиши ӯ ҳеч касро ранҷ набояд бурд, ки ранҷи ӯ зоеъ бошад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Омӯхтан тавон зи яке хеш сад адаб,
Афрӯхтан тавон зи яке шамъ сад чароғ.

*Қатрони Табрезӣ*

Биёмӯз, ҳарчанд душворат ояд,
Ки душвор аз омӯхтан гашт осон.

*Носири Хусрав*

Биёмӯз он чи нашносӣ ту, зинҳор,
Ки бар кас нест аз омӯхтан ор.

*Носири Хусрав*

Ор ҳаме дорӣ аз омӯхтан,
Шарм ҳаме н-оядат аз ори хеш?!

*Носири Хусрав*

Зи ҷаҳли хеш чун орат наёяд,
Чаро дорӣ ҳаме з-омӯхтан ор?

*Носири Хусрав*

Зи ҳикмат хуриш ҷӯй мар ҷон-тро,
Дилат меъда созу даҳан гӯш кун!

*Носири Хусрав*

Илм, к-аз бахри ҳашмат омӯзӣ,
Ҳосилаш ранҷ дону бадрӯзӣ.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар ки з-омӯхтан надорад нанг,
Дур барорад зи обу лаъл аз санг.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ҳар ки аз дунё нагирад ибрате,
Ҳаст аз он мудбир ҷаҳонро нафрате.

*Фаридуддини Аттор*

Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз,
К-ин моли падар харҷ тавон кард ба ду рӯз.

*Саъдии Шерозӣ*

Хунук он, ки дар сӯҳбати оқилон
Биёмӯзад ахлоқи соҳибдилон.

*Саъдии Шерозӣ*

Бихон, ҳар чӣ хонӣ, валекин тамом,
Ки нопухта некӯтар аз нимхом.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ту ба омӯхтан баланд шавӣ,
То бидонию арҷманд шавӣ.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҳар чи донӣ ту, беҳ зи нодонист.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Он кас, ки бидонад ва бидонад, ки бидонад,
Аспи шараф аз гунбади гардун биҷаҳонад.
В-он кас, ки надонад ва бидонад, ки надонад,
Ҳам хештан аз нанги ҷаҳолат бираҳонад.
В-он кас, ки надонад ва надонад, ки надонад,
Дар ҷаҳли мураккаб абадуддаҳр бимонад.

*Ибни Ямин*

Мазан пушти по бахти фирӯзро,
Ба қисмат се кун ҳар шабонрӯзро:
Якеро ба таҳсили дониш гузор,
Ки бедонишӣ ҳаст чун айбу ор.
Ба дониш шав андар дувум коргар,
Савумро ба бедонишон бар ба сар!
Бад-ин нукта донову бихрад шудам,
Ки доно ба нодонии худ шудам.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дар касби камол боядат ҷаҳд,
Дар беҳталабӣ басарбарӣ аҳд.
Гирдоби талаб васеу давр аст,
Дарёи улум дуру ғавр аст.
Қонеъ нашавӣ, ба ҳар чӣ ёбӣ,
Аз хуб ба хубтар шитобӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дилатро ба донишварӣ дор хуш,
Чу донистӣ, он гоҳ дар кор кӯш!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба ҳар як лафз дар фанни малоҳат
Китобат кун зи таснифи саноат.

*Тошхоҷа Асирӣ*

Касе нанг дорад зи омӯхтан,
Ки аз нанги нодонӣ огоҳ нест.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Ҳар ки нахонад, чӣ донад?
Ва ҳар ки надонад, чӣ тавонад?

* * *

Касеро, ки дил бошад омӯзгор,
Бувад огаҳ аз размн ин рӯзгор.

* * *

Зиндагӣ саросар омӯзиш аст, зеро зиндагӣ ҳамвора дар пешравист.

* * *

Доно бояд, ки худро нодон шуморад ва он чӣ надонад, ба омӯхтани он инкор накунад.

## 5. ХАТ ВА НАВИШТАН

Қалам ба соате он корҳо тавонад кард,
Ки оҷиз ояд аз он корҳо қазову қадар.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Қалам баробари теғ аст, балки фозилтар.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Ҳеҷ чиз нест, ки ба хондан наярзад ва охир ҳеҷ ҳикоят аз нуктае, ки ба кор ояд, холӣ набошад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Ҳар чи бар коғаз навишта ояд, беҳтар аз коғаз бошад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Аз гуфтор боз тавон истод ва аз навишта боз натавон истод.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Ҳар навишта ба як хондан арзад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Бе ҷома шарифӣ, з-он ки ҷонат
Маъруф ба хат аст, не ба ҷома.

*Носири Хусрав*

Қалам далели салоҳ асту теғ раҳбари ҷанг.

*Носири Хусрав*

Набиштан зи гуфтан муҳимтар шинос,
Ба гоҳи навиштан ба ҷо ор ҳуш!
Сухан бо қалам чун қалам рост дор,
Ба неку ба бад дар сухан нек кӯш!

*Маъсуди Саъди Салмон*

Хат навиштан фазилату ҳунар аст,
Хондани хат зиёда муътабар аст.
Ҳар ки аз ин ду кор бехабар аст,
Бадтар аз гову зишттар зи хар аст.

* * *

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.

* * *

Агар хоҳӣ шавӣ хушнавис,
Бинавису бинавису бинавис!

* * *

Дар хатти касе нигоҳ набояд кард, агарчи дӯсту бародар бошад, аммо агар иҷозат диҳад, музоиқае нест.

* * *

Некӯтарини чизҳо қалами саҳеҳ аст аз забони фасеҳ.

* * *

Хат кач бошаду маъниш рост.

* * *

Кори қаламро шамшер накунад.

* * *

Қалам табиби сухан аст.

## 6. ПУРСИДАН

Ба посух хирадманд пайдо шавад,
Ба ҳар орзу бар тавоно шавад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чизе, ки ҳама донӣ, беҳуда чӣ пурсӣ,
Гуфтор чӣ бояд, ки ҳаме бинӣ кирдор?

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Бипурс, ҳар чи надонӣ, ки зилли пурсидан
Далели роҳи ту бошад ба иззи доноӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Имом Ғаззолиро пурсиданд: «Чӣ гуна расидӣ бад-ин мақом дар улум?» Гуфт: «Бад-он, ки ҳар чи надонистам, аз пурсидани он нанг надоштам».

*Саъдии Шерозӣ*

Чу дониву пурсӣ, саволат хатост,
Ту неку бади худ ҳам аз худ бипурс!

*Саъдии Шерозӣ*

* * *

Пурсидан айб нест.

* * *

Дониш хоҳӣ, пурсон бош!

## 7.УСТОД ВА ШОГИРД

Ҳар киро роҳбар заған бошад,
Гузари ӯ ба марғазан бошад.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Чу хоҳӣ, ки ранҷи тан ояд ба сар,
Аз омӯзгорон мабар тоби сар!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Нигаҳ кун ба-дон гардиши рӯзгор,
Ҷуз ӯро макун ҳеҷ омӯзгор!
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он, к-ӯ зоғ бошад раҳнамояш,
Ба гӯристон бувад пайваста ҷояш.
*Фахриддини Гургонӣ*

Ба шогирдӣ ҳар он, к-ӯ шод гардад,
Бувад рӯзе, ки ҳам устод гардад.
*Носири Хусрав*

Ҳар он касро, ки бошад роҳбар бум,
Набинад ҷуз, ки вайронӣ бару бум.
*Носири Хусрав*

Хиҷлати айби тани хешу ғами ҷаҳл кашад
Кӯдаке, к-ӯ накашад заҳмати устоду адиб.
*Носири Хусрав*

Шогирдро ҷудо натвон кард аз устод.
*Носири Хусрав*

Эй мубтадӣ, ту таҷриба з-омӯзгор гир!
*Масъуди Саъди Салмон*

Ҳар ки гирад пешае бе усто,
Ришханде шуд ба шаҳру русто.
*Ҷалолиддини Румӣ*

Кори беустод хоҳӣ сохтан,
Ҷоҳилона ҷон бихоҳӣ бохтан.
*Ҷалолиддини Румӣ*

Нигаҳ дор аз омӯзгори бадаш,
Ки бадбахту бадраҳ кунад чун худаш.
*Саъдии Шерозӣ*

Суҳбати ҷонпарвар аст сӯҳбати омӯзгор.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷаври устод беҳ зи меҳри падар.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар кӣ аз парваранда ранҷ надид,
Дар ҷаҳон ҷуз ғаму шиканҷ надид.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Муаллим кист? Ишқу кунҷи хомӯшӣ дабистонаш,
Сабақ нодониюдоно дилам тифли сабақхонаш.
Зи ҳар кас н-ояд ин устоду шогирдӣ, на ҳар кӯҳе
Бадахшон бошаду ҳар сангпора лаъли рахшонаш.
Забон ҷуз безабонӣ нест ин нодир муаллимро,
Дареғо, дар ҳама олам надонад кас забондонаш.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳаме бош доим ба фарҳангу рой,
Ба таъзими устод кӯшиш намой!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳаққи устод аз падар беш аст
В-аз падар устод дар пеш аст.
Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,
Устод аз наҷот баҳра диҳад.
Гар падар тарбият кунад сад сол,
Нозу неъмат туро диҳад ба камол,
Наравӣ то ба хизмати устод,
Илму ирфон куҷо бигирӣ ёд?
Ҳурмати устод ҳар ки надошт,
Алами илм бар ҷаҳон нафрошт.

*Камолиддин Биноӣ*

Ҳурмати илму устоду китоб
Лозими ин раҳ аст аз ҳама боб.
Ҳар ки ӯ тарки ин се ҳурмат кард,
Азми идбору майли зиллат кард.
Пой аз ҳурмат он касе, ки кашид,
Андар ин раҳ ба ҳеҷ ҷо нарасид.

*Камолиддин Биноӣ*

Фаромӯш макун ҳаққи устоди илм,
Ки бар ҳиммати ӯст бунёди илм.
Агар дар дилат меҳри устод нест,
Ба дасти умеди ту ҷуз бод нест.

* * *

Мар туро ҳар ки бошад раҳнамой,
Шукри ӯ мебояд овардан ба ҷой.

* * *

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.

* * *

Ҳеч мавлое нашуд Мавлои Рум,
То муриди Шамси Табрезе нашуд!

* * *

Гуфтанд: «Устод, шогирдон аз ту наметарсанд?».
Гуфт: «Ман ҳам аз шогирдон наметарсам».

* * *

Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро!

* * *

Рӯзгор забардасттарини омӯзгорон аст.

* * *

Шогирд аз устои беустод усто нашавад.

## 8.ИЛМУ АМАЛ

Он, к-ӯ накунад тоат, илмаш набувад илм,
Заргар набувад мард, чу бар зар накунад кор.

*Носири Хусрав*

Бе илм амал чун дирами қалб бувад, зуд
Расво шаваду шӯра бурун ораду зангор.

*Носири Хусрав*

Илмро ҷуз, ки амал банд надидаст ҳаким,
Илмро кас натавонад, ки бибандад ба таноб.

*Носири Хусрав*

Ҳамчу лӯълӯ кунад, эй пур, туро илму амал,
Роҳи боби ту ҳамон аст, бирав бар раҳи боб!

*Носири Хусрав*

Зевару зеби занон аст ҳарируу зару сим,
Мардро нест ба ҷуз илму амал зевару зеб.

*Носири Хусрав*

Ғӯл бошад, на олим он, ки аз ӯ
Бишнавӣ гуфту нангарӣ кирдор.

*Абулмаҷди Саноӣ*

Илм бо кор судманд бувад,
Илми бекор пойбанд бувад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Илм дорӣ, амал на, дон, ки харӣ,
Бори гавҳар барию коҳ хӯрӣ.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Аз ман бигӯй олими тафсиргӯйро:
«Гар дар амал накӯшӣ, нодон муфассирӣ!

Бори дарахти илм надонам ба ҷуз амал,
Бо илм агар амал накунӣ, шохи бебарӣ!»

*Саъдии Шерозӣ*

Ду кас ранҷи беҳуда бурданд ва саъи бефоида карданд: Яке он ки андӯхту нахӯрд ва дигаре он ки омӯхту накард.

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ!
На муҳаққиқ бувад, на донишманд,
Чорпое–бар ӯ китобе чанд!
Он тиҳимағзро чӣ илму хабар,
Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар?

*Саъдии Шерозӣ*

Олимеро, ки гуфт бошаду бас,
Ҳар чи гӯяд, нагирад андар кас.

*Саъдии Шерозӣ*

Якеро гуфтанд: «Олими беамал ба чӣ монад?» Гуфт: «Ба занбӯри беасал».

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки илм хонду амал накард, бад-он монад, ки гов ронду тухм наяфшонд.

*Саъдии Шерозӣ*

Илм, к-аз аъмол нишонеш нест,
Колбаде дораду ҷонеш нест.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Аз илм мурод ҷуз амал нест.

*Камоли Хуҷандӣ*

Дар илм ба нияти амал кӯш,
То захри ту з-ин амал шавад нӯш.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Олиме, к-ӯ амал намедонад,
Рост, бар мори ганҷ мемонад,
Ки занад печу тоб бар сари ганҷ,
Ҳосилаш не зи ганҷ ғайр аз ранҷ.
Олиме, к-аш амал набошад ёр,
Хар бувад, к-аш китоб бошад бор!
Олими беамал, ба қавли кибор,
Ҳаст монанди кӯри машъалдор.
Гар диҳад роҳи дигаронро нур,
Худ бувад гомзан ба дидаи кӯр.
Карда равшан барои мардум роҳ,
Худ ба торикӣ омада гумроҳ.

*Камолиддин Биноӣ*

Худ бувад илм бо амал пайваст,
Ки садо барнахезад аз як даст.
Асалу сирка дофеъи сафрост,
Гар набошад яке, набошад рост.
Солҳо илми хат агар хонӣ,
Хушнависӣ ба илм натвонӣ.
Машқу таълим ҳар ду мебояд,
В-ар яке нест, хат накӯ н-ояд.

*Камолиддин Биноӣ*

Илме, ки ногузири ту бошад, бар он гарой!
В-онро, к-аз ӯ гузир бувад, ҷустуҷӯ макун!
В-он дам ки ҳосили ту шавад илми ногузир,
Ғайр аз амал ба мӯҷиби он орзу макун!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба кор ор илме, ки омӯхтӣ,
Макуш машъалеро, ки афрӯхтӣ!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу касби илм кардӣ, дар амал кӯш,
Ки илми беамал борест бар дӯш.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чӣ ҳосил з-он, ки донӣ кимиёро,
Миси худро накарда зарри соро?!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Илм чу донӣ, зи амал сар мапеч,
Дониши бекор наарзад ба ҳеч.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Илме, ки дар он амал набошад,
Ҷуз арбадаву ҷадал набошад.
Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Илми худро макун ҷудо зи амал,
Ки бувад корсоз илму амал.
Илм агар бо амал нагардад ёр,
Ҳеч чизе зи илм чашм мадор!

*Камолиддин Биноӣ*

Чун бувад илм бе амал, на накӯст,
Ки ғараз аз шукуфа меваи ӯст.
Илм агар бо амал наёмезад,
Халал орад, залолат ангезад.

*Камолиддин Биноӣ*

Миёни олиму ҷоҳил баробар аз мӯе
Тафовуте набувад, то ки илм беамал аст.

*Зебуннисо*

Моликтар касе бар илм амалкунандаи илм аст.

*«Таърихи гузида»*

Бадбахт касест, ки вайро илм диҳанду амал надиҳанд ва тавфиқи амал диҳанду ихлос надиҳанд ва ба суҳбати некон роҳ диҳанду қабул надиҳанд.

* * *

Донистанро кор бастан бояд.

## 9.ҲУШЁРИВУ ЭҲТИЁТ

Далеру хирадманду ҳушёр бош,
Ба пос андарун сахт бедор бош!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чӣ гуфт он сухангӯи посухнийӯш,
Ки девор дорад ба гуфтор гӯш.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Нигаҳ дор бар хештан обрӯй,
Макун бо фурӯмоя ҳаргиз ҷадал!
Ки чун оҷиз ой, биранҷонадат,
Чунон ки бувад назди ома масал.

*Носири Хусрав*

Ба ҳар коре сари ришта нигаҳ дор,
Инон якборагӣ аз даст магзор!

*Носири Хусрав*

Ҳар ки накнад эҳтиёти корҳо,
Бар дилаш охир нишинад борҳо.

*Фаридуддини Аттор*

Посбони ту ҳушёрии туст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Дар кори хасм хуфта набошӣ ба ҳеҷ ҳол,
Зеро чароғи дузд бувад хоби посбон.

*«Калила ва Димна»*

## 10. ПАРҲЕЗ

Бипарҳез, то бад нагардад-т ном,
Ки бадном гетӣ набинад ба ком!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бипарҳез, ҳар чи нокарданист,
Наёзор онро, ки н-озарданист!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бипарҳез аз он марди носудманд,
Ки хезад аз ӯ ранҷу дарду газанд.

Абулқосими Фирдавсӣ

Бипарҳез аз нодоне, ки худро доно шуморад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Агар нахоҳӣ ранҷ, аз гургон парҳез кун!

*Носири Хусрав*

Ҳазар кун з-он, ки душман гӯяд: «Он кун!»,
Ки бар зону занӣ дасти тағобун.
Гарат роҳе наомад рост чун тир,
Аз ӯ баргарду роҳи дасти чап гир!

*Саъдии Шерозӣ*

Макун аъмоли бепарҳез пеша,
Дари парҳезкорӣ зан ҳамеша!
Ба саффи некномон шав камонгир,
Зи бадномон гурезон бош чун тир!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Парҳез кун аз суҳбати паймоншиканон!

## 11. ҲАДШИНОСӢ

Аз андоза бартар мабар дасти хеш,
Фузун аз гилемат макун пой пеш!

*Абӯшакури Балхӣ*

Чу андозаи худ надонӣ ҳаме,
Равонро ба хун дарнишонӣ ҳаме.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Маҷӯй он ч-ат орад саранҷом бим,
Макаш пой аз андоза беш аз гилем!

*Асадии Тӯсӣ*

Бар хар ҷое, ки хоҳӣ даршуданро,
Нигаҳ кун роҳи берун омаданро!

*Носири Хусрав*

Бидон худро миёни анҷуман ҷой,
Макаш беш аз гилеми хештан пой!

*Носири Хусрав*

Ҳар чи аз ҳад бигзарад, ночор гардад зидди он.

*Масъуди Саъди Салмон*

Ҳар ки по аз ҳадди худ бартар ниҳад,
Сар диҳад бар боду тан бар сар ниҳад.

*Фаридуддини Аттор*

Бирав, савдои беҳуда мапаймой,
Манеҳ берун зи ҳадди хештан пой!

*Фаридуддини Аттор*

Сар баровар аз гилемат, эй калим,
Пас фурӯ кун пой бар қадри гилем!

*Фаридуддини Аттор*

Орзу мехоҳ, лек андоза хоҳ,
Барнатобад кӯҳро як парри коҳ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Носиҳон гуфтанд: «Аз ҳад магзарон,
Маркаби истезаро чандин марон!»

*Ҷалолиддини Румӣ*

Аз андоза бартар манеҳ пои хеш,
Хирадро нигаҳ дор дар ҷои хеш!
Маро панд додаст марди ҳаким,
Ки: «Поят фузунтар макаш аз гилем!»

*Саъдии Шерозӣ*

Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст,
Ҳам лоиқи душман асту ҳам лоиқи дӯст.

*Саъдии Шерозӣ*

Магӯю манеҳ, то тавонӣ, қадам
Зи андоза берун в-аз андоза кам!

*Саъдии Шерозӣ*

Ба андоза буд бояд намуд,
Хиҷолат набурд он, ки нанмуд буд.

*Саъдии Шерозӣ*

Нахоҳӣ, ки зер афтӣ аз ҷои хеш,
Зи андоза берун манеҳ пои хеш!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҳар ки афзун кашад қад зи гилем,
Афканад хешро ба вартаи бим.

## 12.КАМБУДӢ

Бе оҳу касе нест андар ҷаҳон,
Чи дар ошкору чи андар ниҳон.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Мардум айби хеш натавонад донист.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Мард бе айб набошад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Гар айби ман зи хештан омад ҳама,
Аз хештан ба пеши кӣ афғон кунам?

*Носири Хусрав*

Аз суҳбати дӯсте ба ранҷам,
К-ахлоқи бадам ҳасан намояд;
Айбам ҳунару камол бинад,
Хорам гулу ёсуман намояд;
Ку душмани шӯхчашми бебок,
То айби маро ба ман намояд?!

*Саъдии Шерозӣ*

Бад на нек аст, бехилоф, валек
Мард холӣ набошад аз баду нек.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷуз он кас набошад накӯгӯи ман,
Ки равшан кунад бар ман оҳӯи ман.

*Саъдии Шерозӣ*

Фош кун ҳилати бадандешон,
То нагӯянд ғофилӣ з-эшон.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Айби хештанро аз забони мардумон битавон донист.

*Аҳмади Дониш*

Ҳеҷ кас бе айб набошад.

*«Кимиёи саодат»*

Ҳар ки ӯ бар айби худ бино шавад,
Рӯҳи ӯро қуввате пайдо шавад.

## 13. МАСЛИҲАТУ МАШВАРАТ

Чу меҳтар шудӣ, кор ҳушёр кун,
Надонӣ ту, донандаро ёр кун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Паи маслиҳат маҷлис оростанд,
Нишастанду гуфтанду бархостанд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳамеша машварат бо дӯстон кун,
Зи душман рози дил доим ниҳон кун!

*Носири Хусрав*

Машварат кардан дар корҳо аз қавииродагии мардум мебошад.

*Низомулмулк*

Ҳеҷ шуғле бе машварат накӯ наёяд.

*Низомулмулк*

Ҳар киро дарде бошад, бо касе бояд гуфт, ки дармони ӯ зи камтар касе ба даст ояд.

*Низомулмулк*

Ҷуз ба тадбири пир кор макун!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар ки бе машварат кунад тадбир,
Ғолибаш бар ҳадаф наёяд тир.
Бехи бемашварат, ки биншонӣ,
Бар наёрад ба ҷуз пушаймонӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу ояд мушкиле пеши хирадманд,
К-аз он мушкил фитад дар кори ӯ банд.
Кунад ақле дигар бо ақли худ ёр,
Ки то дар ҳалли он гардад мададгор.
Зи як шамъаш нагирад нур хона,
Фурӯзад шамъи дигар дар миёна.
Вале ҳаст ин сухан дар ростбинон,
Ба садри ростӣ болонишинон.
На дар качрав ҳарифони качандеш,
Ки гардад качравӣ аз качравӣ беш.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар ки бо доно машварат кунад, аз расвоӣ эмин бошад.

*«Таърихи гузида»*

Дар ҳама кор машварат бояд,
Кори бемашварат накӯ н-ояд.

* * *

Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.

## 14. ТАҶРИБА, ОДАМИ КОРДИДА ВА ОЗМУДА

Ҷавон гарчи доно бувад богуҳар,
Абе озмоиш нагирад ҳунар.
Баду нек ҳар гуна бояд кашид,
Зи ҳар шӯру талхӣ бибояд чашид.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба гетӣ кадом аст, бо ман бигӯй,
Ки бифзояд аз донише обрӯй?
Чунин дод посух, ки донои пир,
Ки: «Бо озмоиш бувад, ёд гир».

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Саги кордида бигирад паланг,
Зи рӯбаҳ рамад шери нодидаҷанг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу меҳри касеро бихоҳӣ ба суд,
Бибояд ба суду зиён озмуд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

То муҷарраб нашавад мардум, доно нашавад.

*Абӯнаҷми Манучеҳрӣ*

Равонро ранҷи беҳуда намоӣ,
Ки чандин озмуда озмоӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ба ноозмуда мадеҳ дил нахуст,
Ки ланг истода намояд друст.

*Асадии Тӯсӣ*

Макун ҳамроҳии кас н-озмуда,
Тафовут дон зи дида то шунуда.

*Носири Хусрав*

Касе, к-аш озмудӣ, н-озмояш,
Ки бас бошад яке бор озмоиш.

*Носири Хусрав*

Ба корҳои гарон марди кордида фирист,
Ки шери шарза дарорад ба зер хамми каманд.
Ҷавон агарчи қавиёлу пилтан бошад,
Ба ҷанги душманаш аз ҳавл бигсалад пайванд.

*Саъдии Шерозӣ*

Марди хирадманди ҳунарпешаро
Умр ду боист дар ин рӯзгор,
То ба яке таҷриба омӯхтӣ,
Бо дигаре таҷриба бурдӣ ба кор.

*Саъдии Шерозӣ*

Хирадманд бошад ҷаҳондида мард,
Ки бисёр гарм озмудасту сард.

*Саъдии Шерозӣ*

Тандурустонро набошад дарди реш,
Ҷуз ба ҳамдардӣ нагӯям дарди хеш.
Гуфтан аз занбӯр беҳосил бувад,
Бо яке дар умри худ нохӯрда неш!

*Саъдии Шерозӣ*

Нахоҳӣ, ки зоеъ шавад рӯзгор,
Ба ноозмуда мафармой кор!
Натобад саги сайд рӯй аз паланг,
Зи рӯбаҳ рамад шери нодидаҷанг.

*Саъдии Шерозӣ*

Зарандудагонро ба оташ баранд,
Падид ояд он гаҳ, ки мис ё заранд?!

*Саъдии Шерозӣ*

Чу парварда бошад писар дар шикор,
Натарсад, чу пеш оядаш корзор.

*Саъдии Шерозӣ*

Тафвизи корҳои бузург ба мардуми ноозмуда накунанд, ки пушаймонӣ орад.

*Саъдии Шерозӣ*

Рою тадбир аз пири ҷаҳондида таваққуъ доранд ва ҷанг аз ҷавони ҷоҳил.

*Саъдии Шерозӣ*

Қадри офият касе донад, ки ба мусибате гирифторояд.

*Саъдии Шерозӣ*

То касеро дар чанд қазия наёзмоӣ, эътимод макун!

*Саъдии Шерозӣ*

Дар осоиш басе бошанд ёрон,
Ба ғам кун озмуни дӯстдорон!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Рӯзи эшон сиёҳ то нашавад,
Дида огоҳи пеши по нашавад.

*Абдулқодири Бедил*

Ба ноозмуда кор нафармою ба озмуда устодӣ макун!

* * *

Ба дард касе расад, ки дарде дорад.

* * *

Дарди дили сӯхтаро дилсӯхта донад.

* * *

Умри дароз аз баҳри таҷриба аст.

* * *

Озмударо озмудан ҷаҳл аст.

* * *

Дарди худ пеши дардмандон бигӯй!

## 15. ПИРУ ПИРӢ

То пир нашуд мард, надонад хатари умр,
То монда нашуд мурғ, надонад хатари бол.

*Мачдуддини Кисоӣ*

Лаби пир бо панд некӯтар аст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он пире, ки барноӣ намояд,
Ҷаҳонаш нангу расвоӣ намояд.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ҷавон гарчи донодилу пурфусун
Бувад назди пир озмоиш фузун.

*Асадии Тӯсӣ*

Ҳунарҳо ба барнойӣ овар падид,
Зи бозӣ бикаш сар, чу пирӣ расид!

*Асадии Тӯсӣ*

Суви пирон ба ҳурмат гар гароӣ,
Ту дар пирӣ зи пирон бар сар оӣ.

*Носири Хусрав*

Ба дониш гарою дар ин рӯзи пирӣ
Бурун афкан аз сар хумори шабона.

*Носири Хусрав*

Ба пирони забун кун дастгирӣ,
Ки дар пирӣ бидонӣ қадри пирӣ.

*Носири Хусрав*

Ҷавон гарчи шоҳи далерон бувад,
Гаҳи чора муҳтоҷи пирон бувад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ҷавон гар ба дониш бувад беназир,
Ниёз оядаш ҳам ба гуфтори пир.

*Низомии Ганҷавӣ*

Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон бошӣ ту низ!

*Фаридуддини Аттор*

Зи тадбири пири куҳан бармагард,
Ки корозмуда бувад солх(в)ард!

*Саъдии Шерозӣ*

Чун пир шудӣ, зи кӯдакӣ даст бидор,
Бозию зарофат ба ҷавонон бигузор!

*Саъдии Шерозӣ*

Тараби навҷавон зи пир маҷӯй,
Ки дигар н-ояд оби рафта ба ҷӯй.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Он чи дар ойина ҷавон бинад,
Пир дар хишти хом он бинад.

*Убайди Зоконӣ*

Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳаме кун ба пирони бекас касӣ,
К-аз ин шева, донам, ба пирӣ расӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Қомати хамгаштаи пирон нишони марг нест,
Як камон сад тирро дар хок пинҳон мекунад.

* * *

Пирони куҳан бо таҷриба гӯянд сухан,
Некӣ бикунанд, таҷриба бо худ набаранд.

* * *

Бе пир марав, ки дар бимонӣ,
Ҳарчанд Сикандари замонӣ.

* * *

На ҳар кас, ки пир аст, ботадбир аст.

## 16.ПАДАРУ МОДАР ВА ФАРЗАНД

Ду чашмат ба фарзанд равшан бувад,
Агарчанд фарзанд душман бувад.
Зи пеши писар марг хоҳад падар,
Ту душман шунидӣ зи ҷон дӯсттар?!

*Абӯшакури Балхӣ*

Зи гетӣ ҳаме панди модар нийӯш,
Ба бад тез маштобу бар бад макӯш!
Шабу рӯз чун ҷон гиромиш дор,
Ки чун ҷон бипарвардат андар канор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,
Кунад ошкоро бар ӯ ҳар ниҳон.
Гар ӯ бифканад номи фаррух падар,
Ту бегона хонаш, махонаш писар!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи фарзанд бошад падар шоддил,
Зи ғамҳо бад-ӯ дорад озод дил.
Агар меҳрубон бошад ӯ бар падар,
Ба некӣ гароядаю додгар.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар коҳилӣ пеша гирад ҷавон,
Бимонад манишпасту тираравон.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Нишони падар бояд андар писар,
Раво набвад, ар камтар орад ҳунар.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу фармонпазиранда бошад писар,
Навозанда бояд, ки бошад падар.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Писандидатар кас зи фарзанд нест,
Чу пайванди фарзанд пайванд нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Гиромитар аз хуни дил чиз нест,
Хирадманд фарзанд бо дил якест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Писар, к-ӯ зи роҳи падар бигзарад,
Далераш зи пушти падар нашмарад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Писар, к-ӯ чун падар бошад, ситоишро сазо бошад.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

З-он ки устоди ту андар ҳама коре падар аст,
Чун падар гаштӣ, ту андар ҳама корӣ устод.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Ба фарзанд хуррам шавад рӯзгор,
Ҳам аз вай шавад талхии марг хор.

*Асадии Тӯсӣ*

Зи як падар ду писар некӯ бувад, аҷаб набувад,
Ки аз дарахте пайдо шудаст минбару дор.

*Асадии Тӯсӣ*

Агарчанд фарзанд чун деви зишт,
Бувад назди модар чу ҳури биҳишт.

*Асадии Тӯсӣ*

Бувад беш андӯҳи мард аз ду тан:
Зи фарзанди нопоку нопок зан.

*Асадии Тӯсӣ*

Ба пирӣ хидмати модар-падар кун,
Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун!

*Носири Хусрав*

Фарзанди ҳунарҳои хештан шав,
То хамчу ту касро писар набошад,
В-он гаҳ ки ҳунар ёфтӣ, бишояд,
Гар ҷуз ҳунарат падар набошад.

*Носири Хусрав*

Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист!
Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

*Низомии Ганҷавӣ*

Падар меҳрубон кай бувад бар писар,
Чу болида набвад ба хӯи падар?!

*Адиб Собири Тирмизӣ*

То ҷавонию тандурустӣ ҳаст,
Ояд асбоби ҳар мурод ба даст.

*Низомии Ганҷавӣ*

Модари фарзандро бас ҳаққост,
Ӯ на дархурди чунин ҷавру ҷафост.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Гӯӣ, ки баъдҳо чӣ кунанду куҷо раванд,
Фарзандакону духтаракони ятими мо?
Худ ёд н-оварӣ, ки чӣ карданду чун шуданд
Он модарону он падарони қадими мо?!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Зинҳор, ба ҳирфати падар кӯш,
Дар дидаи мардум аз ҳунар ҷӯш!

Ҳар ҷо, ки равӣ, писанд оӣ,
Пеши хама сарбаланд оӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Хирадманд бошад ҷаҳондида мард,
Ки бисёр гарм озмудасту сард.

*Саъдии Шерозӣ*

Эй тифл, ки дафъи магас аз худ натавонӣ,
Ҳарчанд ки болиғ шудӣ, охир на ту онӣ.
Шукронаи зӯроварии рӯзи ҷавонӣ
Он аст, ки қадри падари пир бидонӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,
Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.
Ки гар ақлу раъяш набошад басе,
Бимириву аз ту намонад касе.

*Саъдии Шерозӣ*

Биёмӯз пеша ту фарзандро,
Ба ҷон бозхар ин накӯ пандро!
Гузин кун яке пеша аз пешаҳо,
Дилатро барӣ кун зи андешаҳо!

*Саъдии Шерозӣ*

Нашояд, к-одамӣ чун курраи хар,
Чу сер ояд, нагардад гирди модар!

*Саъдии Шерозӣ*

Гирам, падари ту буд фозил,
Аз фазли падар туро чӣ ҳосил?

*Саъдии Шерозӣ*

Туро хоҳанд пурсид, ки амалат чист, нагӯянд падарат кист!

*Саъдии Шерозӣ*

Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз!

Битвон зи ҷигар бурид пайванд,
Дидан натавон хароши фарзанд.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Баччаи хешро ба ноз мадор,
Назараш ҳам зи кор бозмадор!
Чун барояд ба хорию сахтӣ,
Нашавад ӯ забуни бадбахтӣ.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Чӣ тафохур кунӣ ба номи падар,
Чун надонӣ ниҳод гоми падар?!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Кӯдаконе, к-андар айёми шумо пайдо шуданд,
Гар хилофи роятон моил ба кори дигаранд,
Менашояд кардашон таклиф бар одоти хеш,
З-он ки эшон мардумони рӯзгори дигаранд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Сар зи модар макаш, ки тоҷи шараф
Гарде аз роҳи модарон бошад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,
Филмасал, гар дидаро мардум бувад, номардум аст.
Шохи бебарг арчи бошад аз дарахти мевадор,
Чун наёрад бору мева, дар шумори ҳезум аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Машав ғамгин, агар духтар бизодӣ,
Ки аз духтар бувад пайваста шодӣ!
Басо духтар, ки соҳибтоҷ гардад,
Ба пешаш сад писар муҳтоҷ гардад!

*Рогиби Самарқандӣ*

Ба худ фарзанди мардум чун писар хон,
Надорад гар падар, худро падар дон!

*Рогиби Самарқандӣ*

Намак дар комҳо ширинтар аз шаҳду шакар гардад,
Ҷигарҳо хун шавад, то як писар мисли падар гардад.
Падар аз шавқи дил дар кӯдакӣ дасти писар гирад,
Ба уммеде, ки дар пирӣ писар дасти падар гирад.

*Тошхоҷа Асирӣ*

Кист он кас, ки шири софу лазиз
Ба шумо аз ҷигар расонду чашонд.
Баҳри осоиши шумо аз хоб
Хост, гаҳвораи шумо ҷунбонд.
Шустушӯ карда дасту пои шумо,
Аз муҳаббат ба ҷои пок нишонд?

*Садриддин Айнӣ*

Кист он кас, рӯз то бегаҳ давид,
Ошу нон баҳри шумо тайёр кард,
То шумо дар мактаб омӯзед илм,
Ҷумла кори хонаву бозор кард,
То шумо доно шаведу ботамиз,
Аз насиҳат гӯшатон пурбор кард?

*Садриддин Айнӣ*

Писар, ки нохалаф афтад, падар диҳад пандаш,
Падар, ки нохалаф афтад, писар чӣ кор кунад?!

* * *

Ҷавонӣ навбаҳори зиндагонист,
Нишоти зиндагонӣ дар ҷавонист.

* * *

Гирди номи падар чӣ мегардӣ,
Падари хеш шав, агар мардӣ!

* * *

Дар ин олам, аз ҳар чи боистанист,
Накӯтар зи фарзанди шоиста нест.

* * *

Фарзанди нағз–боғи падар,
Фарзанди бад–доғи падар.

* * *

Касе, к-ӯ надорад нишон аз падар,
Ту бегона хонаш, махонаш писар!

* * *

Фарзанд агарчи айбнок аст,
Дар пеши падар зи айб пок аст.

* * *

Фарзанди нохалаф чӣ гуна бошад? Чунон ки ангушти шашум – агар бибуранд, дард кунад ва агар бигзоранд, айб бувад.

* * *

Некӣ муқаддамтар аз ҳама бо кӣ бояд кард? Дар ҳаққи модару падар.

* * *

Писандидатарин чизе, ки падарон барои фарзандон бозгузоранд, фарҳанг аст.

* * *

Касе, ки ба модари худ ҷафо кунад, ба дигарон вафо кунад?!

* * *

Чаро фарзанди қобил аз падар даҳ сер кам бошад?!

* * *

Ба ҷавонӣ он ёбӣ, ки дар пирӣ наёбӣ.

* * *

Дарахти бесамар беҳ аз фарзанди носолеҳ.

* * *

Хона бо фарзанду саҳро бо одам обод аст.

* * *

Бар дорӣ–сар дорӣ.

* * *

Иззати бача кай фузун шавад?! Ба кам гуфтан.

* * *

Вақти таълиму адаб аҳди тифлист.

* * *

Аз фарзанд беҳтар неъмат нест.

* * *

Лаззати умри одамӣ фарзанд аст.

* * *

Дили модар ризои модар аст.

* * *

Модар ризо–Худо ризо.

* * *

Фарзандро ба дил дӯст дор, на ба гуфтор.

## 17. ТАРБИЯТ

Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.
Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон
Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон,
Чу гардад калон, боз натвонадаш,
Ки аз каҷҷию хам бигардонадаш.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ҳамчунин ояд писар, чун ҳамчунон бошад падар.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Шамъи торишударо то набурӣ атрофаш,
Барнаяфрӯзаду чун Зуҳраи заҳро нашавад.

*Абдулмаҷди Манучеҳрӣ*

Ҷавонро раҳу роим гардон бувад,
Дилаш бурдан аз роҳ осон бувад.

*Асадии Тӯсӣ*

Басе рӯзгорон, ки сахтӣ барад
Писар, чун падар нозукаш парварад.
Хирадманду парҳезгораш бидор,
Агар дӯст дорӣ, ба нозаш мадор!

*Саъдии Шерозӣ*

Чу парварда бошад писар дар канор,
Битарсад, чу пеш оядаш корзор.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷое нарасад кас ба тавоноии хеш,
Илло, ту чароғи раҳматаш дорӣ пеш.

*Саъдии Шерозӣ*

Одамиро, ки тарбият накунанд,
То ба садсолагӣ харе бошад!

*Саъдии Шерозӣ*

Дар хурдӣ таъсири тарбият бештар шавад аз он, ки дар бузургӣ.

Чӯби тарро, чунон ки хоҳӣ, печ,
Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост.

*Саъдии Шерозӣ*

Тарбият яксон асту табоеъ мухталиф.

*Саъдии Шерозӣ*

Гуле, ки тарбият аз дасти боғбон нагирифт,
Агар ба чашмаи Хуршед сар кашад, худрӯст.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳуқуқи модар агар аз роҳи додани шир аст, бетафовут ҳукми модагов аст.

*Шамсиддини Шоҳин*

Макад ар баччаи бемодари шер
Аз саги мода ба ночорӣ шир,
Гарчи шер аст ба гӯшу сару дум,
Сифати шерӣ аз ӯ гардад гум.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Истеъдод бе тарбият дареғ аст ва тарбияти номустаид зоеъ.

* * *

Бача азиз аст, одоби ӯ азизтар.

* * *

То ниҳол тар аст, бояд рост кард.

* * *

Харро ба задан асп натавон кард.

* * *

Тарбияти ҷисмонӣ–бақои ҷавонӣ.

* * *

Тарбияти нокас шикасти давлат аст.

* * *

Тарбияи бад диҳад ғаму дард.

* * *

Бачча мураббӣ мехоҳад.

## 18. АДИБ ВА АДАБИЁТ

Чун маонӣ ҷамъ гардад, шоирӣ осон бувад.

*Абулқосими Унсурӣ*

Шеър ногуфтан беҳ аз шеъре, ки бошад нодуруст,
Бачча нозодан беҳ аз шашмоҳа афкандан ҷанин.

*Манучеҳрии Домгонӣ*

Шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Нависандаро даст гӯё бувад,
Гули дониш аз дилш бӯё бувад.

*Асадии Тӯсӣ*

Дар шеър зи такрори сухан айб набошад,
Зеро ки хуш ояд сухани нағз ба такрор.

*Носири Хусрав*

Шоирӣ нест пешае, ки аз он
Расадат нон ба тарра, тарра ба дӯғ.

*Ибни Ямин*

Шеър нуре зи арш зоянда-ст,
З-он чу арш устувору поянда-ст.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Шеър чӣ-бвад? Навои мурғи хирад,
Шеър чӣ-бвад? Мисоли мулки абад.
Мешавад қадри мурғ аз ӯ равшан,
Ки ба гулхан дар аст ё гулшан!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Шеър бояд чу чашмасори зулол
Аз уқуди лаол моломол!
Нашавад оби ӯ ҳиҷоби гуҳар,
Балки гардад зи об тозаву тар!
На чу он чашмаи гилолода,
Ки дар ӯ қаъри об нанмуда,
Натавонӣ дар ӯ гуҳар ҷустан,
Бал к-аз ӯ даст боядат шустан.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Назм, ки нисбат ба гуҳар бошадаш,
Беҳ зи гуҳар бошад, агар бошадаш.
Қофиясанҷон чу дари дил зананд,
Дар ба рухи тирадилон гил зананд.
Рӯй чу дар қофиясанҷӣ кунанд,
Пушт бар ин дайри сипанҷӣ кунанд.
Тан бигузоранду ҳама ҷон шаванд,
Кӯҳ бибурранду паи кон шаванд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар он кас назми рӯҳафзо бихонад,
Ба користони назм ҳайрон бимонад.
Ба гетӣ бояд ӯ аз мо кунад ёд,
Равону рӯҳи мо гардад аз ӯ шод.

*Шоҳини Шерозӣ*

Ба олам шоирон соҳибзабонанд,
Зи лутфи хеш гавҳар мефишонанд.

*Роғиби Самарқандӣ*

Набвадӣ шоир ҳар он, к-ӯ мебибофад як-ду шеър,
Набвадӣ Бӯнаср ҳар, к-ӯро ватан шуд Форёб.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Шеър дарёест паҳновар, ки ӯро мурғи ваҳм
Дар гузаштан бояд аз пӯлод болу пар кунад.

*Маликушшуаро Баҳор*

На ҳар ки гӯяд сухан, номаш сухандон шавад,
На ҳар ки шуд сӯи баҳр, гавҳари ғалтон барад.

*Маликушшуаро Баҳор*

Шоир он аст, ки озод бувад афкораш,
Ҳам намояндаи афкор бувад гуфтораш.

*Устод Халил*

Шеъре, ки қофия дораду маъно не, ба зеборӯе монад, ки сурат дораду сират не!

* * *

Шеър гуфтан далели шоир будан нест.

## 19.АДАБ

Адаби судманд ин аст, ки панд гирӣ аз дигаре, на он, ки дигаре аз ту панд гирад.

*Анӯшервон*

Беадаб бо ҳазор кас танҳост.

*Шаҳиди Балхӣ*

Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаредун бувад.
Бузургон накарданд парвои мол,
Ки амволро ҳаст рӯ дар завол.
Инон сӯи илму адаб тофтанд,
Ки номи накӯ аз адаб ёфтанд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ ба ҳукми адаб нангарад,
Саранҷом темору ҳасрат барад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Аҳли адабро адиб донад миқдор.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Фазлу адаби марди меҳин нисбати ӯяст,
Шояд, ки напурсӣ зи падар в-аз аму холаш.

*Носири Хусрав*

Ҷомаро бар тан нашояд дӯхтан,
Бояд аз мардон адаб омӯхтан.

*Фаридуддини Аттор*

Бандагӣ аз худшиносӣ шуд тамом,
Нест марди беадаб соҳибмақом.

*Фаридуддини Аттор*

Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ бар ҳама офоқ зад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар ки машҳур шуд ба беадабӣ,
Дигар аз вай умеди хайр мадор!
Об, к-аз сар гузашт дар Ҷайҳун,
Чи ба дасте, чи найзае, чи ҳазор!

*Саъдии Шерозӣ*

Луқмонро гуфтанд: «Адаб аз кӣ омӯхтӣ?» Гуфт: «Аз беадабон: ҳар чӣ аз эшон дар назарам announcement нописанд омад, аз он парҳез кардам».

*Саъдии Шерозӣ*

Насл бурида беҳ, ки маволиди беадаб.

*Саъдии Шерозӣ*

Накӯӣ бо бадону беадабон тухм дар шӯрабун коштан аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ту адаби нафси бадандеш кун,
Беадабонро ба адаб хеш кун!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Беадаб силии замона хурад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҳар киро нест адаб, лоиқи суҳбат набувад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,
Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ, арзон аст.
Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасид,
Зеро ки адаб тоҷи сари мардон аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Наёроста дил ба фазлу адаб
Макун зинати ҷомаву ҷо талаб!
Чу нақши адаб аз дарун костӣ,
Бурунро чӣ ҳосил, ки оростӣ?!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Боядат аввал адаб андӯхтан,
Пас ба дигар кас адаб омӯхтан.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Адаб бар рӯи ҳар шахсе нигаҳ дор,
Касеро аз касе камтар мапиндор!

*Роғиби Самарқандӣ*

Адаб ороиши афъол бошад,
Адаб осоиши аҳвол бошад.
Фурӯғи зоҳир аз ороиши ӯст,
Фароғи ботин аз осоиши ӯст.
Адаб маҷмӯаи ҳусну ҷамол аст,
Баҳоре дар камоли эътидол аст.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Адаб дар анҷуман шамъи мунир аст,
Далели покии мофиззамир аст .
Ҳарифе, к-аз адаб дилкаш намояд,
Аз ӯ тарки адаб ҳам хуш намояд.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Адаб хоҳӣ, зи ҳад берун манеҳ пой,
Зи ҳар ҷониб, ки хоҳӣ, дар миён ой!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Толиби илмро адаб бояд,
Бо адаб саъй дар талаб бояд,
Дар талаб ҳар касе, ки беадаб аст,
Гар ба мақсуди худ расад, аҷаб аст!

*Камолиддин Биноӣ*

Онро, ки бувад комили машқи одоб,
Бар вазъи сабуксарон магиред ҳисоб.
Омезиши якдигар чӣ имкон дорад,
Гавҳар ҳарчанд ҳал намоянд ба об?!

*Абдулқодири Бедил*

Адаб бар бисоти сухан пешрав,
Ба поси мурувват нафасҳо гарав.

*Абдулқодири Бедил*

Бе ҳурмату адаб нарасад мард ҳеҷ ҷо,
Ҳар ҷо касе расид, зи роҳи адаб расид.

* * *

Одамизод агар беадаб аст, одам нест,
Фарқ дар байни Бани-Одаму ҳайвон адаб аст.

* * *

Чун узр пеши ту оранд, бипазир ва чун туро адаб омӯзанд, биёмӯз! Ҳар киро адаб омӯзанду ӯ наёмӯзад, ҳайвонест ва ҳар киро узр пеш кунанд, напазирад, шайтонест.

* * *

Адаб сармояест, ки ҳаргиз зарар намекунад, аммо ба даст овардани он осон нест.

* * *

Кадом кас аст, ки ҳар ҷо равад, ӯро дӯст доранд? – Соҳибадаб.

* * *

Ҳусн ҳусн нест, одоб ҳусн аст.

## 20. АФВУ УЗР

Ҳар он кас, ки пӯзиш кунад бар гуноҳ,
Ту бипзиру кини гузашта маход!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Гунаҳ нокардану бебок будан
Басе осонтар аз пӯзиш намудан.

*Фахриддини Гургонӣ*

Гуноҳе, ки бахшида бошӣ зи бун,
Сухан з-он дигарбора тоза макун!

*Асадии Тӯсӣ*

Беҳин родӣ он дон, ки бе дарду хашм
Бибахшӣ, надорӣ ба подош чашм?

*Асадии Тӯсӣ*

Ту, ки бар хештан набахшоӣ,
Ҷуз ту бар ту чӣ гуна бахшояд?!

*Носири Хусрав*

Мурғи бевақтӣ, сарат бояд бурид,
Узри аҳмақро намебояд шунид.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар ки бар хештан набахшояд,
Гар набахшад касе бар-ӯ, шояд.

*Саъдии Шерозӣ*

Шукри бузургӣ он аст, ки ба хурдон бибахшоянд ва қимати олӣ он, ки ба моли мискинон наёлоянд.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз хурдон хатову аз бузургон ато.

*Саъдии Шерозӣ*

Он ғазаб нописанд бошаду зишт,
Ки чу кардӣ, маҷолу узр наҳишт.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Афв кардан пас аз гуноҳ бувад,
Бегунаҳро ба афв ҳоҷат нест.

*Ибни Ямин*

Чу муҷрим шавад аз гунаҳ узрхоҳ,
Гунаҳ дон тағофул зи узри гуноҳ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Афв фармудан муборак хислатест,
Ҳар ки дорад афв, соҳибдавлатест.
Дил зи нури афв равшан мешавад
В-аз насимаш сина гулшан мешавад.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Бадтарини бадон он аст, ки узр напазираду кинаи узрхоҳ дар дил гирад.

* * *

Дар афв лаззатест, ки дар интиқом нест.

* * *

Узри гуноҳ бадтар аз гуноҳ аст.

* * *

Агар узр аст, ин низ бас аст.

## 21.МУРУВВАТ

Дилатро бо мурувват муттафиқ кун,
Вагар хайре кунӣ, бо мустаҳиқ кун!

*Носири Хусрав*

Мурувват набошад зи озодагон
Лагадкӯб кардан бар афтодагон.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Мурувват он аст, ки дар пинҳонӣ коре кунанд, ки дар ошкор шуданаш аз он хиҷолат набояд бурд.

*«Таърихи гузида»*

Мурувват набошад бадӣ бо касе,
К-аз ӯ некувӣ дида бошӣ басе.

* * *

Офати мурувват дурӯғ аст.

## 22. ЗОҲИРУ БОТИН, СУРАТУ СИРАТ

Ҳар ки бе сирати хуб аст накӯсурат,
Ҷуз ҳамон сурати депораш манигар!

*Носири Хусрав*

Ботини ту ҳақиқати дили туст,
Ҳар чи ҷуз ботини ту, ботили туст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Сирати мардон талаб, к-аз дари майдон бувад,
Нақш бар айвон чӣ суд Рустаму Исфандиёр?

*Афзалиддин Ҳоқонӣ*

Тавон шинохт ба як-ду рӯз шамоили мард,
Ки то куҷош расидаст пойгоҳи улум,
Вале зи ботинаш эмин мабошу ғарра машав,
Ки хубси нафс нагардад ба солҳо маълум!

*Саъдии Шерозӣ*

Гар ба сурат одамӣ инсон будӣ,
Аҳмаду Бӯҷаҳл ҳам яксон будӣ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

На ҳар берун, ки бипсандӣ, дарунаш ҳамчунон бошад,
Басо ҳалвои собунӣ, ки заҳраш дар миён бошад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба сурат касоне, ки мардумвашанд,
Чу сират, ҳамон беҳ, ки дам даркашанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Дар зоҳираш айб намебинам, дар ботинаш ғайб намедонам.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар шахс одамӣ бошад ба дидор,
Ҳамин тимсол дорад нақши девор.

*Саъдии Шерозӣ*

На ҳар ки ба сурат накӯст, сирати зебо дар ӯст; кор андарун дорад, на пӯст.

*Саъдии Шерозӣ*

Мушк он аст, ки худ бибӯяд, на он ки аттор бигӯяд.

*Саъдии Шерозӣ*

На ҳар чи ба қомат меҳтар, ба қимат беҳтар.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз ҳусн нафис нест мардум,
Аз ҷавҳари мардумӣ нафис аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Берун маҳаки даруна бошад,
Унвон зи ғараз намуна бошад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Кори сурат саҳл бошад, раҳ ба маънӣ мушкил аст.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҳар ки дар банди сувар бошад, ба маънӣ кай расад?
Мард гар суратпараст ояд, бувад маънигузор.

*Авҳадии Анварӣ*

Сурати мардон чӣ хоҳӣ, сирати мардон гузин,
Марди ошиқпешаро бар сурати айвон чӣ кор?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман онро одамӣ донам, ки дорад сирати некӯ.
Маро чӣ маслиҳат бо он, ки ин габр асту он тарсо?!

*Салмони Совачӣ*

Таъна бар ман мазан ба сурати зишт,
Эй тиҳӣ аз фазилату инсоф.
Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,
Кор шамшер мекунад, на ғилоф.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Даруну бурунро ба ҳам рост соз,
Зи каҷбоз беҳтар бувад ростсоз!
Дарунро биёрой ҳамчун бурун
Ва ё кун бурунро ба ранги дарун!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Рӯй дар қоидаи эҳсон кун,
Зоҳиру ботини худ яксон кун!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чӣ суд аз шакл, агар хӯе надорӣ,
Чи ҳосил ранг, агар бӯе надорӣ?

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ба сурат одамӣ натвон гузидан,
Ба полон хар намебояд харидан.
Басо мардум ба сурат ҳамчу Моҳанд,
Дарунҳошон вале ганду сиёҳанд.

*Роғиби Самарқандӣ*

Нақши ҳар маънӣ шавад, оре, зи сурат ошкор.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Ҳар ки дар ӯ сирати некӯ бувад,
Одамӣ ӯ бошад, инсон ӯ бувад.

* * *

Ботину сирати мардумро ҳангоми бадбахтӣ ва мусибати онҳо метавон шинохт.

* * *

Рӯи зеборо ҳоҷат ба машшота нест.

* * *

Дар замона сирати ҳар кас намудори вай аст.

* * *

Сурататро чӣ кунам, бо ту набошад сират?

* * *

Сурат аз маънӣ нур гирад.

* * *

Сурат дораду сират надорад.

* * *

Сурате хубу сирате зишт аз чист?!

## 23.ФЕЪЛУ АТВОР, ХУЛҚУ ХӮ

Батар душмани мардро хӯи бад,
К-аз ӯ ҷон ба ранҷ ояду колбад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Касе, к-аз падар кажжию хӯи бад
Нагирад, аз ӯ бадхӯӣ кай сазад?

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бузургию афзунию ростӣ
Ҳама гирад аз хӯи бад костӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Беҳ аст аз рӯи некӯ хӯи некӯ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Киро дар ҷаҳон хӯи зишт ар накӯст,
Ба ҳар кас гумон он барад, к-андар ӯст.

*Асадии Тӯсӣ*

Хӯи ҳар кас аз тухмаш ояд ба бор,
Зи гул бӯй бошад, халидан зи хор.

*Асадии Тӯсӣ*

Хӯи он ки нашносиву рои ӯй,
Ниҳон розу тадбир бо вай магӯй!

*Асадии Тӯсӣ*

Хӯи нек ҳамчун фариштаст пок,
Хӯи бад чу дев аст бе тарсу бок.

*Асадии Тӯсӣ*

Бадхӯ шавӣ зи хӯи бади ёри худ, чунон-к
Ханҷар хамида гашт чу хаммида шуд ниём.

*Носири Хусрав*

Зи феъли шахс ҳоли шахс медон,
Ба ту шуд ҳалли ин асрори пинҳон.

*Носири Хусрав*

Андар дум аст каждуми бадро ҳалоки сар,
Аз феъли бад ту низ сари хешро думӣ.

*Носири Хусрав*

Ба хушрӯиию хушхӯӣ дар айём,
Ҳамерав, то шавӣ хушдил саранҷом.

*Носири Хусрав*

Гунаҳбахшову афвандӯз мебош,
Ба хушхӯӣ чу равшан рӯз мебош!

*Носири Хусрав*

Бичӯ дилшон ба хулқу хубрӯӣ,
Ки ин аст, эй бародар, некхӯӣ!

*Носири Хусрав*

Хӯи некӯ туро чу шер кунад,
Хӯи бад олам аз ту сер кунад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Тавсани табъи ту чу ромат шавад,
Сиккаи ихлос ба номат шавад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Гар ба олам обрӯ мебоядат,
Доимо хулқи накӯ мебоядат.

*Фаридуддини Аттор*

Беҳтарини чизҳо хулқи накӯст,
Халқ хулқи некро доранд дӯст.

*Фаридуддини Аттор*

Чун нагардад халқ бо хӯи ту рост,
Гар ба хӯи мардумон созӣ, равост.

*Фаридуддини Аттор*

Он кас, ки на росттабъ бошад, на накӯ,
На ошиқи кас бувад, на кас ошиқи ӯ.

*Саъдии Шерозӣ*

Гарат хӯи ман омад носазовор,
Ту хӯи неки хеш аз даст магзор!

*Саъдии Шерозӣ*

Макун, хоҷа, бар хештан кор сахт,
Ки бадхӯй бошад нагунсорбахт.

*Саъдии Шерозӣ*

Некии мардум на накӯрӯӣ аст,
Хӯи накӯ мояи некӯӣ аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Мизоҷи каҷ раҳо кун, то тавонӣ,
Ки то ба каҷмизоҷон дарнамонӣ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Меҳр маҳкам шавад зи хушхӯӣ,
Дӯстӣ кам кунад турушрӯӣ.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Касе, ки бо ҳама кас хӯи бад ба кор барад,
Ҳамеша дар кафи сад ғусса мумтаҳан донаш.
Магӯ ба шаҳна, ки зиндон мақоми ӯ гардон,
Ки пӯст бар тани бадхӯ бас аст зиндонаш.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Машав ғарраи ҳусни гуфтори ӯ,
Назар кун, ки чун аст кирдори ӯ!
Басо кас, ки гуфтори ӯ дилкаш аст,
Вале феълу хӯяш ҳама нохуш аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Накӯхӯ аз дари раҳмат дарояд,
Чу гул ҳар ҷо, ки бошад, хуштар ояд.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Гулистони ҷамолу гулшани рӯй
Бувад беобуранг аз гармии хӯй.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Марди бадхӯ бувад зи некӣ дур,
Гар аз ӯ некие расад ба зуҳур,
Некияш не зи бихрадӣ бошад,
Некияш мояи бадӣ бошад.

*Камолиддини Биноӣ*

Бадтар аз хулқи бад балое нест,
Хоҷа, ин дардро давое нест.
Гарчи ахлоқи бад араз бошад,
Ин араз ояи мараз бошад.

*Камолиддини Биноӣ*

Ҳар ки атвори неку бад гирад,
Ҳама аз хамнишини худ гирад.

*Камолиддини Биноӣ*

Замона буттаи хор аз дуруштхӯии туст,
Агар ту нарм шудӣ, ин ҷаҳон гулистон аст.

*Соиби Табрезӣ*

Хушхӯ хеши бегонагон бошад, бадхӯ бегонаи хешон.

*«Таърихи гузида»*

Ҳар ки ӯро пеша бадхӯӣ бувад,
Кори ӯ пайваста бадрӯӣ бувад.
Хӯи бад бар тан балои ҷон бувад,
Мардуми бадхӯ на аз инсон бувад.

* * *

Нохушӣ дар зиндагонӣ, эй валид,
Мардро аз хӯи бад гардад падид.

* * *

Он ки набвад мар варо феъли накӯ,
Мурда медонаш, ки набвад зинда ӯ.

* * *

Феъли бад зарар дорад,
Бар одам хатар дорад.

* * *

Бадхӯй дар чанги душмане гирифтор аст, ки ҳар куҷо равад, аз чанги уқубати ӯ халосӣ наёбад.

* * *

Ҳеҷ сифате беҳтар аз хусни хулқ ва ҳеҷ ҳолате хуштар аз сифати нек нест.

* * *

Мор пӯсти худро гузорад, аммо хӯи худро нагзорад.

* * *

Бадхӯй дар дасти хӯи бади худ гирифтор аст .

* * *

Ҳеҷ душман бадтар аз хӯи бад нест.

* * *

Хӯи бадро баҳона бисёр аст.

* * *

Хӯи хуш аз ҳама қаринон беҳ.

* * *

Феъли бад – коҳиши ҷон.

* * *

Хулқи нек – боли инсон.

* * *

Хӯи некӯ аз рӯи некӯ.

* * *

Хӯи бад – бори гарон.

* * *

Хӯе, ки ба сар кардӣ, ба ҷон мегузарад.

* * *

Хушфеъл ҳамеша хушмаош аст.

## 24. ШАРМУ ҲАЁ

Чунон дон, ки бешарми бисёргӯй
Набинад ба назди касе обрӯй.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бешармӣ набувад бузургтар аз он, ки ба чизе даъвӣ кунад, ки бидонад ва он гоҳ бад он дурӯғзан бошад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Кунад бешарм ҳар коре, ки хоҳад,
Натарсад з-он, ки оби ӯ бикоҳад.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ҳаё асл аст андар зоти инсон,
Ки дорад одамиро одамисон.

*Носири Хусрав*

Зи шарм ар бо фаришта ҳамнишинӣ,
Зи бешармӣ ту бо девон қаринӣ.

*Носири Хусрав*

Ҳаё бояд, ки дорад одамизод,
Ки лаънат бар вуҷуди беҳаё бод!

*Носири Хусрав*

Ҳар киро кард шарм аз ӯ дурӣ,
Бидарад пардаҳои мастурӣ.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Саре, к-ӯ аз ҳаё дар пеш бошад,
Ба исмат посбони хеш бошад.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Хонаи чашме, ки ҳаё чароғаш афрӯхт, аз ҷилваи асбоб ҷуз партави ибрат наяндӯхт.

*Абдулқодири Бедил*

Бухл аз осори беҳаёисту беҳаёӣ далели нобиноӣ.

*Абдулқодири Бедил*

Он кас, ки ҳаё далели роҳаш бошад,
Аз аксари офот паноҳаш бошад.
Камтар чинад ғубор аз ин роҳи ҳавас,
Чашме, ки ба пеши по нигоҳаш бошад.

*Абдулқодири Бедил*

Ҳуснро бе арақи шарм тароват набувад,
Гули коғаз беҳ аз он гул, ки бар ӯ шабнам нест.

*Абдулқодири Бедил*

Онро, ки ҳаё беш, сахо бештар аст.

*Абдулқодири Бедил*

Шарм мардонро виқор асту занонро зевар аст.

*Абдулқодири Бедил*

Беҳаёӣ пардаест, ки панҷаи шер намедарад.

*Шамсиддини Шоҳин*

Гарчи гул дар нозукӣ машҳур дар баҳру бар аст,
Хотири шарму ҳаё аз барги гул нозуктар аст.

* * *

Дидаи бешарм писандида нест,
Дар назари ақл худ он дида нест.

* * *

Ҳеҷ пироя беҳтар аз шарм нест.

* * *

Одами беҳаё на нанг дорад, на вафо.

## 25. СУҲБАТ

Чу аз суҳбат расад бар нафс таъсир,
Ба суҳбат дӯстони муътабар гир!

*Носири Хусрав*

Мабур аз суҳбати доно, ки дониш
Кунад таъсир бар ту аз забонаш.

*Носири Хусрав*

Нишин бо аҳли илм, эй дӯст, модом,
Ки аз дониш беҳӣ ёбӣ саранҷом.

*Носири Хусрав*

Макун бо аҳли ҷаҳл, эй ёр, суҳбат,
Ки з-он суҳбат расӣ ҳар дам ба меҳнат.

*Носири Хусрав*

Ба лутф аз хеш беҳтар ҷӯ ҳарифат,
Ки ҳамчун худ бигардонад зарифат.

*Носири Хусрав*

Суҳбати нодон сад раҳ батар аз зиндон.

*Носири Хусрав*

Ҳама кори ту бод бо уқало,
Дур бодӣ зи суҳбати ҷуҳало!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Суҳбати аблаҳон чу деги тиҳист,
Аз дарун холӣ, аз бурун сияҳист.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Суҳбати аҳмақ басе хунҳо бирехт.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Суҳбати мардон-т чун мардон кунад,
Нори хандон боғро хандон кунад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ба як нотарошида дар маҷлисе
Биранҷад дили ҳушмандон басе.
Агар биркае пур кунанд аз гулоб,
Саге дар вай афтад, кунад манҷалоб.

*Саъдии Шерозӣ*

Суҳбати дерошноён дер барҳам мехӯрад,
Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳазор шарбати ширину меваи машмум,
Чунон муфид набошад, ки бӯи суҳбати ёр.

*Саъдии Шерозӣ*

Суҳбати ӯ кун, ки басидқу сафост,
Домани ӯ гир, ки з-аҳли вафост.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Хуррам дили он касе, ки суҳбат
Бо ёр аладдавом дорад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Некномӣ хоҳӣ, эй дил, бо бадон суҳбат мадор!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи ҳамсуҳбати бад ҷудоӣ, ҷудоӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Даме пеши доно беҳ аз оламест.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳаваси суҳбати ёре агарат меафтад,
Бо рафиқони мухолиф накунӣ ёрӣ, беҳ.

*Камоли Хуҷандӣ*

Дар суҳбати дӯст ҷон нагунҷад,
Шодию ғами ҷаҳон нагунҷад.

*Камоли Хуҷандӣ*

Мурдадилонанд ба рӯи замин,
Баҳри чӣ бо мурда шавӣ ҳамнишин?!
Ҳамдами мурда диҳадат мурдагӣ,
Суҳбати афсурдадил афсурдагӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Суҳбати пок наёбад ҷуз пок.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Суҳбат ганимат аст, ба ҳам чун расидаем,
То кай дигар ба ҳам расад ин тахтапораҳо?!

*Соиби Табрезӣ*

Аз суҳбати ҳар ки бурдаӣ бӯи насиб,
Бояд ба муроди дили ӯ буд қариб.
Аздод ба ҳам наметавон кардан ҷамъ,
Бо сиҳҳат бош ошно ё ба табиб!

*Абдулқодири Бедил*

Зиндагии ғофилон хобу хаёле беш нест,
Ҳайфи авқоте, ки сарфи суҳбати ҷоҳил кунанд.

*Зебуннисо*

Аз ҳар кучо ба рӯи замин хона беҳтар аст,
В-аз ҳар чи ҳаст, суҳбати ҷонона беҳтар аст.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Суҳбати мардат асар кунад,
Суҳбати номард зарар кунад.

* * *

Суҳбати мард мадад кунад,
Суҳбати номард сардард кунад.

* * *

Суҳбати марди худо мардат кунад,
Суҳбати ҳар носазо сардат кунад.

* * *

Он ки нодониву ғафлат васфи ӯст,
Суҳбаташ монанди заҳри қотил аст.

* * *

Суҳбати меҳмон аз асал ширинтар, аз мӯй бориктар.

* * *

Суҳбати нодон – оташи сӯзон.

* * *

Суҳбататро ҳамсуҳбат бояд.

## 26.ОДОБИ СУХАНГӮӢ

Сухан, к-аз даҳон ноҳумоюн равад,
Чу морест, к-аз хона берун давад.
Нигаҳ дор худро аз ӯ, чун сазад,
Ки наздиктарро сабуктар газад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Сухан, к-ӯ зи сию ду дандон биҷаст,
Ба сию ду гӯшу дил - андар нишаст.
Наёяд дигарбора аз мардумон,
Сухан, к-аз даҳон ҷасту тир аз камон.

*Абӯшакури Балхӣ*

Касе, к-ӯ ба некӯ сухан шод нест,
Бар ӯ неку бад, ҳар чи бошад, якест.

*Абӯшакури Балхӣ*

Чу ёқут бояд сухан безиён,
Сабуксанг, лекин баҳояш гарон.

*Абӯшакури Балхӣ*

Сухан, к-андар ӯ суд не, ҷуз зиён,
Набояд, ки ронда шавад бар забон.

*Абӯшакури Балхӣ*

Сухан гарчи бошад гаронмоятар,
Фурӯмоя гардад зи кампоятар.

*Абӯшакури Балхӣ*

Мабош ғамгин, яке лафз ёд гир латиф,
Шигифту кӯтаҳ, валекин қавию бобунёд.

*Абулҳасани Кисоӣ*

Агар бадгумоне кушояд забон,
Ту тезӣ макун ҳеҷ бо бадгумон!
В-аз он кас, ки сустӣ гумоне барад,
В-аз андоза гуфтори ӯ бигзарад,
Ту посух мар ӯро ба андоза гӯй,
Суханҳои чарб оварад, тоза гӯй!
Ба озарм агар бифканӣ сӯи хеш,
Пушаймонӣ ояд зи гуфтори пеш.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Забонро нигаҳдор бояд будан,
Набояд забонро ба заҳр ожадан,
Ки бар анҷуман марди бисёргӯй
Бикоҳад ба гуфтори хеш обрӯй.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Забону дилат бо хирад рост кун,
Ҳамерон аз он сон, ки хоҳӣ, сахун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Магӯй он сухан, к-андар он суд нест,
К-аз он оташат баҳра ҷуз дуд нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи дониш чу ҷони туро моя нест,
Беҳ аз хомушӣ ҳеҷ пироя нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Зи гуфтор гӯянда ромиш барад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Дигар гуфт: «Равшанравон он касе,
Ки кӯтоҳ гӯяд ба маънӣ басе!».

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Магӯ, хон, ту чандон сухан бар газоф,
Ки бечора бошад худованди лоф.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухан беҳтар аз гавҳари обдор,
Чу бар ҷойгаҳ-бар барандаш ба кор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба гетӣ сухан гуфтани нобакор
На хуб ояд аз мардуми ҳушёр.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухангӯй чун баркушояд сахун,
Бимон, то бигӯяд, ту тундӣ макун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Суханҳо сабук гӯю баста магӯй,
Макун хомгуфторӣ бо рангу бӯй!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар нарм гӯяд забони касе,
Дуруштӣ ба гӯшаш наёяд басе.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухан нарм гӯй, эй ҷаҳондида мард,
Маёлой лабро ба гуфтори сард!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Суханро бибояд шунидан нахуст,
Чу доно шавӣ, посух орӣ дуруст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама пухта бояд, ки ронад сухан,
Ки гуфтори некӯ нагардад куҳан.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Дуруштӣ зи кас нашнавад нармгӯй,
Сухан, то тавонӣ, ба озарм гӯй!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Наёяд зи гуфтори бисёр суд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Суханро бисанҷу ба андоза гӯй!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, к-ӯ беандеша сухан гӯяд, хато бошад.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Сухан, ки нохуш хоҳад омад, ногуфта беҳ!

*Абулфазли Байҳақӣ*

Агар хоҳӣ, ки дар дилҳо маҳбуб бошӣ ва мардумон аз ту нуфур надошта бошанд, сухан бар муроди мардумон гӯй!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ҳар киро забон хуштар, хоҳон бештар.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Зи беҳтарсухан нест пояндатар
В-аз ӯ хуштару дилфазояндатар.
Ҳаме ҳамчу ҷон з-он нагардад куҳан,
Ки фарзанди ҷон аст ширинсухан.

*Асадии Тӯсӣ*

Зи кирдор гуфтор бармагзарон,
Магӯй, он чи дониш надорӣ бар он.

*Асадии Тӯсӣ*

Суханҳои доно, ки некӯ бувад,
Барад баҳра ҳар кас, ки бо ӯ бувад.

*Асадии Тӯсӣ*

Сухан хамчу мурғест, к-ояд зи ком,
Нишинад ба ҳар ҷо, чу бичҳад зи дом.

*Асадии Тӯсӣ*

Ба гуфтори ширин фиребанда мард
Кунад, он чи натвон ба шамшер кард.

*Асадии Тӯсӣ*

Надиҳад марди хушманд ҷавоб,
Магар он гаҳ, к-аз ӯ савол кунанд.
Гарчи барҳақ бувад мизоҷи сухан,
Ҳамли даъвиш бар муҳол кунанд.

*Носири Хусрав*

Хоҳӣ, ки наёрӣ ба суйи хеш зиёнро,
Аз гуфтаи нохуб нигаҳ дор забонро!

*Носири Хусрав*

Чун тир сухан рост кун, он гоҳ бигӯяш,
Беҳуда магӯ, чӯб мапартой зи паҳно!

*Носири Хусрав*

Некӯ ба сухан шав, на бад-ин сурат, азерок
Воло ба сухан гардад мардум, на ба боло.

*Носири Хусрав*

Ҷуз аз вайрон сухан н-ояд бурун аз хотири вайрон,
Ба ҳикмат чун иморат шуд дилат, некӯсухан гаштӣ.

*Носири Хусрав*

Ба майдони фасоҳат чун дарои,
Марон бас гарм, то дар сар наёӣ.

*Носири Хусрав*

Он чи хоҳӣ, ки надравиш, макор,
В-он чӣ хохӣ, ки нашнавиш, магӯй!

*Носири Хусрав*

Рӯ макун ҳар сӯю бозмагард,
Аз сухани хештан мабош чу гард.

*Носири Хусрав*

Он беҳ, ки нагӯӣ, чу надонӣ сухан, эрок
Ногуфта басе беҳ бувад аз гуфтаи расво.

*Носири Хусрав*

Магӯ нохуш, ки посух нохуш ояд,
Ба кӯҳ овози хуш деҳ, то хуш ояд!

*Носири Хусрав*

Ба ҳар гуфтор манмо пешдастӣ,
Магӯ ногуфтаниҳо, рав, ки растӣ!

*Носири Хусрав*

Сухан кам гӯю некӯ гӯй дар кор,
Ки аз бекор гуфтан мард шуд хор.

*Носири Хусрав*

Ҷавоби ҳар савол андеша мекун,
Сукунатро дар он дам пеша мекун!

*Носири Хусрав*

Саодат ёр хоҳӣ дар ҳама кор,
Суханҳои шариф аз даст магзор!

*Носири Хусрав*

Гови хомӯш назди марди хирад
Беҳ аз он жожхой сад бор аст.

*Носири Хусрав*

Суханро аз дарозӣ дор кӯтоҳ,
Ки аз бисёр руфтан гум шавад роҳ.

*Носири Хусрав*

Балои одамӣ омад забонаш,
Ки дар вай баста шуд суду зиёнаш.

*Носири Хусрав*

Нигар онро, ки бошад фаҳшгуфтор,
Наёбад назди мардум қадру микдор.

*Носири Хусрав*

Он ч-ат ба кор нест, чаро ҷӯӣ?
В-он ч-ат гузир нест, чаро гӯӣ?

*Носири Хусрав*

Сухан чун зарри пухта бехабосат гардаду софӣ,
Чу ӯро хотири доно ба андеша биполояд.

*Носири Хусрав*

Он чи доно гӯяд, онро лафзу маънӣ пуду тор
В-он чӣ нодон гӯяд, онро ҳеҷ пуду тор нест.

*Носири Хусрав*

Хомӯшӣ аз каломи беҳуда беҳ!

*Носири Хусрав*

Чу оқил ҳаме то нагӯяд сухан,
Аз ӯ ҳеҷ пайдо наёяд ҳунар.

*Масъуди Саъди Салмон*

То-т напурсанд, ҳаме бош гунг,
То-т нахонанд, ҳаме бош ланг!

*Масъуди Саъди Салмон*

Некӯ набувад посухи талх аз лаби ширин!

*Абдулмалики Муиззӣ*

Дар сухан дур бибоядат суфтан
Варна гунгӣ беҳ аз сухан гуфтан.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Гунг андар ҳадису дар овоз
Беҳ, ки бисёргӯи беҳудатоз.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Забоне, ки орад сухан носавоб,
Ба хомушияш дод бояд ҷавоб.

*Низомии Ганҷавӣ*

Забон - он гаҳ сухан, чашм – он гаҳе нур,
Нахуст ангуру он гаҳ оби ангур.

*Низомии Ганҷавӣ*

Парастори бадмеҳри ширинзабон
Беҳ аз бадхуе, к-ӯ бувад меҳрубон.

*Низомии Ганҷавӣ*

Сухан гарчи бо ӯ зиҳозеҳ бувад,
Нагуфтан ҳам аз гуфтанаш беҳ бувад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Обсифат ҳар чи шунидӣ, бишӯй!
Оинасон ҳар чи надидӣ, магӯй!

*Низомии Ганҷавӣ*

Бо ин ки сухан ба лутф об аст,
Кам гуфтани он сухан савоб аст.

*Низомии Ганҷавӣ*

Кам гӯю гузида гӯй чун дур,
То з-андаки ту ҷаҳон шавад пур.

*Низомии Ганҷавӣ*

Киро дар хирад рой бошад баланд,
Нагӯяд суханҳои носудманд.

*Низомии Ганҷавӣ*

Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,
Нарму ширин гӯй бо мардум калом!

*Фаридуддини Аттор*

Гар сухан аз некуӣ чун зар бувад,
Он сухан ногуфта некӯтар бувад.

*Фаридуддини Аттор*

Тозарӯю хушсухан бош, эй ахӣ,
То бувад номи ту дар олам сахӣ.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки сухан гӯяд пеш аз он, ки бияндешад, пушаймонияш бор оварад ва ҳар ки наяндешад пеш аз он, ки сухан гӯяд, маломат ёбад.

*Фаридуддини Аттор*

Аз сухангӯйӣ маҷӯед иртифоъ,
Мунтазирро беҳ зи гуфтан истимоъ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Нуқтае, к-он ҷаст ногаҳ аз забон,
Ҳамчу тире дон, ки ҷаст он аз камон.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Сухандони парварда, пири куҳан
Бияндешад, он гаҳ бигӯяд сухан.
Мазан бетааммул ба гуфтор дам,
Накӯ гӯй, агар дер гӯӣ, чӣ ғам?!
Бияндешу он гаҳ баровар нафас,
В-аз он пеш бас кун, ки гӯянд: «Бас!»
Ба нутқ одамӣ беҳтар аст аз давоб,
Давоб аз ту беҳ, гар нагӯӣ савоб.

*Саъдии Шерозӣ*

Дуруштиву нармӣ ба ҳам - дар беҳ аст,
Чу рагзан, ки ҷарроҳу марҳамнеҳ аст!
Дуруштӣ нагирад хирадманд пеш,
На сустӣ, ки нозил кунад қадри хеш!
На мар хештанро фузунӣ ниҳад,
На якбора тан дар мазаллат диҳад.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу коре бе фузули ман барояд,
Маро дар вай сухан гуфтан нашояд
Вагар бинам, ки нобинову чоҳ аст,
Агар хомӯш биншинам, гуноҳ аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки тааммул накунад дар ҷавоб,
Бештар ояд суханаш носавоб.
Ё сухан орой чу мардум баҳуш,
Ё бинишин ҳамчу баҳоим хамӯш!

*Саъдии Шерозӣ*

Дар сухан бо дӯстон оҳиста бош,
То надорад душмани хунхор гӯш.

Пеши девор он чи гӯӣ, ҳуш дор,
То набошад дар паси девор гӯш.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу мардум сухан гуфт бояд баҳуш,
В-агарна нишин чун баҳоим хамӯш.
Ба нутқ асту ақл одамизода фош,
Чу тӯтӣ сухангӯи нодон мабош!

*Саъдии Шерозӣ*

Суханро сар аст, эй хирадманду бун,
Маёвар сухан дар миёни сахун!
Худованди тадбиру фарҳангу ҳуш
Нагӯяд сухан, то набинад хамӯш.

*Саъдии Шерозӣ*

То нек надонӣ, ки сухан айни савоб аст,
Бояд, ки ба гуфтан даҳан аз ҳам накушоӣ!
Гар рост сухан гӯию дар банд бимонӣ,
Беҳ з-он, ки дурӯғат диҳад аз банд раҳоӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Фаҳми сухан чун накунад мастамеъ,
Қуввати табъ аз мутакаллим маҷӯй!
Фусҳати майдони იродат биёр,
То бизанад марди сухангӯй гӯй!

*Саъдии Шерозӣ*

Чун надорӣ камолу фазл, он беҳ,
Ки забон дар даҳан нигаҳ дорӣ!
Одамиро забон фазеҳа кунад,
Ҷавзи бемағзро сабуксорӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Чӣ гӯям, ки ногуфтанам беҳтар аст,
Забон дар даҳон посбони сар аст!

*Саъдии Шерозӣ*

Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор,
Пойбаст омадасту пас девор.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба ширинзабонию лутфу хушӣ
Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Суханро ба мизони дониш бисанҷ,
Ки гуфтори беилм бод асту ранҷ!

*Саъдии Шерозӣ*

Нигар, то чӣ гӯяд Сухангӯи Балх,
Ки набвад сухан гуфтани рост талх!

*Саъдии Шерозӣ*

Агарчи пеши хирадманд хомушӣ адаб аст,
Ба вақти маслиҳат он беҳ, ки дар сухан кӯшӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Нахуст андеша кун, он гоҳ гуфтор,
Ки номаҳкам бувад бе асл девор.

*Саъдии Шерозӣ*

Баҳоим хамӯшанду гӯё башар,
Парокандагӯй аз баҳоим батар!

*Саъдии Шерозӣ*

Кунунат, ки имкони гуфтор ҳаст,
Бигӯ, эй бародар, ба лутфу хушӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Забонбурида ба кунҷе нишаста суммунбукм,
Беҳ аз касе, ки набошад забонаш андар ҳукм.

*Саъдии Шерозӣ*

Сухане дар ниҳон набояд гуфт,
Ки бари анҷуман нашояд гуфт.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷое, ки лутф бояд кардан, ба дуруштӣ сухан магӯй, ки каманд аз барои баҳоими саркаш бошад ва ҷое, ки қаҳр бояд, бо лутф магӯй, ки шакар ба ҷои сақмуниё фоида надиҳад.

*Саъдии Шерозӣ*

Сухан дар миёни ду душман чунон гӯй, ки дӯст гарданд, шармзада набошӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Андеша кардан, ки чӣ гӯям, беҳ аз пушаймонӣ хӯрдан, ки чаро гуфтам!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки сухан насанҷад, зи ҷавобаш бағоят биранҷад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба бад гуфтан макун хӯ, то тавонӣ,
Ки арбоби хирад бадгӯ-т хонанд.
Накӯ гӯӣ, накӯгӯят нависанд,
Вагар бадхӯ шавӣ, бадхӯ-т хонанд.
Ту ҳам худ мунсифи худ шав, чӣ беҳтар,
Ки бад хонанд ё некӯт хонанд?

*Хусрави Деҳлавӣ*

Пушаймон зи гуфтор дидам басе,
Пушаймон нагашт аз хамӯшӣ касе.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Сухан он аст, к-аз шарораи шавқ
Хотиреро шавад дарунафурӯз.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Забон банд кардан ба сад қайду банд,
Басе беҳ зи гуфтори носудманд.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Магӯй талх, ки захми забон кунад ҷоҳил.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ҳар чи наярзад ба шунидан, магӯ!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Бо ақлу фаҳму дониш доди сухан тавон дод,
Чун ҷамъ шуд маонӣ, гӯи баён тавон зад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта маконе дорад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба қавли хуш чу наёбӣ зи ҷанги хасм раҳоӣ,
Беҳ он бувад, ки забонро ба нохушӣ бикушоӣ.
Чу қуфли хона ба оҳистагӣ кушода нагардад,
Паи шикастани он беҳ, ки сӯи санг гароӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нагардад хотир аз нороست хурсанд,
Вагар худ гӯӣ онро ростмонанд.
Суханро зеваре ҷуз ростӣ нест,
Ҷамоли Маҳ ба ҷуз нокостӣ нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Агар лаб кушоӣ, ба ҳикмат кушой,
Машав ҳамчу беҳикматон жожхой!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар балое, ки мерасад ба касон,
Бештар аз мамарри гуфтор аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гуфтани бисёр на аз нағзӣ аст,
Валвалаи табл зи бемағзӣ аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Забонро инон аз хато бозтоб,
Сухан бетааммул кам афтад савоб.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Зи асрори ҳикмат сухан рондан
Беҳ аз қиссаҳои куҳан хондан.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Саоломат агар боядат, гӯш бош,
Зи гуфтори беҳуда хомӯш бош!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Сухан ба лутфу хушӣ бо дуруштхӯй магӯ,
Ки зангхӯрда нагардида ҷуз ба сӯҳон пок.

*Зайниддини Восифӣ*

Зи бадгӯӣ забони худ нигаҳ дор,
Ки бо қасдат бувад ҳамчун сияҳмор.

*Роғиби Самарқандӣ*

Хамӯшӣ беҳтар аст аз ҳар чи гӯӣ,
Сухан кӯтоҳ шуд, дигар чӣ гӯӣ?!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Сухан ҳарчанд саррофи маонист,
Хамӯшӣ хозини ганҷи ниҳонист.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Басе беҳтар бувад нодони хомӯш,
Зи доное, ки дар гуфтан занад ҷӯш.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

З-он ҷо, ки қиёси нуктасанҷист,
Як нукта беҳ аз ҳазор ганҷест.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Сухани хуш чӣ гуна марғуб аст,
Шеваи ихтисор матлуб аст.
Гарчи ҳарфи накӯ ҳунар бошад,
Дар камаш лутф бештар бошад.
Шаҳд агар нафъи бекарон дорад,
Чун аз он пур хурӣ, зиён дорад.
Ҳарфи некӯ, агарчи дур гӯӣ,
Некӣ аз вай равад, чу пур гӯӣ.
Мухтасар гӯ каломи тӯл гузор,
Арзи мақсуд кун, фузул гузор!

*Камолиддини Биноӣ*

Ҳар сухан нест лоиқи гуфтан,
Ҳар гуҳар нест қобили суфтан.
Суханеро, ки дар мақол орӣ,
Аввал он беҳ, ки дар хаёл орӣ.
Пасу пеши сухан назора кунӣ,
Гар киноят бувад, канора кунӣ.
Гар сухан лоиқ аст, дар вай печ,
Варна сад сол гуфтаӣ ҳама ҳеч.

*Камолиддини Биноӣ*

Эй писар, гар ба гуфтан афтад кор,
Ғайри ҳарфи накӯ магӯ зинҳор!
Фаҳшу дашном магзарон ба забон,
Ки аз он ҳар ду уфтӣ ба зиён.
Фаҳшгӯ шуд табоҳкор, табоҳ,
Хешро з-он нигоҳ дор, нигоҳ!

*Камолиддини Биноӣ*

Дилат аввал сухан қарор диҳад,
Баъд аз он бар забон гузор диҳад.

*Камолиддини Биноӣ*

Ҳар ки гӯяд сухан зи ҳад берун,
Шак маёвар, ки ҳаст аҳли ҷунун.

*Камолиддини Биноӣ*

То наёбам дар сухан майдон, намеояд ба ҳарф
Ҳамчу тӯтӣ лавҳи таълим аст ҳамворӣ маро.

*Соиби Табрезӣ*

Магир аз даҳани халқ ҳарфро зинҳор,
Ба осиё чу шудӣ, пос дор навбатдор!

*Сайидои Насафӣ*

Ба ҳар ҷо сухан гул кунад, гӯш бош,
Ба ҳайрат ватан созу хомӯш бош!

*Абдулқодири Бедил*

Сухан гар зи дил бар забон оварӣ,
Чунон гӯ, ки ганҷе зи кон оварӣ.

*Шамсиддини Шоҳин*

Магӯ нуктае, к-он ҷадал оварад,
Ба бунёди айшат халал оварад.

*Шамсиддини Шоҳин*

Сухансанҷро гӯ: «Ба андоза гӯй!
Тавонӣ, мукаррар макун, тоза гӯй!».

*Шамсиддини Шоҳин*

Магӯ бе табъи равшан шарҳи лафзи пур зи маъноро,
Макун ҳамчун назар беқадр лӯълуи мусаффоро.

*Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф*

Гуфторе дар ҳама мазоқ хушгувор нест ва кирдоре дар ҳама мизоҷ созгор.

*Абдулқодирхоҷаи Савдо*

Сухан то нагӯӣ, тавонеш гуфт,
Вале гуфтаро боз натвон нуҳуфт.

*«Калила ва Димна»*

Сухане, ки туро суд надиҳад, магуву он чӣ туро хушнуд накунад, машунав!

*«Ҳазору як шаб»*

Кам гӯю ба ҷуз маслиҳати хеш магӯ,
Чизе, ки напурсанд, ту аз пеш магӯ!
Доданд ду гӯшу як забонат з-оғоз,
Яъне, ки ду бишнаву яке беш магӯ!

* * *

Забонат гар диҳад бар мардум озор,
Шаванд аз дидани рӯи ту безор.
Вагар ширинзабону базлагӯӣ,
Пазирандат ба меҳру тозарӯӣ.

* * *

Зи ногуфта ҳар кас, ки бошад хамӯш,
Дилаш аз шунидан наёяд ба ҷӯш.
Зи гуфтори беҳуда ҷуз ранҷ нест,
Чу хомӯшӣ андар ҷаҳон ганҷ нест.

* * *

Накӯ гуфт донандаи рӯзгор,
Ки гуфтори беҳуда н-ояд ба кор.

* * *

Забон дар ҷои худ истад, забон аст,
Вагарна нуктае пур аз зиён аст.

* * *

Сухан ба тамкин бувад,
Хоҷа на ғамгин бувад.

* * *

Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй!

* * *

Эй писар, кам гӯй бо мардум дурушт,
В-ар бигӯйӣ, бо ту гардонанд пушт.

* * *

Нагуфта надорад касе бо ту кор,
Валекин чу гуфтӣ, далелаш биёр.

* * *

Ё магӯ, он чи менахоҳӣ кард,
Ё вафо кун бад-он чи мегӯӣ!

* * *

Як забон ту дорӣ ду гӯш,
Як бигӯ, дуто бинйӯш!

* * *

Забони сурх сари сабз медиҳад барбод,
Баҳуш бош, ки сар дар сари забон накунӣ!

* * *

Дил зи пур гуфтан бимирад дар бадан,
Гарчи гуфтораш бувад дурри Адан.

* * *

Оқилонро пеша хомӯшӣ бувад,
Пешаи ҷоҳил фаромӯшӣ бувад.

* * *

Забони покро, ҳайф аст бисёр,
Ки аз лафзи дурӯғ олуда созӣ.

* * *

Ҳар киро гуфтори вай бисёр шуд,
Дил даруни синааш бемор шуд.

* * *

Сухандонон, сухан пӯшида гӯед,
Ба рӯи ҳамдигар санҷида гӯед!

* * *

Фахр дар дониш бувад мар мардро,
Фахру дониш ҳар ду дар хомӯшӣ аст.

* * *

На тӯтӣ бош, ки гуфтаи дигаронро такрор кунӣ ва на булбул бош, ки гуфтаи худро ба ҳадар диҳӣ.

* * *

Агар пушаймон бошӣ аз нагуфтан, беҳ, ки пушаймон бошӣ аз гуфтан.

* * *

Ҳозирҷавобӣ пеши доноён қадри азим дорад, аммо ба тавре, ки муносиб бошад, ва, илло, хомӯш будан сад бор аз он беҳтар аст.

* * *

Касе, ки ҷавоби саволро намедонад, ба ҷои ҷавоб савол мегӯяд.

* * *

Сухани бисёр – оби ҷӯй, камсуханӣ – баҳр, баҳр мегирад ҳама оби ҷӯй.

* * *

Ба қадри савол ҷавоб бояд гуфт ва агар надонед, аз дигаре, ки донотар бошад, бояд пурсид.

* * *

Бадтарини мардумон касест, ки дили донишмандонро ба теғи забон маҷрӯҳ кунад.

* * *

Ҳар киро забон ширин нест, сазовори таҳсин нест.

* * *

Сухани ноандешида – зари носанҷида.

* * *

Андеша кун, он гаҳ сухан гӯй, то аз лағзиш барканор бошӣ!

* * *

Ҳар чи зуд бигӯянд, дер кай монад?

* * *

Дур шиканаду сухан нашиканад.

* * *

Сухани бомавқеъ шамшери буррост.

* * *

Аз сад забон забони хомушӣ росттар.

* * *

Ҳар киро забонаш нармтар, ёраш бештар.

* * *

То напурсандат, магӯ аз ҳеҷ боб!

* * *

Як гап шасту шаш паҳлӯ дорад.

* * *

Бо чашм бину бо забон гӯй!

* * *

Гапи бисёр–ба хар бор.

* * *

Ё сухан дониста гӯй, эй марди оқил, ё хамӯш!

* * *

Бингар, ки чӣ мегӯяд, мангар, ки кӣ мегӯяд!

* * *

Хамушӣ кирдори донишмандон аст.

* * *

Сухан, к-аз дил ояд, бувад дилпазир.

* * *

Хомушӣ беҳ, ки ҷавоби сахт.

* * *

Магӯ он чи натвонӣ шунид!

* * *

Пур дону кам бигӯ!

* * *

Сухани некӯ сайёди дилҳост.

* * *

Оқибати бадгӯӣ душманист.

* * *

Сухан шунидан адаб аст.

## 27. ҚОИДАИ ХУРОКХУРӢ

Макун дар хуриш хештан чорсӯй,
Чунон хур, ки низ оядат орзӯй.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи хӯрдан носазо парҳез кардан
Беҳ аст аз доруи бисёр хӯрдан.

*Фахриддини Гургонӣ*

Чӣ бояд суви ҳар хуриш тохтан,
Шикам гӯри ҳар ҷонвар сохтан?!

*Асадии Тӯсӣ*

Ҳеҷ чиз бар сиҳҳатии инсон бештар аз он садама намезанад, ки ғизо бар рӯи ҳам тановул намояд.

*Абӯалӣ ибни Сино*

Ба пур хӯрдан макун одат ба як бор,
К-аз он дил тира гардад, ҷонат афгор.

*Носири Хусрав*

Агар дорӣ, бихур, варна махур ғам,
Ки бисёр аст бархурдорӣ аз кам.

*Носири Хусрав*

Беш хӯрдан қавӣ кунад гардан,
Лек зирак шавӣ зи кам хӯрдан.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Хури андак фузун кунад ҳилмат,
Хури бисёр кам кунад илмат.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Гар гулшакар хурӣ ба такаллуф, зиён кунад,
В-ар нони хушк дер хурӣ, гулшакар бувад!

*Саъдии Шерозӣ*

Андарун аз таом холӣ дор,
То дар ӯ нури маърифат бинӣ!
Тиҳӣ аз ҳикматӣ ба иллати он,
Ки пурӣ аз таом фат бинӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу кам хӯрдан табиат шуд касеро,
Чу сахтӣ пешаш ояд, саҳл гирад.
Вагар танпарвар аст андар фарохӣ,
Чу тангӣ бинад, аз сахтӣ бимирад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба андоза хур зод, агар мардумӣ,
Чунин пуршикам одамӣ ё хумӣ?
Надоранд танпарварон огаҳӣ,
Ки пурмеъда бошад зи ҳикмат тиҳӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Хӯрдан барои зистану зикр кардан аст,
Ту муътақид, ки зистан аз баҳри хӯрдан аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ғизо гар латиф асту гар сарсарӣ,
Чу дерат ба даст уфтад, хуш хурӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Таом он гаҳ хуранд, ки иштиҳо ғолиб ояд ва сухан он гаҳ гӯянд, ки зарурат бошад ва сар он гаҳ ниҳанд, ки хоб ояд, суҳбат он гаҳ кунанд, ки шавқ ба мунтаҳо бирасад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ғизои рӯҳ мардумро бувад хӯрд,
Ғизои тан ба ҳайвон аст дархӯрд.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Он беҳ, ки зи асбоби пурӣ парҳезӣ
В-аз нанги табибони дағал бигрезӣ.
Ногашта тиҳӣ меъда, ба хон наншинӣ,
З-он пеш, ки меъда пур кунӣ, бархезӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гар обат зулол асту нуқлат шакар,
Ба андоза нӯшу ба андоза х(в)ар!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Зи кам хӯрдан шиори ҷону тан бош,
Бад-ин қонун табиби хештан бош!
Зани пурбор бошад марди пурхор,
К-аз ӯ сад нохушӣ зояд ба як бор.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Гар аз хӯрдан шавад қадри касон беш,
Пас, аз мардум сагон бошанд дар пеш.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ба хӯрдан то ба кай олуда будан?
Хушо кам хӯрдану осуда будан!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Зи шавқи хӯрдану завқи чашидан,
Чаро бори шикам бояд кашидан?

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Аз таому шароб бошӣ дур,
Нахурӣ, вар хӯрӣ, ба қадри зарур.
Ақл, к-он фавқи тоқати бадан аст,
Теша бар пои хештан задан аст.
Гар надонӣ таом хӯрдан худ,
Хуни худ мекунӣ ба гардан худ.

*Камолиддини Биноӣ*

Тандурустӣ агар ҳавас бошад,
Андаке аз таом бас бошад.

*Камолиддини Биноӣ*

Он тавр бихур, ки худ бихоҳӣ,
Он тавр бипӯш, ки мардум хоҳанд.

* * *

Бинои давлати худ он касе хароб кунад,
Ки шом бихураду субҳгоҳ хоб кунад.

* * *

З-обу нон то лаб шикамро пур масоз,
Ҳамчу ҳайвон баҳри худ охур масоз!

* * *

Сиҳҳати ҷисм дар чӣ чиз аст? Бо иштиҳои содиқ таом хӯрдан ва ҳанӯз, ки андаке аз иштиҳо боқист, даст аз таом бозкашидан.

* * *

Як луқмаи сабоҳӣ беҳ аз мурғеву моҳӣ.

* * *

Як луқмаи субҳ мадеҳ, к-он луқмаи шом аст.

* * *

Кам бихуру ғам махур!

## 28. ЗАН ВА ЁР

Беҳини занон дар ҷаҳон он бувад,
К-аз ӯ шӯй ҳамвора хандон бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар ёр бошад равон бо хирад,
Ба неку ба бад рӯзро нашмарад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зан бошад аз дард фарёдрас.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зани покро беҳтар аз шӯй нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу дар хона туро душман бувад ёр,
Чунон бошад, ки дорӣ б-остин мор.

*Фахриддини Гургонӣ*

Набошад ёр чун ёри нахустин,
На ҳар маъшуқ чун маъшуқи пешин.

*Фахриддини Гургонӣ*

На ҳар зан дудил бошаду даҳзабон.

*Асадии Тӯсӣ*

Киро ёр бадмеҳру бадсоз бошад,
Набошад ба коми дилаш ҳеҷ коре.

*Қатрони Табрезӣ*

Ёри ту темор надорад зи ту,
Чун ту надорӣ худ темори хеш.

*Носири Хусрав*

Чун ёр мувофиқ набувад, танҳо беҳтар,
Танҳо ба сад бор, чу нодон-т ҳамто.

*Носири Хусрав*

Занонро лутфу хушхӯрист даркор,
Чу тифлонро бувад шафқат сазовор.

*Носири Хусрав*

Дил беш кашад ранҷ, чу дилбар ду шавад.

*Масъуди Саъди Салмон*

Роҳи беёр зафт бошад, зафт,
Ҷуз ба об об кай тавонад рафт?!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Гар ёри нек хоҳӣ, шӯи некном бош,
Танҳо намонад он, ки бувад номи некаш ёр.

*Сӯзании Самарқандӣ*

На ҳар зан зан бувад, ҳар зода фарзанд,
На ҳар гул мева орад, ҳар нае қанд.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ду дилбар доштан аз якдилӣ нест,
Дудил кардан касеро оқилӣ нест.

*Низомии Ганҷавӣ*

Он пӯшад зан, ки ришта бошад,
Мард он даравад, ки кишта бошад.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ёри ҷисмонӣ бувад рӯяш чу марг,
Суҳбаташ шум аст, бояд кард тарк.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ёри бад бадтар бувад аз мори бад,
То тавонӣ, мегурез аз ёри бад!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Зани бад дар сарои марди накӯ
Ҳам дар ин олам аст дӯзахи ӯ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ёре, ки таҳаммул накунад, ёр набошад,
Ҷанг аз тарафи ёр дилозор набошад.

*Саъдии Шерозӣ*

Зани зишти бадхӯй ранҷ асту бор,
Зани хубу хушхӯй хеш асту ёр.

*Саъдии Шерозӣ*

Дилором бошад зани некхоҳ,
Валек аз зани бад, Худоё, паноҳ!

*Саъдии Шерозӣ*

Зани ҷавонро тире ба паҳлӯ нишинад беҳтар, ки пире.

*Саъдии Шерозӣ*

На як дил дар ду дилбар раҳ кунад гум,
На дар як дида даргунҷад ду мардум.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Касе, ки ёри вафодори меҳрубон дорад,
Саодати абаду умри ҷовидон дорад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Зан ба чашми ту гарчи хуб шавад,
Зишт бошад, чу хонарӯб шавад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Зан чу дорӣ, марав паи зани ғайр,
Чун равӣ, дар занат намонад хайр.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Чунки андар ҳар ду олам ёр мебояд маро,
Бо биҳишту дӯзаху бо ҳуру бо ғилмон чӣ кор?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар кори ёр кӯш, ки корест карданӣ.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Наёяд зи як даст кардан ду кор,
Нашояд ба як дил гирифтан ду ёр.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бо ёру рафиқ даҳр некӯст,
Н-арзад ба ҷаве замона бе дӯст.

*Шоҳини Шерозӣ*

Олам ба чӣ кор ояд, агар ёр набошад.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Зани парҳезкори зоянда
Мардро давлатест поянда.

*Мактабии Шерозӣ*

Зан, ки мастуру некхӯ бошад,
Нест айб, ар на хубрӯ бошад.

*Мактабии Шерозӣ*

Ёри бад аз мори ҷонгазой батар.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Ёри бад бадтар бувад аз мори бад,
Мори бад беҳтар бувад аз ёри бад.
Мори бад чун бар тану бар ҷон занад,
Ёри бад бар ҷону бар имон занад.

* * *

Расми ошиқ нест бо як дил ду дилбар доштан,
Ё зи ҷонон ё зи ҷон боист дил бардоштан.

* * *

Шӯи зани навҷавон агар пир бувад,
Чун пир бувад, ҳамеша дилгир бувад.

* * *

Оре, масал аст ин, ки занон мегӯянд:
«Дар паҳлуи зан тир беҳ аз пир бувад».

* * *

Гар мазҳаби ошиқони оқил дорӣ,
Як дӯст басанда кун, ки як дил дорӣ.

* * *

Ҷавонзан чу бинад ҷавоне ҳажир,
Ба некӣ наяндешад аз шӯи пир.

* * *

Бе ёри вафодор на аз умр лаззате ҳаст ва на дар зиндагӣ роҳат.

* * *

Зани нек осоиши мард ва ободонии хона ва ёридиҳанда дар накӯкорист.

* * *

Ҳар ки зан надорад, осоиши тан надорад.

* * *

Зиндагии занро ҳассосият, ишқ, таҳаммул ва фидокорӣ ташкил медиҳанд.

* * *

Зани салита аспи белаҷом аст.

* * *

Зан шарики зиндагӣ ва ёри дармондагист.

* * *

Дар хонае, ки зан нест, рӯшноӣ нест.

* * *

Ҳар ки бе ёр бувад, пайваста бемор бувад.

* * *

Зану шавҳар ҷанг кунанд, аблаҳон бовар кунанд.

* * *

Ба ҷанги зану шӯ остонаи хона механдад.

* * *

Зани нек офияти зиндагонӣ бувад.

* * *

Зан аз ғоза сурхрӯ нашавад, мард аз ғизо.

* * *

Зан мардро ҳам мард кунад, ҳам номард.

* * *

Зани нек мардро тоҷбарсар кунад.

* * *

Зан розӣ, мард розӣ - гӯри падарӣ қозӣ.

* * *

Зани бебача–бӯрёи сари кӯча.

* * *

Зани беноз–оши бепиёз.

* * *

Зани ҷавону шӯи пир – сабад бимону чӯҷа гир!

* * *

Зани пиру марди ҷавон, Худоё, ин дардро ба касе марасон!

* * *

Зани солиҳа ба кадом хона, ки бошад, рӯшноӣ ба рӯшноӣ меафзояд.

* * *

Кори як зан беҳ аз сад марди лофзан.

* * *

Даъвои зану шавҳар борони фасли тобистон аст.

## 29. РАШК

Ҳар он гаҳ, ки дил тира гардад зи рашк,
Мар он дардро дев бошад пизишк.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бикаш ҷону дил, то тавонӣ, зи рашк,
Ки рашк оварад гарму хунин сиришк!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Набошад ҳеҷ занро рашкбар шӯй,
Ки шӯи рашкбар бошад балоҷӯй.

*Фахриддини Гургонӣ*

Битарс аз ниҳонрашку аз кинавар,
Ба гуфтори ҳар кас дил аз раҳ мабар!

*Асадии Тӯсӣ*

## 30. ШАҲВАТ

Шаҳват фурӯ нишону ба кунҷе фурӯ нишин,
Маншин бар аспи ғадру тамаъро мадеҳ лагом!

*Носири Хусрав*

Ба ифрот ар кунӣ шаҳват, зиён аст,
Заифии тан асту қатъи ҷон аст.

*Носири Хусрав*

Шаҳват оташ аст, аз вай бипарҳез!

*Саъдии Шерозӣ*

Чу шерон бар шикор андоз мастӣ,
Чу хуку саг макун шаҳватпарастӣ!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чашми ақлу илм кӯр аз шаҳват аст,
Дев пеши дида ҳур аз шаҳват аст.
Ҳар куҷо ғавғои шаҳват кард зӯр,
Мебарад аз дил хирад, аз дида нур.
Сели шаҳват ҳар куҷо тӯфон кунад,
Хонаи иқболро вайрон кунад.
Роҳи шаҳват пургилу лои балост,
Ҳар ки афтод андар ин гил, барнахост.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба шаҳват қурби тан бо тан зарур аст,
Миёни ишқу шаҳват роҳ дур аст.

*Ваҳшии Бофқӣ*

Гар аз паи шаҳвату ҳаво хоҳӣ рафт,
Аз ман хабарат, ки бенаво хоҳи рафт.

* * *

Он ки бошад дар кафи шаҳват асир,
Гарчи озод аст, ӯро банда гир!

* * *

Ҳар ки аз савдои шаҳват маст шуд,
Кори ӯ якборагӣ аз даст шуд.

* * *

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд, ки чӣ шарбат аст, ки чашандаи худро мекушад? Гуфт: «Шаҳват».

## 31. ШОДӢ ВА ШАВҚ

З-омада шодмон бибояд буд
В-аз гузашта накард бояд ёд.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Мадор эч андешаи бад ба дил,
Ҳаме шодӣ орою ғам баргусил!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу шодӣ бикоҳад, бикоҳад равон,
Хирад гардад андар миён нотавон.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳама ҳамчунон шоду хуррам зиед,
Беозор бошеду беғам зиед!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Тавонгар шавад, ҳар ки хурсанд гашт,
Гули навбаҳораш барӯманд гашт.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Тавонгар шуд он кас, ки хурсанд гашт,
Аз ӯ озу темор дар банд гашт.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар дил тавон доштан шодмон,
Ҷуз аз шодмонӣ макун як замон!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба шодӣ дор дилро, то тавонӣ,
Ки бифзояд зи шодӣ зиндагонӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ғаме нест, к-он дил ҳаросон кунад,
Ки онро на хурсандӣ осон кунад!

*Асадии Тӯсӣ*

Ба дарди касон дил мадоред шод,
Ки гардун ҳамеша нагардад ба дод!

*Асадии Тӯсӣ*

Макун шодӣ зи марги дигарон ҳам,
К-аз он шодӣ расад ҷони туро ғам.

*Носири Хусрав*

Агар хушдил шавӣ дар шодмонӣ,
Бимонад шодмонӣ ҷовидонӣ.

*Носири Хусрав*

Шодии садсола зояд модари якрӯза ғам.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Шодӣ он шодист, к-аз ҷон рӯядат.

*Адиб Собири Тирмизӣ*

Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,
Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад.
Зинҳор, ки сармояи ин мулки ҷаҳон
Умр аст, бад-он сон гузаронӣ, гузарад.

*Умари Хайём*

Ин муддати умри мо чу гул даҳрӯза-ст,
Хандонлабу тозарӯй мебояд буд.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Шавқ кӯтоҳ кунад роҳи дароз,
Ба рухи мард бибандад дари оз.
Шавқ қуллоби дили даврон аст,
Ҷозиби хотири маҳҷурон аст.
Шавқ барқест нишеманафрӯз,
Монеи раҳшударо хирмансӯз.
Гавҳари ранҷ, ки дар роҳ бувад,
Пеши муштоқ кам аз коҳ бувад.
Чун занад шуълаи шавқ аз дил тоб,
Нашавад кушта ба сад дарё об!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ханда оини хирадмандон аст,
Боғ хандон зи гули хандон аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу субҳ аз сидқ хандон бошу хуррам,
Ки оламро барафрӯзӣ ба як дам.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Шавқи ҷон мастӣ диҳад, на завқи нон,
Дарди дил мастӣ диҳад, на дарди дон.

*Ҳабиби Қоонӣ*

То тавонӣ, умр бо шодӣ гузор,
На ғамат монад, на шодӣ пойдор.

* * *

Шавқаш агар раҳбар шавад,
Ҳар лаб суханпарвар шавад.

* * *

Шодмонӣ барои кас иборат аз он аст, ки неру ва истеъдодҳои дарунии худро ба ҳадди камол нашъунамо диҳад ва комил кунад.

* * *

Зиндагонӣ чӣ гуна ба сар бояд бурд? Ба хушнудӣ ва камозорӣ.

* * *

Гули тараб бе хори таб натавон чид.

* * *

Шавқ қадами нахустини маърифат аст.

* * *

Шавқ андар дил бошад, раҳбараш даркор нест.

## 32. ҒАМУ АНДӮҲ

Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.

*Шаҳиди Балхӣ*

З-андӯҳ хӯрдан набошад суд.

*Абӯмансури Дақиқӣ*

Зи нокарданӣ кор бартофтан,
Беҳ аз дил ба андӯҳу ғам ёфтан.
Бар ину бар он рӯз ҳам бигзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам хурад?!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Мабар ғам ба чизе, ки рафта зи даст,
Мар инро нигаҳ дор акнун, ки ҳаст!

*Асадии Тӯсӣ*

Мадеҳ дил ба ғам, то накоҳад равон,
Ба шодӣ ҳамедор танро ҷавон!

*Асадии Тӯсӣ*

Ғами он касе хӯрдан ойин бувад,
Ки ӯ бар ғамат низ ғамгин бувад.

*Асадии Тӯсӣ*

Ғам хуру нони ғамафзоён махур,
З-он ки оқил ғам хурад, кӯдак шакар.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ғам мадор, эй покдил, дар синаат,
Пок дор аз ҳар ғубор оинаат.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Бигӯ дилро, ки гирди ғам нагардад,
Азеро ғам ба хӯрдан кам нагардад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Неъмат аз дунё хурад оқил, на ғам.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ғам на бар дил, ки барниҳӣ бар кӯҳ,
Гардад аз бори ғусса дар истӯҳ.
Ҷони ширин, ки ранҷкаш бошад,
Тани мискин чӣ гуна хуш бошад?

*Саъдии Шерозӣ*

Агар гӯӣ ғами дил, бо касе гӯй,
Ки аз рӯяш ба нақд осуда гардӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ғами зердаст бихур, зинҳор,
Битарс аз забардастии рӯзгор.

*Саъдии Шерозӣ*

Ғаме, к-аз паяш шодмонӣ барӣ,
Беҳ аз шодие, к-аз пасаш ғам хурӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ғаму шодӣ бо ҳаманд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ғам арчи беадад бошад чу борон,
Тавон хӯрдан ба рӯи ғамгусорон.
Чӣ хуш гуфт ин масал ёре ба ёре,
Ки ҳар ғамро бибояд ғамгусоре.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Лоғар аст он, ки ӯ ғаме дорад,
Фарбеҳ он кас, ки ғам дар ӯ набвад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Малӯл аз ҳамраҳон будан далели кордонӣ нест,
Бикаш душвории манзил ба ёди аҳди осонӣ.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳайф меояд бар он умре, ки бо ғам меравад.

*Зебуннисо*

Ғами даҳр хӯрдан кори одами оқил нест ва андӯҳи дунё беҳосил.

*Шамсиддини Шоҳин*

Шумо дил мадоред чандин ба ғам,
Ки аз ғам шавад ҷони хуррам дижам.

* * *

То ғам нахурӣ, ба ғамгусоре нарасӣ.

* * *

Ғаму ғуссаи муттассил–хуни ҷигару кабоби дил.

* * *

Ғам кӯҳ-кӯҳ меояд, мӯ-мӯ меравад.

## 33.ҚАҲРУ ҒАЗАБ ВА СИТЕЗА

Замона гуфт маро: «Хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Хирад бояд андар сари марди кор,
Ки тезию тундӣ наёяд ба кор.

Ҳунар бо хирад дар дили марди тунд,
Чу теғе, ки гардад ба зангор кунд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Надониста дар кор тундӣ макун,
Бияндешу бингар зи сар то ба бун,
Ки тундиву тезӣ наояд ба кор,
Ба нармӣ барояд зи сӯрох мор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сари мардумӣ бурдборӣ бувад,
Чу тезӣ кунад, тан ба хорӣ бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба дониш ду дасти ситеза бибанд,
Чу хоҳӣ, ки аз бад наёбӣ газанд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу хашм овариву пушаймон шавӣ,
Ба пӯзиш нигаҳбону дармон шавӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Мафармой акнуну тезӣ макун,
Ки тезӣ пушаймонӣ орад ба бун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ситеза макун, з-он ки боди ситез
Кунад боғи инсофро баргрез!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ситеза ба ҷое расонад сухан,
Ки вайрон кунад хонумони куҳан,

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ситеза на хубояд аз номҷӯй,
Бипарҳезу гирди ситеза мапӯй!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Макун тундӣ, ки бошад аз ту оҳӯ,
Беҳ аст аз рӯи некӯ хӯи некӯ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ситезаварӣ кори Оҳарман аст,
Ситеза ба пархош обистан аст.

*Асадии Тӯсӣ*

Ба талхӣ чу заҳр аст хашм аз газанд,
Валекин чу хӯрдиш, нӯш асту қанд.

*Асадии Тӯсӣ*

Хашмро дар дил мадор, зеро ки хашм
Зери доман-дар бало дорад дафин.
Чун пушаймонӣ чинӣ аз тухми хашм,
Худ макор ин тухму з-ӯ ин бар мачин?

*Носири Хусрав*

Ба нармӣ гар сухан ронӣ, ҳамерон,
Ки аз тезӣ ба ранҷ ояд дилу ҷон.
Ҳам аз нармӣ басе дил ром гардад,
Зи тундӣ пухтаҳо бас хом гардад.

*Носири Хусрав*

Чу хашм орӣ, машав чун оташи тез,
К-аз оташ бихрадонро ҳаст парҳез.

*Носири Хусрав*

Хашму шаҳват ҷамоли ҳайвонист,
Илму ҳикмат камоли инсонист.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Хашм чун теғу ҳилм чун зиреҳ аст,
Ту меҳӣ з-он гузин зи беҳ, ки беҳ аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Камоли хиради мард он бошад, ки худ хашм нагирад, пас агар гирад, бояд, ки ақли ӯ бар хашм чира бошад, на хашм бар ақл ва ҳар киро нафси ӯ бар хирад чира бошад, чун бишӯрад, хашм чашми хирадро бипӯшонад ва ҳама он кунад ва фармояд, ки аз девонагон ба вуҷуд ояд ва боз ҳар киро хиради ӯ бар ҳавои нафси ӯ ғолиб бошад, ба вақти хашм хирад нафси ӯро бишканад ва он кунаду фармояд, ки ба наздики ҳама оқилон писандида бошад ва мардумон надонанд, ки ӯ дар хашм шудааст.

*Низомулмулк*

Ҳар ки хашми худ фурӯ хӯрд, эй ҷавон,
Бошад ӯ аз растагорони ҷаҳон.

*Фаридуддини Аттор*

Носиҳон гуфтанд: «Аз ҳад магзарон,
Маркаби истезаро чандон марон!».

*Ҷалолиддини Румӣ*

Хашму шаҳват мардро аҳвал кунад,
З-истиқомат рӯҳро мубдал кунад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Агар ба лутф ба сар меравад, ба қаҳр магӯй,
Ки ҳар чи сар накашад, ҳоҷати камандаш нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба тундӣ сабук даст бурда ба теғ,
Ба дандон газӣ пушти дасти дареғ.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу коре барояд ба луфту хушӣ,
Чӣ ҳоҷат ба тундию гарданкашӣ?!

*Саъдии Шерозӣ*

Боде, ки зи нои ҷаҳл хезад,
Дар дидаи ақл хок безад.

Ҳарфе, ки на донишаш нигорад,
Дар нома сиёҳрӯӣ орад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Эй рухафрӯхта аз оташи хашм,
Хирманат сӯхта аз оташи хашм.
Даҳан аз гуфтани беҳуда бибанд,
Лабат олуда ба нохуш муписанд!
Баҳри озор макаш теғи забон,
Бар забунон магузар теғзанон!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу сабза латифӣ, дуруштӣ макун,
Чу гул нозукӣ, хорпуштӣ макун!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бизан шишаи хашмро санги ҳилм,
Бишӯ зулмати ҷаҳлро з-оби илм!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Мардӣ, гумон мабар, ки ба зӯр асту пурдилӣ,
Аз хашм гар барой, донам, ки комилӣ.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Дар ғазаб некмарди фарзона
Кунад афъоли деву девона.
Зишт бошад ҳама фиоли ғазуб,
Ҳеҷ феъл аз ғазуб н-ояд хуб.
Ғазаб онро, ки сангдил созад,
Шак маёвар, ки тангдил созад…
Дари ошӯбро фитна созад боз,
Кунад афъоли announced нописанд оғоз.
Чун нишинад ғазаб, малол шавад,
В-аз фиоли бад инфиол шавад.

*Камолиддини Биноӣ*

Эй писар, аз сари ситез гузар,
Бигузар ҳамчу оби тезгузар!

Кард маъмураҳо ситеза хароб,
Дод барбод хонаҳо чу ҳубоб.
Ҳилмро пеша созу тез машав,
Тунду тез аз сари ситез машав!
Дар ситез он касон, ки тез шаванд,
Оқибат дар сари ситез шаванд.

*Камолиддини Биноӣ*

Зулми маҳз аст хашм овардан
Бо касе, к-аз ту ҷон надошт дареғ.
Ҳам бар он сон, ки ҷаври сирф бувад
Ҷуд дар мавқеъе, ки бояд теғ.

*Аҳмади Дониш*

Ҳеҷ маъсият аз ҷаҳл азимтар нест.

*«Кимиёи саодат»*

Ҷаҳл ба айби худ аз ҳамаи айбҳо беш аст.

*«Кимиёи саодат»*

Фаромуш кунад хашм роҳи адаб,
Нигаҳ дор худро зи хашму ғазаб!

* * *

Пурсиданд, ки: «Аз мардони мард кадом азизтар?» Гуфт: «Он ки ба вақти хашм худро нигоҳ тавонад дошт ва коре накунад, ки чун аз хашм берун ояд, пушаймонӣ хурад ва судаш надорад».

* * *

Дар ҳолати ғазаб таҳаммул лозим аст ва мағлуб-улғазаб аз қабили баҳоим аст.

* * *

Давои ғазаб хомӯшист.

## 34.ТУРУШРӮӢ

Гиреҳ бо ҳар касе мафкан бар абрӯй,
Чӣ бадтар бошад аз табъи турушрӯй?

*Носири Хусрав*

Ҳар ки бошад туршрӯю талхгӯй,
Дӯстон аз вай бигардонанд рӯй.

*Фаридуддини Аттор*

Зи дасти турушрӯй хӯрдан табарзад
Чунон талх бошад, ки гӯӣ табар зад.
Гарам рӯй бо пушт гардад, аз он беҳ,
Ки рӯе бибинам, ки пуштам биларзад.
Гадотабъ агар дар тамуз оби ҳайвон
Ба дастат диҳад, ҷаври саққо наярзад.

*Саъдии Шерозӣ*

Касон, ки талхии ҳоҷат наёзмудастанд,
Туруш кунанду битобанд рӯй аз аҳли савол.
Туро, ки мешунавӣ, тоқати шунидан нест,
Қиёс кун, ки дар ӯ худ чӣ гуна бошад ҳол?»

*Саъдии Шерозӣ*

Мабар ҳоҷат ба наздики турушрӯй,
Ки аз хӯи бадаш афсурда гардӣ.
Агар гӯӣ ғами дил, бо касе гӯй,
Ки аз рӯяш ба нақд осуда гардӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Зи бахт рӯй туруш карда, пеши ёри азиз
Марав, ки айш бар ӯ низ талх гардонӣ!
Ба ҳоҷате, ки равӣ, тозарӯю хандон рав,
Фурӯ набандад кори кушодапешонӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар ҳанзал хурӣ аз дасти хушхӯй,
Беҳ аз ширинӣ аз дасти турушрӯй.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳаромат бувад нони он кас чашид,
Ки чун суфра абрӯ ба ҳам даркашид.

*Саъдии Шерозӣ*

Турушрӯ дар паси зону нишинад,
Хуш аст ин, то касе рӯяш набинад.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Як турушрӯ аз барои дафъи сад меҳмон бас аст.

## 35. АНДЕША ВА ТАДБИР

Ба-дон гаҳ, ки ёбӣ танат зӯрманд,
Зи беморӣ андешу дарду газанд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Андеша кун аз мардумоне, ки бо ту ба раҳи дӯстӣ раванду нимдӯст бошанд.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ҳар он, к-ӯ ба ҳар кор бинад зи пеш,
Пушаймон нагардад зи кирдори хеш.

*Асадии Тӯсӣ*

Ба ҳар коре, ки хоҳӣ кард мадхал,
Нигаҳ кун охири кораш ба аввал!

*Носири Хусрав*

Андеша макун ба корҳо-дар бисёр,
К-андешаи бисёр бипечонад кор.

*Масъуди Саъди Салмон*

Кас аз пешбинӣ набинад газанд.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ҳар ки аввал бингарад поёни кор,
Андар охир ӯ нагардад шармсор.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар ки поёнбинтар, ӯ масъудтар.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Войи он, к-ӯ оқибатандеш нест!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Илоҷи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард,
Дареғ суд надорад, чу рафт кор аз даст.

*Саъдии Шерозӣ*

Бияндешу беҳ кун, ки бихрад шавӣ,
Наяндешию бад кунӣ, бад шавӣ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ба рози дил чу бикшоӣ лаби хеш,
Нахуст аз хайру шарри он бияндеш!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бо ду андеша ҷамъ натвон буд,
Бар як андеша бош, то бошӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Манеҳ по ба раҳ ҷуз ба тадбиру рой!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дар ҳама коре, ки дароӣ нахуст,
Рахнаи берун шуданаш кун дуруст!

*Аҳмади Дониш*

Ҳар ки ба чашми хирад оқибати кор тавонад дид, чун ба-дон расад, андӯҳгин набошад.

*«Таърихи гузида»*

Ба тадбир коре тавон сохтан,
Ки натвон ба теғу синон сохтан.

* * *

Ки андешаи марди нокардакор
Кунад орзуи гул аз тухми хор.

* * *

Ҳар ки аз душман набошад барҳазар,
Оқибат бинад аз ӯ ранҷу зарар.

* * *

Он чи бо тадбир тавон кард, бо зӯру зар натавон кард.

* * *

Бо андеша ва тадбир тирагиҳои кор равшан ва ошкор шавад.

* * *

Аз ҳампуштии душманон андеш, на аз бисёрии онон.

* * *

Ҳар ки бе тадбир коре кард, сомоне наёфт.

* * *

Ёрро ҳам ёр ҳаст, аз ёри ёр андеша кун!

* * *

Аввал фикр, он гоҳ амал.

* * *

Аввал бибин ҷои худ, баъд бимон пои худ.

* * *

Андешаи саҳеҳ корро осон мекунад.

## 36. ҲАМНИШИНӢ

Дурӣ зи касе, к-аз ӯ наёсоӣ, беҳ,
Дар суҳбати ӯ умр нафарсоӣ, беҳ.
Аз ҳамнафасе, ки ранҷи дил хоҳӣ бурд,
Ҳаққо, ки ҳазор бор танҳоӣ, беҳ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи нодон наёбӣ ба ҷуз бадтарӣ,
Нигар, сӯи бедонишон нангарӣ!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Набояд, ки гардад ба гирди ту бад,
Ки аз бад туро, бегумон. бад расад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳунар ҷӯю бо марди доно нишин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ зи бахт офарин!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ бипарҳезад аз бадманиш,
Наёлояд андар бадиҳо танаш.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Маҷӯед ҳамсоягӣ бо бадон,
Мадоред афсӯси нобихрадон!

*Асадии Тӯсӣ*

Аз бадон бад шавад, зи некон нек,
Донад ин моя, ҳар ки ҳушёр аст.

*Носири Хусрав*

Зи некон нек бошӣ в-аз хасон хас,
Зи дунон дун шавию аз касон кас.

*Носири Хусрав*

Озодаю карим биёлояд аз лаим,
Чун домани қабот напӯшонӣ аз лиом.

*Носири Хусрав*

Ҳамсоя зи ҳамсоя гирад қимату микдор.

*Носири Хусрав*

Бо мардуми аслноку оқил омез
В-аз ноаҳлон ҳазор фарсанг гурез!

*Умари Хайём*

Гар рухи нокасон набинӣ, беҳ,
Бо хасон ҳар чи кам нишинӣ, беҳ.
З-он ки нокас зи дад батар бошад,
Рост хоҳӣ, зи бад батар бошад.
Гар ту некӣ, бадон кунанд бадат,
Гум кунад суҳбати бадон хирадат.

То тавонӣ, маҷӯй суҳбаташон,
На нишону на ному куняташон.
З-ин ҳарифон вафову аҳд маҷӯй,
Аз дарахти кабаст шаҳд маҷӯй!
Пой даркаш зи ҳамнишиниашон,
Дида бардӯз, то набиниашон.
Дӯстият мабод бо нодон,
Ки бувад дӯстиш офати ҷон.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Аспи тозӣ ба аспи сокинраг
Гашт ҳамхӯ, агар нашуд ҳамтак.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Манишин бо бадон, ки суҳбати бад,
Гарчи покӣ, туро палид кунад.
Офтоб арчи равшан аст, ӯро
Пораи абр нопадид кунад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

То набошӣ ҳарифи бехирадон,
Ки накӯкор бад шавад зи бадон.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Бо муҳиббон бош доим ҳамнишин,
То тавонӣ, рӯи аъдоро мабин!

*Фаридуддини Аттор*

Гар нишинад фариштае бо дев,
Ваҳшат омӯзаду хиёнату рев.
Аз бадон некувӣ наёмӯзӣ,
Накунад гург пӯстиндӯзӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Бо бадон кам нишин, ки дармонӣ,
Хӯпазир аст нафси инсонӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Паи некмардон бибояд шитофт,
Ки ҳар к-ин саодат талаб кард, ёфт.

*Саъдии Шерозӣ*

Бо мардуми зиштном ҳамроҳ мабош,
К-аз суҳбати дегдон сиёҳӣ хезад!

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки бо бадон нишинад, некӣ набинад.

*Саъдии Шерозӣ*

Кас, ки бо нокасон қарин шуд, рафт,
Хас, ки бо шуъла ҳамнишин шуд, рафт.

*Саъдии Шерозӣ*

Гар ту дар гулшан дароӣ, гул барӣ,
Сӯи бӯстон бигзарӣ, сунбул барӣ.

*Ҳусейн Воизи Кошифӣ*

Ҳамнишини бадон мабош, ки нек
Аз бадон ҷуз бадӣ наёмӯзад.

*Салмони Соваҷӣ*

Бо кеҳу меҳ суҳбат аз он сон гузин,
К-аз ту хирадманд бувад ҳамнишин.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Макун ҳамнишинӣ ба ҳар бадсиришт,
Ки дуздад аз ӯ табъи ту хӯи зишт.
Шавӣ аз бадӣ пур, зи некӣ тиҳӣ,
В-аз он набвадат заррае огаҳӣ.
Чӣ хуш гуфт деҳқони софӣ зи ранг,
Ки: «Ангур гирад аз ангур ранг».

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бикун хубию бо хубон даромез,
Зи шахси нохалаф чун тир бигрез!

*Рогиби Самарқандӣ*

Ҳар ки атвори неку бад гирад,
Ҳама аз ҳамнишини худ гирад.

*Камолиддини Биноӣ*

Гар касе ҳамдами дадон бошад,
Беҳ, ки ҳамсуҳбати бадон бошад.

*Мактабии Шерозӣ*

Ҳамнишине, к-ӯ латифу комил аст,
Роҳати рӯҳ асту ороми дил аст.

* * *

Ҳар ки дорад зи хислате моя,
Асари он расад ба ҳамсоя.

* * *

Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ,
Бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.

* * *

Рег дар кафшу кайк дар шалвор
Беҳтар аз ҳамнишини ноҳамвор.

* * *

Аспу харро, ки якҷо банданд,
Агар ҳамбӯ нашаванд, ҳамхӯ шаванд.

* * *

Аспи тозӣ дар тавила гар бибандӣ пеши хар,
Рангашон ҳамгун нагардад, табъашон ҳамгун шавад.

* * *

Бо дӯсти солеҳ даромезу аз дӯсти фосиқ бигрез, ки дӯсти фосиқ туро ба сифатҳои замима далолат кунад ва дӯсти солеҳ ба сифатҳои ҳамида.

* * *

Ҳар ки бо расво нишинад, оқибат расво шавад.

* * *

Нек чун бо бад нишинад, бад шавад.

* * *

Ҳар ки бо бадон нишинад, ҳаргиз некӣ набинад.

* * *

Аз хубон шарофат, аз бадон касофат.

* * *

Ҳамнишинӣ асар дорад.

* * *

Ҳар киро мехоҳӣ бишносӣ, ё бо ӯ муомила кун, ё сафар!

* * *

Ҳамнишинам беҳ бувад, то ман аз ӯ беҳтар шавам.

* * *

Ҳамроҳи касе бош, ки ҳамроҳи ту бошад.

## 37.ТАЪХИР

Кори имрӯз ба фардо маяфканед!

*Анӯшервон*

Ба кори даҳр мӯлиш гарчи бад нест,
Вале таъхир кардан аз хирад нест.

*Абӯшакури Балхӣ*

Гулистон, ки имрӯз гардад баҳор,
Ту фардо чинӣ гул, наёяд ба кор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,
Чӣ донӣ, ки фардо чӣ гардад замон?!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бибахшу биёрою фардо магӯй,
Чӣ донӣ, ки фардо чӣ ояд ба рӯй?!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Нигар, то кори имрӯз ба фардо наяфканӣ,
Ки ҳар рӯзе, ки меояд, кори хеш меорад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Ба имрӯз мо боз кай даррасем,
Ки то пеш тозем, беш аз пасем!

*Асадии Тӯсӣ*

Кори имрӯз ба фардо афкандан аз коҳилтанист.
*Абуллфазли Байҳақӣ*

Фардо беҳ бод кори соҳиб аз имрӯз,
Чунон, к-имрӯз беҳтар аст зи дина.
*Сӯзании Самарқандӣ*

Кори имрӯзаи ту сохта нест,
Кори фардо чӣ гуна хоҳӣ сохт?!
*Адиб Собири Тирмизӣ*

Имрӯз бикуш, чу метавон кушт,
К-оташ чу баланд шуд, ҷаҳон сӯхт!
Магзор, ки зеҳ кунад камонро
Душман, ки ба тир метавон дӯхт!
*Саъдии Шерозӣ*

Бикӯш имрӯз, то гандум бипошӣ,
Ки фардо бар ҷаве қодир набошӣ.
*Саъдии Шерозӣ*

Қуввати рой он аст, ки дахли фардо имрӯз бикорад ва кори имрӯза ба фардо нагузорад.
*Саъдии Шерозӣ*

Ҳарчанд кори фардост, имрӯз муфти худ гир,
Шояд димоғи чоқат рӯзи дигар набошад.
*Абдулқодири Бедил*

Мавлоно Шамсиддин фармуда, ки мардум аксар аз сустӣ ва коҳилӣ кори имрӯза ба фардо мегузоранду ҳеҷ намеандешанд, ки имрӯз фардои дирӯз аст, имрӯз чӣ сохтаем, ки фардо хоҳем сохт?!

* * *

Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд.

## 38.ҚАНОАТ

Фузунӣ маҷӯй, ар шудӣ бениёз,
Ки зуд орадат пеш ранҷи дароз.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Қонеъ ба як устухон чу каргас будан
Беҳ з-он, ки туфайли хони нокас будан.
Бо нони ҷавини хеш, ҳаққо, ки беҳ аст,
К-олуда ба полудаи ҳар кас будан.

*Умари Хайём*

То чанд кунӣ хидмати дунону хасон?
Ҷон бар сари ҳар туъма манеҳ чун магасон!
Ноне ба ду рӯз хур, макаш миннати кас,
Хуни дили худ хурӣ, беҳ аз нони касон!

*Умари Хайём*

Касе, ки рӯи қаноат надид, ҳеҷ надид.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Куҳанҷомаи хеш пиростан
Беҳ аз ҷомаи орият хостан.

*Саъдии Шерозӣ*

Дило, гар қаноат ба даст оварӣ.
Дар иқлими роҳат кунӣ сарварӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Қаноат ба ҳар ҳол авлотар аст,
Қаноат кунад, ҳар ки некахтар аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Қаноат тавонгар кунад мардро.

*Саъдии Шерозӣ*

Дар қаноат, ки туро дастрас аст,
Гар ҳамин иззати нафс аст, бас аст.
Гар инон сӯи қаноат тобӣ,
Зиндагонии хуш он дам ёбӣ.
Ҳаст зери фалаки гарданда
Қонеъ озодаву томеъ банда.
Нест ҷуз қоидаи бехирадӣ
Аз тамаъ бандагии ҳамчу худе.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар ки гӯяд: «Хону нони ман», бикаш
Пои хеш аз хону даст аз нони ӯ!
Таррае, к-аз бӯстони худ хурӣ,
Хуштар аст аз барраи бирёни ӯ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гар шӯру шаре ҳаст ҳарисони ҷаҳонро,
Хуррам дили қонеъ, ки зи ҳар шӯру шаре раст.
Дар иззи қаноат ҳама равҳ омаду роҳат,
Дар ҳирс фараҳ нест, агар дарди саре ҳаст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

То кас қаноат накунад, бизоат наёбад.

* * *

Андаки худро беҳ аз бисёри дигарон дон!

* * *

Нони зағораи худ беҳ аз палави кас.

* * *

Як пора нони хушку косае оби худ беҳ аз ҳазор мурғи бирёни кас.

## 39. ФУРСАТУ ВАҚТ

Бузургтарин мусибат он аст, ки битавонӣ кори нек анҷом диҳӣ ва он қадар худдорӣ кунӣ, то вақт бигзарад.

*Анӯшервон*

Ба ҳар кор ҳангом ҷустан накӯст,
Задан рой бо марди ҳушёру дӯст.
Чу коҳил шавад мард ҳангоми кор,
Аз он пас наёбад чунон рӯзгор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чу дӣ рафту фардо наёмад ҳанӯз,
Набошем аз андеша имрӯз кӯз.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Замони гузашта наояд ба бар.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Умри дубора надодаанд касеро.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Гузаштаро боз натавон овард.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Замона бандҳо донад ниҳодан,
Ки натвонад хирад онро кушодан.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ҳаргиз наёмадаасту наёяд гузашта боз.

*Носири Хусрав*

Боз наёяд ба ту, эй пур, пор!

*Носири Хусрав*

То ҷавонию тандурустӣ ҳаст,
Ояд асбоби ҳар мурод ба даст.

*Низомии Ганҷавӣ*

Дору паси марг кай кунад суд?!

*Низомии Ганҷавӣ*

Бо вақт бувад баста ҳама кору ҳама чиз,
Бе вақт бувад кор ба сар бурдан душвор.

*Саъдии Шерозӣ*

Васият ҳамин аст, ҷони бародар,
Ки авқот зоеъ макун, то тавонӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Кунун кӯш, к-об аз камар даргузашт,
На вақте, ки селоб аз сар гузашт!

*Саъдии Шерозӣ*

Чу дӣ рафту фардо наёмад ба даст,
Ҳисоб аз ҳамон як нафас кун, ки ҳаст!

*Саъдии Шерозӣ*

Макун умр зоеъ ба афсӯсу ҳайф,
Ки фурсат азиз асту алвақту сайф.

*Саъдии Шерозӣ*

Вақтро ғанимат дон он қадар, ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, як дам аст, то донӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Вақтро гуфтаанд теғи парон,
Ки бувад бе таваққуф ӯ гузарон.
Ҳар куҷо тез бигзарад он теғ,
Во нагардад ба вой-вою дареғ.
Гарчи бошад гузаштанаш нафасе,
Лек таъсири ӯ қавист басе.
Қотеъ аз баҳри душман аст ин сайф,
То кушӣ дӯст, ҳайф бошад, ҳайф!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Мазан пушти по бахти фирӯзро,
Ба қисмат се кун ҳар шаборӯзро:
Якеро ба таҳсили дониш гузор,
Ки бедонишӣ нест ҷуз айбу ор,

Ба дониш шав андар дувум коргар,
Савумро ба донишварон бар ба сар!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гузашта чу мурғест ҷаста зи дом,
Аз ӯ нест дар дасти ту ғайри ном.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба чашми хирад ҳозири вақт бош,
Ба ҳукми амал нозири вақт бош!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Умрро медон ғанимат ҳар нафас,
Чун равад, дигар наёяд бозпас.

* * *

Ҳама дида бар фурсату вақт дор,
Мадеҳ хира аз даст ҳангоми кор!

## 40.АФСӮС ВА ПУШАЙМОНӢ

Баски бар гуфта пушаймон будаам,
Баски бар ногуфта шодон будаам.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҷавонӣ ба беҳудагӣ ёд дорам,
Дареғо ҷавонӣ, дареғо ҷавонӣ!

Абӯтоҳири Хусравонӣ

Пушаймонӣ аз карда як бор бас,
Ҳалоҳил дубора нахӯрдаст кас.

*Абӯшакури Балхӣ*

Пушаймон нашуд, ҳар ки некӣ гузид,
Ки бад з-оби дониш наёрад мазид.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Пушаймонӣ он гаҳ надорад-т суд,
Ки теғи замона саратро дуруд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳамон гаҳ пушаймонӣ омад ба пеш,
Пур аз ғам шуда дил зи кирдори хеш.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чӣ суд хоҳад дошт пушаймонӣ дар миёни дом?!

*Абулфазли Байҳақӣ*

Агар хоҳӣ, ки аз пушаймонии дароз эмин гардӣ, ба ҳавои дил кор макун!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Мардумон чаро аз коре пушаймонӣ хуранд, ки як бор аз он пушаймонӣ хӯрда бошанд?

*Унсурулмаолии Кайковус*

Макун бад, ки чун кардию кор буд,
Пушаймонӣ аз пас надорад-т суд.

*Асадии Тӯсӣ*

Дарди гунаҳро наёфтанд ҳакимон,
Ҷуз, ки пушаймонӣ, эй бародар, дармон.
Чист пушаймонӣ? Он, ки бознагардад
Мард ба коре, к-аз он шудаст пушаймон.

*Носири Хусрав*

Пушаймонӣ аз дӣ надорад-т суд,
Чу чашмат ба имрӯз менангарад.

*Носири Хусрав*

Офати мардумӣ пушаймонист,
То нагардӣ ту чун пушаймонӣ.

*Масъуди Саъди Салмон*

Аз он оташ баромад дудат акнун,
Пушаймонӣ надорад судат акнун.

*Низомии Ганҷавӣ*

Он пушаймонӣ, ки хӯрдӣ аз бадӣ,
З-ихтиёри хеш гаштӣ муҳтадӣ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Бар гузашта ҳасрат овардан хатост,
Боз н-ояд рафта, ёди он хатост.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳайф бурдан зи кордонӣ нест,
Бо гаронон беҳ аз гаронӣ нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Зи соҳибғараз то сухан нашнавӣ,
Ки гар кор бандӣ, пушаймон шавӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ду кас мурданду таҳассур бурданд: яке он, ки дошту нахӯрд ва дигар он, ки донисту накард.

*Саъдии Шерозӣ*

Дар обу гил макор он донаи хом,
Ки бор орад пушаймонӣ саранҷом.
Чу дар мағз уфтад ҷӯши ҷавонӣ,
Инон кач дор дилро, то тавонӣ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Бузургон паси рафта наштофтанд.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Оқило, макун коре, к-оварад пушаймонӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз Суқрот пурсиданд, ки чӣ чиз аҷибтар аст?
Гуфт: «Оқиле, ки аз нокомӣ таассуф хурад».

* * *

Аз пушаймонӣ чӣ суд акнун, ки кор аз даст рафт?!

* * *

Бар гузашта афсӯс намешояд хӯрд.

* * *

Пушаймон шавад марди беҳудакӯш.

* * *

Пушаймонӣ чӣ суд охир, ки дар аввал хато кардӣ?!

* * *

Чаро оқил кунад коре, ки бозорад пушаймонӣ?

* * *

Ҷавонӣ, куҷоӣ, ки ёдат бахайр?!

## 41.НОУМЕДӢ

То рӯзу шаб оянда ва раванда аст, аз гардиши ҳолҳо шигифт мадор!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Агар уммед ранҷурӣ намояд,
Зи навмедӣ басе навмедӣ ояд.

*Фахриддини Гургонӣ*

Чу дар чизи касон уммед дорӣ,
Зи навмедӣ ба рӯ ояд-т хорӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ба ҳангоми сахтӣ машав ноумед,
К-аз абри сияҳ борад оби сафед.

*Низомии Ганҷавӣ*

Дари чорасозӣ ба худ дармабанд,
Ки бисёр талхӣ бувад судманд.

*Низомии Ганҷавӣ*

Дар навмедӣ басе умед аст,
Поёни шаби сияҳ сафед аст.

*Низомии Ганҷавӣ*

Дил аз бемуродӣ ба фурқат масӯз,
Шаб обастан аст, эй бародар, ба рӯз.

*Саъдии Шерозӣ*

Зи кори баста маяндешу дил шикаста мадор,
Ки оби чашмаи ҳайвон даруни торикист.

*Саъдии Шерозӣ*

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махур!
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махур!
Гарчи манзил бас хатарнок асту мақсад нопадид,
Ҳеҷ роҳе нест, к-ӯро нест поён, ғам махур!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Фиреби ҷаҳон қиссаи равшан аст,
Бибин, то чӣ зояд, шаб обастан аст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Навмед набояд шудан аз гардиши айём,
Ҳар шом, ки ояд, зи паи он саҳаре ҳаст.

*Зебуннисо*

Баъди навмедӣ басе уммедҳост,
Аз паи зулмат басе Хуршедҳост.

* * *

Одам ба умед зинда бошад.

## 42. МУШКИЛӢ

Ҳар ки ҳаме хоҳад аз нахуст ҷаҳонро,
Дил биниҳад корҳои саъбу гаронро.

*Абулнаҷми Манучеҳрӣ*

Агар сад сол бошӣ шоду пирӯз,
Ҳамеша умри ту бошад яке рӯз.

Агар сахтӣ барӣ в-ар комҷӯӣ,
Туро он рӯз бошад, к-андар ӯӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ҳар он сахтӣ, ки бо ту рӯй бинмуд,
Гар осон гирияш, осон шавад зуд.
Ба ҳар боде маҷунб аз ҷой чун бед,
Батамкин бош ҳамчун Моҳу Хуршед!

*Носири Хусрав*

Саъб бошад паси ҳар осонӣ,
Нашунидӣ, ки хор бо хурмост.

*Масъуди Саъди Салмон*

Риш овардӣ, бирав осон паи душвор кор,
Кори осон гар наёбӣ, чанг дар душвор зан!

*Сӯзании Самарқандӣ*

Яқин медон, ки гар сахтӣ кашидӣ,
Аз он сахтӣ ба осонӣ расидӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

Пас аз душворӣ осонист ночор.

*Саъдии Шерозӣ*

Бе талхие аз баҳрҳо гавҳар намеояд бирун.

*Камоли Хуҷандӣ*

Ҳеҷ қуфле нест дар бозори имкон бекалид.

*Соиби Табрезӣ*

Сад басту кушод бо ҳам омехтаанд,
То ранги бинои ин ҷаҳон рехтаанд.
Дилтанг мабошед, ки монанди ҳилол
Пеши ҳар дар калид овехтаанд.

*Абдулқодири Бедил*

Дар он маъраз, ки бошад ҷаҳд дар кор,
Гудози кӯҳкорӣ нест душвор.

*Абдулқодири Бедил*

Душворӣ нест ҳеҷ душвореро.

*Абдулқодири Бедил*

Ҳар чи осон шавад ба охири кор,
Бошад оғозҳои он душвор.

* * *

Ҳар ки осон гирад, душвор афтад.

## 43. ШИТОБ

Ба киштии вайрон гузаштан бар об,
Беҳ ояд, ки дар кор кардан шитоб.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Шитобу бадӣ кори Оҳарман аст,
Пушаймонию ранҷи ҷону тан аст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба ҳар кор беҳтар даранг аз шитоб,
Бимон, то битобад бар ин Офтоб.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касеро, ки мағзаш бувад пуршитоб,
Фаровонсухан бошаду дерёб.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он гаҳ, ки доно бувад пуршитоб,
Чи дониш мар ӯро, чӣ дар шӯра об.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Дилу мағзро дур дор аз шитоб,
Хирад бо шитоб андар ояд ба хоб.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Шитобзадагӣ аз сабуксарӣ бувад ва ҳар ки шитобзада бошад ва оҳистагӣ надонад, ҳамвора пушаймону ғамнок бошад.

*Низомулмулк*

Ҳама корҳо аз фурӯбастагӣ
Кушояд, валекин ба оҳистагӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

Эй, ки муштоқи манзилӣ, маштоб,
Панди ман кор банду сабр омӯз!
Аспи тозӣ дутак равад ба шитоб,
Шутур оҳиста меравад шабу рӯз.

*Саъдии Шерозӣ*

Саросема гӯяд сухан бар гизоф,
Чу танбӯри бемағзу бисёрлоф.

*Саъдии Шерозӣ*

Чун ғалат бишнавӣ, шитоб макун,
То набояд, ки худ ғалат бошӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Раҳрав он нест, гаҳе тунд, гаҳе хаста равад,
Раҳрав он аст, ки оҳиставу пайваста равад.

*Саъдии Шерозӣ*

Рафтану нишастан беҳ, ки давидану гусастан.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар чи зуд бароял, дер напояд.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд, ки: «Кадом ширин бошад, ки ба охир талх шавад?» Гуфт: «Шитоб».

* * *

Одами саросема корро ду маротиба мекунад.

* * *

Оҳиста рав, пайваста рав!

* * *

Тунд меравӣ, ҷоно, тарсам, ки фурӯ монӣ!

* * *

Дар ягон кор тундӣ наёяд ба кор.

## 44. САБРУ ТОҚАТ

Агар бурдборӣ сари мардумист,
Ба нобурдборон бибояд гирист.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Шикебоӣ аз меҳр номитар аст,
Сабуктар бувад, ҳар ки ӯ кеҳтар аст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи тухми собирӣ шодӣ барояд.

*Фахриддини Гургонӣ*

Чу сабраш талх бошад панд, лекин
Ба сабрат панд чун сабрат шавад қанд.

*Носири Хусрав*

Ёрӣ зи сабр хоҳ, ки ёре нест
Беҳтар зи сабр мар тани танҳоро.

*Носири Хусрав*

Аз сабр нардбон-т бибояд кард,
Гар зери хеш хоҳӣ Ҷавзоро.

*Носири Хусрав*

Агар сабрат ба дил чун ёр гардад,
Зафар охир туро дилдор гардад.

*Носири Хусрав*

Аз фурӯғи Моҳу Хур бояд ҳазорон солҳо,
То яке гавҳар ба кон-андар падид ояд магар.

*Абӯбакри Муиззӣ*

Дӯсте гуфт: «Сабр кун, зерок
Сабр кори ту хубу суд кунад,
Оби рафта ба ҷӯй боз ояд,
Кор беҳтар аз он, ки буд, кунад».
Гуфтам: «Об ар ба ҷӯй боз ояд,
Моҳии мурдаро чӣ суд кунад?!»

*Авҳадии Анварӣ*

Аз паси ҳар шомгаҳе чошт аст,
Охири бардошт фурӯдошт аст.

*Низомии Ганҷавӣ*

Солҳо бояд, ки то аз Офтоб
Лаъл ёбад рангу рахшонию тоб.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Гар сухан хоҳӣ, ки гӯӣ чун шакар,
Сабр кун аз ҳирсу ин ҳалво бих(в)ар!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Сабр талх омад, валекин оқибат
Меваи ширин диҳад пурманфиат.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Сабр сӯи кашфи ҳар сир раҳбар аст,
Сабр талх омад, бари ӯ шаккар аст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳаст мар ҳар сабрро охир зафар,
Ҳаст рӯзе баъди ҳар талхӣ шакар.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Сабр орад орзуро, не шитоб!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ангури навоварда турштамъ бувад,
Рӯзе ду-се сабр кун, ки ширин гардад.

*Саъдии Шерозӣ*

Кунҷи сабр ихтиёри Луқмон аст,
Ҳар киро сабр нест, ҳикмат нест!

*Саъдии Шерозӣ*

Пас аз душворӣ осонист ночор,
Валекин одамиро сабр бояд.

*Саъдии Шерозӣ*

Тааммул кунӣ дар хатову савоб,
Беҳ аз жожхоёни ҳозирҷавоб.

*Саъдии Шерозӣ*

Рост гуфтӣ, ки фараҷ ёбӣ, агар сабр кунӣ,
Сабр нек аст касеро, ки тавоноӣ ҳаст.

*Саъдии Шерозӣ*

Корҳо ба сабр барояд,
Мустаъҷил ба сар дарояд.

*Саъдии Шерозӣ*

Кас аз сабр кардан нагардад хиҷил!

*Саъдии Шерозӣ*

Тааммул ба ҳангоми сафро хуш аст,
Ки сафро бурун рехтан нохуш аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Он ҷо, ки бувад шикастагиҳо,
Сабр аст калиди бастагиҳо.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Сабру зафар ҳар ду дӯстони қадиманд,
Бар асари сабр навбати зафар ояд.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Эй дил, сабур бошу махур ғам, ки оқибат
Ин шом субҳ гардаду ин шаб саҳар шавад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Он беҳ, ки зи сабр рух натобам,
Шояд, ки муроди дил биёбам.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гӯянд: «Санг лаъл шавад дар мақоми сабр»,
Оре, шавад, валек ба хуни ҷигар шавад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Сабурӣ мояи фирӯзӣ омад,
Қавитар пояи беҳрӯзӣ омад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нашавад най ба ҷуз аз сабр шакар,
Нашавад санг ҷуз аз сабр гуҳар.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу ҳилм андар омад, ғазаб гашт паст,
Ғазабро ҳамин бурдборӣ шикаст.
Сутуни хирад бурдборӣ бувад,
Сабуксар ҳамеша ба хорӣ бувад.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Ҳилм сармояи камол бувад,
Сабаби иззату ҷалол бувад.

Ҳилм шодифазои ҳар хиҷил аст,
Мӯмиёии ҳар шикастадил аст.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Саодат бо шикебоӣ бувад ёр,
Зи бесабрӣ ба расвоӣ кашад кор.
Касе, к-аз мева аввал ком ҷӯяд,
Ҳарифи пухта ӯро хом гӯяд.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ба сабр аз оби борон баҳр хезад,
Шавад абру дар ӯ сероб резад.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Душворин интизору дурӣ
Саҳл аст, агар бувад сабурӣ.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Нишоти орзумандон зи сабр аст,
Гули боғи тараб хандон зи сабр аст.
Ба сабр аз корҳо берун равад банд,
Шавад най шаккару шаккар шавад қанд.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ба ғайр аз сабр ғамро чорае нест,
Вале он кори ҳар ғамхорае нест.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Талхии заҳри шикебоӣ калиди қуфлҳост,
Кори бесомон зи бесабрӣ ба сомон кай шавад?!

*Зебуннисо*

Сабр хислатест, ки дар ҳодисоти рӯзгор изтиробу бим аз одамӣ дур кунад.

*«Ҳазору як шаб»*

Солҳо бояд, ки то як санги аслӣ з-Офтоб
Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман.

*«Калила ва Димна»*

Гар сабр кунӣ ба корҳо, наштобӣ,
Рӯзе ояд, зи ғӯра ҳалво созӣ.

* * *

Ҳар кас, ки бинои ақл бар сабр ниҳод,
Бешубҳа, шуд аз банди балоҳо озод.

* * *

Сабрат ганҷат диҳад,
Бесабрӣ ранҷат диҳад.

* * *

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд, ки: «Кадом талхӣ бошад, ки ба охир ширин гардад?»– гуфт: «Сабр».

* * *

Сабр талх аст, валекин бари ширин дорад.

* * *

Ҳар чизро ҷавҳаресту ҷавҳари ақл шикебоист.

* * *

Зи дарё мекашад сайёд дом оҳиста-оҳиста.

* * *

Калиди дари ганҷи мақсуд сабр аст.

* * *

Як сабр куну ҳазор афсӯс махур!

* * *

Шуҷоати одамӣ сабр аст.

* * *

Корҳо некӯ шаванд, аммо ба сабр.

* * *

Сабур бош, то ба умеде расӣ.

* * *

Сабр мифтоҳи корҳо бошад.

## 45. ҚАВЛУ АҲД

Ҳар ки зи гуфтори худ андар гузашт,
Раҳи родмардӣ зи худ дарнавашт.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Гунаҳгор гашт он, ки бишкаст аҳд,
Гузин кард ҳанзал, бияндохт шаҳд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бош аз қавли мухолиф барҳазар,
Пеш аз он, к-аз по дароӣ, эй писар!

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки ӯ аз ҳамзабонаш шуд ҷудо,
Бенаво шуд, гарчи дорад сад наво.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Аҳд нобастан аз он беҳ, ки бибандию напоӣ.
*Саъдии Шерозӣ*

Гар зи ойину кеш баргардӣ,
Беҳ, ки аз қавли хеш баргардӣ.

* * *

Ҳар ки аз қавлаш баргардад, хар гардад.

* * *

Қавли бузургон набувад ҷуз амал.

* * *

Шарт аст, ки шартро ба поён бибаранд.

* * *

Қавли беғаразон дар ҷаҳон самар гардад.

## 46. ҲАВОВУ ҲАВАС

Касеро куҷо пешрав шуд ҳаво,
Чунон дон, ки кораш нагирад наво.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Шунидам, ки ҳар, к-ӯ ҳаво парварад,
Наяндешад аз кор, кайфар барад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ бувад бар хирад подшо,
Равонро надорад ба роҳи ҳаво.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Эй нафс, ки бастаи ҳавову ҳавасӣ,
Биштоб, ки дар ҳиямояти як нафасӣ!
Дунё маталаб, ҷоҳ маҷӯ, ишва махар,
К-аз дӯст бароиву ба душман бирасӣ.

*Абуалӣ ибни Сино*

Зи дидор бошад ҳаво хостан,
Зи чашм аст дидан, зи дил хостан.

*Асадии Тӯсӣ*

Он бувад аблаҳтарини мардумон,
К-аз паи нафсу ҳаво бошад равон.

*Асадии Тӯсӣ*

Шохи амал бизан, ки чароғест зудмир,
Бехи ҳавас бикан, ки дарахтест камбақо.

*Афзалиддин Ҳоқонӣ*

Аз рӯи ҳавас панҷа мазан шона дар он зулф,
Ин силсила, ҳарчанд кушоӣ ту, дароз аст.

*Зебуннисо*

Бо ҳавои дил макун зинҳор кор,
То наёрад пас пушаймонӣ ба бор.

*Зебуннисо*

Оқилро ҳеҷ зарару саҳв чун теғи ҳаво нест.

*«Калила ва Димна»*

## 47. ТАҚЛИД

Агар бо дидаӣ, нодида машнав,
Ту бурҳон хоҳу бар тақлид маграв!

*Носири Хусрав*

Аз муқаллид то муҳаққиқ фарқҳост,
К-ин чу Довуд асту он дигар садост.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Наравад мурғ сӯйи дона фароз,
Чун дигар мурғ бинад андар банд.

*Саъдии Шерозӣ*

Тақлид зи ҳар чи ранг мегардонад,
Ҷо бар сад табъ танг мегардонад.
Ғалтидани як санг аз кӯҳи баланд
Паҳлӯи ҳазор санг мегардонад!

*Абдулқодири Бедил*

Гову харро накунад хӯрдани гандум одам,
Шарафи мард ба тақлид нагардад ҳосил.

*Абдулқодири Бедил*

Мабош бандаи тақлид, агар на ҳайвонӣ.

* * *

Пайи тақлид рафтан аз кӯрист.

## 48. НАНГ

Маро ҷанги душман беҳ ояд зи нанг,

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Наярзад коми садсола ба як нанг,
К-аз ӯ бар ҷон бимонад ҷовидон занг.

*Фахриддини Гургонӣ*

Агар сад сол зери санг бошӣ,
Аз он беҳтар, ки зери нанг бошӣ.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Маро куштан осонтар ояд зи нанг,
Агар бозмонам ба сахтӣ зи ҷанг.

## 49.МЕҲМОН ВА МЕҲМОННАВОЗӢ

Зи меҳмон чу сер омадаш мизбон,
Ба зиштӣ барад номи полизбон.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агарчи бувад мизбон хушзабон,
Пизишкӣ на хуб ояд аз мизбон.

*Асадии Тӯсӣ*

Чу меҳмон оядат, дилшод мебош,
Зи ҳар банду ғаме озод мебош!

*Носири Хусрав*

Чу серӣ наёбад ҳаме кас зи хонат,
Ҳамон беҳ, ки касро ба хонат нахонӣ.

*Носири Хусрав*

Бехабар бар хони кас меҳмон машав,
Меҳмонат гар расад, пинҳон машав!

То нахондандат, ба хони кас марав,
В-аз пайи мурдор чун каргас марав!

*Фаридуддини Аттор*

Бихур, ҳар чи пешат ниҳад мизбон,
Ҳама тан ба шукронааш шав забон!
Ва гар ҳеҷ надҳад, тақозо макун,
Хаёли талаброро ба дил ҷо макун!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чу мизбон биниҳад хони макрамат, он беҳ,
Ки аз мулоҳизаи меҳмон канор кунад.
На он ки бар сари хон луқмае диҳад ӯро,
Ба зери чашм бибинад, ба дил шумор кунад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бе талаб зинҳор бар хони касе меҳмон машав,
Гавҳари беқимати санги таҳи дандон машав!

*Соиби Табрезӣ*

Хидмати меҳмон бувад корам,
Миннати меҳмон ба ҷон дорам.

*Камолиддини Биноӣ*

Меҳмон кофир аст, агар диндор,
Ман ба ину ба он надорам кор.

*Камолиддини Биноӣ*

Хуриш бояд аз мизбон гунагун,
На гуфтан, к-аз ин кам хӯру з-он фузун.

*«Гаршоспнома»*

Меҳмон гарчи азиз аст, ба монанди нафас,
Танг месозад, агар ояду берун наравад.

* * *

Ҳар ки меҳмонат шавад аз хосу ом,
Пеши ӯ мебояд овардан таом.

* * *

Ҳар ки меҳмонро гиромӣ мекунад,
Кӯшише дар некномӣ мекунад.

* * *

Аз такаллуф дур бош, эй мизбон,
То гаронӣ набвадат аз меҳмон.

* * *

Меҳмонро азиз бояд дошт
Аз раҳи мардию ҷавонмардӣ.

* * *

Чун мушарраф шавӣ ба меҳмоне,
Ҳар чи дорӣ, фидои меҳмон кун!

* * *

То напурсандат, магӯ аз ҳеҷ боб,
То нахонандат, марав бар ҳеҷ дар!

* * *

Тоқати меҳмон надошт,
Хона ба меҳмон гузошт .

* * *

Ҷабҳаи кушодаи мизбон сабаби кушоиши иштиҳои меҳмон аст.

* * *

Меҳмон аз падар бузургтар аст.

## 50.КӮШИШИ БЕҲУДА

Кас барнадоштаст ба дасте ду харбуза.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ба ноёфт ранҷа макун хештан,
Ки темори ҷон бошаду ранҷи тан!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Тухме, ки ҳаргиз нарӯяд, накор!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳамоно туро шири мурғ орзуст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Аблаҳ он гурге, ки ӯ нахҷир бо шер афканад,
Аҳмақ он саъва, ки ӯ парвоз бо анқо кунад.

*Абулнаҷми Манучеҳрӣ*

Агар хоҳӣ, ки туро девонасор нашуморанд, он чи наёфтанӣ бувад, маҷӯй.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Дари хона кунун бастан чӣ суд аст,
Ки duздаш ҳар чи дар хонаст, бурда(а)ст.

*Фахриддини Гургонӣ*

Абри сиёҳро ба ҳаво - андар
Аз ғулғули сагон чӣ зиён дорад?

*Носири Хусрав*

Зинҳор, мабанд бод дар чанбар,
Беҳуда масой об дар ҳован!

*Носири Хусрав*

Дарахти хурмо аз мум сохтан саҳл аст,
Валек аз он натвон ёфт лаззати хурмо.

*Афзалиддин Ҳоқонӣ*

Чаҳ он ҷо кан, к-аз он обе бароyад,
Раг он ҷо зан, к-аз он хуне кушояд.

*Низомии Ганҷавӣ*

Раҳ намудан ба хайр нокасро
Пеши аъмо чароғ доштан аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Бо сияҳдил чӣ суд гуфтанӣ ваъз?
Наравад мехи оҳанин бар санг!

*Саъдии Шерозӣ*

Ба хурдон мафармой кори дурушт,
Ки сандон нашояд шикастан ба мушт.

*Саъдии Шерозӣ*

Тире, ки на бар ҳадаф гарояд,
Он беҳ, ки зи ҷабба барнаёяд.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Саг нахоҳад кард шерӣ дар шикор,
Гар кунӣ з-атлас ҷули ӯ ё зи суф.

*Ибни Ямин*

Чу нопокояд ба ту оби ҷӯй,
Маҷӯ покии ҷома аз шустушӯй!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дар шӯразамин зи сози булбул
Кай бор диҳад шақоиқу гул?!

*Шоҳини Шерозӣ*

Зи хорбун накунад мард ормони рутаб,
Зи поргин накунад шахс орзуи гуҳар.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Бо задан об аз ҳам ҷудо нашавад,
Обу оташ ба ҳамякҷо нашавад.

* * *

Панҷа ба шер задан ва мушт ба шамшер кори хирадмандон нест.

* * *

Муште, ки баъд аз ҷанг ба ёд ояд, ба каллаи худ бояд зад.

* * *

Дар надорӣ, дарбон чӣ мекунӣ?

* * *

Зӯри беҳуда миён мешиканад.

* * *

Оташ бо оташ натавон кушт.

## 51.ҲАЗЛУ ҲАЗЛГӮӢ

Зи ҳазлу лоғи ту озор хезад,
Мазоҳи сард оби рӯ бирезад.

*Носири Хусрав*

Бо гурӯҳе, ки биханданду бихандонанд,
Чун кунам, чун на бихандам, на бихандонам ?!

*Носири Хусрав*

Ҳазл хор мадоред ва ҳаззолонро ба чашми ҳақорат манигаред!

*Убайди Зоконӣ*

Зарофат оташафрӯзи ҷудоист,
Адаб оби ҳаёти ошноист.

*Соиби Табрезӣ*

Ҳама кас ҳазлро наёрад тоб,
Тоб н-орад самандар андар об.
Табъи ҳар кас ба ҳазл яксон нест,
Он, ки гӯӣ яке бувад, он нест.
Хазл, к-аз ҷон бувад туро хуштар,
Бар дили дигарон бувад наштар!
Ҳазл сармояи зиён бошад,
На зиён, балки хавфи ҷон бошад.

*Камолиддини Биноӣ*

Андаку беш рӯ ба ҳазл маёр,
К-андак охир кашад ба ҷое кор.
Ки фитад дар миёна фитнаву ҷанг,
Рӯзгори фарох гардад танг.
Хандаҳоят шавад ба гиря бадал,
Даври Ноҳид уфтад ба Зуҳал.

*Камолиддини Биноӣ*

Эй бародар, ба ҳазл макшо лаб,
В-ар кушоӣ. магӯй ҷуз ба адаб!
Ҳазл беобрӯӣ орад бор,
Обрӯро марезу ҳазл гузор!

*Камолиддини Биноӣ*

* * *

Ҳазл кам кун, ки ҳазл бошад шум
В-ар кунӣ, охират шавад маъдум.

* * *

Шӯхӣ вақте хуб аст, ки бихандонад ва ба ҳеҷ кас бар-нахурад.

* * *

Охири ҳазл шум бошад.

## 52.РОЗУ РОЗДОРӢ

Чу алмос, к-оҳан бибуррад ҳаме,
Сухан низ дилро бидаррад ҳаме.
Забонро мадоред бар ҷои суст,
Ки то розатон кас надонад дуруст.

*Абӯшакури Балхӣ*

Чу дар дил нагунҷад-т рози касон,
Куҷо гунҷад андар дили дигарон?!

*Абӯшакури Балхӣ*

Зи ман рози хеш ар надорӣ нигоҳ,
Нигаҳ доштан розат аз ман махоҳ!

*Абӯшакури Балхӣ*

Касе, к-ӯ бараҳна кунад рози дӯст,
Раво бошад, ар бардаронеш пӯст.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ҳар он гаҳ, ки бегона шуд хеши ту,
Бидонист рози каму беши ту,

Аз ӯ хештанро нигаҳдор бош,
Шабу рӯз бедору ҳушёр бош!
Чу бишнохт ӯ роҳи сомони ту,
Тавонад бадӣ кард бар ҷони ту.
Набинӣ аз ӯ ҷуз ҳама дарду ранҷ,
Парокандани дудаву ному ганҷ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухан то нагӯянд, пинҳон бувад,
Чу гуфтанд, ҳар ҷо фаровон бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агарчанд пинҳон кунад мард роз,
Падид орадаш рӯзгори дароз.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар роз хоҳӣ, ки пинҳон бувад,
Чунон кун, ки пайванд бо ҷон бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба пурсиши ҳама кас сирри хеш пинҳон кун,
Касе, ки боҳазар аст, ӯ бувад мулоҳизакор.
Асири туст ҳама сиррат, ар ниҳон дорӣ,
Асири сир бишавӣ, гар ҳамекунӣ изҳор.

*Абуалӣ ибни Сино*

Агар хоҳӣ, ки писандидаи мардумон бошӣ, бар он кас, ки хирад аз ӯ ниҳон бошад, ниҳони хеш ошкор макун!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Агар хоҳӣ, ки рози туро душман надонад, ба дӯст магӯй!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Сухан ногуфта бошад кай чу гуфта?!
Чу шуд гуфта, куҷо монад нуҳуфта?!

*Носири Хусрав*

Ҳама кас роздориро нашояд,
Дуруст аз об ҳар кӯза наёяд.

*Носири Хусрав*

Нагӯяд бохирад бо бехирад роз,
Ба гунҷишкон нашояд туъмаи боз.

*Носири Хусрав*

Агар сар боядат, сирро нигаҳ дор.

*Носири Хусрав*

Он шунидӣ, ки гуфт дамсозе
Бо рафиқе аз они худ розе.
Гуфт: «Ин розро нагӯӣ боз!»
Гуфт: «Ман кай шунидаам зи ту роз?
Шараре буду дар ҳаво афсурд,
Дар ту зод он замон, ки дар ман мурд!».

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Бо қавӣ гӯй, агар бигӯӣ роз,
З-он ки бошад қавӣ заифовоз.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Аз тани дӯст дар сарои маҷоз
Ҷон бурун ояду наёяд роз.

*Абулмаҷди Саноӣ*

Чунон гӯ рози худ бо беҳтарин дӯст,
Ки пиндорӣ, ки душмантар касе ӯст.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ту ғарра машав, ки бо ту мегӯяд роз,
Ҳар к-ӯ ба яке бигуфт, гӯяд ба ҳазор.

*Саъдии Шерозӣ*

Манеҳ дар миён роз бо ҳар касе,
Ки ҷосус ҳамкоса дидам басе.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба дӯст, гарчи азиз аст, рози дил макшой,
Ки дӯст низ бигӯяд ба дӯстони азиз!

*Саъдии Шерозӣ*

Касе қавли душман наёрад ба дӯст,
Ҷуз он кас, ки дар душманӣ ёри ӯст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҷавоҳир ба ганҷинадорон супор,
Вале роз бар хештан пос дор!

*Саъдии Шерозӣ*

Розе, ки ниҳон хоҳӣ, бо кас дар миён манеҳ, вагарчи дӯсти мухлис бошад, ки мар-он дӯстро низ дӯстони мухлис бошанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар он сирре, ки дорӣ, бо дӯст дар миён манеҳ, чӣ донӣ, ки вақте душман гардад.

*Саъдии Шерозӣ*

Асрор ниҳон доштан оини киром аст.

*Ибни Ямин*

Эй писар, сирре, к-аш аз душман наҳуфтан лозим аст,
Беҳ, ки аз ифшои он бо дӯстон кам дам занӣ,
Дидаам бисёр, к-аз сайри сипеҳри каҷниҳод
Дӯстон душман шаванду дӯстиҳо душманӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар сирри сарбамуҳр, ки уфтад ба хотират,
Суръат макун ба мавҷи баёнаш нигоштан!
Тарсам, шавад ғароматӣ изҳори он туро
Мушкилтар аз надомати пӯшида доштан.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бихрадиро зи рози фошу ниҳон
Масале нек бар забон рафта,
К-ин чу теғест монда дар қабза,
В-он чу тирест аз камон ҷаста!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳар чи ифшои он бувад душвор,
Бо ҳарифон магӯ ба осонӣ!
К-он чи дорӣ нуҳуфта, битвон гуфт,
В-он чи гуфтӣ, нуҳуфта натвонӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Аз сирри сарбамуҳр пушаймон нашуд касе,
Бас фошгаштасир, ки пушаймонӣ оварад.
Хомуш нишин, ки ҷамъ нишастан ба хомушӣ
Беҳтар зи гуфтание, ки парешонӣ оварад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Эй шуда маҳрами маҷолиси роз,
Рози ҳар маҷлисе амонати туст,
Макун ифшои рози маҷлиси кас,
З-он ки ифшои он хиёнати туст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба рози дил чу бикшоӣ лаби хеш,
Нахуст аз хайру шарри он биёндеш!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба ҳар парда розе бувад дилнавоз,
Ки онро надонанд ҷуз аҳли роз.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гар забони ту роздор астӣ,
Теғро бар сарат чӣ кор астӣ?

*«Калила ва Димна»*

Рози кас дар дили кас гунҷоӣ надорад, магар дар дили дӯст.

*«Марзбоннома»*

Яке сирре ба дӯсте бигуфту пурсид: «Ёд гирифтӣ?»
Гуфт: «Не, фаромӯш кардам».

* * *

Рози худро чун ту худ маҳрам наӣ,
Дигаре худ маҳрами он чун бувад?!

* * *

Мард сар медиҳаду сир намедиҳад.

* * *

Сирпӯшӣ далели мардонагист.

* * *

Рози дил ҷуз ба ёрон натвон гуфт.

* * *

Сир додӣ, сар додӣ.

* * *

Рози дӯст аз душман ниҳон беҳ.

* * *

Фош шудани асрор аз ҷониби аҳли машварат ҷурм аст.

* * *

Розро ба падари оқил гӯй, на ба бегона.

* * *

Розе нест, ки равон–равон ошкор нагардад.

* * *

Сирри мардон пӯшида беҳ.

## 53.ХОБ

Хоби аҳмақ лоиқи ақли вай аст,
Ҳамчу ӯ беқимат асту лошай аст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Эй қамарбаста касби рӯзиро,
Субҳхезӣ далели фирӯзист.
Баҳри хоби сабоҳ чашм мебанд,

З-он ки ин хоб монеи рӯзист.

*Саъдии Шерозӣ*

Хуфтагонро хабар аз замзамаи мурғи саҳар,
Ҳаявонро хабар аз олами инсонӣ нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Шаби ту чун ҳама гузашт ба хоб,
Умри ту нима шуд ба вақти ҳисоб.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Хоб, оре, бародари марг аст,
Ки аз ӯ нахли умр бебарг аст.

*Камолиддини Биноӣ*

Хуфтагон рӯй дар адам доранд,
Хуфтаву мурда ҳукми ҳам доранд.

*Камолиддини Биноӣ*

Зиндаи хуфта шакли мурда гирифт,
Сурати мурдаи фасурда гирифт.

*Камолиддини Биноӣ*

Чу гул дар субҳи пирӣ мекашӣ хамёзаи ҳасрат,
Макун, эй ғунча, сарфи хоб шабҳои ҷавониро!

*Абдулқодири Бедил*

Хобу хур ҷуз пешаи ином нест,
Хуфтагонро баҳра аз инъом нест.

* * *

Он ки хобаш беҳтар аз бедорӣ аст,
Ончунон бад зиндагонӣ мурда беҳ.

* * *

Чандон махусп, ки мурдаат шуморанд!

* * *

Ҳар кас хоб аст, ҳиссааш дар об аст.

* * *

Хоб бо марг ҷуфт, аз хоб гули шодии ҳеҷ кас нашукуфт.

* * *

Хоби зиёд саломатиро зарар аст.

* * *

Хоби рӯз–мояи хоби шаб.

* * *

Хоби пеш аз авқот нуқра бошад, хоби баъд аз авқот тилло.

* * *

Хоби посбон–чароғи дузд.

* * *

Хуфта–ҳукми мурда.

* * *

Хуфтаву мурда дар қиёс якест.

## 54.САФАР

Ман ин ҷо дер мондам, хор гаштам,
Азиз аз монданӣ доим шавад хор.
Чу об андар шамар бисёр монад,
Шавад таъмаш бад аз ороми бисёр.

*Абӯмансури Дақиқӣ*

Чу шуд ба дарё об равону кард қарор,
Табоҳу бемазаву талх гардаду бебар.
Зи баъди он, ки сафар кард, чун фуруд ояд,
Ба лутф рӯҳ фазояд зи таъми ҳамчу шакар.

*Абулқосими Унсурӣ*

Шигифтиҳои ҷаҳонро падид нест карон,
Ҳар он шигифт, ки бинӣ, бувад шигифттар он.
Агар шигифтиҳо боядат, бипӯй замин,
Ва гар аҷибиҳо боядат, биҷӯй ҷаҳон!

*Қатрони Табрезӣ*

Ба шаҳру барзани худ дур чӣ ёбӣ,
Ҷуз он хон, к-андар он шаҳр асту барзан.
Ба хона-дар зи нури қурси Хуршед,
Ҳамон бинӣ, ки дартобад зи равзан.
Агар мар рӯзро медид хоҳӣ,
Сар аз равзан бирун бояд-т кардан.

*Носири Хусрав*

Қадри мардум сафар падид орад,
Хонаи хеш мардро банд аст.
Чун ба санг андарун бувад гавҳар,
Кас надонад, ки қиматаш чанд аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Бисёр сафар бояд, то пухта шавад хоме.

*Саъдии Шерозӣ*

Гар ба дӯкону хона даргаравӣ,
Ҳаргиз, эй хом, одамӣ нашавӣ!
Бирав, андар ҷаҳон тафарруҷ кун
Пеш аз он рӯз, к-аз ҷаҳон биравӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Нашавад мард пухта бе сафаре,
То накӯшӣ, набошадат зафаре.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Агар дар хона худро қайд соӣ,
Куҷо мурғи ҳарамро сайд соӣ?

*Рукниддини Авҳадӣ*

Эй дил, арчанд дар сафар хатар аст,
Кас хатар бе сафар куҷо ёбад?
Он чи андар сафар ба даст ояд
Мардро, дар ҳазар куҷо ёбад?
Ҳар ки чун соя гашт соянишин,
Тобиши Моҳу Хур куҷо ёбад?

В-он ки дар баҳр ғӯта менахурад,
Силки дурру гуҳар куҷо ёбад?
В-он ки паҳлу тиҳӣ кунад аз кон,
Суфраи симу зар куҷо ёбад!

Гар ҳунарманд гӯшагир бувад,
Коми дил аз ҳунар куҷо ёбад?
Боз, к-аз ошёнаи бурун напарад,
Бар шикоре зафар куҷо ёбад?

*Ибни Ямин*

Эй писар, н-озмуда ранҷи сафар,
Натавон ёфт раҳ ба ганҷи ватан!

* * *

Пурдида–пурдон, нодида-нодон.

* * *

Аввал ҳамроҳ, баъдан роҳ.

* * *

Сафар–устоди ҳар ҳунар.

* * *

Сафар кардан–ҷаҳон дидан.

* * *

Сафар мураббии мард аст.

## 55.НАҚД

Фирефтатар аз он кас набувад, ки ёфта ба ноёфта диҳад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Беҳ аз турби пухта бувад мурғи лоғар,
Беҳ аз коҳ уд, арчи баддуд бошад.

*Носири Хусрав*

Ба нася мадеҳ нақд, агарчанд низ
Ба хурмо бувад ваъдаю нақд хор.

*Носири Хусрав*

Ин нақд бигиру даст аз он нася бидор,
К-овози дуҳул шунидан аз дур хуш аст.

*Умари Хайём*

Нақде зи ҳазор нася беҳтар бошад.

*Умари Хайём*

Нақдро аз нася хезад нестӣ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Нақде, ки қадр бахшад, чи қалбу чи роиҷ.

*Афзалиддин Ҳоқонӣ*

Дар биёбон фақири гуруснаро
Шалғами пухта беҳ, ки нуқраи хом.

*Саъдии Шерозӣ*

Гунҷишке ба даст аст беҳ аз бози парида.

*Саъдии Шерозӣ*

Нақди худро ба дасти кас маспор,
Ки пушаймон шавӣ дар охир кор.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Нақди имрӯзаро мадеҳ аз даст,
Дӣ гузашту умеди фардо нест.

*Ибни Ямин*

Боғи фирдавс латиф аст, валекин, зинҳор,
Ту ғанимат шумар ин сояи беди лаби кишт.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман, ки имрӯзам биҳишти нақд ҳосил мешавад,
Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба пеши нақди ҷон гавҳар чӣ бошад?
Туфайли дӯст бошад, ҳар чи бошад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дарахти насяро баркан, ки бехаш хушк меояд,
Ки аз савдои нақдонақд бӯи мушк меояд.

* * *

Ҳар киро озмоӣ, ба кирдор озмой, на ба гуфтор, ки гунҷишк ба нақд беҳ, ки боз ба нася.

* * *

Меҳнати нақд беҳ аз роҳати нася.

* * *

Гунҷишке дар даст беҳ аз булбуле дар ҳаво.

* * *

Муши зинда беҳ аз гурбаи мурда.

* * *

Надиҳанд нақдро ба нася.

* * *

Нақди кам беҳ аз насяи бисёр.

## 56. ХАРҶ ВА ҚАРЗ

Агар қарзе ситонӣ, марди боҳуш,
Чу корат кард омад, дар адо кӯш!

*Носири Хусрав*

Зи навкиса макун ҳаргиз дирам вом,
Ки расвоию ҷанг орад саранҷом.

*Носири Хусрав*

Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар кун,
Ки мегӯянд маллоҳон суруде:
«Агар борон ба кӯҳистон набoрад,
Ба соле Даҷла гардад хушкрӯде».

*Саъдии Шерозӣ*

Бар он кадхудо зор бояд гирист,
Ки дахлаш бувад нуздаҳ, харҷ бист.

*Саъдии Шерозӣ*

Харҷи фаровон кардан касеро ҷоиз бошад, ки дахли муайян дорад.

*Саъдии Шерозӣ*

Дар адо кӯш, чун кунӣ воме,
Манеҳ аз ваъда пештар гоме!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҳар киро харҷ зи дахл аст фузун, оқил нест.

*Соиби Табрезӣ*

Харҷ агар аз кисаи меҳмон бувад,
Ҳотами Тойӣ шудан осон бувад.

* * *

Дахл–нуздаҳ, харҷ–бист,
Ба ҳоли ту бояд гирист.

* * *

Дарди дандону қарз ҳар ду якест: ё кашӣ ё диҳӣ, халос шавӣ.

* * *

Харҷи ноҳамворро ҳамвор кардан мушкил аст.

* * *

Харҷи сурма агарчи андак-андак иттифоқ афтад, охир фано пазирад.

* * *

Қарз ба зоғ, зоғ ба ҳаво.

* * *

Қарз қарз аст, бахшиш-бахшиш.

## 57. ДАВЛАТ

Зи баҳри дирам тунду бадхӯ мабош,
Ту бояд, ки бошӣ, дирам, гӯ, мабош!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ ба ганҷу дирам нангарад,
Ҳама рӯзи ӯ бар хушӣ бигзарад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Хурию бинӯшӣ зи рӯи хирад,
Аз он беҳ, ки бинӣ, ки душман барад.

*Асадии Тӯсӣ*

Ба динор ҳар чизу temори сахт
Тавон ёфт, ҷуз зиндагонию бахт.

*Асадии Тӯсӣ*

Мол ӯ ёбад, ки касбе мекунад,
Нодире бошад, ки бар ганҷе занад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Зар хирадро волаву шайдо кунад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳаргиз ба молу ҷоҳ нагардад бузургном
Бадгавҳаре, ки хубси табииш дар раг аст.
Қорун, гирифтамат, ки шавӣ дар тавонгарӣ,
Саг низ бо қилодаи заррин ҳамон саг аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба моли ниҳода баландӣ маҷӯй,
Ки нохуш кунад оби истода бӯй!

*Саъдии Шерозӣ*

Ту ғофил дар андешаи суду мол,
Ки сармояи умр шуд поймол.

*Саъдии Шерозӣ*

Ки мард он, ки монад пас аз вай ба ҷой
Пулу биркаву хону меҳмонсарой.

*Саъдии Шерозӣ*

Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол.

*Саъдии Шерозӣ*

Дирам дар ҷаҳон баҳри хуш хӯрдан аст,
На аз баҳри зери замин кардан аст.

Зареро, ки дар гӯр кардӣ ба зӯр,
Чу гӯрат кунад, сар барорад зи гӯр.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Касе, к-ӯро ҳавас дар ҷамъи мол аст,
Нишони ростӣ дар вай муҳол аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чӣ бояд давлати дунё сутудан,
Ки ҷуз бо ҷоҳилонаш нест пайванд.
Ту меҳнатро ситоиш кун ҳама сол,
Ки ҳаргиз дур набвад аз хирадманд.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Зар ҳар чи ки бештар, бало беш.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чун зи ганҷи худат насибе нест,
Ту мар он ганҷро нигаҳбонӣ.

*Ибни Ямин*

Моли ту доди душманат бидҳад,
Гар ту з-ӯ доди дӯст настонӣ.

*Ибни Ямин*

Мағрур машав ба мол чун бехаборон,
Зеро ки бувад мисоли абри гузарон.
Абри гузарон агарчи гавҳар борад,
Хотир наниҳад марди хирадманд бар он.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба назди марди доно неъмат он аст,
К-аз ӯ ҷонаш бувад ҷовид масрур.
Зи симу зар, ки чун гӯрат бувад ҷой,
Бимонад ҳамчу санге бар сари гӯр.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бар он ташна бибояд зор бигрист,
Ки бар каф обу бояд ташнааш зист.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Сарфарозӣ макун аз кисапурӣ!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Давлат набувад ба қуввату зӯр,
Хоҳӣ бари филу хоҳ бар мӯр.

*Шоҳини Шерозӣ*

Зар ғами нон хурад, на нон ғами зар,
Гар бувад нон, ба зар барот мабар!

*Абдулқодири Бедил*

Ба молат маноз, ба як шаб банд аст,
Ба ҳуснат маноз, ба як таб банд аст!

* * *

Давлат ҳар касро мебардорад, аммо ҳар кас давлатро бардошта наметавонад.

* * *

Зарро дӯст бисёр аст, зардорро душман бисёр.

* * *

Зарро душман гир, то мардумон туро дӯст гиранд,

* * *

Пул, ки зиёд шуд, хона танг мешавад, зан зишт.

* * *

Ҳар ки мол нахурад, пушаймонӣ хурад.

* * *

Ҳастӣ меорад мастӣ.

* * *

Мол ба рӯзи сахтӣ ба кор ояду дӯст ба ҳангоми сахтӣ.

* * *

Молро ҳар касе ба даст орад, ранҷаш андар нигоҳ доштан аст.

* * *

Мол гирд кардан осон аст, нигоҳ доштан душвор.

* * *

Моли дунё ба дунё мемонад.

* * *

Молу давлат чирки даст аст.

* * *

Моли мардум–мору каждум.

* * *

Пул чист? Лӯнгии ҳаммом– имрӯз дар миёни ман, пагоҳ дар миёни ту.

## 58. НАСИҲАТ

Ҳар он гаҳ, ки гӯӣ расидам ба ҷой,
Набояд зи гетӣ маро раҳнамой!
Чунон дон, ки нодонтарин кас туӣ,
Агар панди донандагон нашнавӣ!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бияндеш бисёру бикшой гӯш,
Сухан аз хирадманд мардум нийӯш!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҷавонмардию ростӣ пеша кун,
Ҳама некувӣ андар андеша кун!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Камозор бошеду ҳам камзиён,
Бадиро мабандед ҳаргиз миён!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба дил низ андешаи бад мадор,
Бадандешро бад бувад рӯзгор!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба осоишу некномӣ гарой,
Гурезон шав аз марди нопокрой!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Маҷӯй, эй писар, банди бадро калид!
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ин панд туро наёмад он рӯз писанд,
Ҳин, хезу духул бизан, чу напзирӣ панд.
*Абулҳасани Фаррухӣ*

Мардумро пеши халқ панд додан маломат бошад.
*Унсурулмаолии Кайковус*

Ба масту ба девона мадҳед панд,
Махандед бар пиру бар дардманд!
*Асадии Тӯсӣ*

Мафармой коре бад-он коргар,
Ки аз кор натвонад омад бадар.
*Асадии Тӯсӣ*

Накӯкор бош, ар бувад қудрате,
Чу қудрат надорӣ, накӯхоҳ бош!
*Асадии Тӯсӣ*

Ҷавонро агарчи сухан судманд,
Зи пирон накӯтар пазиранд панд.
*Асадии Тӯсӣ*

Насиҳат бишнав, ар талх ояд аз ёр,
Ки дар охир ба ширинӣ расад кор.
*Носири Хусрав*

Чу хоҳӣ, то ки ёбӣ донишу ҳуш,
Накун панди ҳакимонро фаромӯш!
*Носири Хусрав*

Пандам чӣ диҳӣ? Нахуст худро
Маҳкам камаре зи панд дарбанд!

Чун худ накунӣ, чунон ки гӯӣ,
Панди ту бувад дурӯғу тарфанд.

*Носири Хусрав*

Панд аз касе шунав, ки надорад зи ту тамаъ,
Панде, ки бо тамаъ бувад, он сар ба сар ҳабост.

*Носири Хусрав*

Некхоҳон диҳанд, валек
Некбахтон буванд пандпазир.

*Носири Хусрав*

Чун ҳар ки диҳад панд, шунидан бояд!

*Абдулфараҷи Рунӣ*

Беғараз панд ҳамчу қанд бувад,
Боғараз панд пойбанд бувад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Аз насиҳат ноқисон комил шаванд
В-аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.
Аз насиҳат тоза гардад ҳар диле
В-аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар ки панди дӯстон накнад қабул,
Дар ҳақиқат, мудбир аст он булфузул.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки дар панди худ омад устувор,
Панди ӯро дигарон банданд кор.

*Фаридуддини Аттор*

Насиҳат аз душман пазируфтан хатост, валекин шунидан равост, то бар хилофи он кор кунӣ, ки айни савоб аст.

Панд гир аз масоиби дигарон,
То нагиранд дигарон зи ту панд.

*Саъдии Шерозӣ*

Насиҳате кунамат, бишнаву баҳона магир,
Ҳар он чи носеҳи машфиқ бигӯядат, бипазир!

*Саъдии Шерозӣ*

Насиҳати ҳама олам чун бод дар қафас аст
Ба гӯши мардуми нодону об дар ғирбол.

*Саъдии Шерозӣ*

Худ ногирифта панд, мадеҳ панди дигарон,
Пайкон ба тир ҷо кунанд, он гоҳ бар нишон.

*Саъдии Шерозӣ*

Чун насиҳат наёядат дар гӯш,
Агарат сарзаниш кунам, махрӯш!

*Саъдии Шерозӣ*

Зиндадил аз мурда насиҳатнийӯш,
Мурдадил аз зинда нагирад ба гӯш!

*Саъдии Шерозӣ*

Зи соҳибғараз то сухан нашнавӣ,
Ки гар кор бандӣ, пушаймон шавӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Насиҳат, ки холӣ бувад аз ғараз,
Чу доруи талх аст дафъи мараз.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки насиҳат нашнавад, сари маломат шунидан дорад.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки насиҳати худройӣ мекунад, ӯ худ ба насиҳатгаре муҳтоҷ аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Некбахтон ба ҳикояту амсоли пешиниён панд гиранд аз он пеш, ки пасиниён ба воқеаи эшон масал зананд.

*Саъдии Шерозӣ*

Касеро гӯ дар ин гетӣ хирадманд,
Ки дил бар нукта дорад, гӯш бар панд.
Дилу гӯше, ки бетамйиз бошад,
Сутурону харонро низ бошад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Диҳад мурда панду ҷаҳон бишнавад,
Вале зиндае ку, ки он бишнавад?!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Панду ваъз аз касе дуруст ояд,
Ки ба кирдор хубу чуст ояд.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҷавоно, сар матоб аз панди пирон,
Ки рои пир аз бахти ҷавон беҳ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу панде бишнавӣ аз пандфармой,
Чу доно боядаш дар ҷон кунӣ ҷой.
На чун нодон зи як гӯшат барорӣ,
Ба дигар гӯш берунаш гузорӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Сахтии рӯзгорнодида панд гирад зи сахтии дигарон.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Худ нашунидӣ магар, ки мояи ишрат
Талъати зебо бувад, на хилъати дебо.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Некбахт он аст, ки аз ҳоли дигарон панд гирад ва бадбахт он, ки аз ҳоли ӯ панд гиранд.

*«Таърихи гузида»*

Беҳтарин чизе, ки ба худ диҳанд , панд аст.

*«Таърихи гузида»*

Аз ҳар ки диҳад панд, шунидан бояд,
Бо ҳар ки бувад, рифқ намудан бояд.
Бад коштану нек дурудан н-ояд,
Зеро ки ҳама кишта дурудан бояд.

*«Калила ва Димна»*

Насиҳат гар хирадмандона бошад,
Зи оташ одами обӣ тарошад.

* * *

Ҳар он кас, ки панди падар нашнавад,
Ба ночор рӯзе пушаймон шавад.

* * *

Хушбахт, ки табъи баччагон аст,
Дар панди дурусти модарон аст.

* * *

Ҳар ки худро насиҳат накунад, ба насиҳати дигарон муҳтоҷ аст.

* * *

Насиҳат ба кирдор беҳ аз насиҳат ба гуфтор.

* * *

Панд ба нодон борон аст дар шӯристон.

* * *

Панди падар монеъ нашуд расвои модарзодро.

* * *

Панди падару модар барои фарзанд кимиёст.

* * *

Насиҳат кардани нодон вазнинтар аз бори гарон.

## 59.МУКОФОТИ АМАЛ

Ангушт макун ранҷа ба даркӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба даркӯфтанаш мушт.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ту донӣ, ки мардум, ки некӣ кунад,
Кунад то мукофоти он барчинад.
Мукофот чанд гуна бувад,
Яке он ки корад, ҳамон бидравад.

*Абӯшакури Балхӣ*

Зи гуфтору кирдору аз хӯи зишт,
Касе надравад хуб, гар зишт кишт.

*Абӯшакури Балхӣ*

Дарахте, ки парвардӣ, омад ба бор,
Бибинӣ бараш ҳам кунун дар канор.
Гараш бор хор аст, худ киштаӣ,
Ва гар парниён аст, худ риштаӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чи гӯӣ, ҳамон бишнавӣ!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҷуз аз бад набошад мукофоти бад,
Чунин аз раҳи дод додан сазад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Машав шодмон, гар бадӣ кардаӣ,
Ки озарда гардӣ, гар озардаӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи бад кардан ояд ба ҳосил зиён,
Агар бад кунӣ, ғам барӣ аз ҷаҳон.

Замона зи бад доман андар кашид,
Мукофот бадро бад омад падид.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар касе нек мекунад ё бад,
Неку бад ҳар чи мекунад, ёбад.

*Абӯалӣ ибни Сино*

Ҳар чи ба хок диҳӣ, аз хок бозёбӣ.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Нигаҳ кун дар ҳама рӯзе ба фардот,
Макун бад, то набинӣ бад мукофот.

*Фахриддини Гургонӣ*

Нигар, неку бад то чӣ кардӣ зи пеш,
Бибинӣ ҳамон боз подоши хеш!

*Асадии Тӯсӣ*

Маяндоз санги гарон аз барат,
Ки чун бозгардад, фитад бар сарат!

*Асадии Тӯсӣ*

Магӯй он чи тоқат надорӣ шунуд,
Ки ҷавкишта гандум нахоҳад дуруд.

*Носири Хусрав*

Чу бад кардӣ, машав эмин зи офот,
Ки воҷиб шуд табиатро мукофот.

*Носири Хусрав*

Чу дашном гӯӣ, дуо нашнавӣ,
Ба ҷуз киштаи хеш менадравӣ!

*Саъдии Шерозӣ*

Зи хайрат хайр пеш ояд, бикун чандон, ки битвонӣ,
Мукофоти бадӣ кардан намегӯям, ту худ донӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Он гӯй, ки тоқати ҷавобаш дорӣ,
Гандум набарӣ ба хона, чун ҷав корӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз мукофоти амал ғофил машав,
Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки ба раҳ баҳри касе чоҳ кард,
Аз паи худ зери замин роҳ кард.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Пунба киштӣ, тамаъ ба мош мадор,
Ҷав бикорӣ, адас наёрад бор.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Аҳли олам ҳама кишоварзанд,
Ҳар чи коранд, ҳамон даравабанд.

*Ибни Ямин*

Агар бад кунӣ, чашми некӣ мадор,
Ки гар хор корӣ, суман надравӣ!

*Ибни Ямин*

Дило, гӯш кун аз ман ин нуктаи хуш,
Ки мондаст дар гӯшам аз нуктадонон,
Ки « Ҳар к-ӯ кашад теғи номеҳрубонӣ,
Шавад куштаи теғи номеҳрубонон» .

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба кӯҳ он чи гӯӣ, ҷуз он нашнавӣ,
Ба хок он чи корӣ, ҷуз он надравӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҷав чу корӣ, ҳосили он кишта кай гандум бувад?!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Касе гар дар ҷаҳон кӯбад дареро,
Дари ӯро бикӯбанд аз дигар ҷо.

*Рогиби Самарқандӣ*

Роҳро бад марав, ки бад афтӣ,
Чоҳ дар раҳ макан, ки худ афтӣ.

*Камолиддини Биноӣ*

Дастат гирад касе, ки гирӣ дасташ,
Музди ҳама даст ба даст аст ин ҷо.

*Абдулқодири Бедил*

Ҳар неку баде, ки дар китоб аст,
Бигзор ба ҳам, ки вақти хоб аст.

* * *

Агар сангӣ, он оҳан аз санг хост,
В-агар оҳанӣ, санг оҳанрабост.

* * *

Ҳар чи кунӣ, ба худ кунӣ, гар ҳама неку бад кунӣ
Кас накунад ба ҷои ту, он чи ба ҷои худ кунӣ.

* * *

Некӣ кунӣ, барои ту некӣ кунанд боз,
В-ар бад кунӣ, барои ту аз бад батар кунанд.

* * *

Дари касеро ангушт занӣ,
Дари туро мушт зананд.

* * *

Ҳар ки бадӣ кард, ба бад ёр шуд,
Ҳам ба бади хеш гирифтор шуд.

* * *

Оқибат ҳар касе зи пасту баланд
Ба ҷазои амал шавад побанд.

* * *

Ба кирдори нек–сазои нек,
Ба кирдори бад–сазои бад.

* * *

Он ки он кунад, ки хоҳад,
Он ҷош баранд, ки нахоҳад.

* * *

Ҷафо бинад ҳар он кас, ки ҷафо кард.

* * *

Амали ҳар кас попечи худаш мешавад.

* * *

Некиро некӣ ояд.

* * *

Кардаи хеш оядат пеш.

* * *

Кулӯхандозро подош санг аст.

* * *

Макун бад, то набинӣ бад мукофот.

* * *

Ҳар ки бад оғоз кард, аз бад кайфар бурд.

## 60.МАРГ

Ончунон зӣ, ки бимирӣ, бираҳӣ,
На чунон зӣ, ки бимирӣ, бираҳанд.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ёд дорӣ, ки вақти зодани ту
Ҳама хандон буданду ту гирён?
Ончунон зӣ, ки вақти рафтани ту
Ҳама гирён шаванду ту хандон!

*Саъдии Шерозӣ*

Марг беҳтар аз зиндагонии талх.

*Саъдии Шерозӣ*

Марги соҳибдил ҷаҳонеро далели кулфат аст,
Шамъ чун хомӯш гардад, доғи маҳфил мешавад.

*Абдулқодири Бедил*

Гуфт Афлотуни доно вақти мурдан як сухан:
«Ҳайфи доно мурдану сад ҳайфи нодон зистан!

Хуб шуд, доно бимурду рӯи нодонро надид,
Мурдани доно беҳ аз як дам ба нодон зистан!».

* * *

Касоне, ки рахт аз ҷаҳон бурдаанд,
Ҳама дар ғами зистан мурдаанд.

* * *

Ҳар чи дар дунё офарида шуда, зебост, зеботар аз ҳама марг ва кушта шудан дар роҳи ватан аст.

* * *

Марги бошараф беҳ, аз зиндагии пурмазаллат.

* * *

Як мурдаи baном беҳ, зи сад зиндаи бенанг.

* * *

Мурдан авлотар, ки дар беэътиборӣ ба сар бурдан.

* * *

Мурдани баиззат беҳ, ки зиндагии бомазаллат.

* * *

Мурдан беҳ, то ба коми адӯ зистан.

* * *

Аз марг натарсед, зеро талхии ӯ аз тарс аз ӯст.

* * *

Марг бо ёрон тӯй аст.

## 61.НОМИ НЕК

Чу мирем бе ному ноком мо,
Ҳамон беҳ, ки мирем боном мо.
Ба номи накӯ кушта гаштан ба ҷанг,
Беҳ аз зиндагонӣ ба айбу ба нанг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳамон беҳ, ки бо кина дод оварем,
Ба ном андарун ном ёд оварем,
Ки ном аст андар ҷаҳон ёдгор,
Намонад ба кас ҷовидон рӯзгор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳаме ном ҷовид монад, на ком,
Бияндоз кому барафроз ном!
Зи ном аст то ҷовидон зинда мард,
Ки мурда шавад колбад зери гард.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,
Зи мардум намонад ба ҷуз гуфтанӣ.
Ба номи накӯ гар бимирам, равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Равонат маранҷону магдоз тан,
Зи хун рехтан бозкаш хештан!
Пас аз марг нафрин бувад бар касе,
К-аз ӯ номи зиште бимонад басе.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳамон ном беҳтар, ки монад баланд,
Ки марг афканад сӯи мо ҳам каманд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ва з-он кас, ки монад ҳаме ном бад,
Ба оғоз бад буду анҷом бад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи хуршеду обу зи боду зи хок
Нагардад табаҳ ному гуфтори пок.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Маро сар ниҳон гар шавад зери санг,
Аз он беҳ, ки номам барояд ба нанг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Чунин гуфт мӯъбад, ки «Мурдан ба ном
Беҳ аз зинда–душман бар ӯ шодком».

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Намонад касе дар ҷаҳон пойдор,
Ҳама номи некӯ бувад ёдгор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба осоишу некномӣ гарой,
Гурезон шав аз марди нопокрой!

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Напояд ҷаҳон, эй бародар, ба кас,
Намонад ҷуз аз номи некӯву бас.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бипарҳез, то бад нагардад-т ном,
Ки бадном гетӣ набинад ба ком.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Кас наёбад ба ҳеҷ рӯю наёфт,
Некномӣ ба зарқу ҳилаю фан.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Зи осонӣ наёяд шодкомӣ
Зи беранҷӣ наёяд некномӣ.

*Фахриддини Гургонӣ*

Тан аз ганҷи динор мафкан ба ранҷ,
Зи некию номи накӯ соз ганҷ!

*Асадии Тӯсӣ*

Накӯномӣ аз гетӣ онро сазост.
Ки кирдори ӯ хубу гуфтор рост.

*Асадии Тӯсӣ*

На неконро бад афтодаст ҳаргиз.
На бадкирдорро фарҷоми некӯ.
Бадон рафтанду некон ҳам намонданд,
Чӣ монад? Номи зишту номи некӯ.

*Саъдии Шерозӣ*

Намирад, гар бимирад некноме,
Ки дар хайлаш бувад қоиммақомӣ.

Чу дар маҷлис чароғе ҳаст, агар шамъ
Бимирад, ҳамчунон равшан бувад ҷамъ.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу медонӣ, ки ҷовидон намонӣ,
Раво дорӣ, ки номи бад бимонад?

*Саъдии Шерозӣ*

Яке карда беобрӯӣ басе,
Чӣ ғам дорад аз обрӯи касе?
Басо номи некӯӣ панҷоҳ сол,
Ки як номи зишташ кунад поймол.

*Саъдии Шерозӣ*

Наёмад касе дар ҷаҳон, к-ӯ бимонд,
Магар он, к-аз ӯ номи некӯ бимонд.

*Саъдии Шерозӣ*

Номи некӯ гар бимонад з-одамӣ,
Беҳ, к-аз ӯ монад сарои зарнигор.

*Саъдии Шерозӣ*

Накӯномро ҷоҳу ташрифу мол
Бияфзуду бадгӯйро гӯшмол.

*Саъдии Шерозӣ*

Номи накӯе чу бурун шуд ба кӯй,
Дарнатавонӣ, ки бибандӣ ба рӯй!

*Саъдии Шерозӣ*

Номи неки рафтагон зоеъ макун,
То бимонад номи некат пойдор.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар он, к-ӯ намонд аз паяш ёдгор,
Дарахти вуҷудаш наёвард бор.

*Саъдии Шерозӣ*

Қорун ҳалок шуд, ки чиҳил хона ганҷ дошт,
Нӯшервон намурд, ки номи накӯ гузошт.

*Саъдии Шерозӣ*

Бузурге, к-аз ӯ номи некӯ намонд,
Тавон гуфт бо аҳли дил, к-ӯ намонд!

*Саъдии Шерозӣ*

Зиндаи ҷовид монд, ҳар ки накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз ҳосили дунё ба ҷуз ном намемонад ва бадбахт касест, ки аз ӯ ин ҳам намонад.

*Саъдии Шерозӣ*

Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд.

*Саъдии Шерозӣ*

Зинда ба мурда машав, эй нотамом,
Зинда ту кун мурдаи худро ба ном!
Аз падари мурда малоф, эй ҷавон,
Гар на сагӣ, чун хушӣ аз устухон?!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чунон кун зиндагонӣ дар замона,
Ки аз вай зинда монӣ ҷовидона.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Тан, ки хоҳад гузошт ҳар чи ки дошт,
Некбахт он, ки номи нек гузошт.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Бар он кас бувад зиндагонӣ ҳаром,
Ки ӯро намонад пас аз марг ном.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чунон кун бо ҳама кас зиндагонӣ,
Ки монӣ зинда, чун зинда намонӣ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Мурдани одамӣ ба нокомӣ
Беҳтар аз зистан ба бадномӣ.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Намурд он касе, к-аз ҷаҳон ном бурд,
Ки марди накӯном ҳаргиз намурд.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ба сабр ар барояд туро номи нек,
Диҳад номи некат саранҷоми нек.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гар дасти фитодае бигирӣ,
Чандон, ки ҷаҳон бувад, намирӣ!
Чун номи накӯт ёр бошад,
Бо марг туро чӣ кор бошад?!

*Шоҳини Шерозӣ*

Зи ҳар кас, ки номе дар айём монд,
Чӣ ғам, гар бимирад, к-аз ӯ ном монд.

*Шамсиддини Шоҳин*

Бидон, ки дар некномӣ марг беҳтар аз ҳаёти дар бадномӣ.

*«Калила ва Димна»*

Касе, к-ӯ шуд ба номи нек машҳур,
Пас аз маргаш бузургон зинда донанд.
Вале он кас, ки бадфеъл асту бадном,
Агарчи зинда бошад, мурда хонанд.

* * *

Аз ҷавонони ҷаҳон номи накӯ мемонад,
Фасли гул мегузарад, лаззати бӯ мемонад.

* * *

Чист, ки беҳтар аз зиндагонӣ ва бадтар аз марг бошад? ! Беҳтар аз зиндагонӣ некномист ва бадтар аз марг– бадномӣ.

* * *

Лаззати зиндагониро дар некномӣ шинос!

* * *

Ҳар ки накӯном шуд, аз асари некӣ аст.

* * *

Номи баланд беҳ аз боми баланд.

* * *

Номи мард беҳ аз мард.

* * *

Гумномӣ беҳ, ки бадномӣ.

* * *

Аз марди нек–номи нек.

* * *

Аз некон – боғ,
Аз бадон– доғ.

## ГУНОГУН

Дар сахтӣ дил дошта бош ва дар шодии зиндагӣ ба қалъаи сабр паноҳ бибару мардона бикӯш, оқибат пирӯз мешавӣ.

*Анӯшервон*

Ҳеҷ ганҷе беҳ аз ҳунар нест ва ҳеҷ иззе бузургвортар аз дониш нест ва ҳеҷ пирояе беҳтар аз шарм нест ва ҳеҷ душмане бадтар аз хӯи бад нест.

*Суқрот*

Ба хирасар шумарад серхӯрда гурсанаро,
Чунон ки дарди касон бар дигар касе хор аст.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Яке олуда кас бошад, ки шаҳреро биёлояд.
Чу аз говон яке бошад, ки говонро кунад рехан.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ту аз фарғӯл бояд дур бошӣ,
Шавӣ дунболи кору ҷон ҳарошӣ!

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Он чи бо ранҷ ёфтишу ба зил,
Ту ба осонӣ аз гизофа мадеш!

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Чун набошад бинои хона дуруст,
Бегумонам, ки зер рашт ояд.

*Абӯабдуллоҳи Фароловӣ*

Зи дарё ҳамеша гуҳар н-оваранд,
Яке рӯз бошад, ки сар н-оваранд.

*Абӯшакури Балхӣ*

Хештанпосдор бошу бепархош,
Рав, ба оғолиш андарун махрош!

*Абӯмансури Дақиқӣ*

Сириштитан аз чор гавҳар бувад,
Ки бо мард ҳар чор дарх(в)ар бувад.
Яке пурҳунар мард бо шарму дод,
Дигар, к-ӯ бувад якдилу якниҳод.
Савум, к-ӯ миёна гузинад зи кор,
Писанд оядаш бахшиши рӯзгор.
Чаҳорум наронад сухан аз газоф,
Зи бедонишон ном ҷӯяд, на лоф.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки ҷӯяд ҳаме бартарӣ,
Ҳунарҳо бибояд ба-дин доварӣ.
Яке, рою фарҳанг бояд нахуст,
Дувум, озмоиш бибояд дуруст.

Савум, ёр бояд-т ҳангоми кор,
Зи ҳар неку бад баргирифтан шумор.
Чаҳорум, хирад бояду ростӣ,
Бишустан дил аз кажжию костӣ.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Фиристода бояд, ки доно бувад,
Ба гуфтан далеру тавоно бувад.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҷаҳон сар ба сар ҳикмату ибрат аст,
Чаро баҳраи мо ҳама ғафлат аст?!
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба сол ар бародар зи ман меҳтар аст,
На ҳар, к-ӯ бувад меҳтар, ӯ беҳтар аст.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи нокарданӣ кор бартофтан
Беҳ аз дил ба андӯҳу ғам ёфтан.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи нерӯ бувад мардро ростӣ,
Зи сустӣ каҷӣ зояду костӣ.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ наҷӯяд саранҷоми хеш,
Наёбад зи гетӣ ҳаме коми хеш.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касеро куҷо мағз бошад басе,
Гувожа набояд задан бар касе.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ гунаҳкору хунӣ бувад,
Ба кишвар бимонад, забунӣ бувад.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Дилат сар ба роҳи хато моил аст,
Туро душман андар ҷаҳон худ дил аст.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агарчанд бошӣ бузургу баланд,
Ки мардум ба мардум бувад арҷманд.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Навозиш ба ҳар ҷо бувад дастгир,
Чи аз тезбарно, чи аз марди пир.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба як пашша аз бун надорад хирад,
Азеро касеро ба кас нашмарад.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Агар чун дилат паҳн дарёстӣ,
Зи дарё гуҳармавҷ бархостӣ.
*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Набояд ниҳодан дил андар фиреб,
Ки пеши фароз андар ояд нишеб.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ба полиз чун баркашад сарв шох,
Сари сабзи шохаш барояд ба кох.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Мадоред бе дидбон марзи хеш,
Падид оваред андар ин арзи хеш!
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бикуш оташи хурд пеш аз газанд,
Ки гетӣ бисӯзад, чу гардад баланд.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Касеро, ки пӯшида дорад ниёз,
Ки аз бад ҳаме дер ёбад ҷавоз.
*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳар он кас, ки пӯшид дард аз пизишк,
Зи мижгон фурӯ рехт хунин сиришк.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ним кирдор нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зи овози рӯбаҳ натарсад паланг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ситуда набошад сари бодсар.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҷаҳон нест бар марди ҳушёр танг.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳаром аст даҳ чиз бар родмард,
К-аз он шаш бувад марди озода фард.
Ҳасад бурдану сифлагию дурӯғ,
Намудан ниёзу заифию дард.
Чу неъмат бувад, даст бар дӯстон
Бибояд кушудан ба доду ба х(в)ард.
Чу шиддат бувад, роз пайдо макун,
Биҳил, то шавад рӯяш аз дард зард.

*Абӯалӣ ибни Сино*

Касе, ки оташро ҷой созад андар дил,
Ҳароина, ба дили ӯ расад нахуст зиён.

*Абулқосими Унсурӣ*

Ба чӣ кор ояду чӣ нарх орад
Садафе, к-андарун-ш гавҳар нест?!

*Абулқосими Унсурӣ*

Набувад айш чу маъшуқу бувад бӯсашумор.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Куҷо яқин бувад, он ҷо бакор нест гумон.

*Абулҳасани Фаррухӣ*

Куҷо нур бошад, чӣ ҷои зулом?
Куҷо Моҳ бошад, чӣ ҷои Суҳост?

*Абулфазли Байҳақӣ*

Бо шеру паланг ҳар ки овез кунад,
Он беҳ, ки зи тири фақр парҳез кунад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

То ҷон дар тан аст, умеди роҳату фараҷ аст.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Ҳар рӯзе, ки меояд, кори хеш меорад.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Кас аз модар ваҷеҳ назояд.

*Абулфазли Байҳақӣ*

Агар гӯӣ, ки битвонам, қадам дарнеҳ, ки битвонӣ,
Вагар гӯӣ, ки натвонам, бирав, биншин, ки натвонӣ!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Чаро зинда шумарад касе худро, ки зиндагонии ӯ на бар муроди ӯ бувад?!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Ҳар ки туро зишт гӯяд, маъзуртар аз он касе дон, ки он зишт ба ту расонад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Агар хоҳӣ, ки бар қафои ту нахананд, зердастонро гиромӣ бидор!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Нахуст чашм бинад, он гаҳ дил биписандад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Некдил бош, то некбин бошӣ.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Молро иваз бувад, ҷонро набувад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Хурднигару бузургзабон мабош!

*Унсурулмаолии Кайковус*

Мар он гӯй, ки онро дида бошӣ,
На он, к-аз дигаре бишнида бошӣ.
Хабар ҳаргиз на монанди аён аст,
Яқини дил на ҳамтои гумон аст.

*Фахриддини Гургонӣ*

Чу дар фарҷом хоҳад буд яке кор,
Ҳам аз оғози корояд падидор.

*Фахриддини Гургонӣ*

Набошад морро бачча ба ҷуз мор,
Наёрад шохи бад ҷуз тухми бад бор.

*Фахриддини Гургонӣ*

Гули наргис накӯ бошад ба дидан,
Валекин талх бошад дар чашидан.

*Фахриддини Гургонӣ*

Хуш аст андӯҳи танҳоӣ кашидан,
Агар бошад умеди боз дидан.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ҳама меҳр зи нодидан бикоҳад,
Агар дида набинад, дил нахоҳад.

*Фахриддини Гургонӣ*

Ҳар он гоҳе, ки дорӣ гул чидан кор,
Раво бошад, агар дастат халад хор.

*Фахриддини Гургонӣ*

Нахоҳад хештанро ҳеҷ кас бад.
*Фахриддини Гургонӣ*

Ҳама кас ба як хӯю як хост нест,
Даҳ ангушти мардум ба ҳам рост нест.
*Асадии Тӯсӣ*

Битарс аз ниҳонрашку аз кинавар,
Ба гуфтори ҳар кас дил аз раҳ мабар!
*Асадии Тӯсӣ*

Ба ҳар кор дар зӯр кардан машӯр,
Ки чора басе ҷой беҳтар зи зӯр.
*Асадии Тӯсӣ*

Паси тирагӣ равшанӣ гирад об,
Барояд паси тирашаб Офтоб.
*Асадии Тӯсӣ*

Гуҳар доштӣ, арҷ нашнохтӣ,
Ба нодонӣ аз каф бияндохтӣ.
*Асадии Тӯсӣ*

Намад зуд баркаш, чу шуд з-об тар,
Ки то об монад гаронбортар.
*Асадии Тӯсӣ*

Ба дарёи жарф он ки ҷӯяд садаф,
Бибояд-ш ҷон барниҳодан ба каф.
*Асадии Тӯсӣ*

Касеро магардон чунон сарфароз,
Ки натвонӣ овард аз он поя боз.
*Асадии Тӯсӣ*

Ду чиз аст андар ҷаҳон нектар,
Ҷавонӣ яке, тандурустӣ дигар.
*Асадии Тӯсӣ*

Зи ноустуворӣ маҷӯ айманӣ,
Чу ёбӣ бузургӣ, маёвар манӣ!

*Асадии Тӯсӣ*

Гиристан ба ҳангом бо сӯгу дард
Беҳ аз хандаи нобаҳангому сард.

*Асадии Тӯсӣ*

Ҳар он хишт, к-аз колбад шуд бадар,
Бар он колбад боз н-ояд дигар.

*Асадии Тӯсӣ*

Киро нест дил хуш ба некии хеш,
Гуҳар з-ӯ бувад, гар бад ояд-ш пеш.

*Асадии Тӯсӣ*

Гумонҳо ҳама рост машмар зи дур,
Ки бас монад аз дур шеван ба сур.

*Асадии Тӯсӣ*

Аз мушк бӯй ояд, аз каҳ дуд.

*Асадии Тӯсӣ*

Чу як аён набувад дар ҷаҳон ҳазор хабар,
Ҷу як яқин набувад аз хирад ҳазор гумон.

*Қатрони Табрезӣ*

Агар бадгӯй наздики ту ояд,
Бирон ӯро зи наздикат, нашояд.
Аз ӯ машнав суханҳои хурофот,
К-аз он ояд туро дар охир офот.

*Носири Хусрав*

Беҳтар зи бори ҳикмат бар шохи нафс бар нест,
Хуштар зи лафзи доно зӣ оқилон шакар нест.

*Носири Хусрав*

Афзуние, ки хок шавад фардо,
Он, бегумон, камист, на афзунӣ.

*Носири Хусрав*

Ҳокими худ бошу ба дониш бисанҷ,
Ҳар чи кунӣ рост ба меъёри хеш.

*Носири Хусрав*

Чун зи дасти худ табар бар пои худ,
Худ пизишки хеш бош, эй дардманд!

*Носири Хусрав*

Чун ту касеро надиҳӣ зинҳор,
Халқ надоранд-т ба зинҳори хеш.

*Носири Хусрав*

Ҷамолу зеби доно кам нагардад,
Агарчандаш бипӯшӣ дар ҷуволе.

*Носири Хусрав*

Кори хар аст хобу хур, эй нодон,
Бо хар ба хобу хур чӣ шавӣ ҳамсар?!

*Носири Хусрав*

Бозӣ макун, эй кабк, ғаливож биёмӯз,
Зеро ки ба бозӣ нашавад кабк ғаливож.

*Носири Хусрав*

Абри сиёҳро ба ҳаво андар
Аз ғулғулаи сагон чӣ зиён?!

*Носири Хусрав*

Зи нодиданӣ чашмҳо кӯр дор,
Зи беҳудаҳо гӯш мадҳуш кун!

*Носири Хусрав*

Беҳ аз некӯ сухан чизе наёбӣ,
Ки аз доно барӣ бар расми пора.

*Носири Хусрав*

Бувад бо зиракон зиндон гулистон,
Чу зиндон аст бо ноаҳл бустон.

*Носири Хусрав*

То тавонистӣ, рабудӣ чун уқоб,
Чун шудӣ оҷиз, гирифтӣ каргасӣ.

*Носири Хусрав*

Ҳамон аст ӯ, гараш сад озмоӣ,
Ки н-ояд ҳаргиз аз гург ошноӣ.

*Носири Хусрав*

Гар туро гардан ниҳам аз баҳри мол,
Пас, хато кардаст лобуд модарам.

*Носири Хусрав*

Чу натвонӣ илоҷи дарди кас кард,
Маяфзой аз ҷафояш дард бар дард.

*Носири Хусрав*

Набошад айш бе ҳам дӯстонро,
Чунон чун завқ бе гул бӯстонро.

*Носири Хусрав*

Қатра-қатра ҷамъ гардад, он гаҳе дарё шавад.

*Носири Хусрав*

Бар хони жожхой манеҳ пой ҳаргиз.

*Носири Хусрав*

Кирдор бибояд-т ба андозаи гуфтор!

*Носири Хусрав*

Дониста беҳ бувад зи надониста.
*Носири Хусрав*

Фозил нашавад касе ҷуз аз фозил.
*Носири Хусрав*

Аз дарахтони дигарон бар чин,
В-аз паи дигарон дарахт нишон.
*Масъуди Саъди Салмон*

Ҳар чи аз ҳад бигзарад, ночор гардад зидди он.
*Масъуди Саъди Салмон*

Моҳро аз костан набувад ҳеҷ нангу ор.
*Масъуди Саъди Салмон*

Бо он лаби ширин чӣ диҳӣ посухи талхам?
Некӯ набувад посухи талх аз лаби ширин.
*Абдулмалики Муиззӣ*

Оби дарё аз даҳони саг куҷо гардад палид?!
*Абдулмалики Муиззӣ*

Офтоб арчи равшан аст, ӯро
Пораи абр нопадид кунад.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Дар замона зи ҳар чи ҷонавар аст,
То нашуд пухта, одамӣ батар аст.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳован арчанд чизҳо 
сояд,
Ҳам бисуда шавад, чу вақт ояд.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар ки ӯ баддил асту бадкирдор,
Гарчи зинда-ст, кам зи мурдор аст.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Мулки адл гарчи чун бозуст,
Мулки бетеғ дасти бебозуст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Гар нахоҳӣ, ки бар ту хандад хар,
Назди гавҳаршинос бар гавҳар.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Оби ноёфта гарон бошад,
Чун биёбанд, ройгон бошад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Хирарӯйӣ аз тиравойӣ беҳ,
Безабонӣ зи жожхойӣ беҳ.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Банда кай гардад он, ки бошад ҳур?
Натавон кард зарфи пурро пур!

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Хуфта бедор кардан осон аст,
Ғофилу мурда ҳар ду яксон аст.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҳар куҷо кӯр дидбон бошад,
Лоҷарам, гург саршубон бошад.

*Абулмаҷди Саноӣ*

Қимати дур на аз садаф бошад,
Тирро қимат аз ҳадаф бошад.

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Солҳо шуд, то чу булбул ҷумлагӣ гуфту
накард,
Пас, чу боз охир даме кирдори бегуфтор ку?

*Абдулмаҷди Саноӣ*

Намонад об суханро, чу ронӣ аз паи нон.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Кӯтаҳӣ беҳ зи қиссаи нохуш.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Бади доно зи неки нодон беҳ.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Ҷуд аз абру лоф аз раъд аст.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Баҳри кайке гилем натвон сӯхт.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Нописанд аст ғафлат аз оқил.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Мурғи доно қафасшикан бошад.
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Мурдаву мардро зи марг чӣ бок?
*Абдулмаҷди Саноӣ*

Говест некшир, валекин лагадзан аст.
*Авҳадии Анварӣ*

Хуш набошад ҷома ниме атласу ниме палос.
*Заҳири Фарёбӣ*

Обгина зи санг мезояд,
Лек санг обгина мешиканад.
*Афзалиддини Ҳоқонӣ*

Нашояд ҳама киштан аз баҳри хеш,
Ки рӯзе хуронанд аз андоза беш.
Зи боғе, ки пешинагон коштанд,
Пасояндагон мева бардоштанд.

Чу кишта шуд аз баҳри мо чанд чиз,
Зи баҳри касон мо бикорем низ.
Чу дар кишту кори ҷаҳон бингарем,
Ҳама деҳкишоварзи якдигарем.
*Низомии Ганҷавӣ*

Зи шуғле, к-аз ӯ шармсорӣ расад,
Ба соҳибамал ранҷу хорӣ расад.
*Низомии Ганҷавӣ*

Ҳунар бинад чу айб ин чашми ҷосус,
Ту чашми зоғ бин, на пои товус!
*Низомии Ганҷавӣ*

Агар нахли хурмо набошад баланд,
Зи тороҷи ҳар тифл ёбад газанд.
*Низомии Ганҷавӣ*

Мабодо, ки он оташ ояд ба тоб,
Ки наншинад он гаҳ ба дарёи об.
*Низомии Ганҷавӣ*

Асосе, ки дар осмону замист,
Ба андозаи фикрати одамист.
*Низомии Ганҷавӣ*

Ту худ донӣ, ки дар шамшербозӣ
Ҳалоки сар бувад гарданфарозӣ?!
*Низомии Ганҷавӣ*

Нашояд бар касе кард устуворӣ,
Ки нанмудаст бо кас созгорӣ.
*Низомии Ганҷавӣ*

Ба кор ой андар ин корам ба як чиз,
Ки рӯзе ман ба кор оям туро низ.
*Низомии Ганҷавӣ*

Агар хору хасак дар раҳ намонад,
Гули шамшодро қимат кӣ донад?

*Низомии Ганҷавӣ*

Маяфкан ту гул, чун баҳор оядат,
Ки ҳангоми сармо ба кор оядат.

*Низомии Ганҷавӣ*

Мадор аз ҳеҷ навъе гард бар дил,
Ки бошад гард бар дил дард бар дил.

*Низомии Ганҷавӣ*

На яксон рӯяд аз дасте даҳ нагушт.

*Низомии Ганҷавӣ*

Ҳар ки тиҳикисатар, осудатар.

*Низомии Ганҷавӣ*

Хуби кам аз бади фузун беҳ.

*Низомии Ганҷавӣ*

Яке бо сад ояд, на сад бо яке.

*Низомии Ганҷавӣ*

Кас аз пешбинӣ набинад газанд.

*Низомии Ганҷавӣ*

Раҳ натавон рафт ба пои касон.

*Низомии Ганҷавӣ*

Кас нагӯяд, ки дӯғи ман турш аст.

*Низомии Ганҷавӣ*

Зи беолатон кор н-ояд дуруст.

*Низомии Ганҷавӣ*

Чор чиз омад бузургу муътабар,
Менамояд хор, лекин дар назар.

З-он яке хасм асту дигар оташ аст,
Боз беморӣ, ки з-ӯ дил нох(в)аш аст.
Чорумин пониш, ки орояд туро,
Ин ҳама то хурд нанмояд туро.

*Фаридуддини Аттор*

Эй писар, ҳар кас, ки дорад чор чиз,
Чори дигар ҳам шавад мавҷуд низ.
Оқибат расвоӣ ояд аз лаҷоҷ,
Хашмро накнад пушаймонӣ илоҷ.
Бегумон, хезад аз он ҷо душманӣ,
Ҳосил ояд хорӣ аз коҳилтанӣ.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ки ӯро маърифат ҳосил нашуд,
Ҳеч бар мақсуди худ восил нашуд.

*Фаридуддини Аттор*

Зарраи оташ чу шуд афрӯхта,
Бинӣ аз вай оламеро сӯхта.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳар ҷой, ки Офтоб рахшон гардад,
Пайдо бошад, ки соя пинҳон гардад.

*Фаридуддини Аттор*

Дар ҷаҳон, донӣ, кӣ гардад муътабар?
Он, ки ӯро пок мебошад назар.

*Фаридуддини Аттор*

Ҳоли худро аз ду кас пинҳон мадор:
Аз табиби ҳозиқу аз ёри ғор.

*Фаридуддини Аттор*

Ранҷи андакро бикун ғамхорагӣ!
Варна бинӣ аҷз дар бечорагӣ.

*Фаридуддини Аттор*

Дарди сарро чун наҷӯяд кас илоҷ,
Хавфи он бошад, ки бад гардад мизоҷ!
*Фаридуддини Аттор*

Оташи андак тавон куштан ба об,
Войи он соат, ки гирад илтиҳоб!
*Фаридуддини Аттор*

Ҳар чи он аз хилту хун зебо бувад,
Мубталои он шудан беҷо бувад.
*Фаридуддини Аттор*

Ҳар қатра, ки ҳамранг нашуд бо дарё,
Ӯ дар дарё чӣ гуна дарё бинад?
*Фаридуддини Аттор*

Ҳар чи дил гӯяд, бар он натвон фузуд.
*Фаридуддини Аттор*

Малоҳат бояд аввал, пас фасоҳат.
*Фаридуддини Аттор*

Он чи шеронро кунад рӯбаҳмизоҷ,
Эҳтиёҷ аст, эҳтиёҷ аст, эҳтиёҷ!
*Ҷалолиддини Румӣ*

Он чи бомаънист, худ пайдо шавад,
В-он чи бемаънист, худ расво шавад.
*Ҷалолиддини Румӣ*

Он яке хар дошт, полонаш набуд,
Ёфт полон, гург харро даррабуд.
*Ҷалолиддини Румӣ*

Во нагардад аз раҳаш тир, эй писар,
Банд бояд кард селеро зи сар.
*Ҷалолиддини Румӣ*

Оби дарёро агар натвон кашид,
Ҳам ба қадри ташнагӣ бояд чашид.

*Ҷалолиддини Румӣ*

То нагиряд абр, кай хандад чаман?
То нагиряд тифл, кай нӯшад лабан?!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар ки аввалибин бувад, аъмо бувад,
Ҳар ки охирбин, чӣ бомаъно бувад!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Комиле гар хок гирад, зар шавад,
Ноқис ар зар бурд, хокистар шавад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Чун басе Иблиси одамрӯй ҳаст,
Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Берун зи ту нест ҳар чи дар олам ҳаст,
Аз худ биталаб ҳар он чи хоҳӣ, ки туӣ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Агар одамеро шодие дар дил меояд, аз он сабаб аст, ки ӯ касеро шод кардааст ва агар ғамгин мешавад, касеро ғамгин кардааст.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Моҳӣ аз сар ганда гардад, не зи дум.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Аз паи ҳар гиря охир хандаест.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Душмани товус омад парри ӯ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Фикри ширин мардро фарбеҳ кунад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Форигӣ аст аз мадҳу таърифи Офтоб.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Рустамӣ хуш оядат, ханҷар бигир!

*Ҷалолиддини Румӣ*

Нотиқ он кас шуд, ки аз модар шунид.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Ҳар чи осон ёфтӣ, осон диҳӣ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Оқибат ҷӯянда ёбанда бувад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Гурбаи мискин агар пар доштӣ,
Тухми гунҷишк аз ҷаҳон бардоштӣ.
Ин ду шохи гов агар хар доштӣ,
Ҳеҷ касро пеши худ нагзоштӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Он ки дар роҳату танаъъум зист,
Ӯ чӣ донад, ки ҳоли гурсана чист?
Ҳоли дармондагон касе донад,
Ки ба аҳволи хеш дармонад.

*Саъдии Шерозӣ*

Дашноми ту сар ба сар шунидам,
Имкони муқовамат надидам.
Бо мисли ту карда беҳ мудоро,
То вақт бувад ҷавоби моро.

*Саъдии Шерозӣ*

Ба дидори мардум шудан айб нест,
Валекин на чандон, ки гӯянд: «Бас!»
Агар хештанро маломат кунӣ,
Маломат набояд шунидан зи кас.

*Саъдии Шерозӣ*

Доманолуда агар худ ҳама ҳикмат гӯяд,
Бо сухан гуфтани зебош ба-дон беҳ нашавад!
З-он ки покиза равад, гар бинишинад хомӯш,
Ҳама аз сирати зебош насиҳат шунавад!

*Саъдии Шерозӣ*

Чу медонистӣ афтодан ба ночор,
Набоистӣ чунин боло нишастан.
Ба пои хеш рафтан беҳ набудӣ,
К-аз асп афтодану гардан шикастан?

*Саъдии Шерозӣ*

Гаҳ бувад, к-аз ҳакими равшанрой
Барнаёяд дуруст тадбире.

Гоҳ бошад, ки кӯдаке нодон
Беғалат бар ҳадаф занад тире.

*Саъдии Шерозӣ*

Гар санг ҳама лаъли Бадахшон будӣ,
Пас, қимати лаълу санг яксон будӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Дарахт агар мутаҳаррик шудӣ зи ҷой ба ҷой,
На ҷаври арра кашидию на ҷафои табар.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳоҷӣ ту нестӣ, шутур аст, аз барои онк
Бечора бор мебараду хор мехурад.

*Саъдии Шерозӣ*

То шавад ҷисми фарбеҳе лоғар,
Лоғаре мурда бошад аз сахтӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Паланг аз задан кинавартар шавад,
Ба бод оташи тез бартар шавад.

*Саъдии Шерозӣ*

Қавли матбӯъ аз даруни сӯзнок ояд, ки уд,
Чун ҳамесӯзад, ҷаҳон аз вай муаттар мешавад.
*Саъдии Шерозӣ*

Гурба шер аст дар гирифтани муш,
Лек муш аст дар масофи паланг.
*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар куҷо чашмае бувад ширин,
Мардуму мурғу мӯр гирд оянд.
*Саъдии Шерозӣ*

Кунун бояд ин мурғро пой баст,
На он дам, ки сарришта бурдат зи даст.
*Саъдии Шерозӣ*

Накунад ҳаргиз аҳли донишу дод
Дили мардум харобу ганҷ обод.
*Саъдии Шерозӣ*

Куҳанҷомаи хеш пиростан
Беҳ аз ҷомаи орият хостан.
*Саъдии Шерозӣ*

Дили зинда ҳаргиз нагардад ҳалок,
Тани зиндадил гар бимирад, чӣ бок?!
*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар гунохе, ки мекунад говон,
Соҳиби пода медиҳад товон.
*Саъдии Шерозӣ*

Чӣ донад хобноки масти махмур,
Ки шабро чун ба рӯз овард ранҷур?!
*Саъдии Шерозӣ*

Шамъ, к-аз ҳад бадар бияфрӯзӣ,
Бим бошад, ки хонумон сӯзӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Занбӯри дурушти бемурувватро гӯй:
«Боре, чу асал намедиҳӣ, неш мазан!»

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар он оқил, ки бо Маҷнун нишинад,
Нагӯяд ҷуз ҳадиси рӯи Лайлӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Аблаҳе, к-ӯ рӯзи равшан шамъи кофурӣ ниҳад,
Зуд бошад, к-аш ба шаб равған набинад дар чароғ.

*Саъдии Шерозӣ*

Сари чашма шояд гирифтан ба бел,
Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил.

*Саъдии Шерозӣ*

Наёяд ба наздики induniш писанд
Ман осудаву дигаре пойбанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Дарахте, ки акнун гирифтаст пой,
Ба нерӯи марде дарояд зи ҷой.

*Саъдии Шерозӣ*

Аспи лоғармиён ба кор ояд
Рӯзи майдон, на гови парворӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Хона аз пойбаст вайрон аст,
Хоҷа дар банди нақши айвон аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Оҳанеро, ки мӯриёна бихӯрд,
Натавон бурд аз ӯ ба сайқал занг.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар жола ҳар қатрае дур шудӣ,
Чу ҳармуҳра бозор аз ӯ пур шудӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Обгина ҳама ҷо ёбӣ, аз он қадраш нест,
Лаъл душвор ба даст ояд, аз он аст азиз.

*Саъдии Шерозӣ*

Ту чӣ армуғоне орӣ, ки ба дӯстон фиристӣ,
Чӣ аз он беҳ армуғоне, ки ту хештан биёӣ?!

*Саъдии Шерозӣ*

Уфтодаст дар ҷаҳон бисёр
Бетамиз арҷманду оқил хор.

*Саъдии Шерозӣ*

Надонад он, ки даровард дӯстон аз пой,
Ки бехилоф бичунбанд душманон аз ҷой.

*Саъдии Шерозӣ*

Дидем басе, об зи сарчашмаи хурд,
Чун бештар омад, шутуру бор бибурд.

*Саъдии Шерозӣ*

Надорад касе бо ту ногуфта кор,
Валекин чу гуфтӣ, далелаш биёр!

*Саъдии Шерозӣ*

Сайёд на ҳар бор шикоре бибарад,
Афтад, ки яке рӯз палангаш бидарад.

*Саъдии Шерозӣ*

Чӣ хабар дорад аз пиёда савор,
Ӯ ҳаме меравад, ту метозӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Паланге, ки гардан кашад бар вуҳуш,
Ба дом афтад аз баҳри хӯрдан чу муш.

*Саъдии Шерозӣ*

Чӣ хуш бувад, ду дил орому дастдаргардан
Ба ҳам нишастану ҳалвои оштӣ хӯрдан.

*Саъдии Шерозӣ*

Ғаввос агар андеша кунад коми наҳанг,
Ҳаргиз накунад дурри гаронмоя ба чанг.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳосили умри талафкардаи айёму ба лаҳв
Гузаронида ба ҷуз ҳайфу пушаймонӣ нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Онро, ки ҷой нест, ҳама шаҳр ҷои ӯст,
Дарвеш, ҳар куҷо, ки шаб ояд, сарои ӯст.

*Саъдии Шерозӣ*

Тани зиндадил хуфта дар зери гил
Беҳ аз одами зиндаи мурдадил

*Саъдии Шерозӣ*

Гар дар ҳама чоҳ оби ҳайвон будӣ,
Дарёфтанаш бар ҳама осон будӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ки гӯяд калоғ чун боз аст,
Нашнавандаш, ки дидаҳо боз аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Чу беҳ гаштӣ, табиб аз худ маёзор,
Ки бемории тавон будан дигар бор!

*Саъдии Шерозӣ*

Макун намоз бар он ҳеч кас, ки ҳеҷ накард,
Ки умр дар сари таҳсили мол карду нах(в)ард.

*Саъдии Шерозӣ*

Ташнагонро намояд андар хоб
Ҳама олам ба чашм чашмаи об.

*Саъдии Шерозӣ*

Тавон нон хӯрд, агар дандон набошад,
Мусибат он бувад, ки нон набошад.

*Саъдии Шерозӣ*

Мурғ ҷое равад, ки чина бувад,
На ба ҷое равад, ки чӣ набувад.

*Саъдии Шерозӣ*

Барандоз бехе, ки хор оварад,
Дарахте бипарвар, ки бор оварад!

*Саъдии Шерозӣ*

Хишти аввал чу ниҳад меъмор каҷ,
То Сурайё меравад девор каҷ.

*Саъдии Шерозӣ*

Хуфта хабар надорад сар дар канори ҷонон,
К-ин шаб дароз бошад дар чашми посбонон.

*Саъдии Шерозӣ*

Гӯяндаро чӣ ғам, ки насиҳат қабул нест,
Гар нома рад кунанд, гуноҳи расул нест.

*Саъдии Шерозӣ*

Ту пок бошу мадор, эй бародар, аз кас бок,
Зананд ҷомаи нопок козурон бар санг.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар мушки холис надорӣ, магӯй,
Вагар ҳаст, худ фош гардад ба бӯй.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар дунё набошад, дардмандем,
Вагар бошад, ба меҳраш пойбандем.

*Саъдии Шерозӣ*

Кас наёмӯхт илми тир аз ман,
Ки маро оқибат нишона накард.

*Саъдии Шерозӣ*

Мискин хар агарчи бетамиз аст,
Чун бор ҳамебарад азиз аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Абр агар оби зиндагӣ борад,
Ҳаргиз аз шохи бед бар нахурӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Тавон ба ҳалқ фурӯ бурдан устухони дурушт,
Вале шикам бидарад, чун бигирад андар ноф.

*Саъдии Шерозӣ*

Каждумро гуфтанд: «Чаро ба зимистон берун наоӣ?» Гуфт: «Ба тобистон чӣ ҳурмат дорам, ки ба зимистон низ биёям?!».

*Саъдии Шерозӣ*

Аз подоши он эмин мабош, ки пайкон аз ҷароҳат бадар ояду озор дар дил бимонад.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар ҷаври шикам набудӣ, ҳеҷ мурғе дар доми сайёд наяфтодӣ, балки сайёд худ дом наниҳодӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Луқмонро гуфтанд: «Ҳикматро аз кӣ омӯхтӣ?» Гуфт «Аз нобиноён, ки то ҷое набинанд, пой нанеҳанд».

*Саъдии Шерозӣ*

На чандон дурушт́и кун, ки аз ту сер шаванд ва на чандон нарм́и, ки бар ту далер гарданд.

*Саъдии Шероз́и*

Муҳтасиб гар май хурад, маъзур дорад мастро.

*Саъдии Шероз́и*

Қадри офият касе донад, ки ба мусибате гирифтор ояд.

*Саъдии Шероз́и*

На ҳар ки дар муҷодила чуст, дар муомила дуруст.

*Саъдии Шероз́и*

Ба ҳалоки душман касе шодмон́и кунад, ки аз ҳалоки хеш эмин бошад.

*Саъдии Шероз́и*

Ҳар чи дар дида накӯ намояд, ба дил фурӯ ояд.

*Саъдии Шероз́и*

Лаззати ангур бева донад, на худованди мева.

*Саъдии Шероз́и*

Се чиз бе се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорат ва илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат.

*Саъдии Шероз́и*

Кас натавонад гирифт домани давлат ба зӯр.

*Саъдии Шероз́и*

Доман аз куҷо орам, ки пероҳан надорам?!

*Саъдии Шероз́и*

Аз нафспарвар ҳунарвар́и наёяд ва беҳунар сарвариро нашояд.

*Саъдии Шероз́и*

То тарёк аз Ироқ оварда шавад, моргазида мурда бошад.

*Саъдии Шерозӣ*

Дароз нест биёбоне, ки ҳаст поёнаш.

*Саъдии Шерозӣ*

Ғарқа дар баҳр чӣ андеша кунад тӯфонро?!

*Саъдии Шерозӣ*

Мурғи ошиқ тарабангез бувад овозаш.

*Саъдии Шерозӣ*

То чӣ шаклӣ ту, дар оина ҳамон хоҳӣ дид.

*Саъдии Шерозӣ*

Ростии абрӯ дар каҷии он аст.

*Саъдии Шерозӣ*

Муши кӯр нахоҳад, ки Офтоб барояд.

*Саъдии Шерозӣ*

Бувад ҳурмати ҳар кас аз хештан.

*Саъдии Шерозӣ*

Ман низ бар онам, ки ҳама халқ бар онанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар чи дер напояд, дилбастагиро нашояд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ман онам, ки ман донам.

*Саъдии Шерозӣ*

Хубрӯён кушодарӯ бошанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Дуздон даст кӯтаҳ накунанд, то дасташон кӯтаҳ кунанд.

*Саъдии Шерозӣ*

Ду саг бар мурдоре бо ҳам ба сар набаранд.
*Саъдии Шерозӣ*

Бикун ҳар он чи бишояд, на ҳар чи битавонӣ!
*Саъдии Шерозӣ*

Тири кач боиси расвоии тирандоз аст.
*Саъдии Шерозӣ*

Наояд аз асал, ҷони ман, захми неш.
*Саъдии Шерозӣ*

Ҳар ҷо, ки гул аст, хор аст.
*Саъдии Шерозӣ*

Ҳоҷати машшота нест рӯи дилоромро.
*Саъдии Шерозӣ*

Дору ба гумон хӯрдан кори хирадмандон нест.
*Саъдии Шерозӣ*

Ту, ки чароғ набинӣ, бо чароғ чӣ бинӣ?!
*Саъдии Шерозӣ*

Андӯҳи дили сӯхта дилсӯхта донад.
*Саъдии Шерозӣ*

То шаб наравӣ, рӯз ба ҷое нарасӣ.
*Саъдии Шерозӣ*

Бар фурӯдастон магӯ дашном, агар ту бартарӣ,
З-он ки ту гӯӣ баланд, оҳиста ӯ гӯяд басе.
Аз ту ҳар кас бишнавад, бад гӯядат,
З-ӯ касе чун нашнавад, ӯро нагӯяд бад касе.
*Хусрави Деҳлавӣ*

Чанд зи ёди падару ҷад барӣ?
Бад бувад он, ҳар чи на аз худ барӣ.
*Хусрави Деҳлавӣ*

Як шох, ки меваe диҳад тар,
Беҳтар зи ҳазор боғи бебар.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Дил талаб аз мард, на андому пушт,
Боз сабук бошаду лаклак дурушт.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Бар он тангрӯзӣ бибояд гирист,
Ки аз бими тангӣ бувад тангзист.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чу хоҷа ба яғмо диҳад хонаро,
Чӣ чора зи тороҷ бегонаро?!

*Хусрави Деҳлавӣ*

Аввалин нуқта гарчи чуст бувад,
Охирин беҳтар аз нахуст бувад.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чу товусро хона шуд бӯстон,
Дигар ёд н-орад зи Ҳиндустон.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Сад ёр бувад ба нон, шаке нест,
Чун кор бувад ба ҷон, яке нест.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Кас ба такаллуф нашавад дӯстрӯй,
То ба табиат нашавад дӯстхӯй.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Фоқа беҳ, ар талх бувад мизбон,
Хуфта беҳ, ар кӯр бувад посбон.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Хона, к-асосаш бувад аз хишти хом,
Паст шавад аз ду-се борон тамом.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Чу кардӣ дарахт аз паи мева паст,
Ҷуз он мева дигар наёяд ба даст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Аз нони касон навола додан
Бар нася бувад қабола додан.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Касе кач нарафтаст бо ростон.

*Хусрави Деҳлавӣ*

На ҳар сар лоиқи соҳибкулоҳ аст.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Дар замин он, ки хору хас бигзошт,
Тухм дар вай куҷо тавонад кошт?

*Рукниддини Авҳадӣ*

Қавли феълу замин чун шуд рост,
Ихтилофе намонад андар хост.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Набувад нек назди бедорон
Раҳи беёру кори беёрон.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҳар чи пурсам туро, баҳона маҷӯй,
Пеши ман кач нишину рост бигӯй.

*Рукниддини Авҳадӣ*

То надонӣ, ки кист ҳамсоя,
Ба иморат талаф макун моя!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Ҳар кас, ки бо дарахти гуле дӯстӣ кунад,
Шарт он бувад, ки бознагардад ба хор аз ӯ.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Пару боли хирад зи дил бошад,
Тани бедил ҷуволи гил бошад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Гоҳ мастию гаҳ харобӣ ту,
Кас надонад, ки аз чӣ бобӣ ту?!

*Рукниддини Авҳадӣ*

Роҳи мардон ба худфурӯшӣ нест.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Касе, к-ӯ ангабин ҷӯяд, чӣ бок аз неши занбӯраш?

*Рукниддини Авҳадӣ*

Сурат аз маънӣ нур гирад.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Натвон баландпоя паридан, чу бол нест.

*Рукниддини Авҳадӣ*

Гар зи сӯзи ташнагӣ ҷонат ба лаб хоҳад расид,
Аз Хизир мапзир миннат баҳри оби зиндагӣ.

*Ибни Ямин*

Коғази хом шакарпеч бувад,
Коғази пухта бувад маънипеч.

*Ибни Ямин*

Чӣ суд он гаҳ, ки моҳӣ мурда бошад,
Ки боз ояд ба ҷӯи рафта обе?!

*Ибни Ямин*

Оташ кунад падид: уд аст ё хутаб.

*Ибни Ямин*

Чӣ бок, поктар ояд зару тило зи гудоз.

*Ибни Ямин*

Дар қафас аз чист булбул?-- Аз забони хештан.
*Ибни Ямин*

Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам ,
Ки бо ман ҳар чи кард, он ошно кард.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ёд бод он, ки зи мо вақти сафар ёд накард,
Ба видое дили ғамдидаи мо шод накард.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи санги тафриқа хоҳӣ, ки мунҳанӣ нашавӣ,
Машав ба сони тарозу ту дар паи каму беш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз дил биравад, ҳар он чи аз дида равад.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Кай ташна сер гардад аз ламъаи саробе?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба қадри дониши худ ҳар касе кунад идрок.
*Ҳофизи Шерозӣ*

На ҳар он, к-ӯ вароқе хонд, маонӣ донист.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Худситоӣ, ҷони ман, бурҳони нодонӣ бувад.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар чи оғоз надорад, напазирад анҷом.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хор, к-ӯ модари гулбарги тарест,
З-он ки озор кунад, сӯхтанист.
*Салмони Соваҷӣ*

То хӯшаҳо ба даст кунӣ, донае бикор!

*Камоли Хуҷандӣ*

Ҳазор гуна хусумат кунӣ ба халқи ҷаҳон,
Зи баски дар ҳаваси симу орзуи зарӣ.
Турост дӯст зару симу хасм соҳиби он,
Ки гирӣ аз кафаш онро ба зулму ҳилагарӣ.
На муқтазои хирад бошаду саҷийяти ақл,
Ки дӯстро бигузорию хасмро бибарӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Паҳлавон нест он ки дар гуштӣ
Паҳлавони дигар бияндозад,
Паҳлавон он бувад, ки вақти ғазаб
Нафси аммораро забун созад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Аз гилу об ҷома битвон шуст,
Ки шавад поктар зи бори нахуст.
Лек чун дил ба ғафлат олояд,
Хунат аз дидагон биполояд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Боядат мансаби баланд, бикӯш,
То ба фазлу ҳунар кунӣ пайванд.
На ба мансаб бувад баландии мард,
Балки мансаб шавад ба мард баланд.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Аз далқу асо сидқу сафое нарасад
В-аз субҳа ба ҷуз бӯи риёе нарасад.
Ҳар дам ба куҷо расӣ, магӯ силсила аст,
К-аз силсила ҳеҷ кас ба ҷое нарасад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба панҷ мерасад асбоби зиндагонии хуш,
Ба иттифоқи ҳакимони шуҳраи офоқ:

Фароғу айманию сиҳҳату кифофи маош,
Рафиқи хубсияр, ҳамдами накӯахлоқ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба дарвеш гуфт он тавонгар: «Чаро
Ба пешам пас аз дерҳо омадӣ?!».
Бигуфто: «Чаро н-омадӣ пеши мо?!»
Басо хуштар аст аз «Чаро омадӣ?!».

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Хӯи худро зи рӯза тира макун,
К-аз ҳама ҳилму бурдборӣ беҳ.
Чун шавад рӯза мояи озор,
Рӯзахорӣ зи рӯзадорӣ беҳ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Баъд аз чаҳор чиз чу ояд чаҳор чиз,
Хуштар бувад чу роҳату раҳмат пас аз азоб.
Васле пас аз фироқу вафое пас аз хилоф,
Сулҳе пас аз низоъу ризое пас аз итоб.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳазар кун зи роҳе, ки рӯ дар шар аст,
Ки он раҳ суи чаҳ туро раҳбар аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нигаҳ дор худро зи ҳар кори зишт,
Ки н-ояд зи покони некӯсиришт.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Зи дил сар занад сирри дониш нахуст,
Ки бар дасту по кор гардад дуруст .

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Аз гӯш маҷӯй кори дида,
Фарқ аст зи дида то шунида!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳеҷ зиндон ошиқи муштоқро
Тангтар аз суҳбати ағёр нест.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нокастар аз ӯ кас набувад дар олам,
К-аз дӯст ба ҷуз дӯст муроде хоҳад.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Лаб аз даъвие беҳ, ки дорӣ нигоҳ,
Ки орӣ далелаш зи яксола роҳ.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дар ин дайри куҳан расмест дерин,
Ки бе талхӣ набошад айш ширин.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ҳамчу дида ба сӯи хеш мабин,
Хеш аз дигаре ту беш мабин!
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Бо ду андеша ҷамъ натвон буд,
Бар як андеша бош, то бошӣ!
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Саг паи луқма чу дум ҷунбонад,
Оқил онро на тавозуъ хонад.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Дуд дар хонае, ки роҳ кунад,
Дару девори он сиёҳ кунад.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Гар шубон пос надорад рамаро,
Гург аз пой дарорад ҳамаро.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Таъна аз кас хуш набошад, гарчи ширингӯ бувад,
Захми най бар дида сахт аст, ар ҳама найшаккар аст.
*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Аз замин барназанад сар хошок,
Бехи он то набувад дар таҳи хок.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Нарм борон ба зироат диҳад об,
Чу расад сел, шавад кишт хароб.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ба заҳри хеш агар даст оварӣ, беҳ,
Ки аз шаҳди касон ангушт лесӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Кунад савганд бисёр ошкоро
Дуруғӯандешии савгандхоро.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чӣ беҳтар кӯрро аз чашми равшан?!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Кач ба кач гарояд, рост ба рост.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Сайдро чун аҷал ояд, сӯи сайёд равад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Лаззати ёфтан аз ёфта беҳ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Ханда, ки бевақт кушояд гиреҳ,
Гиря аз он хандаи бевақт беҳ!
Ҳар нафасе ханда задан барқвор
Кӯтаҳии умр диҳад чун шарор.

*Алишери Навоӣ*

Он ки зи марги дигарон шод ҳаст,
Гӯркану ғосилу ҷаллод ҳаст.

*Алишери Навоӣ*

Наёрад абр агар аз боришаш суд,
Надорад дар ҳаво фарқе вай аз дуд.

*Алишери Навоӣ*

Аспи роҳ аст, к-ӯ на фарбеҳу на лоғар аст.
*Алишери Навоӣ*

Мурғро чина бояду кӯдакро шир.
*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Чаро ҷое қадам бояд ниҳодан,
Ки он ҷо бемаҳал бошад ситодан?
*Бадриддин Ҳилолӣ*

Шуд умр тамому нотамомем ҳанӯз,
Сад бор бисӯхтему хомем ҳанӯз.
*Бадриддин Ҳилолӣ*

Ҳама корат ба қадри хеш бояд,
Зи қадри худ на кам, не беш бояд.
*Бадриддин Ҳилолӣ*

Бар зишт либоси хуб зишт аст.
*Бадриддин Ҳилолӣ*

Як бор агар биронӣ, сад бори дигар ояд.
*Бадриддин Ҳилолӣ*

Касе, к-аз чашми бад фарзанди худро пос медорад,
Ба фарзанди касон ҳаргиз ба чашми бад намебинад.
*Соиби Табрезӣ*

Ин нокасон, ки фахр бар аҷдод мекунанд,
Чун саг ба устухон дили худ шод мекунанд.
*Соиби Табрезӣ*

Ба ҷӯи хештан ин об барнамегардад,
Баҳуш бош, ки аз чеҳраат обрӯ наравад.
*Соиби Табрезӣ*

Ба ғайр аз зиён нест дар худфурӯшӣ,
Агар суд хоҳӣ, бибанд ин дуконро.
*Соиби Табрезӣ*

Аз қафас мурғ ба ҳар ҷо, ки равад, бӯстон аст.
*Соиби Табрезӣ*

Чу борам орд шуд, дигар чаро дар осиё монам?
*Соиби Табрезӣ*

Сагро пеши юз адаб кунанд.
*Соиби Табрезӣ*

Монда он тирабахти дармонда
З-ин яке монда, з-он дигар ронда.
*Камолиддин Биноӣ*

Бигзарад он соли қаҳту монад он рӯи сиёҳ.
*Абдураҳмони Мушфиқӣ*

Як лаҳза ғофил гаштаму сад сол роҳам дур шуд.
*Малики Қумӣ*

Ба зери бори миннат кай ҳунарвар мениҳад гардан,
Наҷунбад Кӯҳкан, гар бар сари ӯ Бесутун афтад.
*Сайидои Насафӣ*

Аз нохуни паланг чӣ нуқсон ба пои фил?!
Тоҷи хурӯсро чӣ ғам аз нӯли мокиён?
*Сайидои Насафӣ*

Паймонае, ки бода надорад, шикастанист,
Дасте, ки нест масдари эҷод, бастанист.
*Сайидои Насафӣ*

Аз ҳакиме пурсиданд:
–Одамро чӣ чиз зарууртар аст?
Гуфт:– Ақл!
Гуфтанд:–Агар аз он ноқис бошад?
Гуфт:– Адаб!
Гуфтанд:– Гар аз он бенасиб бошад?
Гуфт:– Мол!

Гуфтанд:– Гар аз он ҳам бебаҳра бошад?
Гуфт:– Пас, мурдан илоҷи ӯст.

*Рогиби Самарқандӣ*

Ҳар дида, ки ибрате нагирад, кӯр аст,
Ҳар нуқл, ки лаззате набахшад, шӯр аст.
Рахте, ки тағайюр напазирад, кафан аст,
Он хона, ки табдил наёбад, гӯр аст.

*Абдулқодири Бедил*

Зоил аз зинат нагардад ҷавҳари мардонагӣ,
Қабзаи зар аз буриш монеъ нашуд шамшерро.

*Абдулқодири Бедил*

Исми ҳамсоягӣ ба ин шарт хуш аст, ки инҳо бояд бо сояи ҳам бошанд!

*Абдулқодири Бедил*

Ҷуз ба дасти ошно нафрӯхт қассоб устухон.

*Абдулқодири Бедил*

Ба ғавғо мефурӯшад, ҳар киро обест дар шираш.

*Абдулқодири Бедил*

Ҳар гуле, к-имсол омад дар назар, порина буд.

*Абдулқодири Бедил*

Чунон мабош, ки ташвиши дигарон бошӣ!

*Абдулқодири Бедил*

Қатра-қатра рафта-рафта мавҷи тӯфон мешавад.

*Зебуннисо*

Хор агар посбони нахл набудӣ,
Бар забари нахл кас надидӣ хурмо.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Гар накашад сурхгул ниқоб зи чеҳра,
Булбули мискин чӣ гуна баркашад ово?

*Ҳабиби Қоонӣ*

Нест лола бедоғу шаккар бемагасу гул бехор.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Мамлакат арӯсест, ки арбоби саноеъ ва ҳираф зевари ӯст, чандон ки бештар, беҳтар.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Наравад гурггазида зи паи об.

*Ҳабиби Қоонӣ*

Ҳар куҷо оина бинӣ, сайқалаш хокистар аст.

*Ибни Ямин*

Ҳарчанд сари харро дар ташти зар гиранд, дарозии гӯши вай гувоҳи ҳол аст.

*Шамсиддини Шоҳин*

Дарё пур аз дур аст, ку шиновар?! Осмон пур аз ахтар аст, ку ситорашумар?!

*Шамсиддини Шоҳин*

Гуфторе дар ҳама мазоқ хушгувор нест ва кирдоре дар ҳама миҷоз созгор.

*Абдулқодири Савдо.*

Дар дарун оташ набошад, шуъла кай берун занад?

*Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф*

Чаро бар якдигар миннат гузоранд,
Чу муҳтоҷанд мардум якдигарро?

*Эраҷ Мирзо*

Ҳар чи ки таҳсили вай осон бувад,
Қадр каму қиматаш арзон бувад.

*Эраҷ Мирзо*

Ҳар чи ба он дер бувад дастрас,
Беш бувад толиби онро ҳавас.

*Эраҷ Мирзо*

Гар ҷома гилем ё ки дебост,
Чун шуставу пок буд, зебост.

*Эраҷ Мирзо*

Гар чу наргис нестӣ шӯху чу лола тирадил,
Пас, дурӯю даҳзабон ҳамчун гули савсан мабош!

*«Калила ва Димна»*

Махоҳ, обрӯй макоҳ!

*«Таърихи гузида»*

Ҳар ки кордорони хешро эҳтиром кунад, кори худро муҳтарам дошта бошад.

*«Марзбонннома»*

Ҳеҷ чиз ба ту наздиктар аз ту нест, чун худро нашиносӣ, дигарро чун шиносӣ?

*«Кимиёи саодат»*

Ҳар чи аз дигарон зишт дидам, аз он ҳазар кардам.

*«Кимиёи саодат»*

Ҳеҷ маъсият аз ҷаҳл азимтар нест.

*«Кимиёи саодат»*

Гуфтори бекирдор зоеъ монад.

*«Кимиёи саодат»*

Гармиро сардӣ созад ва сардиро гармӣ.

*«Кимиёи саодат»*

Кардан аз фармудан муҳимтар аст.

*«Кимиёи саодат»*

Чор чизи дигар, эй некӯсиришт,
Ҳаст аз ҷумла халоиқ неку зишт.
З-он чаҳор аввал ҳасадкинӣ бувад,
З-он гузаштӣ, уҷби худбинӣ бувад.

Хашмро дигар фурӯ нох(в)ардан аст,
Хислати чорум бахилӣ кардан аст.
Эй писар, кам гард гирди ин хисол,
Аз барои он, ки зишт аст ин фиол!

* * *

Нав, ки омад ба бозор,
Куҳна шавад дилозор.

* * *

Агарро бо магар тазвиҷ карданд,
Аз онон баччае шуд «кош, ки» ном!

* * *

Ба аввал тавон кард ислоҳи кор,
Аз он пеш, к-аз каф равад ихтиёр.

* * *

Аз каромоти шайхи мо чӣ аҷаб,
Барфро диду гуфт:– «Меборад».

* * *

Чӯбро об фурӯ менабарад, ҳикмат чист?
Шармаш ояд зи фурӯ бурдани парвардаи хеш.

* * *

Нархи матое, ки фаровон бувад,
Гар ба масал ҷон бувад, арзон бувад.

* * *

Намешаванд ба ҳам меҳрубон кабӯтару зоғ
Ба эҳтимоли Фалотуну ҳикмати Луқмон.

* * *

Ба хурдӣ чӣ бинӣ ба дандони мор?
Ба заҳраш нигаҳ кун ба ҳангоми кор!

* * *

Касоне, ки пайғоми душман баранд,
Зи душман, ҳамоно, ки душмантаранд.

* * *

Зи ман некомада гар бад нависанд,
На музди ман, гуноҳи худ нависанд.

* * *

Бадбин ҳама ҷо дархури нафрин бошад,
Барканда беҳ он чашм, ки бадбин бошад.

* * *

Тани ту ҷомаи ҷон аст, эй дӯст,
Вале вақте ки покиза-ст, некӯст.

* * *

Касе, к-ӯ зиёни касон суди хеш
Шуморад, манеҳ сӯи вай пой пеш!

* * *

Киро бо ту гӯянд бад бештар,
Чу набвад гунаҳ, дон, ки ҳасташ ҳунар.

* * *

Зоғ чун фориғ зи бӯи гул бувад,
Нафраташ аз суҳбати булбул бувад.

* * *

Чизи мардум аввал зебандаам кард,
Гирифташ охиру шармандаам кард.

* * *

Ришта чу гусаст, метавон баст,
Лекин ба миён гиреҳ бимонад.

* * *

Хубро ҳар ки хуб мегӯяд,
Хубӣ аз кори хуб мерӯяд.

* * *

Ҳар ки ӯро нафси шумаш ром шуд,
Аз хирадмандони некӯном шуд.

* * *

Набошад ҳеҷ коме бениҳебе,
Набошад ҳеҷ ишқе бе итебе.

* * *

То нагиряд кӯдаки ҳалвофурӯш,
Баҳри бахшоиш кай ояд ӯ ба ҷӯш?

* * *

То зи Лайлӣ сирри ҳуснаш сар назад,
Ишқи ӯ оташ ба олам–дар назад.

* * *

Чун набошад пок аъмол аз риё,
Ҳаст беҳосил чу нақши бӯриё.

* * *

Агар бо хирқа кас дарвеш будӣ,
Раиси хирқапӯшон меш будӣ.

* * *

Оқил ба канори об то раҳ меҷуст,
Девонаи побараҳна аз об гузашт.

* * *

Бувад қимати гавҳар аз обу ранг,
Чӣ ғам з-он, ки хурд аст нисбат ба санг?!

* * *

Ҳар ки гардонад зи хешованд рӯ,
Бегумон, нуқсон пазирад умри ӯ.

* * *

Ноз ба он кун, ки харидори туст,
Пеши касе рав, ки талабгори туст.

* * *

Косаи чинӣ, ки садо мекунад,
Худ сифати хеш адо мекунад.

* * *

То накунӣ ҷои қадам устувор,
Пой манеҳ дар талаби ҳеҷ кор!

* * *

Феъли бад кори бехирад бошад,
Ҳар чи оқил кунад, на бад бошад.

* * *

Дил агар бо забон набошад ёр,
Ҳар чи гӯяд забон, бувад бекор.

* * *

Хоҳони касе бошем, ки хоҳад моро,
Ҷӯёи касе бошем, ки ҷӯяд моро.

* * *

То аз ман намонӣ,
Қадри ман надонӣ.

* * *

Ба ганда накун ханда,
Туро кунад шарманда.

* * *

Чаҳор чиз далел бар камоли мард аст: бо дӯстон машварат кардану бо душманон мудоро кардан ва оташи ҳаво фурӯ куштан ва сухани талх фурӯ хӯрдан.

* * *

Ман аз ин андӯҳгин намешавам, ки мардум маро, чунон ки ҳастам, намешиносанд, балки аз он ғамгинам, ки ман мардумро,чунон ки бояду шояд, намешиносам.

* * *

Ман чӣ лаззат мебарам, ки гуфтаи маро тасдиқ кунӣ! Вақте лаззат мебарам, ки дунболаи онро бигирӣ ва чизе бар он бияфзоӣ.

* * *

Ба ҷои он ки ту худро хуб бидонӣ ва дигарон бад бидонанд, беҳтар ин нест, ки худро бад бидонӣ ва дигарон хубат бидонанд?

* * *

Ту мепиндорӣ, ки андешаи ту беҳтарини андешаҳост? Зиҳӣ, бадбахтӣ ва гумроҳӣ!

* * *

Се чиз натавон кард илло ба се чиз: душман ҳалок натавон кард илло ба дӯстӣ, ба мурод натавон расид илло ба сабр ва муҳаббат натавон афзуд илло ба тавозуъ.

* * *

Тараққӣ ба мартабаи олӣ бо заҳмати бисёр даст диҳад ва таназзул аз мартабаи ғуррат бо андак саъйе воқеъ шавад.

* * *

Қадри се чизро се тоифа донанд: қадри ҷавонӣ пирон донанд ва қадри сиҳҳат беморон ва қадри неъмат муҳтоҷон.

* * *

Мард бояд, ки ҳар сабоҳ дар оина назар кунад, агар сурати худ нек бинад, сиратро нек гардонад, то ҳар ду нек гарданд ва агар бад бинад, сиратро нек кунад, то ду бадӣ дар вай ҷамъ нашавад.

* * *

Се чизро пешаи худ бояд кард: дил ба даст овардан, бо ҳама кас некӯӣ кардан, дар ободонӣ кӯшидан.

* * *

Се чиз далели аблаҳист: хештанбинию такаббур, бахилӣ кардан, аз сифла умед доштан.

* * *

Чаҳор чиз далели саодат аст: қавли дуруст, тавозуъ дар ҳама ҳол, саъй дар касби ҳалол, нигаҳ доштани роз.

* * *

Кадом сухан аст, ки рост бошад ва дурӯғ нанамояд?! Баёни зӯри ҷавонӣ дар пирӣ ва айши тавонгарӣ ба фақирӣ.

* * *

Касе, ки мадҳи ту кунад ба чизе, ки дар ту набошад, аз ӯ эҳтироз кун, ки низ замми ту кунад ба чизе, ки дар ту набошад.

* * *

Ҳаргиз бо пул наметавон сарбози хуб, муаллими хуб, ҳунарманди хуб ё коргари хуб сохт.

* * *

Аз ҳакиме пурсиданд:

– Кадом як аз ғизоҳо барои шумо лазизтар аст?

Гуфт:

– Таоме, ки бо ранҷу заҳмати худ ҳосил карда бошам.

* * *

Бадтарин одам касест, ки мардумро душман гирад ва мардум ӯро душман доранд ва озори мардум диҳаду дарнагузарад ва узр напазирад.

* * *

Кафандузд аз сухандузд имтиёзи фоҳише дорад, ки он пероҳани тан мебарад, ин риштаи ҷон.

* * *

Дар шаҳрҳо овозаи бадномии ту рафт, акнун дусад фаришта накӯ гӯядат, чӣ суд?

* * *

Чаҳор чиз чаҳор касро набошад: дурӯғгӯро мурувват, бахилро саодат, ҳасудро ростӣ, бадхӯйро меҳтарӣ.

* * *

Чаҳор чизро бознатавон овардан: сухани гуфта ва қазои рафта ва тири андохта ва умри гузашта.

* * *

Аз чаҳор чиз эҳтироз бояд кард: аз шитобу таъҷил, аз хашму ғазаб, аз бухлу имсок, аз уҷбу такаббур.

* * *

Ҳусни шафаккату меҳрубонӣ монанди калиди заррин аст, ки даричаи дилҳоро ба рӯи инсон мекушояд.

* * *

Эй ки дар банди осоиши хештанӣ, чаро осоишро аз дигарон дареғ медорӣ?

* * *

Ҷомаи куҳнаро аз худ дур мекунӣ, чаро андешаи куҳнаро аз худ дур намекунӣ?

* * *

Ту мекӯшӣ, ки осудатар аз дигарон бошӣ, ман мекӯшам, ки дигарон осудатар аз ман бошанд.

* * *

Андешаи мард оинаро монад, ки менамояд кори неки ӯро аз кирдори зишти ӯ.

* * *

Мардумро барои ту наофаридаанд, туро барои мардум офаридаанд.

* * *

Чаҳор чиз далели бузургист: илмро азиз доштан ва бадро ба некӯӣ дафъ кардан ва хашмро фурӯ хӯрдан ва ҷавоб ба савоб додан.

* * *

Чаҳор чиз оқибати чаҳор чиз аст: оқибати лаҷоҷ–расвоӣ, оқибати хашм–пушаймонӣ, оқибати бадгӯӣ–душманӣ ва оқибати коҳилӣ–хорӣ.

* * *

Чаҳор чиз мардро табоҳ кунад: меҳтаронро–бахилӣ ва олимонро уҷб ва занонро бешармӣ ва мардонро дурӯғ.

* * *

Чаҳор чиз бар ҳама халқ накӯст: адолату ростӣ, ақлу хирад, сабру шикеб, ҳаёву шарм.

* * *

Чаҳор чиз чаҳор чиз оварад: хомӯшӣ–роҳат, фозилӣ–малоҳат, саховат–меҳтарӣ, шукр–афзунӣ.

* * *

Се чиз нишони аблаҳист: уҷбу такаббур, бахилӣ, аз сифла умеди беҳӣ доштан.

* * *

Ба номуси мардумон назари бад макун, то ба номуси ту дигарон хаёли бад накунанд.

* * *

Гургро дӯхтан бояд омӯхт, ки ӯ худ даридан некӯ донад.

* * *

Ҳар чи дар чашмат хор ояд, нигаҳ дор, ки вақте ба кор ояд.

* * *

Дуто дарро, ки паҳлуи ҳам мегузоранд, барои ин аст, ки ба дарди ҳам бирасанд.

* * *

Бадтарини мардумон он бошад, ки мардумон аз ӯ парҳез кунанд.

* * *

Мутакаллимро то касе айб нагирад, суханаш салоҳ напазирад.

* * *

Некбахт касест, ки на аз мурдани касе шод шавад ва на касе аз мурдани ӯ шод гардад.

* * *

Барқ бош, ки бидурахшонӣ ва бисӯзонӣ, на шамъ, ки барфурӯзӣ ва худро бикоҳӣ.

* * *

То, ки аз худ нагзарӣ, аз дигарон натвон гузашт.

* * *

Эй, ки мекӯшӣ зеботар аз ҳама бошӣ, чаро намекушӣ, ки донотар аз ҳама бишавӣ?!

* * *

Зебоӣ ҳақиқат асту ҳақиқат зебоӣ.

* * *

Кори дидор дил дорад, на гуфтори забон.

* * *

Се чиз мӯҷиби некбахтист: дили пок, дасти пок, ройи мустақим.

* * *

Қимати шакар на аз най аст, балки хосияти вай аст.

* * *

Аз сустии одамизод аст, ки гург одамхӯр шудааст.

* * *

Аз гурусна пурсиданд, ки ду понздаҳ чанд аст? Гуфт: «Як нони тамом».

* * *

Аз неъматҳои дунё чанд чиз хуштар аст?-- Якум фарзанди солеҳ, дувум– зиндагӣ аз касби ҳалол, савум – зани некирода.

* * *

Дӯсту душмани худро дар се вақт озмудан метавон: дар вақти сафар, дар вақти тангӣ ва дар вақти касалӣ.

* * *

Чаҳор чиз мӯҷиби фалокат аст: ғайбат, ҳасаду вақоҳат, такаббуру нахват, тамаъу шаҳват.

* * *

Ҳама чиз тасаддуқи ҷон, аммо ҷон тасаддуқи номус.

* * *

Ду чиз одамро ба ду чиз расонад: сабр ба мурод ва қаноат ба тавонгарӣ.

* * *

Агар тавонгарӣ хоҳӣ, писандидакор бош!

* * *

Ҳар он чи бинанд дар вайронӣ, наҷӯянд дар ободонӣ.

* * *

Он ки ҳоли худ надонад, ӯ чӣ донад ҳоли кас?

* * *

Он чиро дида бибинад, натавон кард инкор.

* * *

Чаҳор чиз нишони бадбахтист: коҳилӣ, ҷоҳилӣ, нокасӣ, бекасӣ.

* * *

Чу як дар баста гардад, сад дари дигар шавад пайдо.

* * *

Чашма он аст, ки аз худ биҷӯшад.

* * *

Ҳар ки ба ном фирефта шавад, ба нон дармонад.

* * *

Зарарро аз ҳар ҷо ҷилав бигиранд, манфиат аст.

* * *

Иззати ҳар кас ба дасти худи ӯст.

* * *

Қадри бобо он замон донӣ, ки худ бобо шавӣ.

* * *

Ҳар кас ба умеди ҳамсоя нишаст, гурусна мехобад.

* * *

Ҳар кас аз қуввати бозуи худ миннатдор аст.

* * *

Ройи қавӣ аз шамшери бурранда коритар аст.

* * *

Ҷома ба андозаи қомат хуш аст.

* * *

Ҷазои гаронфурӯш нахаридан аст.

* * *

Ганҷу мор, гулу хор, ғаму шодӣ бо ҳаманд.

* * *

Шавқ дар ҳар дил, ки бошад, раҳбараш даркор нест.

* * *

Роҳи якрӯза рав, тӯшаи серӯза гир.

* * *

Матарс аз балое, ки шаб дар миён аст.

* * *

Нон ба ҳама кас бидеҳ, нони ҳама кас махур!

* * *

Бе машқ бошад даъвои паҳлавонӣ.

* * *

Фикри нон кун, ки харбуза об аст.

* * *

Роҳи дуруст як аст ва роҳи бад ҳазор.

* * *

Тилло, ки пок аст, чӣ нисбаташ ба хок?!

* * *

Эътироф ба нодонӣ доноӣ, иқрор ба нотавонӣ тавоноӣ аст.

* * *

Сафои ҳар чаман аз рӯи боғбон пайдост.

* * *

Сабза бар санг нарӯяд, чӣ гунаҳ боронро?

* * *

Завқи гулчидан агар дорӣ, суи гулзор рав!

* * *

Зиштгӯии бадон мояи зиштномии некон нашавад.

* * *

Вазн бар хеш гузоштан худро бузург пиндоштан аст.

* * *

Сарашро хост даво кунад, чашмашро кӯр кард.

* * *

Сад ҷон фидои он, ки дилаш бо забон якест.

* * *

То чароғ равшан аст, ҷонварон берун оянд.

* * *

То набошад чизаке, мардум нагӯяд чизҳо.

* * *

Саломи хушомадгӯй бе тамаъ нест.

* * *

Об асту ободонӣ, хок асту зиндагонӣ.

* * *

Косаи ҳамсоя шикамро сер намекунад, вале муҳаббатро зиёд мекунад.

* * *

Кӯҳ ҳарчанд баланд аст, бар сари худ роҳ дорад.

* * *

Касе, ки гул мехоҳад, бояд миннати хорро бикашад.

* * *

Ду чизро ба ду чиз ҳоҷат аст: илмро ба амал, ваъдаро ба вафо.

* * *

Бар хонае, ки Офтоб надарояд, табиб дарояд.

* * *

Дар он диле, ки талаб ҳаст, орамидан нест.

* * *

Дошта ояд ба кор, гарчи бувад заҳри мор.

* * *

Барканда беҳ он чашм, ки бадбин бошад.

* * *

Бародар, ки дар банди хеш аст, на бародару на хеш аст.

* * *

Хато бувад зи хатозода, гар хато накунад.

* * *

Хушо чоҳе, ки об аз худ барорад!

* * *

Бо гуфтани «оташ» забон намесӯзад.

* * *

Дар зарфи холӣ садо зиёд мепечад.

* * *

Н-ояд зи дили шикаста паймони дуруст.

* * *

Дар масал муноқаша нест.

* * *

Афсурдадил афсурда кунад анҷуманеро.

* * *

Агар ҳавас аст, ҳамин қадар бас аст.

* * *

Аз гуфтан то кардан аз замин то осмон аст.

* * *

Ҳар хӯрданӣ пасдоданӣ дорад.

# ШАРҲИ ЛУҒОТ

## А

Абадуддаҳр–ҳамеша, то будани ҳаёт; ҳеҷ, ҳаргиз.

Абе–бе.

Авқот–ҷамъи вақт

Адам– гӯр, қабр.

Адас–навъе аз ғалла; наск.

Адоват–душманӣ, бадхоҳӣ.

Адӯ–душман, бадхоҳ.

Азфар–хушбӯтар.

Азҳан–зеҳн, ақл.

Ақл–ғизо.

«Ал-китобу хайрул ҷалис»–китоб--ҳамнишини хуб.

Аладдавом–доимӣ, доиман; ҳамеша, пайваста.

Амвол–ҷамъи мол.

Амн–осудагӣ, бехатарӣ, бетарсу бим, роҳат, осоиш.

Амроз–бемориҳо, нохушиҳо.

Анбоз–шарик, рафиқ, ҳамто.

Анбон–кисаи чармин.

Ангехтан–аз ҷой ҷунбондан, шӯрондан, хезондан.

Ангубин / ангабин–шаҳд, асал.

Андудан–андова кардан.

Ар–агар.

Араз–тасодуфӣ, шакли берунӣ.

Арҷ– арзиш, баҳо, қадр, қимат.

Ато–чизе, ки бахшида шавад, диҳиш, туҳфа.

Ашхос–ҷамъи шахс.

Афгор–озурда, хаста.

Афкандан–чизеро аз боло партофтан; аз шумора берун кардан, дур андохтан.

Афроштан /афрохтан--бардоштан, баланд гардонидан.

Афрӯхтан–равшан кардани оташ, чароғ; баланд кардани оташ, сӯзондан.

Афсар–тоҷ.

Афъол–корҳо, кирдорҳо, амалҳо.

Ахтар–ситора; фол, бахт, толеъ.

Ахӣ–бародар, бародари ман.

Ашғол–шуғлҳо, машғулият.

Аъдо–душманон, адувон.

Аъмо–кӯр, нобино.
Аъмол–ҷамъи амал.
Аъробӣ–араби бодиянишин.
Ағбар–замин.
Ағлаб–бештар, аксар.
Ағёр–бегонагон, рақибон, душманон.
Аҳвал–каҷчашм; касе, ки якеро ду мебинад.
Аҳриман / Оҳарман–роҳнамои бадиҳо, шайтон, дев.
Аҷз–заифӣ, нотавонӣ, сустӣ, беҳолӣ.

**Б**

Бадгавҳар-бадзот, бадасл.
Бадкеш-- кофир, бераҳм, бадкирдор.
Базла-- сухани дилкаш, мутоиба, масхара; латифа.
Банӣ Одам--авлоди Одам.
Бар-- дашт, биёбон; сӯй, канор, тараф.
Барг--сомон, саранҷом, нийят, илтифот, туҳфа.
Барзан-- кӯча, хона.
Беэтибӣ--маломат, сарзаниш.
Барӯманд--бордор, босамар; тавонгар, хушбахт, комёб, хушнуд.
Батн--даруни чизе; шикам, муқобили зоҳир.
Баҳоим--ҳайвонот.
Баниз--низ, монанд, ҳамчунон.
Бирка--ҳавз.
Бихрад--бохирад, хирадманд.
Бодия-- дашти беобу алаф.
Ботил--дурӯғ, ноҳақ, бефоида, бемаънӣ.
Булфузул--ниг.фузул.
Бум--ҷо, мақом, манзил, шаҳр, қалъа.
Бун--бунёд, поён, таҳт, реша.
Бурдбор--босабр, ботаҳаммул, шикебо.
Бурҳон--ҳуҷҷат, далел.
Буғз--душманӣ, хусумат.

**В**

Вабол / вубол --гуноҳ, зиллат, айб, хато.
Валид--навзод, кӯдак.
Валинеъмат--соҳиби неъмат, накӯкор, соҳибэҳсон.
Варз--ҳосил, фоида, манфиат; касб, одат, санъат, пеша, кӯшиш, саъй.

Варзидан--зироат кардан; одат намудан, кӯшидан, ҷаҳд кардан.

Варта--замин, маҳалли бероҳ, ҷои хатарнок, гирдоб, ҷараён.

Вақоҳат--бешармӣ, беадабӣ, густохӣ.

Век--афсӯс, вой.

Ваҷеҳ—зебо, хушгил, маҳбуб.

Вижа--содиқ, рост, пок; хосса.

Вифқ--соз, мувофиқ.

Виқор--тамкин, субот.

Воиз--панддиҳанда.

Воло--сарафроз дар мартабаю дараҷа ва низ дар ақлу фаросат; бошукӯҳ, тавоно.

Вом--қарз, ория.

Ворасидан--расидан, дарёфтан, огоҳ шудан.

Восил--расанда, мулоқоткунанда.

Вофӣ--вафокунанда, бовафо.

Воқиф--бохабар, огоҳ.

Воҷиб--лозим, ногузир, ҳатмӣ; сазовор, муносиб.

Вуҳуш--ҷонварони даштӣ, ваҳшӣ.

## Г

Габр--оташпараст.

Гавожа /гувожа--ришханд, тамасхур, базла, шӯхӣ, мазоҳ.

Гавҳарогин--ҳар чизи ҷавоҳирнишон; пурқимат, азиз.

Газанд-- зиён, осеб.

Газоф /гизоф-- ҳарза, бефоида, абас; бисёр, фаровон.

Гар--ё.

Гартин--касалии хорищдор.

Гардан афрохтан--худнамоӣ кардан, истодагӣ намудан.

Гарданфарозӣ--сарфарозӣ.

Гардун--чарх, осмон, фалак, рӯзгор.

Гароидан /гироидан -- майл доштан, муҳаббат доштан, озмоиш кардан, озмудан; ирода намудан, ҷаҳд кардан, ҳамла бурдан.

Гетӣ--дунё, ҷаҳон, рӯзгор.

Гирам--қАбул кардам , пазируфтам, фарз кардам.

Гаронмоя--ҳар чизи нафис, қиматбаҳо, наҷиб, пок.

Гоз--миқроз, қайчӣ, анбӯр.

Гом--қадам, газ; гом задан--роҳ рафтан.

Гувоз--чӯбдаст.

Гузидан--интихоб кардан, баргузидан.

Гузир--ёрӣ, илоҷ.

Гулбун--дарахти гул, гул.

Гумоштан--танҳо гузоштан; фиристодан, раҳонидан, муқаррар кардан.

Гурд--зӯр, мубориз, диловар, далер, баҳодур, паҳлавон.

Гурза-- мори калони заҳрдор.

Гурон--хӯша.

Гусастан / гусалидан/ гусехтан--кандан, дур кардан, рондан, нест кардан.

Густардан--паҳн кардан.

Гӯй--тӯби чавгонбозӣ.

## Д

Дабирӣ--нависандагӣ.

Даввор--ҳар чизи гарданда; рӯзгор.

Давоб--ниг сутур.

Даб--ҳайвони даранда.

Давр--ҷаҳон, дунё.

Далқ--либоси дарвешӣ.

Дамор--интиқом, кина, дам, нафас.

Даранг/диранг--оҳиста, суст, сустӣ, таъхир.

Дарозно--дарозӣ.

Дафин--пинҳон.

Дафъ кардан--манъ кардан, рад кардан, зоил намудан, рондан.

Даѓо--одами даѓал, дурӯѓгӯ, фиребгар.

Дақоиқ--дақиқаҳо.

Дерзӣ-- умри дарозбинанда.

Дижам--афсурда, ѓамгин, ошуфта.

Дилпазир--писандида, мақбул, мувофиқ, маҳбуб, дилхоҳ.

Дирам--навъе аз пул.

Доб-адолат, инсоф, дафъи зулм, фарёд, шикоят, зорӣ, интиқом.

Доварӣ--салтанат, подшоҳӣ; сиёсат.

Дуда--дуди мӯрӣ, сиёҳии дуд.

Дун--одами паст, фурӯмоя.

Дур--марворид, лӯълӯъ. Дурри соро--марвориди соф, аъло.

Дурудан--дарав кардан, даравидан.

Дурҷ--сандуқчае, ки занон дар он ҷавоҳир гузоранд.

Дутак--кӯкак, резачорпо.

Душхор--душвор.
Дуккон, дукон--дӯкон, ҳуҷра.
Дӯш--шона, китф.

**Ж**

Жарф--амиқ, чуқур; дақиқ.
Жиён--муҳиб, ҳавлнок, хашмнок, даранда.
Жожхой--касе, ки сухани бефоида ва бемаънӣ мегӯяд; ҳарзагӯй.
Жожхойӣ--беҳудагӣ, ҳарзагӯӣ.

**З**

Забар -- боло, баланд.
Залил -- паст, фурӯмоя, хор.
Залол--гумроҳӣ.
Замима--бадкирдорӣ, ҷинояткорӣ.
Замир--андеша, хотир, даруни дил.
Зам(м)--ҳаҷв, бадгӯӣ, накӯҳиш.
Зан(н)--гумон, пиндошт, тасаввур.
Зарандуда--зарнигоршуда.
Зариф--зебо, некӯ, латиф, хуб, наҷиб.
Зарофат--зебоӣ, латофат; зиракӣ, базлагӯӣ.
Заръ--кишт, ҳосил.
Зарқ--риё, нифоқ, макр, туҳмат, ғайбат.
Зафт--дурушт, нохуш, дилгир.
Заъф--сустӣ, нотавонӣ.
Заған--гунҷишки сиёҳ, ғаливоҷ.
Заҳро—равшан, сафед.
Зеҳ--ҷазо, подош, мукофоти амал.
Зиё--рӯшноӣ, равшанӣ, нур.
Зил(л)--соя, паноҳ, ҳимоят, ҳифз; одат, равиш, тариқ.
Зиллат--гумроҳӣ, хато, саҳв.
Зоеъ-- табоҳшуда, ботил, бефоида, бесамар.
Зоил--нотамом, ноқис, кам, нопадид, нобуд; ҳалок, хорӣ, расвоӣ.
Зоҳид--касе, ки хоҳиши дунё надорад, аз молу ҷоҳ даст кашида бошад; порсо, диндор.
Зоҷ--зани навзоида (то муддати ҳафт рӯз).
Зул(л)--хорӣ, ранҷ.
Зулмат--торикӣ, сиёҳӣ.

Зулом--торикӣ; азоб, зулм.
Зуфт--бахил, мумсик, лаим.
Зуҳра--номи сайёра, ситора.

## И

Ибтило--озмоиш, имтиҳон; гирифторӣ, бадбахтӣ.

Идбор--вожгунии бахту толеъ, идбор кардан--рӯй гардондан, помол кардан; идбор будан--ифлос, чиркин, касиф будан.

Идда--шумор, шумора; ҷамъият.

Из(з)—иззат, арҷмандӣ.

Икром--ҳурмат, иззат, эҳтиром, эҳсон, инъом.

Илло--ғайр, бе…

Илтиҳоб--гармӣ, сӯзиш, афрӯхтагӣ.

Имсок--хасисӣ, бахилӣ.

Инна чарха-л-лисонула ялтаму--забон назада захми ҳақиқӣ мерасонад.

Инон—лаҷом, нӯхта.

Интиқол--табдили макон, аз ҷое ба ҷое шудан; таҳсил, муҳоҷирот.

Инфиол--шарм, ҳаё; расвоӣ, шармсорӣ.

Иродат--хоҳиш, майл, талаб.

Иртифоъ--баландӣ, афрохтагӣ, авҷ, фароғат.

Ирфон--маърифат.

Исмат--покдоманӣ.

Истимоъ--шунидан.

Итоб--таъна, маломат, сарзаниш.

Ифрот--бисёр, аз андоза берун.

Ифшо--ошкоргардида, фошшуда.

Ифшон--пароканда, мутафарриқ.

Ихтилот--омехта, дарҳамшуда.

Иқомат--бошишгоҳ, манзил.

## К

К-ат--ки туро…

Кабаст--ниг. ҳанзал.

Кадхудоӣ--фармонравоӣ, хӯҷаинӣ.

Каззоб—дурӯғгӯй, козиб.

Кайфар--ҷазо, подош; пушаймонӣ, ранҷ.

Кайӣ--подшоҳӣ.

Камин--дар ҷое пинҳонӣ дар қасди ҳамлаи ногаҳонӣ ба касе ё рабудани чизе нишастан.

Камол--интиқом, такмил, интиҳо; фазл, илм, адаб; бартарӣ.
Карам--ҷавонмардӣ, мурувват, саховат.
Карим--ҷавонмард, бомурувват, меҳрубон, некандеш, некӯкор, азиз.
Каромат--саховат, ҷавонмардӣ; сарфарозӣ, арҷмандӣ; эҳтиром.
Карон--тараф, канор; бекарон--бепоён; беандоза, бениҳоят.
Касир--зиёд, бисёр.
Кафоф / кифоф--микдори кофӣ, ба қадри лозим.
Кемухт--пӯст, чарм.
Кеҳтар--хурдтар.
Кибр--такаббур, худбинӣ, ғурур.
Кисвати ҷон--зиндагии баргардондашуда, зиндашуда.
Козиб—дурӯғгӯй, каззоб.
Козургарӣ—ҷомашӯйӣ, либосшӯйӣ.
Колбуд / колбад--тану бадани одам ва ҳайвон; қолаби ҳар чиз; шакл, ҳайкал, сурат.
Ком--орзу, хоҳиш, мурод, мақсад, кӯшиш.
Комгорӣ--саодат, некбахтӣ, тавоноӣ, забардастӣ.
Комил--дуруст, тамом, саҳеҳ, пур, саросар; фозил, олим, доно.
Корзор--ҷанг, набард, ҳарб; майдони ҷанг.
Костан-- коҳидан.
Костӣ--нуқсон, зиён.
Кох-- қаср, иморати баланд.
Кӯҳсабот--мустаҳкам, пойдор.

## Л

Лавзина--ҳалвое, ки бо кӯфтаи мағзу асал ё шакар тайёр мекунанд.
Лаим--бахил, нокас.
Ламъа--як бор дурахшидан, рӯшноии андак.
Лаол--ҷамъи лаъл.
Латофат--нозукӣ, борикӣ, зарофат; зебоӣ, хуштабъӣ, хушгӯйӣ.
Лағв--беҳудагӣ, сухани беҳуда, ботил.
Лоғуб--ранҷ, тааб.
Лаҳву лааб--бозӣ, айшу ишрат.
Лаҷуҷ—ситезакунанда; хашм, қаҳр.
Лобуд--ночор, ногузир.
Лошай--ночиз, беҳуда, беқадр.

Лояъқил-- беақл, ҷоҳил, нодон.
Лоғ-- мазоҳ, масхара; ҳила, фиреб, макр.
Лоҷарам--бешубҳа, яқинан, ҳатман, ноилоҷ.
Лутф-- нармӣ, таваҷҷуҳ, меҳрубонӣ; шафқат, эҳсон.
Луҷоҷ-- арбада, ғавғо, низоъ.
Лӯс—тамаллуқ; чоплусӣ, ҳила.
Лӯълӯъ-марворид.

## М

Мадориҷ--дараҷаҳо, пояҳо, маротиб.
Мазаллат--роҳи гумшуда; бероҳӣ, гумроҳӣ.
Мазаррат--зиён, зарар, нуқсон; осеб, заҳмат.
Мазид--афзун, бисёр.
Мазраъ-- киштзор.
Макнун--пинҳонгашта.
Макрамат--ҷавонмардӣ, мардӣ, мурувват.
Макшуф--бепарда, кушода, ошкоро; фошшуда, зоҳиршуда.
Маллоҳ--киштибон.
Малоҳат--зебоӣ, дилрабоӣ, латофат, некӯӣ.
Малул--озурда, дилгир, ғамгин.
Мамар(р)--ҷой, роҳи гузашт, аз роҳи…
Мамлук--банда, ғулом, асир, каниз.
Маниш—бузургӣ; табъ, ҳиммат, карам.
Манол--давлат, сарват, мол.
Мансуб--машҳур, маълум.
Мансур--ёрикардашуда, ҳимояткардашуда, паноҳ додашуда.
Маоиб-- ҷамъи айб.
Маонӣ--маъниҳо.
Марғазан--гӯристон, қабристон.
Масдар--асл, бунёд, сарчашма, манбаъ.
Маскан--ҷойи истиқомат, хона.
Маснад--такягоҳ, мансаби калон.
Масоб--мусибатҳо, машаққатҳо, андӯҳҳо, бадбахтҳо.
Масолеҳ—материал; маводи лозимӣ барои анҷоми коре, махсусан сохтмон.
Масрур--шодмон, хушҳол, хуррам.
Масруф--сарфшуда, харҷшуда.
Мастурӣ--ниҳонӣ, пӯшидагӣ.
Масъуд--саодатманд, некбахт, хуҷаста, фирӯз.
Матар--борон.

Матбӯъ--мувофиқи табъ, дилнишин, маъқул.

Матмаҳ--манзар, ҷои тамошо, матмаҳи назар--ҳар чизе, ки ба он бодиққат назар мекунанд.

Мафтун--маҷнун, девона, ошиқ, мағрур.

Машмум--бӯйдор, хушбӯй.

Маншур--фармон.

Маъдум--харобшуда, нестшуда.

Маъмур--обод, ободон.

Маъраз--маҳал, мавқеъ.

Маъруф—машҳур, маълум.

Маъсият--нофармонӣ, саркашӣ; гуноҳ.

Мағфират--афв, бахшиши гуноҳ.

Мақарраз--буридашуда.

Мақбул--писанд, шоиста.

Мақдур--имконпазир, ба қадри имкон.

Мақсуд--мақсад, мурод; нийят, хоҳиш.

Маҳак-- санге, ки бо он зару симро озмоиш, имтиҳон мекунанд.

Маҳзар--огоҳӣ аз ҷангу балою офат.

Маҳол /муҳол--номумкин, имконнопазир.

Муназзам--мураттаб.

Мунағгас--тира, нохуш.

Мунир--равшан, тобон, дурахшон.

Мунсиф--боинсоф, боадл.

Мунтаҳо--оҳир, охирин, вопасин.

Мунъим--неъматдиҳанда, некӯкор, сахӣ.

Муонид--саркаш, нофармон, душман.

Мурувват--мардӣ, далерӣ, диловарӣ, тавоноӣ; нармдилӣ, ҳиммат, саховат, инсоф.

Мусаввир--наққош, пайкарасоз.

Мустаид--омода, худро омода карда.

Мустамеъ--шунаванда.

Мустароҳ--ҷои лозим; канори об; бодгоҳ.

Мустаъҷил--шитобанда, шитобкунанда.

Мустағнӣ--тавонгар, молдор, бениёз.

Мустақим--рост, устувор, барқарор.

Мустаҳиқ--сазовор, шоиста, лоиқ.

Мутакаллим--гӯянда, сухангӯ, сухандон.

Муттафиқ--якдил, яксон, мақбул, мувофиқ, мутобиқ.

Мутаҳаррик--чизе, ки дар ҳолати ҳаракат бошад; ҷунбон, гардон.

Муфассир--шаҳркунанда, тафсиркунанда, баёнкунанда.

Муфид--фоиданок.

Муфлис--тангдаст, бенаво фурӯмоя.

Муфтахир--боифтихор, бовиқор, мағрур, ҳавобаланд.

Мухлис--холис, соф, пок, содиқ.

Мухотира--дар хатар; бим, ҳавл, тарс.

Мухтал--парешон; табоҳшуда.

Мушавваш--ошуфта, парешон, музтариб, саргардон, беором.

Мушарраф--лоиқ, сазовор; сарфароз.

Муштоқ--орзуманд, талабгор.

Муғтанам--ғанимат шумурдашуда, ғанимат.

Муқирр--касе, ки иқрор мекунад, эътироф мекунад, қАбул мекунад.

Муқовимат--истодагӣ, муқобилат.

Муқтазо--дархостшуда, заруршуда, муҳточшуда, зарурат; қасд, нийят.

Муҳаққиқ--таҳқиққунанда, собиткунанда; муаллим, файласуф.

Муҳиб--дӯст, дӯстдоранда.

Муҳол--макр, фиреб.

Мӯҷиб--сабаб, ҷиҳат, иллат, боис; далел, восита, ваҷҳ.

Муҷарраб—озмоянда, таҷрибакунанда.

Муҷодала--хусумат, муноқиша, ситеза, мубоҳиса.

Муҷрим--осӣ, нофармон, гунаҳгор.

Мӯбад--пешвои дини оташпарастон; ҳаким, доно, файласуф.

Мӯлидан--таъхир намудан, дер кардан.

Мӯриёна--занг.

Муътақид--эътиқоддоранда, боваркунанда.

Муътод--одатгиранда, хӯгиранда.

Муҳмал--фурӯ гузоштašуда, беистеъмол, бекор.

Муҳтадӣ--роҳи ростёфта, раҳсипоршуда.

### Н

Навола--як миқдор хӯрок барои каси ғоиб; луқма, хӯрок.

Навохтан--тасаллӣ додан, навозиш кардан, шафқат намудан, меҳрубонӣ кардан.

Наззора--тамошо, нигоҳ.

Накбат--хорӣ, ранҷ, машаққат, бадбахтӣ.
Найл--тухфа, ато; ба мақсад расидан.
Наргис--гиёҳи пиёзбуна, ки гули хушбӯй ва муаттар дорад.
Накол--ҷазо, уқубат, сазо.
Наммом--суханчин, ғаммоз, хабаркаш.
Нафур--раманда, гурезанда, гурезон.
Нахват--ноз, фахр, такаббур.
Нахл--дарахт.
Нафс—зоту ҳақиқати касе; сиришт; равон, зеҳн.
Наҳиб (ниҳеб)--тарс, бим, таъзил.
Наҷиб--сазовор; муҳтарам; аъло, асл.
Нев--далер, шуҷоъ, диловар.
Некахтарӣ--бахтёрӣ, хуштолеӣ, саодатмандӣ.
Некрой--касе, ки андеша ва тадбири он салоҳ бошад; некфикр, некандеша.
Неру--қувват, тавоноӣ; имкон; эҳтимол.
Неъмат--некӣ, хайр, хубӣ, хушӣ; рӯзӣ; фаровонӣ; осудагӣ, таносоӣ.
Нигор--нақш, тасвир; бут, санам.
Ниёз--ҳоҷат, эҳтиёҷ; бенавоӣ, тангдастӣ; дӯстӣ; инъом, туҳфа.
Ниём--ғилофи шамшер.
Нишот--шодмонӣ, хурсандӣ, хуррамӣ.
Ниюшидан--гӯш доштан, шунидан; таваҷҷуҳ кардан.
Ноб--соф, пок, холис.
Новак--тири хурд, тири аз най сохташуда.
Нож--дарахти коҷ, санавбар, шамшод; қомати рост.
Нозил--фурудоянда, аз боло ба поён оянда; нозил кардан--ба поён овардан, паст кардан.
Нозир--нигаранда, назаркунанда.
Носеҳ--панддиҳанда, насиҳаткунанда.
Носипос--ношукр, кӯрнамак.
Нофа--халтае, ки дар он мушк мебошад; нофи оҳу, ки аз он бӯи мушк меояд.
Нукта--нуқта, сухани покиза ва латифе, ки маънояш пӯшида бошад.
Нукта гирифтан--бар сухани касе эътироз овардан; баҳонаҷӯӣ кардан.
Нуқл-- ҳалвое, ки аз бодом, писта ва ғайра тайёр мекунанд.

## О

Оби зери коҳ--ҳила, макр.

Обгина--шиша.

Обистан /обастан—ҳомила шудан.

Овез (кардан)-- ҷанг (кардан), мубориза (намудан).

Одил--рост, саҳеҳ; содиқ, адлпарвар, додгар.

Ожидан/оҷидан—ҷило додан, сайқалӣ кардан.

Ожир—омодагӣ; ҳозир, муҳайё.

Оз--тамаъ, тамаъкор, ҳарис.

Озар--оташ.

Озарм--шарм, ҳаё; раҳм, инсоф, шафқат.

Озмун—имтиҳон; далел, бурҳон, ҳуҷҷат.

Озода--бериё, содиқ; росткор, фозил; покдоман, наҷиб.

Озодагӣ-- халосӣ, озодӣ, соҳибихтиёрӣ.

Оин/ойин-- расм, одоб, одат, тартиб; қонун, дастур, қоида.

Омол--ҷамъи амал, орзуҳо, хоҳишҳо, рағбатҳо.

Ориф--воқиф, доно, огоҳ, боидрок; олим, доно, зирак.

Офот--ҷамъи офат.

Офоқ--тараф, ҷаҳон.

Ошуфтан--изтироб кардан, музтариб шудан, парешон гаштан, шӯридан; саросема шудан, мутаҳайир шудан.

Оғолиш--ситеза, тезӣ, тундӣ, ошуфтан.

Оғор--чизи фурӯшуда, омехташуда.

Оҳӯ--хато, гуноҳ, айб, қусур.

## П

Падид--ошкор, равшан, зоҳир, ҳувайдо.

Пажӯҳидан--таҳқиқ кардан, тафтиш кардан, ҷустуҷӯй намудан.

Пазиридан/пазируфтан--қабул кардан, писандидан, гирифтан; қавл додан, иҷобат намудан; иқрор кардан.

Пай—пой, қадам.

Пайгор/пайкор--ҷанг; ҷадал; хусумат.

Пайкон-- нӯгтез, найза, тир.

Палашт--нопок, ифлос.

Палоҳанг/полоҳанг--лаҷом, инон.

Парварда—тарбиятгирифта, тарбиятдида.

Пардохтан--фориғ гаштан; ба охир расондан, тамом тарк кардан, оростан.

Парниён--матои абрешими хитоӣ.

Пароканда--беҳуда.

Пархош--ҷанг, ҷадал.
Парер—парерӯз, пеш аз дирӯз.
Паҳно—арз; тӯл, фарохӣ, вусъат.
Пешдастӣ--пешравӣ, бартарӣ, ғалаба.
Пизишк--табиб.
Пироя--зинат, ороиш, зебоӣ.
Пироҳан--курта.
Пирӯз/фирӯз--музаффар, босаодат.
Писандидан--ихтиёр кардан, қабул кардан, интихоб намудан, маъқул кардан.
Подош--мукофот, ҷазо.
Позаҳр--тарёк.
Пой доштан--муқобилат нишон додан, дар қайду ҳабс нигоҳ доштан.
Пойбаст--пойдевор.
Пойдор--ҳамеша, ҷовид, собит, барқарор, устувор, боқӣ.
Полизбон—посбони қитъаи полезиҳо; боғбон.
Полудан--соф кардан, пок сохтан.
Пор--замони гузашта, пеш аз ин, соли гузашта, порсол.
Поргин--оби ганда, бадбӯй.
Пос--муҳофиза, нигоҳдорӣ, нигоҳбонӣ.
Посух--ҷавоб.
Поя--қадр, мартаба, дараҷа, тараққӣ, сарфарозӣ; асос, бунёд.
Пӯзиш--узр, маъзарат, афв, бахшиш.
Пур-- писар, валад, кӯдак.
Пуроҳу--пурайб, пурдард.
Пӯидан/пӯйидан--давидан, гардиш кардан, тез рафтан.

**Р**

Рабт--пайванд, барбаста; рафоқат, ошноӣ.
Равон--ҷон, руҳ, нафас; ҳаёт, зиндагӣ.
Равшанравон--софдил, зирак, бофаросат.
Разм--ҷанг, ҳарб, набард, пайкор.
Расан--ресмон, таноб.
Растагор--озод, раҳо, осуда; ҷавонмард, сахӣ.
Растан--наҷот ёфтан, озод шудан, раҳо шуда гурехтан.
Расул--пайғомбар, хабаргузор, мухбир.
Ратл--пиёлаи май; ратл кашидан--май бо пиёла кашидан.
Рахшон—дурахшон, фурӯзон.
Рафъат--бартарӣ, сарфарозӣ, баландӣ.

Рашт--бисёр хушк ва тезшикан; ҳар чизе, ки аз ҳам фурӯ резад; афтидани хоку гаҷи девор.

Раъй--ақида, тадбир; ақл, фикр; машварат, маслиҳат; илму дониш; хаёл, тасвир, андеша.

Раҳнамун--далел, ҳодӣ, раҳнишондиҳанда, роҳбар.

Рев--фиреб, макр, ҳила.

Риёзат--ранҷ, заҳмат, парҳезкорӣ; тарбият.

Риёӣ--маккор, ҳилагар.

Ринд--марди зирак, ҳушёр, бебок; бодапараст, авбош; шаҳватпараст; густох.

Род--карим, ҷавонмард: диловар; донишманд.

Рой--роҳ, тариқ; ақл, фикр, андеша; машварат; тааммул; тадбир, ақида.

Ройгон-- ҳар чизи муфт, ҳар чизе, ки бе меҳнат ба даст медарояд; ҳар чизи абас.

Роиҷ--шубон, чӯпон.

Ромиш--роҳат, осудагӣ, фароғат, айш, хушӣ, сурудгӯӣ.

Румуз-- рамзҳо, муаммоҳо, нуҳуфтаҳо; розҳо, асрор.

Рутаб-- хурмои тар.

Рӯзгор-- олам, дунё; замон, аср, вақт, фурсат, мавқеъ.

Рӯйинатан--дағал, бешарм, беҳаё.

**С**

Сабур—собит, устувор, сабркунанда.

Сабӯҳӣ--шароби бомдодӣ.

Сабҳа/субҳа--тасбеҳ.

Сад(д)—мониъа, мамониат; девор; садди роҳ.

Садама--азият, озор, осеб.

Сазидан--сазовор будан, шоистан, муносиб шудан, лоиқ гаштан.

Сазо--ҷазо, мукофоти бадӣ; азоб; муносиб, лоиқ, мувофиқ, шоиста.

Сайф--тобистон, гармӣ; шамшер.

Салим--беайб, солим, мувофиқ, ҳуш.

Салита--зани ғавғоӣ; фитнаангез, забондароз.

Салобат--сахтӣ, устуворӣ; қувват, зӯроварӣ.

Салоҳ--бехатарӣ, хубӣ.

Салсабил--номи чашмаи афсонавӣ дар биҳишт.

Самандар--номи ҷонвари хурофотие, ки дар оташ намесӯхта бошад.

Сапедтӯмор--коғаз, коғази навишта.
Сара--накӯ, рост, беайб, холис, пок.
Сарбамуҳр-- нуҳуфта, пӯшида, пинҳон.
Сарвар-- бузург, пешво, раҳбар
Сармоя--асл, насаб, қисмат, давлат, сарват.
Сароб--шӯразор ё бухори об, ки дар биёбон аз дур ба назари одам кӯл ё дарё менамояд.
Сарпанҷагӣ--зӯр, қувват, мушт.
Сарҳанг--сардор, пешрав; лашкар, паҳлавон.
Сафеҳ--нодон, аблаҳ.
Сафо--покӣ, софӣ; равнақ, хушӣ, хуррамӣ.
Сафро--моеи талх; қаҳр, ғазаб, хашм.
Сафҳа--рӯй, чеҳра; варақ; сатҳ, кишвар, канора.
Саъб—душвор; кори мушкил.
Сақат--хато, саҳв, ғалат, беаҳамийят.
Сақмуниё--доруи шикам.
Саққо--обкаш, обфурӯш, обдиҳанда.
Саҳл—нармӣ, осонӣ.
Саҳмгин--муҳиб, махуф, ҳавлнок.
Саҷийят--табиат, сифат, характер.
Саҷҷода--ҷойнамоз.
Сиёнат--муҳофизат, ҳимоят, нигаҳбонӣ.
Силк--ришта, риштаи марворид; роҳ, тариқ.
Силсила--занҷир, пайвастагии чизе ба чизе, пай дар пай.
Синон--сарнайза, асо.
Сипардан--тамом кардан, ба анҷом расонидан.
Сипаҳбуд--подшоҳ, солор, сардор; соҳиби лашкар, лашкаркаш.
Сипеҳр--осмон, ҷаҳон, дунё; рӯзгор, замон; Офтоб.
Сират--одат, равиш, кирдор, феъл, амал, табиат, хӯй; ахлоқ, одоб, хислат.
Сириштан--хамир кардан, омехтан.
Сиришк--қатра, ашк.
Сиришт--хӯй, табиат.
Ситезидан--муноқиша кардан, хусумат кардан, саркаш шудан.
Ситеҳидан—ситеза кардан, муноқиша намудан, баҳс кардан.
Ситоиш--мадҳ, таҳсин, сано, ташаккур.
Ситонидан--гирифтан, рабудан.
Сифла-- фурӯмоя, нокас, бахил, лаин, ҳасуд.
Сияр--сиратҳо, равишҳо, корҳо; хубсияр--накӯкирдор.

Сияхчол--чоҳи беобе, ки дар он маҳбусонро нигаҳ медоштанд; чоҳи амиқ, торик.

Собир--сабркунанда, бурдбор, шикебо.

Созгорӣ/созкорӣ--мувофиқат, мутобиқат; мувофиқат дар корҳо; иттифоқ, тартиб, интизом.

Солеҳ--нек, некӯкор, одил, сазовор.

Солор--куҳан, солхӯрда; сардор, меҳтар, пешво.

Сомеъ--шунаванда, мутеъ.

Сомон--давлат, сарват, одат, тартиб.

Сонеъ--пешавар, косиб.

Соҳибназар--доно, нуктадон.

Сувар--ҷамъи сурат; суратҳо, аксҳо, тавсирҳо.

Судан--соидан, кӯбидан; фарсуда кардан, молидан.

Сукун--оромӣ, роҳат, фароғат; таваққуф.

Суммунбукм--карру гунг.

Суфра--сулфа.

Сутудан--таърифу васф намудан.

Сутур--ҳайвон, чорпо.

Сутӯҳ--тарс, хавф, ҳавл, бим, даҳшат.

Сухун—сухан, калом.

Суҳо--номи ситораи хурде.

Суҷуд--саҷда.

Сухтидан/сахтидан--санҷидан, вазн кардан.

Сӯг--мусибат, мотам.

## Т

Тааб--ранҷ, дард.

Тааддӣ--ситам, ҷабр, зӯроварӣ.

Тааммул--андеша, фикр, шубҳа.

Таб--табларза, вараҷа.

Таб(б)--ҳалок, марг.

Табарзад--набот, қанди сафед.

Табла--халта, қутӣ.

Табоеъ--феълу хӯйҳо.

Таваккул--ба Худо такя ва эътимод кардан.

Таваққуъ--чашмдошт, умед, интизор.

Таваҳҳум--хаёл, гумон, тасаввур, орзу.

Тавозуъ--фурӯтанӣ, фармонбардорӣ, хушхӯӣ; меҳмоннавозӣ, пазирой.

Тавонгар--бузургвор, тавоно, қодир.
Тавсан--саркаш, гарданкаш; асп.
Тавфиқ--лаёқат, шоистагӣ; қудрат, тавоноӣ; чора, илоҷ.
Тавқ—гарданбанд; шиканҷа.
Тадбир--андеша, ҳақиқати чизеро дарёфтан.
Тазвиҷ--заношӯӣ.
Тазъйин--ороиш, зинат.
Такаббур--ғурур, худбинӣ, гарданкашӣ, густохӣ.
Такаллуф--меҳнат, машаққат; беиштиҳо , бехоҳиш.
Талаттуф--меҳрубонӣ, навозиш, дилнавозӣ.
Талофӣ--дарёфт кардани чизе.
Талъат--дидор.
Тамаллуқ--чоплусӣ, хушомадгӯӣ, фурӯтанӣ.
Таматтуъ--баҳра, суд.
Тамкин--фармонбардорӣ, итоаткорӣ; сабурӣ, пуртоқатӣ; шавқат, виқор.
Таммоъ--пуртамаъ, сертамаъ, серорзу.
Тамоту--сухани пароканда, бемаънӣ, ҳарза.
Танаъум--зиндагии осуда, зиндагии бонозу неъмат.
Тап--изтироб, беқарорӣ, бееромӣ; ҳарорат.
Тараб--шодмонӣ, шодӣ, сурур, нишот.
Тараҳҳум--раҳм, шафқат, нармдилӣ, меҳрубонӣ.
Тарг—кулоҳе, ки рӯзи ҷанг мепӯшанд.
Тароват--тозагӣ, тарӣ, тару тозагӣ.
Таррор--айёр, кисабур, роҳзан.
Тарсо--насронӣ.
Татовул--такаббур, ғурур, зулм, ҷабр.
Тафарруҷ--сайр, тамошо, хушҳолӣ.
Тафаххус--даранг намудан, сипас мондан, саросема нашудан.
Тафвиз--супориш, иҷро, боварӣ.
Тафохур--фахр, нозиш.
Тафриқа--ҷудоӣ, ҷудокардашуда.
Тафтан--гарм кардан. (оҳанро).
Тахсис--хосшуда.
Ташт--лаган, табақ.
Таъйид--тақвият, қувватдиҳӣ.
Таън--айбҷӯӣ, бадгӯӣ; сарзаниш, маломат.
Тағобун--зиёнкорӣ, зиёнкунандагӣ.
Тағофул--ғафлат, бехабарӣ, беилтифотӣ.
Тақарруб--наздикӣ, қаробат, хешӣ.

Тақозо--талаб, хоҳиш, сахтгирӣ.
Таҳассур--ранҷ, андӯҳ, афсӯс; пушаймонӣ, ҳасрат.
Таҳамтан--қавӣ, диловар.
Таҳқиқ--ҳақиқатҷӯӣ, тафтиш.
Темор--ғаму андӯҳ, тадбир.
Тибат--ҳалол, раво; соф.
Тимсол--счурат, шакл, пайкар.
Тиҳӣ--холӣ.
То--зинҳор.
Тоат—фармонбардорӣ, итоат; ибодат.
Тоба--зарф барои бирён кардани моҳӣ ва пухтани кулча.
Тозарӯӣ--тозагӣ, некӯсуратӣ.
Тоир--паранда, мурғ.
Толиб--талабкунанда, хоҳанда, ҷӯянда; тафтишкунанда.
Томеъ--тамаъдоранда, тамаъкор.
Тун--курраи шишагарӣ.
Тунд рафтан--тез, бошитоб рафтан.
Тундӣ--сахтӣ, шиддат, дуруштӣ; тезӣ, чолокӣ.
Турфа--чизи тозаву нав; чизе, ки монанди он касе надида бошад; ҳар чизе, ки ба назар хуш ояд; аҷиб.
Тӯъма--хурок, хуриш, қут.
Тӯъмаъ--умедҳо, орзуҳо, хоҳишҳо, рағбатҳо, ҳирсҳо.
Тӯша--таоми андак, қути лоямут, зоди сафар.

**У**

Убудийят--бандагӣ, ғуломӣ.
Уд–чӯбе, ки дуди он бӯйи хуш дорад.
Улкан--бахил, тамаъкор.
Унс--ҳамдамӣ, дӯстӣ, рафоқат, хуррамӣ.
Уруҷ--болоравӣ, баландшавӣ.
Уруҷ--болоравӣ.
Уфунат--бадбӯй, гандабӯй.
Ухравӣ--онҷаҳонӣ, қиёматӣ.
Ушшоқ--ошиқон.
Уюб--айбҳо, бадиҳо, гуноҳҳо, расвоиҳо.
Уқало--оқилон, хирадмандон, ҳушёрон.
Уқубат--шиканҷа, азоб.
Уҷб--такаббур, ғурур, худбинӣ, худписандӣ.

**Ф**

Фавқ--боло, аз боло, афзун, фузунтар.

Фазеҳ--шарманда, шармсор, расво.

Фазилат--афзунӣ, сарфарозӣ, хубӣ, некӣ.

Файз--эҳсон, лутф, шафқат, таваҷҷуҳ; саховат, ҷавонмардӣ.

Фазл--бартарӣ, фузунӣ; фазилат, илм, маърифат, дониш, хирад, фаҳм, адаб, эҳсон.

Фазоянда--афзункунанда, зиёдкунанда.

Факз--дудкаш, мӯрӣ.

Фалоҳат—деҳқонӣ, кишоварзӣ

Фар(р)--ҳусн, зебоӣ; равнақ, нур, рӯшноӣ, тоб; адл; риёсат, бузургӣ, ҳашмат, қудрат, сарафрозӣ.

Фараҷ--наҷот, халосӣ; роҳат, осоиш, хурсандӣ.

Фард--танҳо, як чиз, як шахс.

Фарзона--ҳаким, донишманд, доно, олим, оқил; муҳтарам, саодатманд.

Фароз--наздик, пеш, ҳузур; баланд, бароз.

Фарсоидан--талаф кардан, поймол кардан, нобуд намудан.

Фарочанг--ба даст…

Фарохноӣ--фарохӣ.

Фаррух—зеборӯй, хуҷаста, хушбахт.

Фархунда--ҳуш, хуҷаста, некбахт, саодатманд.

Фарғул--ғафлат, тағофул, таъхир, сустӣ, бекорӣ.

Фарҳанг--дониш, ҳикмат, ҳунар, илм, маърифат, маданият.

Фарҷом--анҷом, интиҳо, охир, оқибат, натиҷа, саранҷом, фоида; хушӣ, мувофиқи, муносибӣ.

Фасеҳ--возеҳ, хушзабон.

Фасона—афсона, ривоят.

Фасоҳат--теззабонӣ, хушгӯӣ, забондонӣ, хушзабонӣ.

Фатоӣ--ҷавон, ҷавонмард, карим.

Фаттон--мафтункунанда, иғвогар, шайтон.

Фақр--андӯҳ, ҳирс, оз.

Фаҳшгӯ--ҳарзагӯ, бадзабон.

Фикрат--хаёл, андеша.

Фиол--кирдорҳо, амалҳо.

Фирдавс--боғ, бӯстон, биҳишт.

Фишондан--афшондан, пошидан, ҳаво додан.

Фозил--марди доно, соҳиби илму фазлу ҳунар, донишманд.

Фоиқ--интихобгардида, писандида.

Фосиқ--ношоиста, авбош, бадкирдор, фуҷур.

Фоқа--эҳтиёҷ, ниёз, тангдастӣ.

Фоҳиш--аз андоза зиёд, бисёр, шарманда, бешараф.

Фузул--густох, дағал, бешарм, пургӯ, лофзананда.

Фурӯмонда--дармонда, нотавон, оҷиз, озурда, ғамгин, малул, мазлум, ситамдида; Фурӯ мондан--интизорӣ кашидан, мунтазир будан, мутаҳайир шудан, оҷиз гардидан, дармондан.

Фурӯмоя--одами паст, сифла, ҳақир, нокас, нодон, беҳунар, бахил, тамаъкор.

Фурӯтан--тавозуъкунанда, мутеъ, фармонбардор, қобил.

Фурӯғ—шуоъ, равшанӣ; тобиш, шуъла, нур.

Фусун--макр, ҳила, ҷоду.

Фуҳш--бадҷавобӣ, бадгӯӣ, бадгуфторӣ.

**Х**

Хабис--палид, нохуш, зиштсират, бадфитрат, бадният.

Хабосат--ғанимат, тороҷ, яғмо.

Хай—арақ; хайи пешонӣ--арақи ҷабин.

Хайру шар--хубию бадӣ.

Ханданг--чӯби сахт.

Хайт--ришта.

Халаф--фарзанди солеҳ, фарзанди аҳл.

Хармуҳра--муҳраи калони арзон, ки ба гардани хар банданд.

Хас--одами фурӯмоя, бад, бадкор, бахил.

Хасм--душман, ҳариф.

Хик--машқ.

Хилт—омезиш; балғам.

Хирад--фаҳм, ақл, идрок, тадбир, фаросат, ҳуш, дониш, зиракӣ.

Хирқа--ҷомаи махсуси дарвешон.

Хисол--хислатҳо.

Хома--қалами аз ной сохташуда.

Хон--табақ, суфра, миз.

Хондан--даъват кардан, ба меҳмонӣ хондан.

Хос--пок, аъло, шариф, наҷиб, асил; маҳбуб.

Хосу ом --мардумони дар дараҷа баланду паст.

Хоста--давлат, сарват, зар, мол, асбоб, мулк, амлок.

Хубс--кина, бадхоҳӣ, душманӣ, палидӣ.

Худованд--соҳиб, устод, хоҷа.

Хунук--хуб, хуш, бузургвор, фозил, хуҷаста.

Хур--Хуршед.

Хутаб--чизи тирае, ки гоҳ сурх, гоҳ зард, гоҳ сабз менамояд.

**Ч**

Чавгон--чӯбдасти сархамидае, ки бо он тӯб (гӯй) бозӣ мекунанд.

Чарбзабон--касе ки бо суханони нарм дили касеро ба худ ҷалб менамояд; чоплус, фиребдиҳанда.

Чарбӣ--мулоиматӣ, нармӣ; садоқат, ростӣ; баҳрамандӣ; фирӯзмандӣ.

Чашм андохтан--тағофул кардан, ғофил будан, баландназарӣ намудан.

Чашмаи ҳайвон--оби ҳаёт, оби зиндагонӣ.

Чина--донаи мурғ.

Чира--далер, тавоно, ғолиб.

Чокар--ходим, хидматгор, навкар.

Чоплус--фурӯтан, фиребдиҳанда, хушомадгӯй.

Чун алиф--рост.

Чун дол--хамида.

**Ш**

Шамотат--шодӣ дар ғами касе.

Шанъат--бадӣ, таъна, ҳақорат; қароҳат, расвоӣ.

Шарар--оташ.

Шарф--бузургӣ, бузургворӣ, ҷоҳу ҷалол, дараҷа, мартаба, ҳурмат, обрӯ, ҳашмат, иззат.

Шарза--дурушт, зӯр.

Шариф--марди бузургвор, бузурқадр; қадр, мартаба.

Шарра--айб; макрӯҳ, нохуш.

Шафиқ--меҳрубон; некхоҳ, некандеш.

Шафқат--меҳрубонӣ, тараҳҳум, нармдилӣ, навозиш.

Шаюн/шеван--нола, зорӣ, фарёд.

Шағаб--табоҳӣ, хусумат, низоъ; шикоят, фитна.

Шақоват--хорӣ, бадбахтӣ, парешонӣ; густохӣ; душманӣ.

Шаҳна--кӯтвол, ҳоким.

Шигифтан--сабр кардан; ҳайрон шудан, мутааҷҷуб бурдан.

Шиёр—кишт, зироат.

Шиква--шикот, гила.

Шикеб--сабр, таҳаммул.

Шикебоӣ--бурдборӣ, сабр, таҳаммул.

Шодкомӣ--шодӣ, хуррамӣ, сурур, шодмонӣ, хушҳолӣ.

Шоистан--сазовор будан, лоиқу муносиб будан.
Шотир--чуст, чолок, бебок.
Шукӯҳ--ҳашамат, бузургӣ, шавкат, ҷоҳу ҷалол, тавоноӣ.
Шумар—шумор, ҳисоб.
Шурб--нӯшидан, ошомидан.
Шуҳра--машҳур, номдор, номвар.
Шуҳраи офоқ--дар олам машҳур.

**Э**

Эйдун--инчунин, ин тариқ; ҳоло, акнун.
Эйманӣ--амну амонӣ, бехатарӣ, ҳимоят.
Эмин--дар амон, солим, бехатар.
Эҷ--ҳеч.
Эътидол--муносиб шудан, рост гардидан.
Эътироф--иқрор.
Эҳсон--некӯӣ, марҳамат, хайр, карам, мардӣ, меҳрубонӣ.
Эҳтироз--парҳез, эҳтиёт.

**Я**

Яксон--якхел, ҳамранг, монанд.
Ямин--рост.
Ясор--чап.
Яғмо--тохт, тороҷ, ғорат.

**Ғ**

Ғаввос--касе, ки барои гирифтани марворид ба дарё фурӯ меравад.
Ғавр--амиқ, чуқур, жарф.
Ғаддор--бисёр бевафо; бомакру ҳила.
Ғадур--бевафо.
Ғаливож/ғаливоҷ--калхот, мушгир.
Ғал(л)--бадхоҳӣ, адоват, душманӣ, рашк, бадандешӣ.
Ғамгусор--дафъкунандаи ғаму андӯҳ, ёри азиз, мӯнис.
Ғамкада--ҷои ғаму андӯҳ, мотамкада.
Ғаммоз--суханчин; таъназананда.
Ғаромат--товон.
Ғарра--мағрур, худбин, мутакаббир.
Ғасб--ҳар чизе, ки бо ситаму зӯрӣ ба даст оварда шудааст; ситам, зулм, ноҳақӣ.
Ғилмон—амрад; хизматгори биҳишт (ба сурати амрад).

Ғосил—шӯянда, ғассол.
Ғофил--бехабар; бетадбир, нодон, коҳил.
Ғунудан--осудан, оромидан, хуфтан.

## Қ

Қабола—муоҳида; санади муомила, санад.
Қазийя--маротиба.
Қалам даркашидан--маҳв кардан, несту нобуд кардан.
Қаллода/қиллода -- гарданбанди саг, шутур ва ғ.
Қарин--мусоҳиб, ёр, ҳамнишин, наздик.
Қасвар--шикорӣ, сайёд.
Қасир--кӯтоҳ.
Қодир--тавоно, забардаст, қобил, лоиқ.
Қоиммақом--ноиб, ҷонишин.
Қорун--номи гиёҳе хушбӯ; номи тавонгари бениҳоят бахил.
Қоҳир--ғолиб, фотеҳ, музаффар, фирӯз; тавоно, боқувват.
Қудрат--қувват, тавоноӣ, иқтидор, далерӣ.
Қуллоб--шаст.
Қурси Хуршед--чашмаи Хуршед.
Қулунҷ--касалии рӯда ё аъзои дигари бадани инсон.
Қумош--пораи абрешим, матоъи хуб.
Қурабо--наздикон, хешон.

## Ҳ

Ҳабо--ҳақир, залил; хорӣ, ночизӣ.
Ҳаво, ҳавову ҳавас-- шуҳрат, хоҳиш, орзу; айшу ишрат.
Ҳаводис--сахтиҳо, мушкилиҳои замона, балоҳои замона.
Ҳадаф--нишона.
Ҳадис--хабар.
Ҳажир--зебо, хуб, нек.
Ҳаз(з)--ҳузур, баҳра, насиб, бахт.
Ҳайвон--зиндагӣ, номи афсонавии обе дар биҳишт.
Ҳалидан--фурӯ гузоштан, тарк кардан, фурӯ андохтан.
Ҳалоҳил--заҳри зудкуш.
Ҳамвора--ҳамеша, доим, абадан.
Ҳамида--писандида, ситуда.
Ҳамто--монанд, назир, ҳамсар, шарик.
Ҳанзал--кадуи даштии бисёр талх.
Ҳароина/ҳаройина--ночор, ноилоҷ; бешак; ҳатман, ҳамеша.
Ҳаросон--тарсон, тарсанда.

Ҳасан--хуб, некӯ, соҳибҷамол.
Ҳашмат--бузургворӣ, азамат, шавкат, дабдаба.
Ҳаюло—модда, нахустин унсури ҳар ҷисм.
Ҳақир--заиф, хор, хурд, беқадр.
Ҳаҷар--санг.
Ҳикмат--доноӣ, зиракӣ; гуфтори оқилона, пешгӯӣ.
Ҳилм--сабр, тоқат.
Ҳимдан--тарк кардан, аз баҳри чизе гузаштан.
Ҳин--рӯзгор, ҳангом, вақт.
Ҳинҷор--қоида, меъёр, андоза.
Ҳирбад/ҳирбуд -- пешвои оташпарастон.
Ҳирс--тамаъ, томеъ, оз.
Ҳирфат--қасб, пеша, санъат, дасткорӣ.
Ҳифз--нигаҳбонӣ, муҳофизат, посбонӣ.
Ҳишмат/ҳашмат -- бузургворӣ, азамат, шавкат.
Ҳозиқ--зирак, моҳир, кордон.
Ҳоил--монеъ.
Ҳомил—бардор, борбар.
Ҳомун, дашти ҳомун--дашти ҳамвор, холӣ, пасту баланд.
Ҳосид--ҷамъи ҳасад; ҳасудон, бахилон.
Ҳотами Той--номи ҷавонмарди араб (аз қабилаи тай (той), ки дар саховат ҳамто надошт.
Ҳуб(б)--дӯстӣ, ишқ, муҳаббат.
Ҳумой--номи мурғе, ки устухон хӯрад.
Ҳумоюн--муборак, хуҷаста, саодатманд.
Ҳур--озод, ҷавонмард, карим, сахӣ.

## Ҷ

Ҷабба/ҷубба--киса, тирдон.
Ҷавз--чаҳормағз.
Ҷавзо--номи ситора.
Ҷавоз--аз ҷое гузоштан, ҳован.
Ҷавор, дар ҷавор--дар паноҳ.
Ҷавшан--силоҳи ҷаббамонанд, ки аз ҳалқа ва танга месозанд.
Ҷадал--мунокиша, мубоҳиса; ҷангу хархаша.
Ҷалдӣ--суръат, шитоб, чолокӣ.
Ҷалол--бузургӣ, калонӣ, азамат, бузургворӣ, сарфарозӣ; қудрат, қувват, шавкат, равнақ, ҳайбат.
Ҷанин--бачаи дар шиками модарбуда.
Ҷарида--танҳо, фард; дафтар; хароб, вайрон.

Ҷаъба-- сандуқча, тиркаш.

Ҷаҳл--нодонӣ, ҳамоқат.

Ҷаҳли мураккаб--эътиқод доштан бар чизе ба хилофи моҳияти он.

Ҷигар--ба маънои дил; ғам, ғусса, ранҷ; тоб, тоқат.

Ҷигар доштан--тобу тоқат доштан.

Ҷид(д)--саъй, кӯшиш.

Ҷидол--набард, разм, ҷанг, низоъ; муноқиша, хусумат.

Ҷилвагар--ҳувайдо, ошкор, падид, зоҳир.

Ҷилвагоҳ-- ҷаҳон, рӯзгор.

Ҷуд--карам, сахо, бахшиш, ҷавонмардӣ.

Ҷунун--девонагӣ.

Ҷурм--гуноҳ, хато, саҳван, бесабаб.

## МУНДАРИҶА

Чанд сухан ба ҷои сарсухан……………………………3

**I. Мояи Ҳаёт**

1. Меҳнат……………… ......................................................7
2. Ҳунар…………………………………………………16
3. Илму дониш……… ..................................................30
4. Ақлу хирад…………..................................................34
5. Забону сухан……… ..................................................41
6. Ишқу муҳаббат…… ..................................................49
7. Адл ва ҳақ………… ...................................................58

**II. Ҳаёт ва мубориза**

1. Ватан……………… ....................................................62
2. Халқ……………………………………………………63
3. Зулму ситам……………………………………………65
4. Мубориза ва озодӣ… ...................................................70
5. Дӯстии халқҳо…………………………………………73
6. Ҷанг ва сулҳ……… ....................................................74

**III. Хислатҳои неки инсонӣ**

1. Некӣ ……… ................................................................78
2. Дил ба даст овардан… ...............................................86
3. Одам ва қадри одамӣ…… ..........................................87
4. Олимӣ ва доноӣ………… ..........................................91
5. Дӯст ва дӯстӣ………… ...............................................96
6. Далерӣ ва устуворӣ……...........................................114
7. Кӯшиш, азм ва ҳиммат… .........................................117
8. Ростӣ ва росткорӣ……… ..........................................122
9. Ҳалимӣ, хоксорӣ ва нармӣ…....................................130
10. Лутфу эҳсон ва тавозуъ…. ......................................132
11. Мардӣ ва ҷавонмардӣ…………………………….135
12. Аҳду вафо..................................................................140

**IV.Хислатҳои бади инсонӣ**

1. Бадӣ кардан……… ...................................................143
2. Мардумозорӣ ва дилозорӣ……………………….149
3. Душман ва душманӣ……… ......................................154
4. Лаимӣ ва пастӣ………………………………………159
5. Нодонӣ ва ҷоҳилӣ……………………………………164
6. Бесаводӣ…………………… .......................................173
7. Сабукӣ………………….. ..........................................174
8. Мунофиқиву дурӯғгӯӣ …………………………….175

9. Паймоншиканӣ............................................181
10. Носипосӣ............................................182
11.Тарсончакӣ, буздилӣ............................................182
12. Хиёнат............................................184
13. Фитна ва кина............................................185
14. Ҳасуд ва ҳасад............................................187
15. Хасисӣ ва мумсикӣ............................................189
16. Тамаъ ва ғараз............................................191
17. Худписандӣ ва худбинӣ............................................198
18. Танбалӣ ва бекорӣ............................................202
19. Майхӯрӣ............................................204
20. Айб ва айбҷӯӣ............................................209
21. Ғайбат............................................214
22. Бахилӣ............................................215
23. Пурхӯрӣ............................................216
24. Порахӯрӣ ва ришватхоҳӣ............................................219
25. Суханчинӣ............................................219

**V. Панди ҳаёт**

1. Зиндагӣ............................................221
2. Иттифоқӣ ва аҳлӣ............................................223
3. Китоб, мактаб, хат ва савод............................................226
4. Хондан ва омӯхтан............................................228
5. Хат ва навиштан............................................232
6. Пурсидан............................................234
7. Устод ва шогирд............................................234
8. Илму амал............................................238
9. Ҳушёриву эҳтиёт............................................242
10. Парҳез............................................243
11. Ҳадшиносӣ............................................244
12. Камбудӣ............................................246
13. Маслиҳату машварат............................................247
14. Таҷриба, одами кордида ва озмуда............................................248
15. Пиру пирӣ............................................252
16. Падару модар ва фарзанд............................................254
17. Тарбият............................................261
18. Адиб ва адабиёт............................................263
19. Адаб............................................266
20. Афву узр............................................269
21. Мурувват............................................271
22. Зоҳиру ботин, сурату сират............................................272
23. Феълу атвор, хулқу хӯ............................................275

24. Шарму ҳаё……………………………………………………280
25. Суҳбат……………………………………………………282
26. Одоби сухангӯӣ……………………………………………285
27. Қоидаи хурокхурӣ…………………………………………305
28. Зан ва ёр…………………………………………………309
29. Рашк………………………………………………………314
30. Шаҳват……………………………………………………315
31. Шодӣ ва шавқ……………………………………………316
32. Ғаму андӯҳ………………………………………………319
33. Қаҳру ғазаб ва ситеза……………………………………321
34. Туршрӯӣ…………………………………………………326
35. Андеша ва тадбир…………………………………………328
36. Ҳамнишинӣ………………………………………………330
37. Таъхир нагузоштан…………………………………………335
38. Қаноат……………………………………………………337
39. Фурсату вақт………………………………………………338
40. Афсӯс ва пушаймонӣ………………………………………341
41. Ноумедӣ…………………………………………………344
42. Мушкилӣ…………………………………………………345
43. Шитоб……………………………………………………347
44. Сабру тоқат………………………………………………349
45. Қавлу аҳд…………………………………………………354
46. Ҳавову ҳавас………………………………………………356
47. Тақлид……………………………………………………357
48. Нанг………………………………………………………358
49. Меҳмон ва меҳмоннавозӣ…………………………………358
50. Кӯшиши беҳуда……………………………………………360
51. Ҳазлу ҳазлгӯӣ………………………………………………363
52. Розу роздорӣ………………………………………………364
53. Хоб…………………………………………………………369
54. Сафар………………………………………………………371
55. Нақд………………………………………………………373
56. Харҷ ва қарз………………………………………………375
57. Давлат………………………………………………………376
58. Насиҳат……………………………………………………380
59. Мукофоти амал……………………………………………386
60. Марг…………………………………………………………390
61. Номи нек……………………………………………………391
Гуногун…………………………………………………………397
Шарҳи луғот……………………………………………………452

**ПАНДУ ҲИКМАТ**

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 16.03.2016 супорида шуд.
Чопаш 18.03.2016 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 16.0 Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

Дар чопхонаи «Матбуот» чоп шудааст.